168864

АБДУМАЛИК БАХОРИ





АБДУМАЛИК БАҲОРӢ

ГИРДОБ



(Маҷмӯаи асарҳои нави наср)

НАШРИЁТИ «ИРФОН»
ДУШАНБЕ, 1981

Точик²
Б 41



Баҳорӣ Абдумалик.

Б 41 Гирдоб: (Маҷмӯаи асарҳои нави наср).— Душанбе; Ирфон, 1981.

240 сах.

Дар ин маҷмӯа қисме аз повестҳо ва очеркҳои нави Абдумалик Баҳорӣ ҷамъ оварда шудаанд.

Муаллиф тавассути тасвири реалӣ, ҳаҷв ва фантастика муносибати ҳамзамонони моро ба воқеаҳои зиндагӣ нишон медиҳад. Қаҳрамонони ӯ барои тантанаи ҳақиқат, адолат ва прогресс мубориза мебаранд. Масъалаҳои аклоқ, одамгарӣ ва фидокорӣ дар марказӣ диққат меистанд.

Бахори А.

Водоворот. Повести и очерки.

Б $\frac{70303-874}{М(501)13-81}$ 196—81

Точик²

© Нашриёти «Ирфон», 1981



ПОВЕСТЬХО

ГИРДОБ

1

Ман сездаҳ-чордаҳсола бачаи шӯхе будам. Тобистон мо, чӯраҳо тамоми рӯз дар соҳили дарьё чамъ меомадему то як поси шаб дар сари кӯча. Аз бозиҳои рустшавакон, чав чанд банд, чиллак ва футбол асло сер намешудем. Алалхусус тӯби аз ду каллапӯши кӯҳнаю латтупут дӯхтагиамон чанги кӯчаро ба осмон дакка мезаионд. Болокориаш тӯб баъзан ба оби чӯй мегалтид, вазнину ифлос мешуд.

Баъд падару модарон ё бародаронамон аз дасту гӯшамон кашола карда, ба ҳавлиҳо мебурданд. Ман мошоба ё угрои сардшударо аз лаби косаи сафол саросема хӯп мекашидаму худро ба чогаҳ мепартофтам. Мурда барин аз олам бехабар хобам бурда мемонд. Аз бозию давутозҳои дурудароз шалпару лакот мешудам. Пагоҳиҳо модарам, ба қавли худаш, маро «лагад зада» яъне базӯр бедор мекард.

Як пагоҳй чашм кушода бинам, офтоб ба қиём омадааст магасҳои хира лабу рӯямро тала мекунанд. Нолоч аз болишт сар бардоштам. Ачабо, модарам барои чй маро ин навбат ба ҳоли худам гузоштааст? Аз рӯи одат бармаҳал бедор мекард-ку. Чаро рӯи ҳавлиамон пури одам? Ҳама дар айвони равон ғуи шудаанд. Тинчй бошад?

Ман чашму абрӯи аз хоби гарон варамидаи худро бо мушт молида, аз чогаҳ хестам, куртаи шакарчирки остинкалтаамро пӯшидам. Баъд бо хавотир аз суфа фаромада, ба сӯи хона қадам задам.

Ҳамин вақт аз рӯ ба рӯям Адолат давида омад, ки чехрааш гул-гул шукуфон буду чашмонаш барқ мепошиданд. Вай ба китфам тап-тап зада, маро сабук ба оғӯш кашид ва ишорат кард, ки зуд ба айвон дароям.

Худаш давида сӯи рахнаи девор рафту хам шуда ба ҳавлиашон гузашт... Эҳ, Адолат, Адолат! Аз чӣ ба ман сабаби ин қадар шодиятро нагуфтӣ? Бо имою ишорат маро ҳайрон кардию рафтӣ.

Адолат духтари Обидҷони сартарош аст. Вай аз ман се-чор сол калон. Мо бо онҳо ҳамсояи девордармиёнем. Ба ҳавлии якдигар аз сӯрохе, ки дар поёни девор ним кади одам гузошта шудааст, рафтуоӣ мекунем.

Адолат азбаски аз модар хеле хурд мондааст, бо модари ман очаю бача барин мехрубон. Онҳо бо як ишорати дасту панча, ҳатто бо як нигоху имо мақсади якдигарро мефаҳманд...

Аз дари айвон даромада бинам, дастархонҳо оростагӣ, хешовандону ҳамсояҳо ба гирди он нишастаанду дар таги таҳмон ҷавонмарди мӯйсар мондагии куртаи украиниии гулдор дар бар дастонашро ҷунбонда, ба ҳозирон гап медиҳад. Ӯ наход якоям — Абдурашид бошад? Ҳа, худди худаш! Басо тану тӯш мондааст, марди расо шудааст, овозаш ғафси ширадор. «Акаҷон!» гӯён, давида рафтаму худро ба оғӯши ӯ андохтам.

Абдурашид маро ба сандуқи синааш часпонда, рӯ аз рӯям намеканд, тахтапуштамро сила мекард, мӯи расидан сарамро бо панҷаҳои шаҳшӯлаш мемолид. Гуп-гупи задани дили ӯро мешунидам, бӯи атри, шояд баъди ришгирӣ ба рӯяш задагӣ бошад, лап-лап ба димоғам мерасид. Чи хел нағз, ки ман ин хел бародари баҳодур дорам!

Ин вақт модарам, ки чойнак бардошта меомад, ба ман гуфт:

— Эҳе, Аличони хоболуд ҳам пайдо шудааст-ку. Бас, ин қадар начасп. Акоят аз раҳи дур монда шуда омадагӣ.

Ман ба паҳлуи Абдурашид нишастам. Вале бозуи ӯро ҳанӯз сар намедодам, лабу бинямро ба китфаш мемолидам. Дилам боғ-боғ кушода мешуд, ки бародарам ниҳоят аз сафари яксола баргашту дида ба дидор расид.

— Ман ба ту, Аличон, савғо овардум,— гуфт Абдурашид, шӯхӣ бошад, ё бенхтиёр, бо лаҳҷаи кӯхистон. Баъд аз токчаи қафояш коғазпечеро гирифт.— Бугир. Тӯби камераю покришкааш наппа-нав. Аз Сталинобод харидам. Лекин сахт лагад назанетои. Ин сабукай. Ба ҳавлии ҳамсояҳо наяфтад.

Ман коғазро кушода, тӯби чармини ҳанӯз дам накардаро гирифтаму бо ифтихор ба меҳмонҳо нишон до-

дам. Покришкаи яраққосии чармин алоҳида кат шуда меистод. Камераи он барои пуф кардан найчаи борик дошт. Ана акнун ин тӯби ҳақиқиро дам карда ба кӯча барору тантанаро бин. Равед, ки хатто Нӯъмони гӯшанишин ҳам ба бозӣ қатӣ шуда меравад-дия.

Сонӣ фаҳмидам, ки бародарам нохост дари кӯчаро тақ-тақ карда нимишабӣ омадааст. Вай бо модари пазмоншудаам қариб тамоми шаб наҳобида сӯҳбат карда нишастааст. Саҳарӣ хешу акрабою ҳамсояҳо ба дидан омадаанд. Дилашон гӯё нашудааст, ки маро аз хоби ширин бедор кунанд.

Абдурашид баъди вафоти падарам дере нагузашта техникуми педагогиро тамом карду яксола ба хизмати муаллимӣ ба Дарвоз ном маҳалли дурдасти кӯҳистон рафт. Он солҳо аз муаллимӣ дида баобрӯтар ва пурифтихортар касбе набуд.

Бозьёфти бечорагии модари муштипарам, ки дар комбинати абрешим пиллакаш шуда кор мекард, ба зиндагиамон нӯг ба нӯг мерасид. Орзую ҳавасҳои ӯ калон буданду дасташ кӯтоҳӣ мекард. Ақлам ҳасту пулам нест, мегуфт ӯ. Хусусан, баъди вафоти бармаҳали падарам осмон гӯё ки ба сари ӯ фурӯ рафта буд. «Ман бо ин ду бачаи ҳанӯз аз дасташон кор намеомадагӣ сарамро акнун ба кадом дар мезанам?» — гуфта, оби чашмашро шашқатор мерехт ва аламашро аз дуди тамокуи чилим мегирифт. Саҳари солеҳон ба кор баромада мерафту бегоҳӣ куташ канда, бо ангуштони аз буғи пилла пӯсташон бурма ба хона бармегашт.

Хушбахтона, тобистони дигар айни тафси саратон Абдурашид техникумашро тамом кард. Як рӯз вай аз техникум шоду хурсанд ҳуччат гирифта омад, бору бӯғчаашро баст ва ба модарам гуфт:

— Акнун, модарҷон, саробони оила ман мешавам. Боз андак сабр кунем, аз ғӯра ҳалво мепазад. Ман аз рӯи шартнома бояд як сол дар ҷанубӣ Тоҷикистон хизмат карда оям. Аз он ҷо баргардам, корамро дар шаҳри худамон давом медиҳам. Аз ду мактаб ду ставка дарс гирам, кордамон болои равған мешавад, модарҷон.

Бо ҳамин хел ваъдаю вандҳо Абдурашид модарамро тасалло дода, ба сафари дур рафт. Ин як соле, ки ӯ набуд, ба назари мо чандин сол метофт. Бечора модарам «акнун аз Абдурашидам ҳам чудо шудам» — гуфта, бо фикру хаёл шабҳои дарозро саҳар мекард. Шай-

тон ӯро ба васваса андохта, ба сад гумони бад мебурд. Боре хоб бинад, падарам ба ӯ гуфтаанд, ки Абдурашид дамонро ёд кардам. Эй зан, ту ӯро ба кучо фиристодӣ? Ба пеши ман чаро намеояд?

Поёни шаби сияҳ сафед аст мегӯянд, ки рост. Ана, мо акнун бо ӯ дар сари як дастархон мешинем. Абдурашид баргашту гӯё падарам ҳам зинда шуда омаданд. Акнун мо бекас нестем, саробону такьягох дорем. Акнун маро ҳам шӯрапуштони кӯчагӣ сағири бепаноҳ гуфта, дошта намезананд, истиҳола мекунанд. Тӯби чарминамро бошад ҳасудхӯрон дида, дамашон ба дарун меафтад.

Абдурашид ба ғайр аз ин тӯб ба ману модарам ва хешовандонамон тӯҳфаи бисьёре овардааст. Ду ҷомадону як халта пур-пури чиз буд. Модарам аз шодӣ ҷои нишастан намеёфт. Чунки бародарам ба дасти ӯ боз ду ҳазор сӯм пули накд ҳам дода гуфтааст, ки онро чи хеле ки дилаш хоҳад, харҷ кунад. Он солҳо эҳтиёҷоти онлаи мо ба пул калон буд. Орзу доштем, ҳавлиро нағзакак таъмир кунем, бародарамро хонадор кунем.

— Хеҷ гуна исрофи бехуда лозим нест,— мегуфт модарам, рӯймоли пулпечро ба сари дилаш пахш карда.— Инаш акнун худо насиб гардонад, ба нияти тӯй. Хонадор шуданат лозим, писарам.

Нияти худи Абдурашид ҳам чунин буду аммо вай хоксорӣ кардаю сир бой надода мегуфт:

— Э, тӯй гурехта намеравад. Ин пулро ба эҳтиёҷоти рӯзгору таъмири ҳавлӣ сарф мекунем. Ба худамон сарупоҳои нағз медӯзонем, патефону велосипед мехарем.

— Не, не! — қатъиян рад мекард модарам.— То келин нафарорем, арвоҳи падарат намеосояд. Қори хайрро ба таъхир андохтан чӣ лозим, писарам? Ҳар дам ғанимат. Шукр, духтари Мирсолеҳ амакат ҳам имсол мактабашро тамом кард.

Мирсолеҳ яке аз обрӯмандону даҳонкалонҳои маҳаллаи мо буд. Бе маслиҳату машварати вай ягон маърака намегузашт. Духтари ӯ Майсарарро Абдурашид як вақтхо, дар солҳои наврасиаш нағз медид. Дар ёд дорам, дар ивази пули як морожнӣ ман боре хати ошиқонаи ӯро пинҳонӣ ба Майсара бурда дода будам. Вале онҳо акнун қариб вонамехӯрданд, худи Мирсолеҳ эшон низ ба ин кор зид буд. Назари вай онлаи камбағалу камбизоати моро намегирифт.

— Ба институт медаромадагист? — пурсид Абдурашид.

— Кӣ? — нафаҳмид модарам.

— Майсараро мегӯям,— аз замин чашм наканда, ғурунгос зад Абдурашид.

— Не,— гуфт модарам.— Эшонпоччот ба ин рох намедиҳанд. Духтар ки ба қад расид, бояд ба ягон кас ба шавҳар барояд. Шабу рӯз дуо карда гаштаам, ки ӯ ба ту насиб карда бошад, писарам.

— Майсара шарт не,—луқма партофт Абдурашид.— Падараш розӣ намешавад.

— Чаро будааст?—алов гирифт модарам.— Мо аз кӣ кам? Алҳамдулиллоҳ, ту муаллим шудӣ, йигити чор кас медидагии гапдону пульёв. Чон-чон гӯянд! Худи пагоҳ ман бо холаат ё аммаат хостгор шуда меравем. Акнун дилам ҳам пуру забонам ҳам дароз.

Ман ин сӯҳбати Абдурашиду модарамро мешунидаму ба ҳайрат мемондам, ки чаро онҳо дукаса аз пан Майсараи рангаш қаҳрабо шудаанд. Барои чӣ онҳо номи Адолатро ҳатто ба забон намегиранд? Охир дар пеши хусну латофати Адолат Майсара чун чорӯбалафи дар пояи шамшод расида-ку. Ачаб одамони бепарвофалаканд ин модараму Абдурашид!

Айнан ҳамин вақт, барои тасдиқи муқонсаи ман буд магар, ки худи Адолати соҳибҷамол як табақ мантуи бардошта ба хона омад. Ба назарам абрҳои рутубатнок пароканда шуданду офтоби оламтоб чеҳраашро кушод. Равед, ки ҳатто ҳавои рӯи суфаамон дигар шуд, гӯё насиме вазиду бӯи хуши райҳон ё пудинаи боғи димоғҳои моро муаттар сохт.

Зуд дастархон кушодему ҳай-ҳаю бай-бай гуфта, ҳамаамон ба мантухӯрӣ машғул шудем. Ин таоми обу намакаш расои хуштаъму бомаза, ки танҳо Адолат барин духтарони завқашон баланд пухта метавонистанд, табъи моро чоғ кард. Аммо ҳарчанд кунем, худи Адолат даст ба табақ нарасонд. Вай дуздида-дуздида ба Абдурашид чашм медӯхт ва хомӯш менишаст.

— Дастакат асло дард набинад, холаат чӯрӣ,— ба Адолат рӯ оварда гуфт модарам.— Чаро ташвиш кашида хӯрок пухта омадӣ?

Адолат бо чашму абрӯи дуд барин сиёҳаш ба сӯи Абдурашид ишорат карда, табассум намуд, яъне «ба шодиёнаи аз сафар сиҳату саломат баргаштани писаратон-дия».

— Ташаккур, ҳамсоя! — сарангушташро боло карда нишон дод Абдурашид.— Чанд сол боз ин хел хўроки болаззат нахўрда будам.

Аз ин таъриф ду рўи Адолат арғувон гашту зуд чашм ба замин дўхт. Абдурашид бо ин қаноат накарда, аз хона ба Адолат сарбанди секунҷаи шоҳии гулдор ҳам бароварда дод. Адолат шарм дошта, аввал гирифтан нахост, вале модарам бо зўрӣ савғоро ба дасти ў каппонд. Адолат сарбандро кушода ба нақшу нигораш зеҳн монд, сипосгузорона онро ба сандуқи дилаш пахш кард ва чаққон хеста, ба сўи ҳавлияшон тохт.

— Эҳ, карими корсоз! — гуфт модарам, оҳ кашидаю дастархонро гундошта.— Чаро нўше намедиҳӣ бе неш, гуле намедиҳӣ бехор? Дари бахти ҳамин Адолати безабонро ҳам бикушо.

2

Ман ба кўча баромадам, ки тўби навро бозӣ кунем. Бачаҳо кайҳо боз роҳамро поида нишаста будаанд. Мо зуд ба ду команда тақсим шудем. Мисли ҳарвақта Қодир вазифаи довариро ба зимма гирифт. Чунки вай аз ким-кучо як ҳуштаки ҳақиқӣ ба даст оварда буду онро бо ресмон ба гарданаш овехта мегашт.

Лекин имрўз дар кўча бозиамон барор нагирифт. Тўби сабуки чармин тез-тез ба ҳавлиҳои наздик меафтод, мо ба дару девор часпида, онро бо азоб гирифта мебаромадем, соҳибони ҳавлиҳо ғурбат мекарданд. Барои ҳамин маслиҳат кардем, ки ба соҳили дарьё равем. Он ҷо ҳам майдон фарох буду ҳам дар дарьёча, ки ҷазираеро давр зада мегузашт, оббозӣ кардан мумкин буд. Хулласи калом, ки ман гушна мондаю шалпар шуда гашти рўз ба хона омадам.

Модарам аз рўи одат «ту — оворагард боз напурсида ба лаби дарьё рафтӣ?» гўён як пайт мағал бардошту сонӣ бо кори худ андармон шуда рафт. Фахмам, Абдурашид бо ошноҳояш ба боғи шаҳрӣ рафтааст. Агар зудтар меомадам, маро ҳамроҳ мебурд гуфта, дар дилам афсўс хўрдам.

Дар ҳавлӣ ҳама серкор буданд. Модарам аз хамир зувола канда нон рост мекард. Адолат ба танўри тафсон бо остинча самбўсан кадугӣ мечаспонд, аммаам барои оши угро дар рўи тахтача райҳон кима мекарданд.

Танҳо Майсараи таманно болои курсичае кокулашро бо даст молида бекор менишаст ва лабонашро бурма карда пичинг мепартофт:

— Хола, имрӯз ҳаракати Адолат зӯр-ку. Бинед, сар аз кор намебардорад.

— Ҳа, худо умраша диҳад, ачаб духтари бағайрат.

— Абдурашид омаданду авзоаш дигар шуда монд. Пагоҳ инчониб аз лабонаш табассум дур не.

Ба гап аммаам қатӣ шуда гуфтанд:

— Охир бо Абдурашид дар як маҳалла калон шудагӣ. Акаю ука барин. Албатта шодӣ мекунад-дия, гардам.

Майсара ба аммаам рӯ оварда:

— О, ҳаминро келин кунетону монетон-дия,— гуфт ва баъд барои чӣ бошад, ки киқиррос зада хандида илова кард: — Ана, сонӣ бо холаам вай гангур-гунгур карда мешинад.

— Ба Адолат ҳам ба худаш муносиб тақдир кардагеш ёфт мешавад,— аммаам қаҳр карда, бо кордиош рӯи тахтачаро сахт-сахт тарошиданд.— Ба дунёӣ худо ҳеч касро бе ҷуфташ намеофарад.

— Мо,— овозашро баланд кард модарам, ноинпар ба нон зада,— барои Абдурашид ба дигар духтар хостгор шуданӣ.

— Кӣ будаст вай?

— Майсараи хола, худро ба нодонӣ назан. Акнун дасти ману домани ту.

Майсара зардгулеро, ки дар каф ғиҷим карда менишаст, ба ҷӯи беоб ҳаво доду аз курсича хест:

— Ман ҳоло шавҳар карданӣ нестам.

— Барои чӣ, Майсараҷон? Охир мактабатро тамом кардӣ-ку.

— Ман боз хонданӣ, дар институт.

Адолат остинчаро аз даст кашида, ба танӯр об пошиду ба рӯи Майсара бо хавотир назар дӯхт ва зуд нигоҳашро гурезонда, сабадро чаппа карда афшонд. Аз дами алов чеҳраи ӯ арақ карда, бештар гулгун шуда буд. Аз зери сарбанди ҳарири гулдор мӯйҳои қатрон барин сиёҳи ҷингилааш дамида менистоданд.

— Хайр, ман рафтам,— гуфт Майсара, сӯи дарвоза қадам зада.

— Истед, гардам, аз самбӯсаи гарм насиба гиред,— илтимос карданд аммаам.

— Не, раҳмат,— аз роҳаш наистод Майсара.— Сам-

бўсан Адолатхонро ба Абдурашид-ако эҳтиёт карда монетон.

Майсара рафт.

— Тармарг, хело якрави гарданшах барин,— гуфтанд аммаам аз кафояш.

— Духтари беноз оши бепиёз,— чавоб дод модарам.— Ҳозир сипоҳигарӣ мекунад-дия. Баъде ки оби нокоҳро чашид, мум барин нарм шуда мемонад.

Ҳамин вақт ман ноҳост дидам, ки Адолат рамуз бурда ба лабу даҳони модарам бодиққат нигоҳ кард. Баъд оҳи чукури бадарде кашиду ғарқи хаёл шуда монд.

Вақте ки самбўса пухту Адолат онҳоро канда, ба сабад партофта ва барои ноипазӣ ба танўр аз нав алов монд, аммаам ба як хурмача оши угро кашида баровардаанд. Модарам чор самбўсаи гармро ба сачоқ печонда, болои хурмача гузошту ба ман фармуд, ки онро зуд ба хонаи бибиам гирифта барам.

Бибиам дар кўчаи худамон, ягон даҳ-дувоздаҳ ҳавлӣ болотар истиқомат доштанд. Он кас пири дардманд буданду аз худуди ҳавлӣ берун намебаромаданд. Дар саҳни ҳавлиашон ҳам бо азоб ба асо такья карда мегаштанд. Аксар вақт дар шолчае, ки зери току лаби чӯпаҳи карда шуда буд, рўи кўрпачаҳон қуроқ ба лўлаболишти калоне такья карда нишаста, пахта пилта мекарданд, ё бо чарху дуг ресмон мериштанд.

Омада бинам, бибиам дар ҳамон таки токи ангури шибирғонӣ бо Воҳидчўлоқ сўҳбат карда нишастаанду Воҳидчўлоқ мисли ҳарвақта ширакайф аст ва достонашро ҳаво дода гап мефурўшад.

— Шумо, каттаоча, ба чои модарам,— мегуфт вай, папироси «Беломорканал»-ро ба кунҷи лаб монда.— Зани ман Маруся келини шумо ҳисоб мешавад. Вазифан ману келинатон то аз дастамон омадан хизмати шумо — модарамонро ба чо овардан аст. Хўй, ба ман нигаред, ман ба келинатон фармудам, ки илочаш бошад, ҳар шаб ба шумо хўрок пухта биёрад.

— Лозим не, Воҳидчон,— рад мекарданд бибиам.— Хўрокҳои вай мепухтагӣ охир дигар хел...

— Астағфируллоҳ, волидачони азиз! Аз ин чиҳат хўй, хотиратон чамъ бошад. Ман аз рўзи якум ба Маруся ҳамин хел шарт мондагӣ, ки ҳар як корро бо маслиҳат кардан даркор. Хўй, ба ман нигаред, модарчон. Келинатон аз хати кашидан ман берун по наме-

монад. Ҳа! Ҳатто ман ба шумо гӯям. Хокамонро аз як ҷо гирифтагӣ барин, табиаташ айнан ба табиати ман монанд.

Ман бо ҳайрат медидам, ки Воҳидчӯлоқ гап занад, аз ҳалқаш қилт-қилт садо мебаромаду ғуррин хекиртакаш ғаши одамро оварда бенст болою поён мешуд. Пӯсташро ба устухони рӯяш гӯё ки таранг кашида буданд. Мӯи сараш бо вуҷуди тар карда шона задан хори ҷайра барин ҷо-ҷо сих зада меистод. Вай дандонҳои сияҳчатоби худро инҷ карда, мастона гап мезаду аз он гапҳо худаш завқ бурда, ба осмон нигоҳ карда механдид.

Воҳидчӯлоқ аз рӯи гуфти худаш хеши дури бибинам будааст. Вай худашро писари кадом як амакбачаи ба тарафҳои Арабистон рафта ғайб задан модарам мешиносонд. Бибиамро умуман катта ё каттаоча мегуфту аммо арақ хӯрда кайфаш чоқ бошад, модарҷону волида меномид.

Мо кӯчаи худро бе Воҳидчӯлоқ ва ҳангомаҳои ӯ тасаввур карда наметавонистем. Ҳафтае як ё ду бор бегоҳиҳо вай ҳатман масти аласт шуда меомаду аз обраҳан ғузар сар карда, шавқуну сурон мебардошт. Бачаҳо зуд атрофашро печонда ҳазлу мазоҳ сар мекарданд, ӯро ба шӯр меандохтанд.

Воҳидчӯлоқ сахт-сахт лангидаю дастонашро парраҳои осиёи бодӣ барин пасту баланд карда, то сари кӯча меомад ва чун паҳлавони ғолиби майдон интизори ҳариф рост меистод.

— Ҳой, бои қаллоб! — бонг мезад ӯ, рӯ ба ҳавлии Мирсолеҳ гардонда.— Мард бошӣ, ба майдон баро! Давида баро, ки каллаи бемӯи кадуятро бо таёқам зада, торс кафонам! — Вай чун медид, ки тамошобинон дар атроф ҷамъ омаданд, боз ҳам далер шудаю аз дахои кафк пошида, ҳақораташро давом медод: — Ҳӯй! Ман маслуқ бошам ҳам, аз баногӯши ту, ҳаққимардумхӯр, дарича мекушоям. Нағз донистаи мон, ки ман не, ту маҳаллан моро ҳаром мекунӣ, муттаҳам!

Мирсолеҳ боре аз намози ҷумъа баргашта, дар кӯча бо Воҳидчӯлоқ рӯ ба рӯ шуда будааст. Ҳамон вақт эшон ӯро сахт коҳиш мекунад, ки аракхӯриҳояшро партояд, алфози қабеҳ нагӯяд, номи маҳалларо наолонад. Ва ба бало мемонад.

Воҳидчӯлоқ қариб як моҳ ба Мирсолеҳ касддор шуда гашт. Маст ки шуд, дари ӯро мекӯфт, ҳафт пушти ӯро дашном медод. Боре Мирсолеҳ ба ҷонаш расида, милти-

ки думилаи шикориашро баровард, ки Воҳидчӯлоқро парроиад. Йигитҳои маҳалла ба миёна даромада, онҳоро базӯр халос карданд. Дафъаи дигараш Мирсолеҳ дар хона набудааст, духтари ӯ Майсара дарвозаашонро тараққос зананда кушода баромаду кулӯлае ба сӯи Воҳидчӯлоқ ҳаво дод. Кулӯх рост ба сараш заду Воҳидчӯлоқ ғелида рафт. Лекин боз дарҳол аз ҷой хест. Вай хеле ҷонсахт буд. Оқибати қариб ҳаман ин хел хархашаҳои мадҳушонаи ӯ бо мағлубият ва шаттахӯриҳо анҷом ёбад ҳам, саҳар бинед, аз нав озода шудаю бамаънӣ шуда ба кораш мешитобид, ҳатто касал намешуд.

— Ту чӣ бардоштӣ омадӣ, Алиҷони оча? — маро акнун пайхас карда пурсиданд бибиям.

Ман хурмаи ошу самбӯсаро болои дастархон гузоштам. Аз хона ду коса бароварда, угрои хурмаро ба онҳо рехта додам. Акнун иззати бибиям — дар паҳлӯяшон боянд андак менишастам.

— Абдурашид аз сафар баргаштааст,— гуфт Воҳидчӯлоқ аз самбӯсаи гарм ба даҳон андохта.— Муборак бошад, модарҷон!

— Раҳмат, писарам.

— Шуморо омада дид?

— Ҳа, албатта. Набераякам бед барин шудааст. Омада ду соат нишаста рафт. Ба ман рӯмоли гарми тибит падарка овардааст.

— Ҳӯй, ба ман нигаред. Аз ҳамон тарафҳо якбора зан гирифта наомадааст-дия, волида? Духтарони дарвозиро айни паризод мегӯянд.

— Не, тӯй акнун мешавад. Нияти модараш ҳамин. Аз шаҳри худамон ягон руст карда мондагеш ёфт мешудагист.

— Гапатон ҳақ, волида. Ман ба шумо гӯям, ҳозир чӣ бисьёр? Духтари қадрас бисьёр. Ҳеҷ қадомаш ба укои ман не намгӯяд. Ҳа!

— Укоят кӣ? — нафаҳмиданд бибиям.

— Абдурашидро мегӯям,— фаҳмонд Воҳидчӯлоқ.— Лекин, модарҷон, асло-асло ба духтари Мирсолеҳ даҳон накушоетон.

— Барои чӣ? — тааҷҷуб карданд бибиям.

— Намешавад! — даст афшонд Воҳидчӯлоқ. — Ба ҷинсаш мекашаду укоям Абдурашидро хафа мекунад. Аз Мирсолеҳ ягон кори нек намебарояд.

Ба бибиям ин оҳанг насиҳатҳои Воҳидчӯлоқ маъқул

наафтод магар, ки ҷилави сӯҳбатро қасдан дигар сӯ кашида пурсиданд:

— Занат исмини дуюм-мӣ, Воҳидҷон?

— Ҳа, ин ҳафта кораш баъди пешин,— ҷавоб дод Воҳидчӯлоқ ва папироси нав даргиронда гуфт: — Келинатон ба иқболамо занаки захматкаш, модарҷон. Хӯй, як бор ба хона наомадед, ки бинед. Ҳамаи деворҳо сап-сафед, дару тирезаҳо ранг кардагӣ. Ин зимистон печкаи чӯянӣ мешинонем мегӯяд.

— Ҳаракату баракат гуфтаанд,— хурсанд шуданд бибиам.— Маруса нағз. Худо дилаша бутун кунаду ба туи бекаси маслуқ сарубар шавад.

— Ман, модарҷони ширин, ба келинатон фармудам, ки шуморо минбаъдаш «бува» гӯяд. Ба ман нигаред. Охир шумо нусхаю нишонаи очакалонҳои мо, пири аҳлоди мо, маслиҳатчию дуогӯи маҳалла.

— Эй, Воҳидҷон, Воҳидҷон! — оҳ кашиданд бибиам, баъди омин карда дастархонро ғундоштан.— Ту дуппадуруст одаму лекин мастигариат ба ҷони ҳама расондагӣ. О, ҳамон захри таллоғуро ба даҳон нагирӣ намешавад? Шунидам, ки парерӯз боз арақ хӯрда омада, бечора Марусаро задай. Ин чӣ номаъқулӣ? Хирман барин занаки бечирму бегубор ба ту чӯлоқ расида, гунаҳкор шуд мӣ? О, вай ба ту одами аз ҳама наздиктар аст! Ӯро ҳам модараш ба умед ба дунъёи равшан таваллуд кардагӣ. Минбаъдаш шунавам, ки маст шудай, ё занатро ранҷондай, ба даргоҳи ман қадам намон! Фаҳмидӣ? Маро ки модар хонда бошӣ, гапамро ду накун, бадбахт!

Ҳамон рӯз Воҳидчӯлоқ тавбаю тазаррӯъ кард, оби дида рехта узр хост. Ба бибиам қасам хӯрд, ки ягон навъи машруботро дигар ба даҳон намегирад, ба занаш сахт намерасад. Ҳатто ваъда дод, ки се рӯз рӯза медорад, ба масҷид хатми қуръон фармуда ба арвоҳи гузаштагон мебахшад. Вале баъди як ҳафта бегоҳӣ аз обраҳа боз ғиреви мастонаи ӯ баланд шуду мо, бачаҳо хурсанд шуда аз нав ба кӯча тохтем.

3

Модару аммаам ба лаълии мис қанду мева андохта, ба дастархони калони шол нону фатири ҷаззадор баста, ба ҳавлии Мирсолеҳ хостгорӣ рафтанд. Модарам таъкид мекард, ки оҳанро дар сурхияш мекӯбанду кори хайрро ҳаргиз кашол додан мумкин нест.

Абдурашид «саросемагӣ чӣ лозим» гӯяд ҳам, ба ин тараддудҳо монеъ намешуд, худро ба нодонӣ мезад. Шими шоҳии сафеди почаҳояш васеъро пӯшида, бо чӯраҳояш ба сайругашт мерафт.

Ман ба модарам пеш аз рафтанаш ба завчигӣ суханони Воҳидчӯлокро хотиррасон кардам. Гуфтам, ки вай бо Мирсолеҳ хеш шудан намехоҳад. Модарам аз ин гап ба ғазаб омаду:

— Номаъқула нон кардаст! — гуфт.— Бо Мирсолеҳ вай не, балки мо хеш мешавем. Ғайр аз ин худи Воҳидчӯлоқ кист, ки гапаш бошад.

Модарам ҳамин тавр ба ҳавлии Мирсолеҳ ба рафтан рафту аммо пушаймон баргашт. Ваю аммаам раванд, худи Мирсолеҳ ва Майсара дар хона набудаанд. Занаш бо абрӯи гиреҳ онҳоро ба шипанг гузаронда шинондааст «хӯш, хизмат?» гӯён худаш рост истодааст.

— Мо, ояҷон, ба остонаи шумо бо умеде қадам мондем,— гуфта аммаам гап кушодаанд.— Ба худатон маълум, ки Абдурашид аз мусофират саломат баргашт. Вай муаллим шуда, фарзандони халқро тарбия мекунад. Орзуи мо ҳамин, ки акнун сари ӯро чуфт кунем.

— Шумоён оё ба тӯй кардан тайёр? — пурсидааст зани Мирсолеҳ.

— Абдурашид шукр бо дасти холӣ наомадааст,— ба гап қатӣ шудааст модарам.— Боз лозим шуда монад, охир ёру дӯст ҳаст, андак-мундак қарз ҳам гирифтанамон мумкин.

— Ба кадом хона келин мефуроред?

Ин саволи қалтис хостгоронро ба хиҷолат монондааст. Чунки ҳавлии мо масоҳатан калон бошад ҳам, иморати дуруст надошт. Асосан як дӯконхонаи шифташ пасту сиёҳи қадимаю як айвони равони тахтагӣ буд. Он тарафаш қазноқчаи танг, шипанги танӯру оташдони деги чомашӯй, рӯ ба рӯи айвон суфаи дарозрӯяи хокӣ. Баъд мондагеш ҳама майдону дарахт.

Бинобар ҳамин модарам аз замин чашм наканда, ба зани Мирсолеҳ гуфтааст:

— Ҳоло ҳозир ба айвониравон-дия.

— Ба айвон?! — тааҷҷуб карда, китф чунбондааст зан.

— Мо зорӣ доремӯ зӯрӣ не,— боз далолат кардаанд аммам.— Ба хонаи духтардор расмаш шоҳ ҳам меояду гадо ҳам. Аз ҳама муҳимаш ин, ки мо бо якдигар қадр-

дони кӯҳна. Майсараҷону Абдурашид ҳам якдигарро нағз мешиносанд. Ҳардуяшон ҳам ҷавонҳои илмдори ҳаминзамона. Худо лаббай гӯяду онҳо аҳл шуда, аз як гиребон сар бароранд, минбаъд хонаҳои нав мепӯшанд. Ба худ осуда бадавлат шуда мераванд.

— Дар ин хел шароити нобоб зиндагӣ кардани духтари мо бағумон,— гуфтаст зани эшон.— Майсара эрка калон шудагӣ, дар хонаҳон пурҷиҳози гарму басомон зиндагӣ кардагӣ. Вай дар ҳавлие, ки ҳатто ҷои алоҳидаи шустушӯ надорад, ҳисобашро чӣ хел меёбад? Одам охир ба кӯрпааш нигоҳ карда по дароз мекунаддия.

Аммаам роҳи салоҳ ҷустанӣ шуда, дарҳол гуфтаанд:

— Оиҷон, албатта, ҳама эродҳоятон ҳақ асту рост. Валекин мо ният дорем, ки тӯй тезтар гузарад, барои наврӯзгорҳо монугир як хонаи нави даҳлезу обрездор пӯшем.

— Арӯси бачилла лойхӯрак шуда хона мепӯшадмӣ? Ана гапу-у-у! — иллат карда даст афшондаст зани Мирсолеҳ.

Ҳулласи калом, тарбузи хостгорон аз бағал афтода, дастархонашонро бардошта, маъюсу музтариб ба хона баргаштанд. Модарам сар ба зону монда, ашк мерехт. Аммем ӯро тасалло дода гуфтанд:

— Садқаи оби дидаатон кунед, Биманзура. Як дари бастаю сад дари кушода. Ё худ чунон ки мегӯянд, сари зулфи вай набошад, сари зулфи дигаре. Худо хоҳад, ин ҳавлиро як ремонт карда ба тартиб биёрем, ба Абдурашидамон ман аз Майсара сад бор хушрӯйтару бамаънитар арӯс меёбам.

— Худи Абдурашид бо Майсара гапзанон кунад,— таклиф кардам ман, ки то ҳол хомӯш гӯш карда менишастам.— Агар дуи онҳо розӣ бошанду ахду паймон кунанд, ҳеҷ кас ба тӯяшон монеъ шуда наметавонад.— Баъди сукут боз илова кардам: — Дар замони шӯрой қоида ҳамин хел.

— Аличон рост мегӯяд,— хурсанд шуданд аммаам.— Ба ақли расоят гардам. Дар ин замон духтару писар худашон ёфта хуш мекунанд. Агар гапашон пазад, дигар баҳонаҳо се пул! Ба Абдурашид мефаҳмонам имшаб.

Дар ин вақт ҳамсояамон Адолати хандонрӯ омада монду аммаам ба вай чилимро дароз карда гуфтанд:

— Духтари хола, обу сархонаи ҳамин чилимро тоза карда биё. Хумори дуди тамоку гирифт.

Адолат дар як нафас чилимро қумшӯю тоза карда омад. Ба сархона тамоку пахш кардаю мозу андохта, аз оташдон ба болояш лахчаи сӯзоне партофт. Ангуштонаш озор ёфтанд магар, ки бинии базебашро бурма карда хандид. Баъд то дуд кардани тамоку наи чилимро худаш шӯхикунон ба лаб бурд.

Ман бенхтиёр ба чашму рӯи Адолат нигоҳ мекардам. Ба назари ман тамоми корҳои ӯ ба худаш мезебид. Вай на танҳо хушандом, ба кор чобук ва одамдӯст буд. Боз чӣ хел як хислате дошт, ки диққати ҳар одамро ба худ мекашид. Шояд ин оҳанрабо барқи чашмони калон-калонаш бошад? Ё он партавест, ки чун ҳолаи моҳи пур аз рухсори бечирмаш мехезад? Балки баёзи гардани софаш ақлу ҳуш мебарад? Намедонам. Фақат ба ҳаминаш имонам комил буд, ки дар ҳусну ҷамол, муомилаи хуш, рамузфаҳмӣ ва ӯҳдабарой Адолат дар кӯю маҳаллаи мо ҳамтое надошт.

Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву мо гирди чаҳон мегардем.

Магар айнан ҳамин хел андеша аз дили аммем ҳам гузашт, ки он кас кокулҳои мавиз барин майдабофтаю сип-сиёҳи Адолатро ба даст гирифта, гуфтанд:

— Палакат тозаю хуснат худодод, Адолатҷон. Илоҳо, бабахту саодат шавию ба қадрат мерасидагӣ шав-ҳар кунӣ. Афсӯс, ман мард нарӯидаам. Хоки поятро ба чашмам тӯтиё мекардам, як умр рӯи даст бардошта мегаштам, ки озоре набинӣ.

Ин тавсифҳои самимонаи аммем, албатта, бемақсад набуданд. Он кас ба модарам чизе гуфтан мехостанду ҷуръат намекарданд. Мехостанд, худи мо аз ин гапҳо хулосае барорем.

Адолат аввал бо ҳайрат ба аммаам чашм дӯхт. Баъд табассуми шармине карду ангушт ба лабони ақиқ гузошт, ки «ялтимос, дигар гап назанед, маро изо надиҳед». Барои чӣ? Мазмуни ӯ намехоҳад, ки касе васфи ҳусну ҷамолаш кунад. Намехоҳад чашмҳои бисьёр ба комати раъноияш дӯхта шавад, ангуштнамои одамон бошад.

Не, ҳар касе ки чашми бино дорад, наметавонад ӯро надида гузарад. Аз нигоҳҳои кунҷкобонаю ҳайратзадаи мардум Адолатро ҷои гурез нест. Ягона илоҷе ки

ӯ дорад, чашм ба замин дӯхтан, аз таъқибҳо гурехтан, лаб ба дандон газидан ва фикр кардан аст.

Баъди ин байни модараму Адолат сӯҳбате барпо шуд, ки мазмунаш маро хеле ба ҳаяҷон овард. Адолат чашму абрӯ ва лабонашро ба кор андохта, дасту пачаҳои булӯринашро пасту боло ҷунбонда бо модарам «гуфтугӯи» дурудароз кард. Дар поён ман ин муколамаи ишоратиро ба забони муқаррарии хаттӣ мегардонам.

Адолат: Холаҷон, писари калонатон чаро нестанд?

Модарам: Вай бо ҷӯраҳояш ба боғи шаҳрӣ рафтаги, ба сайругашт.

Адолат: Шумоён лаганду дастархон бардошта, ба кучо рафтетон?

Модарам: Ба хонаи Мирсолеҳи ришкалони салладор.

Адолат: Барои чӣ?

Модарам: Завчигӣ кардем, ба духтари ӯ хостгор шудем.

Адолат: Ба Майсара?

Модарам: Ҳа. Аммо худи ӯ набудааст.

Адолат: (маҳзун). Майсара нағз. Қадаш боло. Хондаю навишта метавонад.

Модарам: Боз хонданӣ будаст вай.

Адолат: Майсараю писари калони шумо чуфти муносиб мешаванд.

Модарам: Лекин падару модараш розӣ не.

Адолат: Чӣ?

Модарам: Духтарашонро ба Абдурашид додан намехоҳанд.

Адолат: (бо ҳайрат). Барои чӣ?

Модарам: Хонаю чои мо ба онҳо маъкул не.

Адолат: (даст ба зону зада). Ҳай, бандаҳои ношукр! Эҳ одамони нодон! Чаро онҳо ба бахти ин ҷавонҳо зомин мешаванд? Барои чӣ баҳонаҳои аблаҳона мечӯянд? Ҳама сабаб ҳамин бошад, ана дар ҳавлии мо як хонаи алоҳида холӣ истодааст. Марҳамат, дар ҳамон ҷо зиндагӣ кунанд.

Модарам: Ин мумкин нест. Ту ҳам охир дар ҳамон ҳавлӣ, духтари қадрас.

Адолат: Э, ба ман аҳамият надиҳанд. Ман хидматгорашон мешавам. Ба келину домод хӯрок пухта медиҳам. Ба кор раванд, ҷомашӯӣ мекунам.

Модарам: Не, Адолатҷон. Худи Майсара ҳам розӣ не

барин. Мо ӯро келин намекунем. Абдурашид дигар зан мегирад.

Адолат: Киро?

Модарам: Ту барин ягон духтари хушрӯро.

Адолат: Ман хушрӯ?

Модарам: Бениҳоят.

Адолат: Аз Майсара ҳам?

Модарам: Албатта.

Адолат: (сар ҷунбонда). Аммо дар лабони ман мӯҳри хомӯшист...

Модарам: Хайр, чӣ илоҷ? Муҳимаш саломат бошию замин зер карда гардӣ.

Адолат: Рост?

Модарам: Бале. Чашми бино дорию дасти гиро. Поят равон, тану ҷонат сиҳат, дилат поку ниятҳоят холис. Боз чӣ мехоҳӣ? Шукр кун.

Адолат якбора аз ҷой хесту модарамро ба оғӯш кашида, аз сару гардани ӯ сахт-сахт бӯсид ва хурсанд шудаю давида ба ҳавлиашон рафт.

Маълум буд, ки тасаллою таърифҳои модарам Адолатро рӯҳбаланд кардааст. Балки умеде бахшидааст, ки дари бахти ӯ низ шояд кушода шавад. Дили Адолат ба Абдурашид кашол буд. Лекин инро вай бо тамоми ҳастӣ пинҳон карданӣ мешуд. Медонист, ки ба Абдурашид зане даркор мисли худаш бомаълумоту ҷамоатчӣ, хушсӯҳбату ширинзабон, на мисли Адолат духтари бесаводи ба чордевори як ҳавлӣ андармон. Ӯро бадтар аз инҳо боз нуқсе ҳаст, ки аз одаму олам ҷудояш мекунад, зиндагиро талх ва орзуҳояшро ботил гардондааст. Охир ин чӣ мусибатест, ки одам ақидаҳояшро, ғаму шодияшро, таассуроташро ба ҳамҷинсони худ лоақал изҳор карда натавонад?!

Бале ҳама аз ин ҷиҳат ғами Адолатро мехӯрд. Аз рӯи гуфти модарам, вай дар хурдӣ чунон гапдон будааст, ки ба атрофиёнаш саволи бисьёре медодааст, ҳама чизро фаҳмидану донистан мехостааст. Обидҷонамак барои ҳамин ба ӯ «майнача» лақаб дода будааст. Аммо баъд фалокате рӯй додаасту ин «майнача» як умр аз забон мондааст.

Модари Адолат як чиллаи зимистон алови пилтаи чароғи даҳумро хомӯш накарда, ба он карасин андохтанӣ мешавад. Сими чароғ аз мехи сақфи хона баромада, ба болои сандалӣ меафтад. Чароғ парӯ шудаю равған пош хӯрда, кӯрпаи сандалӣ гуппи дармегирад. Зан

ба вохима афтода фарьёди ҷонкоҳе мекашаду Адолати ғарқи хобро бардошта, аз тиреза ба берун ба рӯи барф ҳаво медиҳад. Ҳамсояҳо ҷамъ омада, сӯхторро хомӯш мекунанд, ғайр аз кӯрпаи сандалӣ дигар чизе зарар намебинад, ҳама хотирҷамъ мешаванд, вале соҳӣ пай мебаранд, ки забони Адолати он вақт се-чорсола ба гап намегардад. Аз тарсу ҳаяҷони ногаҳонӣ кӯдаки бечора гунг шуда мемонад. Бо вуҷуди табобату дармонҳои дурударози бенатича ҳама ҳанӯз умед доштанд, ки Адолат рӯзе шифо хоҳад ёфт ва ба гап хоҳад даромад...

Аз рӯи маслиҳати аммаам Абдурашид ночор бо худи Майсара вохӯрдааст, ниятҳояшро фаҳмондааст. Майсара ҳамчун модараш дағалӣ накардааст, сурх шудаю чашм ба замин дӯхта гапи ӯро хомӯш гӯш кардааст. Фақат дар охир нозомез як даҳон гуфтааст, ки вай ҳоло боз хонданӣ, як-ду соли дигар сабр кардан лозим будагист.

Абдурашид ба ҳавлӣ ғарқи хаёлот баргашт. Мӯҳлати ин қадар дароз дили ӯро ба шубҳа меандохт. Вале ин хабар ба ҳар ҳол нури тозае шуд, ки аз равзани хонаамон даромада, модарамро боз сертараддуд карда монд.

— Ваъда ки додаст, шуд!— мегуфт ӯ, ба ӯғур чуворӣ андохта.--Маълум мешавад, ки ҳудаш розӣ будааст. Акнун таҷҷилӣ аз пан шикастурехти ҳавлӣ шудан лозим. Баъди тахт шудани ҳама кор боз хостгор шуда меравем, тӯйро метезонем. Остонан духтардор баланд дия. Одамҳо то розигияшонро гирифтан чанд пойафзолро медарронанд. Мо ҳатто ду бор нарафтаему ноумед шавем?

4

Дар ҳақиқат кор сар шуд. Абдурашид аз гузару бозор ду-се харароба масолеҳи бинокорӣ харида овард. Рӯзи истироҳат ҳашар эълон кардем. Боми дӯконхонаро кушода, деворашро болотар бардоштем, дарунашро ба хонаю даҳлез тақсим кардем, аз ду тараф тиреза кушодем, болорҳо, вассаю бӯрьёҳояшро нав кардем. Соҳӣ устою мардикор оварда, бомҳоро бо каҳгил, деворҳоро бо гаҷ андова ва сафед кунондем. Ба тирезаҳои нав ранг дода шиша шинондем.

Акнун ман ба кӯчаю бозӣ камтар намерафтам, ба

устоҳо ёрӣ мерасондам. Абдурашид ҳам домону остин бар зада, баробари мардикорону ҳашарчиҳо ғайрат мекард. Ҳар рӯзи дамгирӣ ҳавлиямон тӯйхона барин сероdам мешуд. Модарам, аммаам, Адолат дар дегҳои калон рӯзона дами гарму бегоҳӣ палав мепухтанд. Падари Адолат Обидҷони сартарош, ки марди хеле бадаступо ва корбудкун буд, аз бозор як ҷувол харбузаю тарбузро ба хар бор карда овард. Ҳатто Воҳидчӯлоқ ҳам омадаю ба суфаи рӯи ҳавлиамон нишаста, ба ҳашарчиҳо ёрикор медод. Вай бо нӯки асояш гӯшаи майдонро ишорат карда мегуфт:

— Ҳоҷатхонаи навро ҳов дар он ҷо кандан лозим. Сонӣ так-таки девор пайраҳа мекушоем. Шағалу цементаш, майлаш, тани ман. Ба Маруся мегӯям, харида мебиёрад.

Рӯзҳои боқимондаи таътили тобистонаи ман бо ҳамин хел ташвишҳо ба охир расиданд. Дар ивазаш ҳавлиамон чунон кори калон шуд, ки акнун ягон муаллим ба хона ояд ҳам, шарм намедоштем. Ба замми ин Абдурашид аз симчӯби кӯча ба хона радио гузаронд, аз магазини Чоршанбебозор симкаравоту нимҷевон, столу стулҳо, патефону велосипед харид. Ба қавли модарам, дар як тобистон мо ҳам ба қатори одамон даромада мондем. Ҳатто Мирсолеҳ боре раҳгузар шуда даромаду таъриф карда рафт.

— Одам азму ҷазм кунад, ҳама кор аз дасташ меояд,— гуфт вай.— Офарин, ҳавлиатонро андак ба сомон даровардед.

— Охир мо, эшонпоччо, тӯй карданӣ,— гӯшона зад модарам, Майсараро дар назар дошта.— Келинамон хурсанд шавад мегӯем-дия.

— Ҳа, ҳама кор вақту соаташ қатӣ,— ҷавоб дод Мирсолеҳ.— Духтари як мусулмона кашола карда овардан пас, иззаташро албатта ба ҷо оварда тавонистан лозим.

Якуми сентябрь дарсҳо сар шуданд. Ман дар синфи ҳафтуми мактаби маҳаллаи Масҷиди Сурх хонданамро давом додам. Абдурашид дар синфҳои ибтидоии мактаби гузари Бӯраҳим Оқсаққол муаллим шуд. Бегоҳиҳо дар шӯъбаи ғоибонаи институт таҳсил ҳам мекард.

Дам ба дам бе ҳеҷ сабаб аз бинии Абдурашид хун меомадагӣ шуд. Вай аз ин таҷанг гашта, дастрӯймолашро тез-тез иваз мекард.

— Офтоби тобистон таъсир кардагӣ,— гуфтанд би-

бинам.— Ҳеҷ қисса не. Бисьёр чурғот хӯрӣ, дуруст шуда меравад.

Аммо хун ист намекард. Табибе гӯё гуфтааст, ки давои ин дуди тамоку, хунро таққӣ мемононад. Ҳамин тавр Абдурашид папироскаш шуда монд. Ман аз магазини гузари Сари Санг ба вай папиросҳои «Беломорканал», «Қазбек» ё «Норд» харида меовардам. Сабаб ҳамин шуд, ё чизи дигар баъди чанде хун намеомадагӣ шуд. Вале Абдурашид одат ки карда буд, папироскаширо давом медод.

Мо дар мактаб театри лӯхтак ташкил кардем. Ду бор ба ҳамсинфон спектакли «Духтари рангуборчӣ»-ро намоиш додем. Вале аъзоёни кружок беҳавсалагӣ карданду корамон дигар пеш нарафт, театр баста шуд. Барои ҳамин ман ба кружоки ҳаваскорони санъат аъзо шудам. Дар он ҷо дуторнавозиро меомӯхтам. Роҳбари кружок як бегоҳ моро ба студияи рӯ ба рӯи Бутхона — ба радиоузели шаҳр оварданд. Гуфтанд, ки мо бо радио баромад мекунем.

Дар студия мо аввал якчанд машқи умумӣ навохтем, Қамбар ду ашӯла хонд. Ҳамин вақт Абдушукурова ном диктордухтари Адолат барин соҳибҷамол ғайричашмдошти ман ногаҳон эълон кард, ки ҳозир талабаи синфи ҳафтум Аличон бо дутор оҳанги «Роҳат»-ро менавозад. Ман даступо гум карда, бинам худи роҳбарамон ба ҳозирон чашмак зада дуторро ба даст гирифтанду ба навохтан сар карданд. Ин машқро дар шаҳр ҳама шунидааст ба «маҳорати» ман қоил шудааст. Дутор назада, ҳамчун дуторчӣ ном бароред ҳам, қизиқ будаааст.

Дар ин миён дар хонаамон боз як бор байти тӯй баромад. Шунидем, ки Майсара аввал ба факултети биологияи институти педагогӣ даромадааст баъди як моҳ онро партофтааст. «Ин ихтисос ба ман маъқул не»— гуфтааст ӯ. Лекин дар маҳалла миш-миш гап пайдо шуд, ки Майсараро падару модараш аз институт кашида гирифтаанд. Онҳо гӯё нахостаанд, ки духтари қадрасашон ҳар рӯз банди пояшро то зону нишон дода, аз пеши чойхона гузарад.

Сабаб ҳамин шуд, ки модарам ду-се бибизани маҳалларо ҷеғ зада омаду лаганду дастархон ороста ба хавлии Мирсолеҳ боз ба хостгорӣ рафт. Лекин ин дафъа ҳам тираш ба хок хӯрд.

Падару модари Майсара онҳоро хуш пешвоз ги-

рифтаанд, ба хонаи калонашон дароварда шинондаанд. Вале дар охир бо нармӣ гуфтаанд, ки ҳоло духтарашон ҷавону мехоҳанд боз як-ду сол сабр бикунанд.

Аз ин хабар Абдурашид, чашмаш раҳ бурда, ҳайрон монд. Аммему Адолат аз дарахти поёни суфа биҳӣ мечиданд. Адолат бо сари хам биҳиҳоро ба сабад сарчин карда диккак менишасту кокулони марғулаи сиёҳаш заминро меруфтанд. Ногаҳон Абдурашид овозашро баланд карда гуфт:

— Адолат, ҳамсояи қадрдон! Чаро ба ман нигоҳ намекунӣ? Чаро гапамро намешунавӣ? Ғамамро ба кӣ гӯям?

Маълум, ки Адолат ба ин муроҷиатҳо эътиборе надод. Аммаам ӯро нихта карданд. Вай хавф бурда, чақҷақон аз ҷо хесту дарҳол ба Абдурашид назар дӯхт. Баъд биҳни калону бечирми пок карда истодаашро ба ӯ дароз кард. Абдурашид чашм аз чашми Адолат наканда биҳиро гирифт, ташаккур гуфт. Ҳамин вақт ман дида мондам, ки чашмони ангури такобӣ барин сиёҳу ҷилодори Адолат чархи об шуданд ва лабони ақиқаш пирпир парида чизе гуфтан хостанд. Баъд Адолат ба худ омад, нигоҳашро гурезонд ва назди аммем рафт. Абдурашид бошад, биҳиро сахт-сахт газида, намедонист аламашро аз кӣ гирад.

Ман хурд бошам ҳам, вазъияти бародарамро мефаҳмидам. Ҳар кас бо вай вохӯрад, ҳатман мепурсад, ки кай хонадор мешавад. Аз гапу калочаи мардум халос шавам гуфта, ба Майсара кас монад, онҳо ин корро ба таъхир меандозанд, ҷавобҳои духӯра медиҳанд. Дар пеши назараш хирмани гул барин Адолат гаштаасту ба ӯ хонадор шуда наметавонад, оқибаташро меандешад. Додашро ба кӣ гӯяд?

Бале, Абдурашид ба тангкӯчаи сарбаста даромада буд. Ба ҳоли ӯ раҳмам омаду боре баъди хӯроки шом, вақте ки ду кас танҳо мондем, гуфтам:

— Ако, ҳамин Адолатро келин кунем намешавад? Ҷудо духтари нағз!

— Ҳа-а, —ҷавоб дод Абдурашид, ба нуқтае чашм дӯхта.— Адолат бемислу монанд. Ба хироҷи мамлакат меарзидагӣ духтар. Аммо афсӯс, ки гӯшаш вазнин... Мардум чӣ мегӯяд?

— Э, ба мардум чӣ кор доред? Ҳар кас осудагии худашро мехоҳад.

Аз ин насиҳати калонсолонаи ман Абдурашид завқ карда хандид. Баъд гуфт, ки ҳозир саросема хонадор шудани ӯ шарт нест. Вай як нақшаи нав доштаасту ҳамон ҳам ичро шавад, сонӣ дида арз мекардааст.

5

Дере нагузашта нақшаи нави Абдурашид маълум шуд. Гашти рӯз буд. Модарам сменаашро ба охир расонда, аз комбинат баргашту ман акнун мехостам, ки ба кӯча назди бачаҳо равам. Аз рӯ ба рӯям дарвозаро кушодаю велосипедашро пешандоз карда, Абдурашид даромад.

— Хайрият, ту аз кор баргашта будай,— гуфт ӯ ба модарам.— Ман имрӯз дар военкомат будам. Ба армия рафта истодаам. Ана ин повестка. Худам нависонда гирифтам.

— Худат нависондӣ? — модарам аз ҳайрат ба суфа нишаста монд.

— Фарқаш чӣ? — гуфт Абдурашид.— Аздусар ягон рӯз чеғ мезаданд. Хизмати ҳарбӣ ба мо ҳам қарзу ҳам фарз.

— Кай мерафтай?

— Пасфардо соати даҳ,— ҷавоб дод Абдурашид.

Модарам якбора гирья карда, ба ҳасрат даромад:

— Агар дадоят зинда мебуданд, ту ин хел худсарӣ намекардӣ, маро намесӯзондӣ. Одам магар бо пои худаш ба военкомат меравад? Дар ин замонаҳои лаппас карда истодагӣ ҳоли ман чӣ мешавад? Бибинат пири барҷомонда, укоят хурд. О, ин чӣ рӯз буд?!

— Ҳеҷ гап не,— дилбардорӣ кард Абдурашид.— Замона тинҷ истаду тан сиҳат бошад, ду сол хобу хаёл барин мегузараду меравад. Баъд бо хотири ҷамъ аз паи тӯй мешавем.

Ҳамин тавр моҳи ноябрь Абдурашид ихтиёрӣ ба хизмати дусолаи ҳарбӣ рафт. Аввал аз роҳ як мактубаш гирифтем, сонӣ аз Мариуполь ном шаҳри Украина хату сурататаш омад. Байни модараму аммему Адолат расми ӯ даст ба даст мегашт. Ман аз нишонаҳои гиребонаш фаҳмидам, ки Абдурашид дар қисми қувваҳои ҳавоӣ хизмат мекардааст. Дар мактубаш навишта буд, ки вай аз хизматаш хурсанд аст, армия ба ӯ як олами нави

аҷоиберо кушодааст, аз ин хел мактаби калони чангию мардонагӣ таълим гирифтани ҳар як ҷавони имрӯза шарт будааст. Ба ман насиҳат мекард, ки ба спорт диққат диҳам, норматаи нишони «БГТО»-ро супорам. Ҳар гоҳ дастам холӣ шавад, асари бадеӣ хонам, ба китобхонаи шаҳрӣ, ки «рӯ ба рӯи Банки давлатӣ, дар шафати аптека аст», аъзо шавам. Дар қазноқи худамон ҳам як ҷомадон китоб, аз ҷумла «Ғуломон»-и Айнӣ ва «Занбӯр»-и Войнич ҳасту метавонистаам, ки мутолиаро ана аз ҳамонҳо сар кунам ва монанди инҳо.

Рӯзе бибиам илтимос карданд, ки аз номашон ба Абдурашид хат кунам, ҳар чи ки гӯянд, дар вараҳи алоҳида нарезондаю начакконда нависам. Зимистон аҳволи саломатии бибиам бад шуд. Он кас пою миёни дардмандашонро аз алови сандалӣ наканда, рӯзи дароз мехобиданд.

«Абдурашидҷон, писари оча! — сар карданд бибиам. Номаи муборакатро туро укоят ба ман хонда дод. Шунида хеле-хеле хурсанд шудам. Хататро ба чашмонам молидам, ки нур гиранд. Бачаи оча, ба худат эҳтиёт шав. Ман шабу рӯз дуо мекунам, ки саломат бошӣ, дар қатори кӯп худо ғоиби моро ҳам дар паноҳаш нигоҳ дорад.

Модарат дуруст, кор карда гаштааст, хавотир нашав. Ман бошам, ҳамон дидагиат барин. Аз хона намебароям. Қоғазамро гирифтааму ба мӯхраш маҳтал. Як бор туро медидам, беармон мемурдам, бачаи оча. Орзуи ман ҳамин, ки аз олам чашм пӯшам, ту дар сарам бошӣ, асо гирифта пеш-пеши тобутам равӣ, ба гӯрам як каф хок пошӣ...»

Бибиам инро гуфта, оби дидаи аз оҷингҳои рӯяшон шорида истодаро бо гӯшаи рӯмолашон пок карданд, пиёлаи чояш хунук шударо ба дасти ларзони худ гирифтанд, ки ҳалқашонро тар кунанд.

— Бибиҷон, ин гапҳо чӣ лозим? — ман аз навиштан бозистодам.— Ҳоло шумо дуппа-дуруст шуда мехезед, акоям биёяд ба тӯяш сарубар мешавед. Ба рӯи хавлӣ гулхан даргиронда, ёр-ёр мегӯем.

— Ғозу паям сӯхтагӣ, бачам,— гуфтанд бибем, пиёларо ба рӯи сандалӣ гузошта.— Аз ҳамин зимистон оё мебароям, оё не. Ҳар шаб бобояту дадоятро хоб мебинам... Ана, гапам гум шуд акнун. Чӣ гуфтанӣ будам? Ҳа, навис. Ягон калимаашро партофта нагузар.

Бибиам боз дикта карданду ман навиштам:

дил кардам гўям, ки ту осиёи бодй, аввал худатро сариштa кун. Вале баҳонае ёфтаму аз ӯ тез дур шудам.

Баъд аз як ҳафта шунидем, ки Маруса бору бўғчашро бардошта, тамоман рафтааст. Ўро дигар тобу тоқати дидани башараи маст ва шунидани суханони кабеҳи шавҳараш намондааст. Воҳидчўлоки аз карда сад пушаймон дурустакак маст шуда ба ҳама дўғ мезадааст, ки ин кори душманони ўст. Мирсолеҳ барин нотавонбинҳои бадсириштн ҳасудхўр ба зиндагии аз қанд ширини онлавии ӯ гўё ки заҳр пошидаанд. Мардум, ба қавли ӯ, ҳамин хел будаанд: бошад, дида наметавонистаанду набошад, дода. Дар байни ду чашм ҳайрият бинй будааст, вагарна онҳо якдигарро кофта мехўрдаанд ва ҳоказо.

— Айбро кй кунад? Маъюб! — мегуфтанд бибиам, аз бадмастию сафсатаҳои Воҳидчўлоки ношукр сахт хафа шуда.

6

Зимистон бармаҳал омад. Бегоҳ шамоли сахти қибла хеста охирин барги ток ва дарахтонро ба замин яксон кард. Саҳар хезем, кўрпа барин барф боридааст.

Модарам ба кор рафта истода ба ман фармуд, ки баъди мактаб барфи бомҳоро бел кунам, хонаҳоро рўбам, бибиамро хабар гирам. Ҳамон рўз ман ягонтои ин супоришҳои ўро ба ҷо оварда натавонистам. Дандонам дина инчониб сим-сим дард мекард. Рўмоли калони сиёҳро аз мехи айвон гирифта, мисли духтарҳо ба сар бастам, манаҳу гарданамро печондам ва худро то миён ба кўрпаи сандалй хаста китоб хонда хобидам.

Ин зимистон ман аз рўи маслиҳати бародарам амал карда, бисьёр китоб мехондам. Қитоб маро ба шаҳрҳои дурдасти ҷаҳон мебурд, бо одамони гуногун шинос мекард. Тақдири халқҳо, муборизаҳои шадид, саргузаштҳои аҷоиб ва муаммоҳои зиндагй маро ба ҳайрат меандохтанд. Марк Твен маро қад-қади дарьёи Миссисипи ба Орлеани Нав мебурду Виктор Ҳюго ба Парижи пурасрор. Ҳамроҳи Паганели Жюль Верн то саҳроҳои Австралия мерафтам, бо Едгори Айнй зиндонҳои Бухороро медидам. Шомили беамони Лев Толстой, Пугачёви сарбаланди Пушкин, Одинаи номурод, Гулрўи да-

лер, Печорини саргардон, Челкаши олиҳиммат, Корчагини мубориз, барон Мюнҳавзени муҳоботчӣ ва амсоли онҳо гӯё саф кашида, ба хонаи мо меомаданд. Ман дар сандалӣ нишаста, бо онҳо гарму ҷӯшон сӯҳбат мекардам. Назми классикии худамон бошад, маро тамом сеҳру ҷоду карда буд. Байтҳои беҳтаринро зери лаб замзама карда мегаштам:

Тифлию домони модар хуш биҳиште будааст,
Чун ба пои худ равон гаштем, саргардон шудем.

Кор ба дараче расид, ки як рӯз модарам гуфт: «Ҳой, Алиҷон, ин қадар бисьёр китоб хонда сил нашав. Рав, ту ҳам дигар бачаҳо барин ба кӯча бозӣ карда биё».

Ман дар бораи китобҳои хондаам таассуроти худро ба бародарам менавиштам. Адреси Абдурашид тез-тез дигар мешуд: аз Мариуполь ба Ворошиловград, аз Ворошиловград ба Харьков омада буд. Аз омӯзишҳои ман вай хурсанд шуда менавишт, ки акнун ба забони русӣ хонданро машқ кунам. Чунки бисьёр китобҳои адибони машҳури ҷаҳон ба забони тоҷикӣ ҳанӯз тарҷума нашудаанд.

Абдурашид дар мактубҳояш ном ба ном ба шиносҳо салом мегуфт. Мепурсид, ки саломатии бибиам чӣ хел, Майсара чаро ба хат ҷавоб наменависад. Обидҷонамак ва духтарашон оё дурустанд, дар маҳалла чӣ навиҳо ҳаст.

Рӯзе дар кӯча духтари Мирсолеҳро дида мондаму гуфтам:

— Майсара-апа, адреси аком дигар шудааст. Вай акнун дар Харьков хизмат мекунад.

— Ба отпуска намеояд? — пурсид ӯ.

— Намедонам,— ҷавоб додам ман.— Дар ин бора чизе нанавиштааст.

Ман гумон доштам, ки Майсара ҳозир адреси навро мепурсад, ба Абдурашид мактуб менависад. Вале ӯ дигар ҳарфе назада ба роҳаш рафт, ҳатто нафармуд, ки ман дар хати худам аз номи ӯ ба акоям салом гӯям. Эҳ, беандеша, сангдил! Кӯҷои ту, ҳавобаланд, ба модараму Абдурашид маъқул шудааст? Ба нохуни Адолат намеарзидагӣ духтар будай ту!

Рости гап-дия. Истода-истода алами кас меояд. Ба ҳамин хелиҳо ранг зард карда хушомад задани модарам ба ман маъқул не. Майсара агар фаросоте медошт,

хондани худро дар институт давом медод, фаранҷӣ гирифтаю савдогарӣ карда намегашт. Мегӯянд, ки вай ин тараф то Исфараю он тараф то Нов рафта меомадааст. Намедонам онҳо барои чӣ ин қадар дах ангушташонро ба даҳон мехаста бошанд. Қабат ба қабат хонаҳояшон аз молу чизи дунъё кафам мегӯяду боз дар болои як тин рост менстанд. Аз рӯи гуфти модарам, аз як худи колин онҳо ҳабдах адад доштаанд. Мису мисинаю шохию бахмалро бошад, чевону сандукҳояшон намеғунҷондааст.

Бечора модари ман аз пагоҳ то бегоҳ аракӣ чабин мерезаду ҳеҷ не ки якамон ду шавад. Маошашро аз зиндагӣ изофа кунонда, барои айвон як шоли нав харида наметавонем. Ба пулу чизи Абдурашид бошад, модарам даст намекобад, ки тӯй мекунему ба худаш лозим мешавад.

Дар як китоб хондам, ки ҳозир ғами одамони олам ташкил кардани шаронти хуби зиндагӣ будааст. Дар давраи коммунизм ҳар кас дар хаёли он мешудааст, ки чӣ тавр ҳаётро боз зеботар кунад. Одам ҳам ба ҷамъият чӣ нафъ расонам, гӯён андеша меронда аст ва то тавонад ягон кори савоб мекардааст. Эҳ, кошки ҳамон вақт тезтар мерасид? Модари меҳнатрӯзии ман ҳам аз неъматҳои дунъё бахра бурда, андак болу пар мезад.

Ба комбинат занҳои маҳаллаамон аввал бо фаранҷӣ мерафтанд. Чодарҳои худро ба шохи туту зардолуҳои Сои Читгарон овехта, баъд ба корхона медаромаданд. Соӣ-соӣ қарсҳои калони сиёҳ расм шуд. Ба ҷои халтачаҳои карбосӣ сумкаҳои кальёнкагии дастадор баромад. Ба кор пиёда не, болои мошинҳои боркаш нишаста мерафтагӣ шуданд. Устухони ман, ки бо нони ҳалоли коргарӣ, бо нони комбинат шах шудааст, қадри онро нағз медонистам. Ин нон барои мо аз тамоми нозу неъматҳои ҷаҳон хуштаъму лазиз буд, ҷон ҳама хӯрокро мегирифт.

Ман аз модарам пинҳонӣ велосипеди Абдурашидро ба кӯча баровардам. Онро аз гузари Масҷиди Сурх то Хоҷаи Побел, аз Тапқоқ то Дари Майдон хуб давондам. Велосипед оби равон барин метохт, калиндҳои даруни кармони чарминаш қутур-қутур садо мебаровардаанд. Ба сару рӯ ва сандуқи дилам ҳуррас шамол мерасиду ман баъзан рулро сар дода ба педаль по мезадам.

Дар гузари Кӯли Ҳавз бо Обидҷон-амак дучор омадам. Бо ин марди ҳалиму хоксор ва хушгап даст дода вохӯрдӣ накардан илоҷ надошт. Ман велосипедро дошта фаромадам.

— Эҳа, Алиҷон-ку,— гуфт Обидҷон-амак, ҷомадончаи дар дасташ бударо зери девор ниҳода.— Шайтонаробаи нав муборак!

— Ин аз они акам.— фаҳмондам ба ӯ.

— Абдурашид дуруст? Хат менависад? Модару модаркалонат саломатанд?

Ман вақте ки ба саволҳои болохонадораш ҷавоб додам, Обидҷон-амак бештар завқманд шуда пурсид:

— Абдурашидро дар Харьков гуфтӣ?

— Ҳа, ба ҳамон тараф омадагӣ.

— Эҳ, ин шаҳрро ман нағз медонам.

— Ба он ҷо рафта будед?

— Ҳа. Соли 1916. Ҷавони навхат будам. Бӯлуси (волостной) лаънатӣ ба ҷои писараш маро ба мардикорӣ фиристод. Аввал тарсиданду не, сонӣ хурсанд шудам. Бо пул рафта намешудагӣ ҷойҳоро дидам. Акиби дуньё чудо васеъ будааст. Поезд як моҳ давад, ки боз манзилу макон. Ҳамон вақт аз соҳили дарьёи шӯр ҳам гузашта будем. Аздусар Харьков ҳозир дигар шудагист. Он баракҳои тангу заводҳои пурдудаш намондагист. Хуррият шуду сонӣ омадам-дия ман. Қариб ду сол гаштам, аз хахӯлҳо ошноҳо пайдо кардам. Якта Харченко буд, чудо йигити шӯх. Гармон ки навохт, духтарҳо ба гирдаш парвона мешуданд. Ҳай-пай нагӯям, қариб ки маро бо зӯрӣ хонадор кунад. Вай духтари шинос кардагеш ҳам бало буд. «Олего!» — гуфта, ду дасташро ба гарданам мепартофт.

— Олего? Ин чӣ гуфтагеш? — пурсидам ман.

— Ба ман ҳамин хел ном дода буданд,— хандид ӯ.

Обидҷон-амак ҳамин зайл ба накли хотираҳояш даромада рафт. Ман ба табиати афсункор, ки ӯро ин қадар серҷӯшу духтарашро то ин дарача хомӯш офаридааст, ҳайрон мемондам. Чаро Адолат ягон даҳон гап намезанад? Наход ин дард бедаво бошад? Наход ӯ як умр хомӯш монад?

— Мӯи сарат расидааст,— гуфт Обидҷон-амак вақти хайрухуш.— Бегоҳ ба хона биё, гирифта мемонам.

Бегоҳӣ ман аз тешуки девор ба ҳавлии Обидҷон-амак гузаштам. Дар шипанг қафояшро гардонда Адолат менишаст. У шарфаи пои маро нашунид. Бардурӯғ аҳӯ-аҳӯ сулфидам ҳам, аз ҷо наҷунбид. Дар ҳамин хел ҳолат боре як писари биниаш варам кардагӣ охиста омада, ӯро аз қафо сахт ба оғӯш кашида буд. Адолат як қад парида хест, чун бабри маст ғуррид ва он қиликхунукро чунон кӯфт, ки вай ба қафояш нигоҳ накарда гурехт. Табиат ба ивази забон ба Адолат хусни расою бозуи тавоно дода буд.

Ман ба шипанг наздик шудам. Дар паҳлуи Адолат соғуи калони абрешимҳои ранга ва миёнбанди шоҳии гулҳояш чала духтагӣ меистод. Аз болои китфаш бинам, вай сурати Абдурашидро бо ду даст дошта тамошо мекард. Аҷабо, расми аз Украина фиристодаи бародарам ба ин ҷо чӣ хел афтодааст? Э ҳа, ба хотирам расид. Модарам онро ба дадоят нишон деҳ гуфта, ба Адолат дода буд.

Адолат ба сурат хуб зеҳн монда, болои онро, гӯё чанг нишаста бошад, бо панҷаҳои ранги хиноях беозор пок кард, баъд суратро ба рӯи худ ҷафс намуд. Ман худро зуд қафо кашидам, дур рафтам. Наҳостам, ки Адолат маро нохост дида монаду аз амалиёти маҳрамонаи худ хиҷолат кашад.

Ҳамин вақт латтапораи алвоне, ки дар кафои дари кӯча ба нӯки ресмон баста монда буданд, болою поён шудан гирифт. Чашми Адолати рӯ ба дарвоза нишаста ба латта афтоду зуд аз ҷой хест, ҳам шуда суратро ба даруни соғу пинҳон кард ва сӯи дарвоза рафт.

Аз дарвоза бо ҷомадончаи корнаш Обидҷон-амак даромад. Ман ҳам сонӣ ба рӯи ҳавлии онҳо равон шудам. Адолат маро дида андак гаранг шуда монд. «Ту кай боз инҷой?» гуфтанӣ барин ба ман нигоҳи саволомез дӯхт. Баъд рафта соғуро рӯймолро гирифту ба хона даромад.

— Омадӣ, Аличон? — пурсид Обидҷон-амак ва ба ҷавоби ман мунтазир нашуда, курсиеро аз суфа дуртар гузошт. Ба ман фармуд, ки нишинам. Ва суханашро давом дод: — Сартарош мардум, укоҷон, на бой мешаваду на аз гуруснагӣ мемирад. Пули калонро набинад ҳам, ҳар рӯз се-чор сӯм даромад дорад. Чанд сол пеш, ман вақте ки дар дӯкони Лаби Ӯрда кор мекардам, як

котиби обком ба ман риш метарошонд. Рӯз дар миён саҳар катӣ меомад.

— Аз вай хам пул мегирифтед? — пурсидам ман, қасдан ӯро ба гап андохта.

— Ман талаб намекардам, худаш медод,— гуфт Обидҷон-амак ба гарданам лӯнгӣ печонда.

— Аз рӯи прейскурант?

— Не, зиёдтар. Баъзан ҳатто се сӯм партофта мерафт. Лекин ман ҳам ба гардани ӯ доим лӯнгини тозаи оҳарӣ мебастам. Пеш аз кор фармудан дами покуро ба аланган спирт медоштам. Дар охир ба сару рӯяш атри қиматбаҳо мепошидам.

— Акнун чӣ? — пурсидам ман.

— Ҳозир ман мизоҷи бисьёр дорам, — худро таъриф карда гуфт Обидҷон амак. — Одамон омада, навбат мепоянд.

— Ба навбат меистанд?

— Бале. Сартарош бисьёру ҳама назди ман меояд. Ҳатто бачагонашонро оварда, ба ман мӯйсар мегиронанд. Агар муомилаат нағз бошаду ҳалол кор кунӣ, ҳама аз ту хурсанд мешавад. Устодам дар вақташ ба ман фотеҳаи нағз додагӣ — дия, писарам...

Лекин ҳозир як миҷози мулоимхунуки дигар дорам. Ҳамин ки омад, латифагӯиро сар мекунад. Фақат дар бораи занҳо. Як бор тифоқо ба пешам Адолат омада монд. Ӯро диду ана вай гапҳоро бин.

— Чиҳо мегӯяд?

— Э, паризод будаасту маро домод намекунед-мию ҳоказо. Нашунавӣ беҳтар. Ту ҳоло хурд,— гуфт Обидҷон-амак бо машинкаи дастӣ ба мӯйсаргирӣ сар карда.

— Вай зан надорад-мӣ? — барои кафшери сӯҳбат боз савол додам.

— Сета зан гирифтагист. Боз шон сер нею ба духтари мардум чашм ало мекунанд,— бо қаҳр шонаи машинкаро пуф кард Обидҷон-амак.— Умуман, уко аз ин хел одамон дур будан беҳтар. Истубисташон касофат. Масалан, гирем ҳамин эшони худамонро. Доим сари маъракаю як пиёла чояшро касе наҳӯрдааст. О, вай ба васвосан дунъё мондагӣ набошад, духтари ҳаждаҳсолаашро магар ба марди чилучорсола медиҳад?

— Духтарашонро? Майсарарро? — ба гӯши худ бовар накардам ман.

— Якта духтараш ҳаст-дия! Боз кӣ мешуд? — аз нодонии ман дар газаб шуда илллат кард Обидҷон-амак.—

Ҳамин пагоҳ фотиҳа кардаанд. Омада истода дар чойхона шунидам.

— Ба кӣ? — ҳанӯз ба худ наомада пурсидам ман.

— Гуфтам-ку. Ба ҳамон мардаки аз духтар дуним баробар калон.

— Майсара розӣ шудааст?

— Э, дар ин хел мавридҳо розигии духтарро кӣ пурсида мешинад? Падару модараш таъриф кунанд, гардан мефарорад-дия. Аз рӯи шунидам домодшаванда одами даҳонкалони дар маҳаллаи худ баобрӯ будааст. Аз дасти вай ҳама кор меомадааст. Ба ягон кор азм кунад, то ба ҷо наоварад, осуда намешудааст.

— Кӣ будааст? — аниқ кардан хостам ман.

— Ходими кадом як корхона.

Ман мӯи сарамро гиронда шуда, тозон ба хона омадам, ки ин хабари нави ногаҳониро ба модарам расонам. Бинам, дарҳо маҳкам, модарам аз комбинат барнагаштааст. Эҳтимол маҷлис-пачлис шуда бошад, ё дар бозгашт сари роҳ ба Туғбобохон ба ҳавлии аммаам даромадагист.

«Ана, барои чӣ,— гуфтам худ ба худ,— дирӯз Майсара ба гапҳои ман эътиборе надодааст, адреси акомро навишта нагирифтааст. Вай бечораро балки бо зӯрӣ ба шавҳар медиҳанд? Худаш намехостагист? Як илоҷ карда бояд ӯро бинам, аз забони худаш воқеаро шунавам. Охир вай аз як ҷиҳат номзади Абдурашид-ку. Рост, ки ҳанӯз фотиҳа накардаем. Вале онҳо ба хостгорон не нагуфта буданд, фармуда буданд, ки як-ду сол сабр кардан лозим. Тобистони оянда Абдурашид аз армия ҷавоб шуда меояд. Ҳама тайёриҳои мо барои тӯи ӯст. Пас, чаро ман бонги хатарро шунаваму худро ба карӣ занам? Майсараро ҳатман диданам лозим».

Ман калиди хонаамонро дар кафам ғиҷим карда, ба кӯча баромадам. Дар фурсати танг ҷӯраам Нӯъмонро дида мондам, ки ба китфам якта зада гуфт:

— Алӣ, медонӣ чӣ? Велосипедатро бароварда маро саворшавӣ омӯз, дар ивазаш ман ба ту саъбаамро бо қафасаш мединҳам.

— Сонӣ, сонӣ, Нӯъмон. Ҳозир ба сархорӣ дастам намерасад, зуд ба як ҷо рафтанам даркор.

— Ба куҷо? — ҳайрон шуда пурсид Нӯъмон.

— Дур не. Зуд бармегардам,— гуфтам ба ӯ.

«Аҷаб бачахое! — аз дил мегузарондам, сӯи ҳавлии

Мирсолеҳ шитоб карда,— Ҳамаро мону аммаро меҳмон, ҳавасашон ба велосипед рафтааст. Тӯппиатро дӯхта, дар хона хаппакак шиштан гир-дия, нодон! Велосипедсавориро ба ту кӣ мондааст?».

Дар маҳаллаи мо Нӯъмон ягона писаре буд, ки мисли духтарон чеварӣ мекард. Бегоҳиҳо мо дар кӯча футбол мезадему ӯ дар хона ҳамроҳи модару хоҳаронаш тӯппӣ дӯхта менишаст. Баъд тӯппиҳои худаш, модараш ва апааш дӯхтаро рӯзи ҷумъа ба чайҷовбозор бароварда, ба қишлоқиҳо мефурӯхт.

Дарвозаи Майсаранно кушода будааст, аз ҳавлии берун гузашта рост ба ҳавлии дарун даромадам. Мирсолеҳ ва занаш дар рӯи шолчакӯҳнаи болои кат қоқи қандак ва мирсанҷарии қурутакбастаи порсоларо шамол медоданд.

Мирсолеҳ маро нохост дидаю як қад парида пурсид:

— Ҳа, бача, чӣ гап?

— Ба Майсара-апем гап доштам. Як чеҳ мезадед,— гуфтам ба ӯ.

— Ба Майсара чӣ гап дорӣ? Қанӣ, наздик биё. Дар дастат чист? — хавотир шуд Мирсолеҳ.

— Ин калиди хонаамон,— гуфтам кафамро кушода.

— Чӣ гапат ҳаст ба Майсара?

— Ба худашон мегӯям.

— Ягон кас фармуд?

— Не, худам омадам.

Мирсолеҳ дӯғ зад, ки Майсара дар хона нест. Бошад ҳам, бо ман гап задан намехоҳад. Минбаъд ба ҳавлии мардум бе пӯшт-пӯшт надароям, ки ягон марди бадрашк поямро зада шикастанаш мумкин.

Маъюсу музтариб шуда ба кӯча баромадам. Даҳ қадам намонда будам, ки як занаки фаранҷидор номамро гирифта чеҳ зад. Бинам, чашмбандашро бардошта, Майсара меояд.

— Майсара-апа, ҳозир шуморо кофта рафта будам,— муроҷиат кардам ба ӯ.

— Барои чӣ? — пурсид Майсара.

— Баъзе гапҳо шунидем,— гуфтам ман нимғурма.— Омада будам, ки аз худатон фаҳмам.

— Чӣ хел гапҳо?

— Шуморо ба шавҳар доданӣ будаанд. Маҷбур мекардаанд. Ин рост?

— Рост,— гуфт Майсара, камарчаи фаранчиро ба ангуштон печонда.— Раъи падарамро гардонда натавонистам. Ман хушбахтии туро мехоҳам мегӯянд. Моҳи оянда тӯй.

— О, дар замони мо зӯрй мумкин нест! — ба ғазаб омадам ман.— Мехоҳед, ман ба амнии маҳалла рафта гӯям, депутатамонро ба ёрй ҷеғ занам. Онҳо ба ин хел тӯй асло роҳ намедиҳанд.

— Не, лозим не,— оҳ кашид Майсара.— Хонаводамонро бадном кардан чй даркор? Тақдирам хамин будааст.

— Ба тақдир тан медиҳед? Бародари маро ноумед мекунед?

— Худи Абдурашид дудила буд, корро кашол дод! Барои чй ихтиёрй ба аскарй монда рафт?

— Ин корро баръакс падаратон ба қафо партофтанд, ҳоло мо тайёр не, як-ду сол сабр мекунем гуфтанд,— фаҳмонданй шудам ман.

— Э, ҳаман ин баҳона! — гуфт Майсара.— Агар дили Абдурашид ҳақиқатан ба ман мебуд, илоҷашро меёфт. Акнун мурғ аз қафас ҷаст, дигар чорае нест. Ба акоят ҳамин сӯҳбатамонро навис. Гӯй, ки маро фаромӯш кунад.

Майсара чашмбандро ба рӯяш партофту рафт. Ман чй ҷавоб доданамро надониста, аз қафояш шах шуда мондам. Ҳазл ба ҳазл ин гап рост баромад-ку, мегуфтам ба худ. Ба Абдурашид акнун чй мегӯем?

Аз чй бошад, ки Абдурашид ҳам дар мактубҳои охиринаш Майсараро ном намегирифт. Дар як хаташ навишта буд, ки бар қасдаш гирифта вазъияти байналхалқй бад шуда истодааст. Фашистон мамлакатҳои Аврупоро помол мекунанд, ба сарзамини озоди мо чашми ҳасуд медӯзанд.

Нотинчии замон ба сари шаҳри мо ҳам соя афканда буд. Дар анбори магазинҳо мисли пештара халтахалта биринҷу орду шакар наменистод. Бачаҳо дар мактаб дарси ҳарбй меомӯхтанд. Дар гузарҳо кружокҳои осоавиахим ташкил карданд. Ҳатто занҳои хонашинро ғуи карда лекция мехонданд. Акнун дар ҳар кӯча ящикҳои калони пури рег, чалакҳои об, бел ва мисроиҳо меистоданд. Мабодо душман бомба партояд сӯхтор рӯй диҳад, ин асбобҳо чун доруи дарди чашм кор меомадаанд.

8

Соли таҳсил ба охир расид. Ман синфи ҳафтумро, аъло набошад ҳам бад не, тамом кардам. Ин тарафаш барои мо акнун боз сайругашту бозй буд. Ба модарам барои ман ба лагери пионерии комбинат путёвка диҳанд, нагирифтааст. Гуфтааст, ки «дилам намеосояд, дар пеши назари худам гардад, беҳтар». «Ин тавр ки бошад,— шарт мондам ба ӯ,— велосипеди акомро ба ман медиҳй, савор шуда мегардам».

— Боз ягон чояшро нашиканй?

— Эҳтиёт мекунам, натарс.

Ҳамин тавр велосипед ба ихтиёри ман гузашт. Ин тобистон дар шаҳру атрофи он муддаои табъ сайр карданам мумкин. Ҳатто ягон бор ба деҳаи Сартӯқай ба ҳавлии .амакбачаам меҳмон мешавам. Он кас деҳқони машҳури харбузакор. Ҳавлияшон дар домони кӯҳу дар соҳили дарьё чой гирифтааст. Чор тараф полизҳои тарбузу харбуза. Бӯрикалла, лӯбиёгй, шакарпора, кӯкча,— аз ҳар хелаш ҳаст. Дар он чо аввал ҳандалаки хушбӯ мепазад.

Домодшавандаи Мирсолеҳ ҳақиқатан тӯи дабдабанок кард. Ба оши наҳор қавму роати бисьёре омад. Оши занон бо нишаллоҷангу барчош-барчош ба охир расид. Мегӯянд, ки домод ба ҳавлии келин як гову ду гӯсфанди бӯрдоқй фиристодааст. Шабона чӯраҳои домод савори извошу мошини боркашон бо карнаю сурнай омаданд. Дар сари кӯча се хар ғӯзапоя рехта гулхани калон даргиронданд. Занонро тарсондаю бачагонро ба ҳаяҷон оварда, паи ҳам қариб дах мушаки дегрезй сар доданд.

Бо навои карнаю сурнай зану мард ба рақс даромад. Ду артисти мард остин бар зада, баҳсмабаҳс дойра мезаданд. Маро аз ҳама зиёд рақси Адолат ба ҳайрат андохт. Аз гулхан гӯё алангае чудо шуда, мустақил шаъшаа мепошид. Вай моҳирона мераксиду аз шодй гӯё ба куртаи атласаш намегунҷид. Йигитҳо аз фарқи сар то нохуни пои ӯ зеҳн монда, бо тамоми қувват қарсак мезаданд. «Қам нашав, парисод!», «Қоматат ба чонам занад!» гӯён фарьёд мекашиданд.

Ман рақси Адолат, рақси ин қадар базебу хушҳолонаи ӯро бори аввал дида, ҳайрон мемондам, ки савти мусиқиро вай чй хел мефаҳмад ва чаро худаш имшаб беқиёс хурсанд аст. Хулосаи баровардан ман ҳамин

шуд, ки Адолат овози карнаю дойраро нашунавад ҳам, эҳтимол дарк кунад, ба ҷунбиши дасту бадани машшоқон мувофиқ ба ҳаракат дарояд. Хурсандии ошкорояш ба туфайли он аст, ки ҳарифи ӯ — Майсара имшаб ба шавҳар мебарояд, яъне як монеа аз сари роҳи Адолат бардошта шуд, эҳтимоли расидани ӯ ба Абдурашид бештар гардид.

Мо барпо шудани тӯй ва шавҳар кардани Майсараро аз Абдурашид пинҳон доштем. Нахостем, ки дар шаҳрҳон мусофирӣ хотираш парешон гардаду дилаш ганда шавад. Худаш сиҳату саломат биёяд, сонӣ фаҳмад, майлаш.

— Эҳ, парвардигори тамошобин! — мегуфт модарам даруи-дарун сӯхта.— Ин чи пешонаи шӯр, ки писари барнои маро монда, духтарро ба падараш барин марди солхӯрда насиб гардондӣ? Ба Мирсолеҳ одам не, балки моли дуньё даркор будаст. Шиори ин бенисофони худобехабар «гӯр сӯзаду дег чӯшад» будааст. Мани беваю бекасро писанд накарда, писари ғарибамро ноумед сохт, умедамро барбод дод. Хайр, худои таолло, окибаташро ба хайр кун. Замонаҳо тинҷ истаду ғонбам хозир шавад, ношукрӣ намекунам.

Ангур аз ангур ранг мегираду ҳамсоя аз ҳамсоя панд — баъди тӯи Майсара байни Воҳидчӯлоқ баромада монд. Воҳидчӯлоқ шабу рӯзи тӯй бо Мирсолеҳ оштӣ шудааст. Баъд илтимос кардааст, ки эшон ҳамчун пири маҳалла сарубар шуда, акнун сари танҳои ӯро ҳам ҷуфт кунанд.

— Мирсолеҳ дина ба пеши Обидҷони сартарош рафтааст,— гуфтанд аммаам, хабари тозаро ба модарам расонда.

— Ҳа, бечора Адолат ҳам кайҳо ба балоғат расидагӣ,— ба гап қатӣ шуд модарам.— Дуруст, ба худаш муносиб.

Модарам ин суханҳоро чунон бепарвоёна гуфт, ки ҳуш аз сари ман парид. Воҳидчӯлоқ Адолатро ба занӣ мегирад? Ба худаш муносиб? Е тавба! Ин чӣ гап? Магар ин кор аз рӯи инсоф? Парӣ дар оғӯши дев? Ҳеҷ мумкин нест.

— Обидҷон чӣ гуфта бошад? — пурсид модарам.

— Розӣ мешудагӣ барин,— хабар доданд аммаам.— Обидҷон гуфтааст, ки раҳмат эшонпоччо, фикр карда мебинем, орзуи ҳар як падару модар албатта ба зиндагии мустақил баровардани фарзанд аст. Баъд пурси-

дааст, ки зани собиқи Воҳидҷон дар куҷост. Мирсолеҳ фаҳмондааст, ки Маруса аввало бе никоҳ зан ҳисоб намешавад. Сониян вай ба шаҳри дигар ба Бекобод бебозгашт кӯчида рафтагӣ. Худи Воҳидҷон бошад, ҳозир қаравули утилсырьё шуда ба кори нав гузаштааст, дигар ба даҳан як чакра ҳам арақ намегирифтааст.

Ман тоқат карда натавониста, боиг задам:

— Номаъқул кардаст Мирсолеҳ! Худи дина мо дар чойхонаи Раззоқ Воҳидчӯлокро дидем. Қалобачӯби шалақ барин калавидаю аз даҳонаш кафк пошида аррос мезад. Чӯракассоб ӯро озод бардошта ба чӯй ҳаво дод.

— Садқаи зан шавад вай! — сухани маро қувват дод модарам.

— Ҳайфи Адолати бегуноҳ! — илова карданд аммем.

— Аз ин хостгориҳо худи Адолат бохабар бошад?

— Не, вай бечора аз куҷо медонад? — гуфтанд аммаам.— Навакак ба дидани ман омада буд. Гумон кардам, ки моҳи шаби чордаҳ даромад. Имою ишора кард, ки аз Абдурашид оё дигар сурат наомадааст?

— Хатро ки хонда наметавонад, ҳушаш ба сурат.

— Бибиам он касро боз писархонд карданӣ,— гуфтам ман бо қаҳр.

— Киро? — пурсиданд аммем.

— Воҳидчӯлокро! — фаҳмондам ман.

— Ҳой, Алиҷон,— ба гап қатӣ шуд модарам.— Ту ин хел дағал набудӣ-ку. Одам ба маслуқ намехандад. Воҳидчӯлоқ не, Воҳид-амак гӯй.

Хайр, гуфтам дар дилам, амак бошад, амак-дия. Ҳама чӯлоқ гӯянд, ман гунаҳкор-мӣ?

Падари Адолат азбаски марди ҳалиму хоксор буданд, рӯзи дигар ҷуръат пайдо кардаму велосипедсавор рост ба дӯконашон рафтам. Вақти хӯроки нимирӯзӣ ки шуда буд, Обидҷон-амак тахтачаи «Танаффус»-ро ба тиреза овехтанду дарро аз дарун занҷир карданд. Мо ду кас пону ангур ва чои кабуд хӯрда, қариб як соат нишастем.

Ман гапро аз он сар кардам, ки Воҳид-амак дирӯз дар гузари Раззоқ чӣ хел «концерт» нишон дод. Илова кардам, ки Маруся хола чи гуна занаки нағз буду ба ҷабру ҷафои ӯ тоқат карда натавониста аз хонааш баромада рафт. Суханони модарамро ҳам ба хотир овардам, ки ин хел марди шаталаи ланҷ садқаи оилаву зан шавад.

— Сарам сахт, Алиҷон писарам,— оҳ кашида ҳасрат кард Обидҷон-амак.— Ана ҳамон одами безорни гуфтагиат ба Адолати мо кас мондааст. Эшон омада як соат ба гӯшам азон хонд. Духтари кадрасро дар хона нигоҳ доштани падар гуноҳи азим будааст. Худо ба ҳар зан мувофиқ марде ҳам меофаридааст ба таври худ онҳо низ хушбахт мешудаанд.

Ман бахти Адолатро талош карда гуфтам:

— Амак, худатон фикр кунед. Воҳид-амак аввалаш ин, ки марди солхӯрда, соннян майзадаю сермағал.

— Охир Адолати мо ҳам моҳи беайб не-дия, писарам,— бо қафои даст чашмони худро молид Обидҷон-амак.

— Бо вуҷуди ин муносиб не!— паст нафаромадам ман,— Шумо, амакҷон, саросема нашавед. Қадами Мирсолеҳро аз даргоҳатон канед. Охир Адолат-апем тамоман ҷавон, акнун ба нуздах расидагӣ.

— Гапат рост, писарам,— маъқул донист Обидҷон-амак.— Дина воқеаро оҳиста ба худаш фаҳмонам, тамоми шаб наҳобид. Аз гирья чашмонаш варам кард. Бечора забон надорад, ки навҳа кунад.

— Дидед? — хитоб кардам.— Чӣ лозим ҳамин дилсиёҳӣ? Сабр кардан беҳтар.

— Э, Алиҷони раҳмдил,— боз ҳасрат кард ӯ.— Ҳазор сабр кунам, ки ба духтари ман хостгори дуруст намебарояд. Худо ӯро аз кӯдакӣ нагунбахт кард. Ба Адолат аз рӯи инсоф марде лозим, ки адолатпарвар бошад. Қошки худат калонтар мебудию домодам мешудӣ,— Обидҷон амак инро гуфту тахтачаи «Танаффус»-ро чаппа гардонд. Дар он ҷо бо ҳарфҳои калон «Кушода» навишта шуда буд. Баъд рӯи мизро ғундошта истода илова кард: — Аз як ҷиҳат хуб шуд, ки раҳматии модараш ҳамин рӯзҳоро надида мурда рафт.

Ман аз вазъияти ноҳинҷори Адолат ғамгин шуда ба хона баргаштам. Намедонистам ба ӯ чӣ хел ёрӣ расонам. Бешавҳар гардад, синну солаш калон шуда истодааст. Шавҳар кунам гӯяд, ягон номзади дилаш мехостагӣ нест. Дар ҳақиқат ба Адолату падараш мушкил. Аз рӯи шунидам, ба Адолат Воҳид-амак аввалин хостгор будааст. Остонаи духтархои дигари ҳамсоли ӯ бошад, аз помонӣ охурча шудааст. Эҳ, чаро ҳуди маро модарам панҷ-шаш сол пештар назоид? Ё чаро ман Абдурашид не? Он гоҳ об бо лаби чӯй баробар мешуду олам гулистон.

Ягон ҳафта гузашт. Мо аз Абдурашид мактубе гирифтем, ки он ҳамаро ба ҳаяҷон овард, бонси гапу калочаи зиёди мардум шуд.

Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,
Аз рӯи кина кинаву аз рӯи меҳр меҳр!

«Модарҷони азиз, бибии меҳрубон, аммаи дилсӯз ва додари бо ҷон баробарам,— навишта буд Абдурашид.— Ба ҳамаатон саломи гарму ҷӯшон мефиристам. Хизмат нағз давом карда истодааст, ман сиҳат, хавотир нашавед.

Рост мегуфтаанд, ки одам аз ёру диёр дур афтад, қадри хешовандон, шиносҳо ва хонаю дарашро хубтар мефаҳмад. Ман, дӯстони азиз, шумоёнро пазмон шудам. Хусусан, номан пур аз меҳри бибиҷонам маро мутаассир кард, худ аз худ чашмонам об кушоданд. «Зиндаро ватану мурдаро кафан» гуфтаанд бибем. Чӣ андоза ҳикмати баланд! Оре, мо он зиндаҳоем, ки ҳоло ба ҳимояи Ватани ҷоноҷон тайёр мешавем. Намехоҳем ба ҳаёти осоништаи халқамон осебе расад. Аммо душман қаттол аст, аз ниятҳои ифлоси худ даст кашиданӣ нест.

Дӯстони азиз! Ана, қариб як сол мешавад, ки ман аз шумоён дурам. Дар ин муддат бисьёр дидам, бисьёр фикр кардам. Чунон ки мегӯянд, ҷавонмарду ҷаҳонгард шудам. Чӣ будани қарзи инсонӣ, мавқеи инсон дар ҷамъиятро донистам. «Ба даст овардани дуньё ҳунар нест, якеро гар тавонӣ дил ба даст ор» гуфтаи Саъдии бузургро ба хотир овардам. Ҳар як одам ба ин дуньён равшан бо умед меояд, он бояд ба орзую ҳавасаш расад, хушбахт бошад.

Акнун ба матлаби асосӣ мегузарам, ба чӣ қарор омаданамро мегӯям. Ман ба худ аҳд кардам, ки агар замонаҳо тинҷ истаду саломат ба хона равам (зери ин ҷумла ду рах хат кашида шуда буд), аз фармони дилам сар намепечам, ҳарчӣ бодо бод амри диламро ба ҷо меоварам.

Гап ин, ки дӯстон, аз бахри Майсара гузаред. Ман ӯро дӯст дошта наметавонам. Ба умеди ман шуда нагардад. Бигузор, ба ягон тақдир кардагиаш ба шавҳар барояд кӯшапир шаванд. Охир, бе муҳаббати дутарафа оила бақодор намешавад. Аз аввал ба Майсара хостгор шуда рафтан лозим набуд. Хайрият, ман ба ас-

карй омадам, худро ба канора кашидам, барои дурусттар фикр кардан имконият ёфтам. Вале метарсам, ки онҳо ҳанӯз бо ҳамин умед бошанд, ба бахти ӯ зомин шавам. Бинобар он илтимос, роҳашро ёфта ба Майсара бо хубй фаҳмонед, ки худро озод ҳис кунад.

Илтимоси дуюми ман ин, ки илочаш бошад, ҳарчй зудтар Адолатро ба ман фотиҳа карда монед. Оре, ба ҳайрат намонед, ман ин суханҳоро чиддй ва қатъй мегӯям. Маро ба гапу калочаи мардум коре нест, дили ҳассоси худро фиреб дода наметавонам. Ман Адолатро дӯст медорам. Вай ҳам маро нағз мебинад. Пас, чаро мо худро ба нодонй занему аз чунин як саодат махрум бошем? Чеҳраи Адолат омаданам инчониб ягон лаҳза аз назарам дур намешавад. Чашмони маъсум, нигоҳҳои аз меҳр моломоли ӯро зуд-зуд ба хоб мебинам. Дар хоб мо бо Адолат сӯҳбат мекунем, ҳатто суруд мехонем. Вай дарди дилашро ба ман бо забони гӯё накл мекунад. Бале, дар оянда бе Адолат зиндагй кардани ман душвор. Ғайр аз ин илочи табобат кардани Адолат будааст. Хоҳари командири эскадрильяи мо дар Москва, дар мактаб — шифохонаи махсуси таҷрибавй сардухтур шуда кор мекардааст. Дар он шифохона ба беморон на танҳо усулҳои мубодилаи фикрро ёд медодаанд, балки хату савод ва касбу хунар меомӯзондаанд. Ман баъди адои хизмат Адолатро ҳатман ба ҳамон шифохона мебарам, умедворам, ки шифо меёбад. Охир вай гунги модарзод не-ку...

Модари меҳрубон! Муроду мақсади фарзанди дурафтодан худро ту бояд фаҳмй. Агар розй шавию илтимосамро ба ҷо оварй, Адолати дилбохтаро ба ман даҳонбаста карда монй, насиб бошад, ҳамин ки ба отпуска рафтам, тӯй мекунем».

Ана гапу мана кор! Ин мактуби Абдурашид гӯё гранатае буд, ки дар ҳавлии мо таркид. Модарам зуд барои маслиҳат пеши бибиям рафт. Ман аз гузари Тугбобохон аммаамро хабар карда омадам. «Офарин, Абдурашид!» мегуфтам ба худу аз камоли шодй дар кӯчаҳо ҷаҳида-ҷаҳида мегаштам.

Бибиам ин хабарро шунида, ба модарам гуфтаанд, ки ин пеш аз ҳама хости худост, илтимоси Абдурашидро ҳатман ба ҷо овардан лозим. Адолат арӯси арзанда мешавад ба вай, мақоли «ҳам хурмою ҳам савоб» дар ҳаққи ана ҳамин хел корҳо гуфта шудааст.

Аммаам аз шодй кафшро монда патакро пӯшида да-

виданд. «Асло рӯи камия набинад, Абдурашид ба акоякам рафтагӣ,— мегуфтанд.— Айнан диламангӣ барин рафтор кардааст». Баъд таъкид карданд, ки худи фардо ба ҳавлии Обидҷони сартарош хостгор шуда рафтан лозим. Аз Адолат дида зеботар духтаре дар ин вилоят нест. Аз рӯяш нур мебораду аз қошу чашмаш дуд мехезад. Кирои келини ман гуфта, ба дӯсту душман нишон додан».

Модарам бошад, аз ҳаяҷон чӣ кор карданашро намедонист. Чашмонаш гоҳ барқ мезаданду гоҳ маъюс мешуданд. «Ба гуфтан осон!» — ғур-ғур мекард ӯ зери лаб ва болиштеро бехуда ин сӯю он сӯ бардошта мегашт.

Ман ба велосипед савор шуда, роҳи дӯкони Обидҷон-амакро пеш гирифтам. Дар сартарошхона, рӯ ба рӯи оинаи сербар, ба гулӯяш лӯнгӣ бастагӣ марде менишаст, ки абрӯвони бароқи сиёҳ, чашмони хоболуди зерашон халта дошт.

«Ба шумо гапи муҳим дорам» гуфтам ба Обидҷон-амак. Вай покуро ба тасма зада фармуд, ки камтар сабр кунам. Ман болои хараки назди тиреза нишаста, ба кӯча чашм дӯхтам. Мошини бордонкалони сабз об гирифта мегузашт. Ду-се писарбачаи нимбараҳна аз паҳлуҳои он давида, тани худро ба чарахсаҳои об медоштанд. Чойхонаи даромадгоҳи омӯзишгоҳи мусиқӣ пури одам буд. Аз тӯркадуе, ки ба шохи бед овехта монда буданд, бедона ва-ваҳ, пит-пилиқ гӯён овоз мебароварда. Марди пойҳон лучи то зонуяш ҳоку лой хари шибоҳ боркардан худро ҳай карда мерафт. «Ноин ширмолро махсус бо алови шибоҳ мепазанд» — аз дил **гузарондам** ман.

— Як латифаи оҳараш нарехтагӣ,— овоз бароварда мичози Обидҷон-амак, пойҳояшро бахузур дароз карда.— Ба Афандӣ гуфтаанд, ки занатон бо бегонаҳо мегардад. Афандӣ чавоб додааст, ки ман ҳам тағобачаи вай не-ку,— инро гуфту худи ӯ чунон баланд хандид, ки тахтаи фарши дӯкон ба ларза даромад.

— Ором истед, муаллим, дами поку тез,— огоҳ кард ӯро Обидҷон-амак.

Ман аз латифагӯиҳояш дарҳол пай бурдам, ки ин мард ҳамон мизочи кӯхнаи боре Обидҷон-амак гуфтагӣ аст. Куртаи шоҳии сафед, шими почааш васеи коверкот, туфли лакдори яраққосӣ ва дандонҳои тиллояш тахмини маро тасдиқ мекарданд.

— Ба маслиҳатам чӣ гуфтед, уста? — ногаҳон савол дод вай.

— Ба худаш гӯям-чӣ,— ҷавоби норавшан дод Обидҷон-амак.

— Албатта, гуфтугӯ кунед. Ҳунар ёд мегирад, пул кор мекунад, одаму олам мебинад. Аз хонашиниҳ чӣ мурод ҳосил?

«Адолатро мегӯяд? — хавотир шудам ман.— Ӯро ба кучо ба кор гирифтанӣ ин мардак?»

— Дар артельҳои мо зану духтар бисьёр,— боз ба гап даромад ӯ.— Хусусан, моли ҳамон корхонаи гуфтагиам бозоргир. Дар Сталинобод ҳам дар выставка гузошта шудааст.

Вақте ки он мард аз сартарошхона баромада рафт, Обидҷон-амак лӯнгиро афшондаю тах карда ба ман фаҳмонд:

— Номи он кас Рауфзода. Сардори управлениян саноати маҳаллӣ. Вай Адолатро ба артели бахьядӯзӣ ба кор даровардa монданӣ.

— Адолат-апем чевари гулдаст,— гуфтам ман.— Артель албатта аз зиқ шуда шиштан дар хона беҳтар будагист.

— Сулфаю атса якҷоя омадагӣ барин боз имрӯз Мирсолеҳ омада, маро гаранг карда рафт.

— Ба ин ҷо омада буд?

— Ҳа, раҳгузар шуда омадам гуфту медонам, ки махсус омадагӣ вай.

— Чӣ мегӯяд? — донистан хостам ман.

— Боз ҳамон байту ғазали кӯҳна. Мегӯяд, ки тақдир ҳасту тақдирчунбон ҳаст. Гул барин духтари ӯ, масалан, ба марди калонсол расид. Воҳидбой дар назди домоди вай тамоман ҷавон. Фикру хаёл чӣ ҳоҷат? Тӯйро монугир кардан даркор будааст.

— Шумо чӣ ҷавоб додед, амак?

— То фардо мӯҳлат пурсидам. Якбора розӣ ҳам мешудаму тармарги Адолат гарданшахӣ карда истодааст. Юҳ не мегӯяд. Умуман шавҳар намекунам мегӯяд. Ман ба шумо чӣ вазниниҳ овардам, ки аз хона пеш мекунед мегӯяд. Модарам нест, мегӯяд, либосҳои шуморо кӣ мешӯяд, ба шумо кӣ хӯрок пухта медиҳад. Хуллас, ки радду тақали бисьёр-дня. Оби дидааш рӯяшро мешӯяд.

Ман конверти Абдурашидро аз бағалам бароварда хитоб кардам: — Адолат-апем хушбахт мешавад,

амак! Вай набояд оби дида резад. Бояд гул барин хандону шукуфон бошад. Ана, ҳозир ман ба шумо ин хатро хонда медиҳам.

— Ин чӣ хел хат? Аз кӣ?

— Аз акоям Абдурашид, ҳамин пагоҳ гирифтем. Мехонам, шунаведу масза кунед,— ва ман қисми ба духтари он кас дахлдори мактубро хонда додам.

— Э, ман яке ба ҳазор розӣ! Омин! — гуфт Обидҷон-амак аз шодӣ даст ба рӯ кашида.— Ана инро шерамардӣ мегӯянд! Ана инро олиҳиммат мегӯянд! Зинда бошад Абдурашид! Эй худои мехрубон! Ман хобам ё бедор? Боз як бор хон, дагари амак.

Ман мактубро бори дигар хондам. Обидҷон-амак саросема аз паи бастани дӯкон шуд. Баъд якбора таққи истоду чашмонашро калон-калон кушода, ба ман рӯ оварда:

— Ҳой, исто! Модарат чӣ мегӯянд? Он кас зид не? Адолатро келин кардан мехоҳанд?

— Албатта, розӣ мешавад-дия,— гуфтам ман.— Магар вай мукобили хохиши Абдурашид мебарояд? Рафтем, амак. Ин хушхабарро ба Адолат-апем расонем.

— Ҳа, ҳа, рост! — дари дӯконро қулф кард Обидҷон-амак.— Медонӣ, чӣ? Акнун гӯям, айбаш набудагист. Адолат ба ман дина фаҳмонд, ки фақат ба Абдурашид расидан мехоҳад. Дар акси ҳол мемураду шавҳар намекунад. Дидӣ, шартҳои мондагии вай чӣ хел? Ҳамон вақт фариштаҳои раҳгузар омин карда будаанд-дия. Э, боракалло, дагари амак! Қандата зан, Алиҷон! Гӯё ки аз китфам кӯҳа бардоштӣ, сарам ба осмон расид.

10

Мо кариб ки давида ба ҳавлии Обидҷон-амак омадем.

Адолат ҷомашӯиҳон хушкшударо аз тор меғундошт. Вай чашмони аз гирья сурхшудаи худро ба мо дӯхт. Аз ваҷоҳатамон авзоамонро фаҳмид магар, ки ба лаби суфаи шипанг нишаста монд.

— Духтарам,— гуфт Обидҷон-амак сари ӯро сила карда ва ишорат аралаш суханашро давом дод: — Ман туро ба Вохидҷӯлоқ намедиҳам. Не! Туро акои мана ин Алиҷон нағз медидааст. Хат навишта фиристодааст. Мехостаст, ки ту ба ӯ расӣ, зани ӯ шавӣ. Баъди чанд

вақт ба отпуска меомадааст вай. Мо розӣ бошем, тӯй карданӣ будааст.

Адолат ҳамели ҷомашӯни дар дасташ бударо рӯи шолчан шипанг ҳаво доду ба падараш дудаста часпида гирья кард. Ин ашки шодӣ буд, албатта. Баъд омада маро ба оғӯш кашиду аз ду рӯям сахт-сахт бӯсид.

Ҳаракатҳои ӯро Обидҷон-амак «тарҷума» кард:

— Дидӣ, Алиҷон? Барои хушхабари овардаамон ташаккур мегӯяд. Ҳамин шаб Абдурашидро хоб дида будааст вай. Ҳозир ба ту муждагонӣ доданист.

Дар ҳақиқат, Адолат ба хона даромада, тӯппии навии ироқие дар даст берун омад. Онро ба сари ман пӯшонда, бори дигар аз пешонам бӯсид.

Рӯзи дигар модараму аммем ба лаълии калони мис нону қанд андохта, ба ҳавлии Обидҷон-амак рафтанд. Адолат ва холаи аз сахро омадан ӯ хостгоронро гарму ҷӯшон, оғӯш кушода пешвоз гирифтаанд. Обидҷон-амак ҳам ба кор парафта, дар рӯи ҳавлӣ хизмат карда гаштааст. Ба меҳмонҳо палави сурхи қазидор пухта баромадаанд, панҷметрӣ шоҳии сафед тӯҳфа кардаанд.

Адолат дар пеши ҳама ошкоро эълон кардааст, ки «ба мани бемодар халлоқи ҷаҳон модар ато кард». Вай сарашро ба сандуқи дили модарам монда, «ман акнун духтари шумо, ҳарчӣ фармоед, иҷро мекунам», гуфтааст. Баъд ба меҳмонҳо аз полизашон якқабзагӣ ҳиною садарайҳон канда омадааст.

Модарам аз ҳавлии Обидҷон-амак хурсанд баргашт. Хабари ба Адолат хостгор шудани мо зуд дар маҳалла паҳн шуд. Аз ин ҳар кас ҳар хел хулоса мебаровард. Масалан, Воҳид-амак дар чойхона ба ҳама гуфтааст, ки Абдурашид магар кӯр шуд, ки гунгро мегирад? Як мардаки дигар ба гап қатӣ шудааст, ки «ман аз ҷоғи занам қимоб. Овозашро шунавам, баданам мурғак медамонад. Абдурашид кори оқилона кардааст, ки умуман гап намезадагиашро мегирифтааст».

— Циолковский барин будааст-дия,— луқма партофтааст дигаре.

— Циолковскияш кӣ? — пурсидаанд аз ӯ.

— Як олими бузурги рус. Вай ҳам як духтари гунгро ба занӣ гирифтааст.

Дар ин вақт як марди солхӯрдае, ки риши сафедаш то миёнбандаш мерасидааст, пиёлаи чойро ҷунбонда-ҷунбонда, файласуфона хулоса баровардааст:

— Аслашро пурсӣ, ҳаман мо кару гунгем. Бисьёр

ғапҳоро мешунавему худро ба нодонӣ мезанем, бисьёр воқеаҳоро медонему ба касе ҷуръат карда даҳон намекушоем. Қори дуньё аз азал ҳамин тавр чигил сохта шудааст.

Ҳатто ҳангоми бозӣ дар кӯча байни бачаҳо аз янгашавандаи ман гап кушода шуд. Қодири каттачан айбҷӯй гуфт:

— Адолатро ба ҳиҷоҳо тақсим кунӣ, «адо» ва «лат» мешавад, ки ҳар ду ҳам маъноӣ манфӣ дорад.

Аз ин маҳмадонаи бемавриди ӯ хеле ҷаҳлам омад.

— Ин хел забоншинос ки бошӣ, аввал номи худатро чаппа хон, шармандa! — дӯғ кардам ба Қодир.

Бо далолати аммему исрори бибиам, баъди як ҳафта рӯзи ҷумъа тӯи фотиҳаро ҳам гузарондем. Ба хонаи Обидҷон-амак зану мард — одами бисьёре ҷамъ омад. Гӯсфанд куштанд, дар дегҳои миёна кабобу ош пухтанд. Қудошавандаҳо тараф ба тараф ҷомаву рӯймол, либосвориҳои қиматбаҳо тӯҳфа карданд.

Адолат хурсандиашро пинҳон дошта натавониста, рӯ-рӯи ҳавлӣ худаш хизмат карда мегашт. Лаълии боркаши ҳар меҳмонро ғалат накарда ба пешашон мемонд. Пиру ҷавон аз ӯ чашм наканда, ба бахту тахташ барака металабиданд, ба хусну ҷамолаш чашм нарасад гуфта, испанд дуд мекарданд.

Дар тӯи Майсара ба ҳунари дойрадастон қоил шуда, ман ҳам дойразаниро машқ карда мегаштам. Ҳамон рӯз аммем нишонаи тӯй гуфта, аз ман хоҳиш карданд, ки дойраро тафсонда биёрам.

Ман дойраро овардам, румқанг кунонда задам. Занҳо давра гирифта, бо навбат ракснданд. Дар охир ба миёна Адолатро кашола карданд. Ракси Адолат ботамкин, часпон ва базеб буд. Аз лабу рӯи ӯ ҳамон рӯз ҳам осори шарм падид меомаду ҳам осори ифтихор.

Баъди гузаронданӣ фотиҳаи нонширканон модарам ба ман гуфт:

— Ана акнун ба акоят ҳамаашро хабар диҳӣ мешавад.

Ман гӯё маҳталӣ ҳамин рухсат бошам, зуд ба даст коғазу қалам гирифтаму ба Абдурашид аз се варақ иборат мактуби муфассал навиштам. Гуфтам, ки илтимоси шумо, бародари азиз, сад фоиз ичро карда шуд. Арӯси нозанину вафодоратон Адолат ба шумо сари таъзим фуруд меовард ва чашм ба роҳатон медӯзад. Дар охир онро ҳам хабар додам, ки Майсара кайҳо шавҳар карда

рафтааст, ба амаки Мирсолеҳ худи директори завод домод шудагӣ.

Дар мактуби ҷавобии пур аз миннатдории худ Абдурашид яке ба мою дигаре ба Адолат ду расми тоза фиристод. Хоҳиш кард, ки мо ҳам ба вай суратҳои худро фиристонем. Модарам, янгаам (акнун Адолатро чунин мегуфтам) ва ман ба фойтун савор шуда ба Панҷшанбе рафтем. Ҳарсеямон якҷоя, баъд худи янгаам алоҳида ду-се хел сурат гирондем.

Абдурашид суратҳои моро дида бағоят хурсанд шудааст. Навиштааст, ки мӯлаш рафту камаш монд, умед аст ба Карибӣ ба отпуск меояду ҳама боз сари як дастархон мешинем.

Акнун Адолат аксар шабҳо ба пеши модарам омада мехобиду ман ба пеши Обидҷон-амак мерафтам. Обидҷон-амак аз модарам рухсат гирифта духтарашро ба кор даровард. Рауфзода ба ваъда вафо карда, янгаамро ба артели бахьядӯзӣ фиристодааст. Дар он артель аз кӯчаамон як занаки дигар ҳам кор мекард. Адолат то одат кардан ба кор ҳамроҳи ҳамон зан рафта меомад. Аз рӯи гуфти ӯ, янгаи ман ба кор хеле чобук будаасту аллакай «стахановчӣ» ном гирифтааст. Адолат моҳонаашро ба дасти модарам оварда медод.

Муносибату муомилаи хуши Адолату модарамро дида ҳаққу ҳамсояҳо мегуфтанд: «Ана инро ҳурмати модаршӯ мегӯянду ана инро иззати келин!».

11

Модару янгаам ки ба кор мерафтанд, ман пойгаҳро хилват ёфта, рӯзи дароз бозӣ карда мегаштам. Модарам ба нияти тӯй аввали баҳор ду баррача харида буд. Қори асосии ман — ба ҳамон барраҳо нигоҳубин мекардам. Онҳо ба ман чунон одат карданд, ки бе ресмон аз қафоям давида мегаштанд. Ман баррахоро ба дарьёча бурда оббозӣ медоштам, аз ҷӯякҳои пахтазор алафи печаку семизет канда медодам. Ба хона баргашта, аз ҳавз ду-се обкаш об меовардам, оғили гӯсфандро тоза мекардам ва боз сар мешуд бозӣ.

Як рӯз бо Қодир ба боғи шаҳрӣ рафтем. Даставвал мо дутақсимчагӣ роҳатичон ва якистаконӣ квас харида хӯрдем. Баъд, ишкам пур шуду ғамҳо дур гӯён, ба пояи манораи парашют омадем. Физкультурачиён аз боло бо

парашют ба замин меҷаҳиданд. Мо даҳонамонро аз ҳайрат кушода монда дидем, ки аз он баландии сар чархзананда як духтар ҳам худро ба тасма баста поён ҳаво дод. Вай ба замин беозор фуруд омад, дигарон ба-**рин ғелида нарафт, ҳатто накалавида тахт истод.** Қоил шудем мо ба ҷасорату чаққонии ӯ. Тамошобинон баробар қарсакзанӣ карданд.

— Биё, акнун чархифалакро мебинем,— таклиф **кард** Қодир.

Ба назди чархифалаки нави бо мотори электр даврзананда омадем. Азбаски пулро ба рохатиҷону квас пурра сарф карда будем, ду кас ба дигарон ҳасад бурдаю бинӣ кашида, дар қафои панҷара рост меистодем. Дар ҳамин вакт қаравули боғ, ки марди кӯкнории гарангнамо буд, ба назди мо омада, ба зери забонаш як **каф нос партофту гуфт:**

— Падайлаънати душман ҳамин шаб сахт ҳуҷум кайда омадаш.

— Ба куҷо? — ҳайрон шуда пурсидам ман.

Қаравул носро туф карда, ҷавоб дод:

— Ба мамлакати мо-дия. Ба куҷо мешуд? Ҷанги калон сар шудагӣ.

— Ҳой амак,— гуфт ба ӯ як ҷавони муаллимнамо.— Ин гапро ба мо гуфтед, дар дигар ҷо такрор накунед, ки сахт ҷавобгар мешавед. Чӣ лозим овозаҳои бардурӯғ?

— Овоза не, радио эълон кардааст,— фаҳмонд қаравул.— Фашистҳо ҳамин шаб ба СССР зада даромадагӣ.

— Рост? — гашта пурсид ҷавон.

— Наход бо ҳамин риши сафед дурӯғ гӯям, муаллим?— ранҷид қаровул.— Ана, ба чойхонаи лаби дарьё равед, мешунавед.

Дар ин вакт якбора ба гап Қодир қатӣ шуда гуфт:

— Немисҳо акнун онаашонро мебинанд. Ворошилову Будённый онҳоро дар як шаб кушта мепартоянд.

— Ғидӣ-ғидӣ накун, кӯдак! — дӯғ зад ба Қодир мардаки дигари дар паҳлуямон истодагӣ.— «Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон» гуфтаанд.

— Масъала ҷиддӣ барин,— ба паҳлуи Қодир нихта кардам.— Рафта радиоро гӯш кардан даркор.

Дар як нафас ҳама пароканда шуданду ману Қодир ҳам рохи ҳавлиамонро пеш гирифтем.

Аз дари кӯчаамон даромада бинам, модарам аллакай ба рӯи суфа шолу кӯрпача партофта нишастааст

чашмонаш гирьяолуд. Ман худро ба нодонӣ зада, пурсидам:

— Ҳа, модарчон, чӣ гап шуд?

— Ҷанг сар шудааст. Дар тамоми маҳалла гап-гапи ҷанг,— хабар дод ӯ ва бо рӯймолча чашмонашро пок карда илова намуд: — Ин чӣ рӯзи сиёҳе буд, ки ба сари мо омад? Акоят охир дар ҳамон тарафҳо. Акнун чӣ кор мекунем?

Бале, акнун чӣ кор мекунем? Чунин буд саволе, ки дафъатан ба сари ҳар як кас меомад. Вале як мох хам нагузашта худи шароити ҷанг, ҳисси мудофиаи Ватан, ҳисси нафрат ба душмани истилогар ба одамон фаҳмонд, ки чӣ кор кунанд. Ҷавонон аксар ба сӯи комиссариати ҳарбӣ давиданд, бисьёр корхонаҳо истеҳсолоти худро ба эҳтиёҷоти ҷанг мувофиқ кунонданд, онхое, ки дар сафи армия буданд, роҳи фронтро пеш гирифтанд. Аз ҷумла Абдурашид ҳам дере нагузашта бо қисми худ ба майдони ҳарбу зарб рафтааст. Мактуби аз Харьков фиристодаи ӯ хеле мухтасар буд. «Вазъият ба шумо маълум,— навишта буд ӯ.— Мо ба самти Қиев равонем. То мактуби оянда, хайр!»

Немисҳо мӯру малах барин зер карда меомаданд, аскарони мо бо зиддиятҳои сахт акиб менишастанд. Чашми ҳама ба газетаю гӯш ба радио буд. Аз махаллаи мо қариб ҳаман ҷавонон ва мардони синнашон ба хизмати ҳарбӣ мувофиқ ҷомадону борхалтаи худро бардошта, аллакай ба сафҳои армия рафта буданд. Шиори «Ҳама чиз барои фронт! Ҳама чиз барои ғалаба!» дар ҳар қадам ба назар мерасид.

Модарам дар комбинат акнун баъзан ду смена кор мекард. Артели Адолатиро ҳам ба фуфайкаю телпакдӯзӣ даромад. Ман бо бачаҳои маҳалла аз нисфишабӣ барои нон ба магазин рафта, навбат мегирифтам...

Дар ин миён соли нави таҳсил оғоз ёфт. Бачаҳо нимбараҳнаю нимгурусна ба мактаб омаданд. Ягон мох хонда будем, ки бинои мактаби моро госпитали ҳарбӣ гирифт. Хонандагони синфҳои болоро ба ҳар гӯшаи шаҳр тақсим карданд. Ман акнун таҳсилро худро бояд дар синфи ҳаштуми мактаби ба номи Горький давом медодам. Он мактаб аз маҳаллаи мо хеле дур буд. Хаво торафт сард мешуду пойафзол надоштам. Рафтуомад ба дарсҳо мушкил шуд. Ман маҷбур шуда хонданро тарк кардам. Дар дил мегуфтам, ки ҷанг аздусар то зи-

мистон ба охир мерасад, мактаби худамон аз нав кушода мешавад, таҳсилро сонӣ давом медиҳам-дия.

Ҳама бачаҳо аз пан кор шуданд. Нӯъмон тӯппӣ дӯхта ба бозор мефурӯхт. Қодир дар комбинати нон боркашон шуд. Қисме аз онлаҳо дӯкони дастӣ сохта, ба карбосу алочабофӣ сар карданд.

Ман бо як-ду чӯраам корду халта бардошта, ба заминҳои сабзаваташон ғундоштан колхоз мерафтем. Як-ним-та сабзи, турб, сарпиёз ё шалғами зери хок мондаро бо корд кофта мегирифтем. Баъзан ба кӯхи Мугул рафта, як банд-ду банд хору шибоғ зада меомадем. «Гушна ба шер мезанад» мегуфтанд, рост будааст. Одамон ҷони худро ба теғу табар зада ризку рӯзӣ меҷустанд.

Душман Украинаро ишғол карда, сӯи Москва меомад. Задухӯрдҳо шадид ва талафот калонтар мешуд. Як рӯз бо радио худи Сталин гап зад. Вай сабабҳои ақибнишинии муваққатии армияи моро фаҳмонд, аҳамияти амалиёти партизаниро гуфт, халқро ба бурдборӣ ва эътиқод даъват намуд. «Қори мо ҳақ аст, мо ғалаба мекунем!» эълон кард ӯ.

Аз Абдурашид баъди чанд моҳ аз кадом як почтаи сахроии назди Тула мактуби секунҷа гирифтем. Навишта буд, ки саломат асту синасипаркунон меҷанганд. Хати мо дер бошад ҳам, расидааст. «Дуньё ба умед аст» таъкид мекард ӯ ва модарамро тасалло медод. Он мактуб бо ҷумлаи зерин хотима меёфт: «Дар дуньё хайрият Адолат ҳаст, ки ба ман қувваю ҷасорат мебахшад. Арӯсамро аз номи ман бӯса карда мон, модарҷон!»

Адолат он мактубро тӯмор карда, ба сари синааш овехта гирифт. Соатҳо чашм наканда, ба расми Абдурашид назар медӯхт. Баъзан ба таври худ пичиррос задаю ба осмон рӯ оварда зорию илтиҷо мекард, ки дар қатори кӯп худо Абдурашиди ӯро ҳам дар паноҳаш нигаҳ дорад. Саҳари барвақт аз хоб хеста, дар лаби суфа ба мусичаҳо дон мепошид. Абдурашид барои мо набошад ҳам, барои Адолат як бор меомад, аз дил мегузарондам ман.

12

Зимистон касалии бибиам авҷ гирифт. Акнун ману модарам шабҳо ба наздашон рафта бо навбат мехобидем. «Ҷони мани пирро беозор гиру ҷавонҳо рӯз

бинанд, парвардигор!» мегуфтанд бибиам нафасгир шуда. Аз гулӯяшон атола базӯр мегузашт. Дар пеши назарамон шамъ барин обуадо мешуданд.

Як саҳар модарам давида омада, хабар дод, ки бибиам аз дуньё гузаштанд. Ҳама хешу табор ба ҳавлияшон ҷамъ омад. Рафта бинам, манаҳашон бастагию чашмонашон пӯшида дар ҷогаҳ рӯ ба боло хоб кардаанд. Бале, мурда нею гӯё хоб рафта буданд: лабонашон андак ба табассум моил, ду рӯяшон сурхчатоб. Худро дошта натавонистаму дод гуфта, ҳам шудам ва ҳасади беҳаракати бибиҷонамро ба оғӯш гирифтам.

Воҳид-амак ҳамон рӯз ҳақиқатан ҳам ба бибем писархонд будани худро исбот кард. Вай аз хонаашон зуд ҷоман зирагӣ пӯшидаю аз болояш миёнро бо рӯймоли сандуфи сиёҳ баста омад. Баъд асочаашро ба пои маслукаш такья кунонда, дар сари тобути рӯи ҳавлӣ истоду ҳаму рост шуда фиғон бардошт:

— Хуморатон гирифта омадам, модарҷон! Ҷаро чашматонро намекушоед, модарҷон? Ба мани танҳову ранҷур такьягоҳ будед, модарҷон! Акнун дарду аламамро ба кӣ мегӯям, модарҷон? Дуогӯи бемалолам, модарам! Мана ғариб карда рафтагӣ, модарам!

Доду фарьёди ман, модарам, аммем, холаву холабачаҳоям низ ба фалак дакка мезад. Маҳз дар ҳамон лаҳза мо гӯё ки тамоми азобу азият, фироқи дурӣ, махрумиятҳо ва ҳасрати дили озурдаи худро баён мекардем.

Мо даҳ-понздаҳ нафар мӯйсафедону бачаҳо, бибиҷони ҷафокашамро ба қабристони Боғи Охун бурда дафн кардем.

Адолат аз корхонааш ним линга шолӣ, ду-се кило тухми хушки ордак ва як банка повидло овард. Рауфзода «ту оилаи ҷанговари фронтчӣ, ғайр аз ин азо доретон» гуфта, илтифоту мехрубонӣ кардааст. Бо ҳамин масолеҳ маросими шабисиёҳу шаби охири бибиамро як навъ гузарондем. Баъди як ҳафта ҳавлии бибем сел рӯфтагӣ барин холӣ шуду ҳама аз пан бечорагии худ рафт. Ба дари кӯчаашон як қулфи калон овезон менстод.

Ман дар сандалии айвониравонамон нишаста, рӯзи дароз китоб мехондам. Модарам мегуфт, ки ба Обидҷон-амак шогирд шаваму сартароширо омӯзам. Аммо ман доим «хуб» мегуфтаму ин корро ба ақиб мепартофтам.

Воҳид-амак акнун дар кинотеатри шаҳр қаравулӣ

мекард. Вай маро хешамон гуфта, ба сеансҳои шабона бебилет дароварда мемонд. Аксари фильмҳо дар бораи ҷанг буд. Аз силсилаи фильмҳои «Мо зафар хоҳем кард» ман он ҷо қариб даҳ-понздаҳтояшро тамошо кардам. Дар онҳо душманро нфлос, баднафс ва хунукбашара тасвир мекарданд. Нафрати ман ба душман зиёд мешуд.

— Янгаат дуруст-мй, охир? — мепурсид Воҳид-амак, ки ин вақтҳо арақ намехўрду дилшикаста менамуд.

— Ҳа, кор карда гаштаанд,— ҷавоб медодам ман.

— Илоҳо, хонаю дараш насиб кунад, — мегуфт ў боз.— Ман, уко, раҳмам омада, ба Адолат хостгор монда будам. Дигар хел гумон накунетон. Худам ки маслук, вазъияти ин хелиҳоро медонам. Вай ҳам фарзанди одам, аз дуньё умедҳо дорад. Не, ҷудо нағз шуд, кори савоб кардетон. Абдурашид саломат баргардаду ба муроду мақсадаш расад.

— Шумо дигар зан намегиред, амак? — пурсидам ман, нақшаҳои ўро донистанй шуда.

— Гирам ҳам мешавад, албатта,— гуфт Воҳид-амак, аз кисаи фуфайкааш махорка бароварда.— Ҳозир ман ба ту гўям, аз духтар бисьёр чиз нест. Бисьёр ҷавонзанхо ҳам ба касофати ҷанг бева шуда монданд. Ҳаман йигитҳо дар фронт. Эҳ, баъзан, уко, фикру хаёл мекунаму аз дуньё дилам хунук мешавад. Қаний он мардони бутун, кўҳ барин ҷавонҳо? Барои Ватан хун мерезанду ҷон мекананд. Мани маслуки нотавон ин ҷо қаравул. Аслаш ман ба ту гўям, ҳамон Марусяро бехуда ранҷондам. Мўниси ҷон буд вай. Гўр арақ шавад! Акнун чй илоҷ? Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонй.

— Бо Маруся-хола оштй шаветон чй, амак?

— Қошки. Дирўз адресашро базўр ёфта хат навиштам. Дорогая моя, гуфтам, бозгашт биё. Ман акнун одам шудагй, ба қадрат мерасам. Не, ҳоло ҷим. Аз афташ серкор, ба ҷавобнависй фурсаташ намерасад.

— Мумкин, якбора худашон даромада оянд.

— Нуран ало нур мешуд-ку гўя! Ба таги пояш сар монда, узр мехостам. Эҳ, танҳой рўзи сахт, Алиҷон ҷиянам. Раҳматй бибиат ҳар боре наздашон равам, хушҳол шуда мегуфтанд, ки биё, биё, Воҳидҷони оча, бо мани танҳо андак чақ-чақ карда шин. Ачаб кампири мушфики ҷаннатй буданд он кас..— Воҳид-амак бо мушт чашмонашро молиду баъд якбора сар бардошта пурсид:— Духтари эшон гашта омадаст мегўянд, ту дидй?

мефаҳмонем? Оё вай ба ин зарбаи беамони тақдир тоб оварда метавонад? Янгаи ба шавҳарнарасида аз шӯ маҳрумшудаи ман ба чӣ ҳол меафтода бошад?

Бо ҳамин хаёлот ман саросема ҷоман фасурдаи худро пӯшида ба кӯча баромадам. Кӯчаҳо гӯр барин торик буданд, ҷонзоде ба назар намерасид, шибир-шибир борони хунук меборид. Ман лағжидаю ғалтида, аз ғаму ваҳму сармо дарақ-дарақ ларзида, ба ҷои кори янгем чӣ хел омаданамро нафаҳмида мондам.

Аз остона гузарам, дар роҳрави идора чароғи хирае месӯхту аз кабинети дараш кушодаи сардор садои ҳунгҳунги гирья ба гӯш мерасид. Давида рафта, ба кабинет даромадам. Бинам, Адолат бо дастонаш рӯяшро пӯшида, дар болои диван танҳо менишасту гиребони пироҳанаш дарида ва мӯйҳояш парешон буданд. Зуд аз дилам гузашт, ки кадом як шумшуки айёш аллакай ҳалокати Абдурашидро ба ӯ хабар додааст.

Ман наздик омада, ӯро аз китфаш бардоштам, мӯйҳои ҷингилаи аз арақ таршудаашро ба тартиб овардам, дастони ларзону бемадори ӯро ба каф гирифта фишурдам.

Адолат гирьяро бас карда, бо ҳарос ба ман нигарист. Ба ӯ бо имову ишорат фаҳмондам, ки зуд рафтанамон лозим, ҳавлӣ пури одам, Абдурашид дар ҷанг ҳалок шудааст...

Адолат ногаҳон канда-канда, вале баръало «Эй дод аз дасти қисмат!» гуфта, овози ҷонкоҳ бароварду ду даст ба сар зада, аз нав ба диван афтод. Ман бо вуҷуди ин қадар мусибат аз овоз баровардани янгаам шод шуда ӯро базӯр аз ҷояш бархезондам. Вай ҳиққосанон ҳам шуда ҷоман ғиҷимаи аз чӣ бошад ба пол афтодаи худро гирифта пӯшид. Вале баъд ҳарчанд савол диҳам, ҷавобе надод, забонаш боз кулф зад.

Ману янгаам дасти якдигарро доштаю кашола карда, тар шудаю азоб кашида ба хона омадем. То саҳарӣ аз ҳавлии мо доду фиғони ҷонсӯз ба гӯши маҳаллагиҳо мерасид.

Баъди ҳамон рӯзи аросат Адолат нотоб шуда, ду рӯз дар хонаи худашон хобид. Рӯзи сеюм баъди ношито буд, ки Обидҷон-амак омада аз мо духтарашро пурсид.

— Ба ин ҷо наомадааст,— гуфт модарам.

— Наомадааст? — ҳаросон шуд Обидҷон-амак.— Пагоҳӣ фаронҷиро ба сар гирифта баромада буд. Наход бо ҳамон аҳвол ба кор рафта бошад?

Аз ин хабар ҳамаамон безобита шудему ману Обидҷон-амак ба артель шитобидем. Дар он ҷо ба мо гуфтанд, ки Адолатро касе надидааст. Сарамон сахт, чӣ кор карданамонро надониста, мо дар пеши чойхонаи Лаби Ӯрда истодем. Ҳамин вақт як марди раҳгузар ба мо гуфт:

— Духтаре худро ба дарьё партофтааст! Ҳозир аз қаравули кӯпрук шунидам. Қурбониҳои ҷанг бас набуд, ки боз ин ҷо худкушӣ мекунанд.

Ману Обидҷон-амак зери пои худро ҳис накарда сӯи дарьё давидем.

— Не, не! — мегуфт Обидҷон-амак дар роҳ худ ба худ.— Фақат барои хати снёҳ? Барои марги номзадаш? Ҳеҷ мумкин нест... Ду рӯз ин тараф ба рӯям нигоҳ накарда мегирист, аз газидан лабони худро хуншор мекард... Худоё! Балки вай дигар кас будагист, а?!

Мо гӯё парида ба қаравулхонаи дамгаҳи кӯпрук омадем. Обидҷон-амак аз қаравул, ки акнун дарашро баста рафтанӣ будааст, ҳарсасзанон пурсид:

— Қай шуд ин воқеа? Чӣ хел буд вай духтар?

— Духтар ё ҷавонзан намедонам,— гуфт қаравул.— Аз пеши худам гузашта рафт. Ман гумон кардам, ки ягон касаш маҳбус будаасту бечора ба ҳабсхона диданӣ меравад. Бинам, ногоҳ дар миёнаи кӯпрук аз роҳ истод, фаранҷиашро аз сар партофт ва худро ба дарьё ҳавола дод.

— Фаранҷӣ дошт? — девонавор бонг зад Обидҷон-амак.

— Ҳа. То фарьёд кардаму одам ғун шуд, ки на пайи монду на ҳайдар. Мавҷ гирифта рафт, ба гирдоб ғӯтид.

Обидҷон-амак аз гиребони қаравул доштаю силтавдода пурсид:

— Канӣ он фаранҷӣ?

— Ҳамин ҷо, ҳозир,— қаравул тарсида аз будкааш фаранҷиро бароварда.

Обидҷон-амак онро саросема кушода диду:

— Ин фаранҷии вай! — гуфт ва ду дасташро боло бардошта рӯ ба дарьё давид.— Духтарам! Адолат!

Ману қаравул ӯро базӯр нигоҳ доштем. Гӯё хобу ҳаёл бошад, ман ҷон доштани дасту поямро ҳис намекардам. Ба издиҳоми дар як нафас ғуншуда ҳайрон-ҳайрон нигоҳ мекардаму намедонистам, ки онҳо ин кадар дастони худро чунбонда чиҳо мегӯянд...

Мо қад-қади соҳил то худи Дехмою Қамартӯқай

одам мондем. Вале дарьё Адолатро ба мо баргардондан нахост, ҷасади ӯ аз ягон обпарто набаромад.

Дар ҳавлии мо якбора ду азои калон шуд. Мо ҳам аз бародарам маҳрум шудему ҳам аз арӯси нокоми вай, Ҳайратангезаш боз ин буд, ки ҳар ду ҳам ин ҷо лоақал ҷасад надоштанд. Ба ин шаҳидон на кафану тобут лозим шуд ва на покшӯву гӯрков. Онҳо ду навиҳоли боғи ҳаёт, ду ҷавони аз сад гулашон ҳанӯз як гулашон ношукуфтае буданд, ки аз дунё номурод рафтанд.

Оҳ, мегуфтам ман худ ба худ, канӣ бибии насиҳатгарам, бародари паҳлавонам, янгаи беозорам? Кучо шуданд он рӯзҳои саид, ки аз тӯю сурур башорат медоданд? Барои чӣ овози тароиаи духтарон ба гӯш намерасад? Чаро садои хандаи кӯдакон хомӯш гардидааст?

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

Аз комбинати абрешим ва артели бахьядӯзӣ одами бисьёре омад. Онҳо ҳар як чизе мекашонданд, ба коре мечаспиданд, бо ҳар восита ғамамонро сабук карданӣ мешуданд. Ман дар байни издиҳом Рауфзодаро ҳам дида мондам, ки рангаш пахта барин кандагӣ буду ба атрофиёнаш даст ба зону зада мегуфт:

— Ҳай дареғ! Аз беҳтарин чеварамон ҷудо шудем. Даҳ панҷааш ҳунар буд. Садоқати занро бинед, ки баъди ҳалокати ёраш зиндагиро ба худ ҳаром донист.

Аз ғусса ақли Обидҷон-амак тира шуд. Вай як пагоҳ фаранҷиро бароварда ба мехи чойхона овехтаасту бо он чун бо духтараш ҳамсӯҳбат шудааст. Рӯзи дигар эълон кардаст, ки Адолат ба кабӯтар табдил ёфтагӣ, вале онро гурбаи сиёҳе таъқиб мекунад. Бо давуғеҷи Рауфзода, духтур омада Обидҷон-амакро ба бемористони берунии шаҳр гирифта рафт. Чароғи боз як ҳавлӣ хомӯш ва дарвозааш баста шуд.

Модари ман сар заданӣ ҷо намеёфт.

Ҷонат аз пӯлод не охир, модарҷон, ҳудро ба даст гир. Ҳазор рӯю мӯй канӣ, ки бефоида! Мурдаҳо зинда намешаванд. Мо дигар Абдурашиду Адолатамонро намебинем. Ин ду гули навшукуфтро оташи ҷанг сӯхт ва хокистарашонро ба бод дод. Ма, ин пиёларо бигир, модарҷон, як қулт об нӯш, ҳалқатро тар кун, нафасатро рост гир, саратро ба китфам гузор. Ба тақдир тан дода намон лозим, модар! Замин сахту осмон баланд!

Адолат қабр надошт. Қабри Абдурашид ҳам ба мо номаълум буд.

Пас аз чанд вақт ман қабзае аз шохаҳои сабзи арча гирифта, ба соҳили дарьё омадам. Оби калони тира дамидаю печутоб хўрда ғорҳ мешуд. Ман шохаҳои сабзро ба он ҳаво додам. Шохаҳо рў-рўи мавҷ хеле шино карда рафтанд. Як вақт гирдобе онҳоро печонда гирифту ба комаш фурў бурд.

— Эҳ, Сири пурасрор!—хитоб кардам ман ба дарьё.— Чӣ қадар гавҳари ноёб дар қаъри ту пинҳон аст? Наход Абдурашид аз ҷаҳон беному нишон рафта бошад? Наход ман рўи Адолатро дигар ҳаргиз набинам?

Бале, воқеаҳои мудҳиши замони ҷанг дили кўчаки маро доғдор карда бошанд ҳам, чашмонамро ба ҳақиқат кушоданд, чӣ будани талхиву ширинӣ ва гармову сарморо пеш аз вақт фаҳмидам.

Барои киҳо ҷон додӣ, Абдурашид? Адолат, канӣ ту? Тавқи лаънат ба гардани ҷангчў! Ҳамду сано ба рўҳи поки шаҳидон!

Соли 1976

МОДАРХОНД

1

Зиндагӣ пур аз муаммост. Одам қариб ҳар рӯз кашфиёти тоза мекунад. Воқеаҳо, муносибатҳо, хулқу атвори атрофиён ва анҷоми корҳоро дида, дарси ибрат мегирад, таҷриба меомӯзад. Баъзан ба ваҷд меояду баъзан аз ҳайрат гиребони худро дошта мемонад. Ҳамчун зуҳуроти қувваҳои табиат зиндагӣ низ гуногунпаҳлӯст, тобишҳои он рангу бӯи хосса доранд, ба ҳам монанд нестанд. Тӯҳфа, ки яке аз духтаракони қатории замон аст ва акнун бистуяк солро пур кардааст, ҳар қадар ба баҳри ҳаёт ғӯта занад, ба ақидаҳои болой бештар имон меоварад, ба тааҷҷуб мемонад, ба андеша фурӯ меравад.

Масалан, ягон кас оё мехоҳад, ки азизтарин одамаш зудтар ҷон диҳад? Ин суол дар назари аввал на танҳо бемантиқ, балки аблаҳона менамояд. Оре, касе намехоҳад, ки ягона ҳамдами ӯ, муттакои ӯ, хайрхоҳи ӯ бимирад. Вале Тӯҳфа ҳоло ашки талх аз дидагони бехоб мерезад, оҳи сӯзон аз дили садреш мекашад, ба табиати бузургвору пурасрор илтиҷо мекунад, ки ҷони амонати модархондаш — ягона шахси муҳибу мушфикашро зудтар гирад, ӯро аз азоб халос кунад.

Наташахола ду шабонарӯз ин ҷониб ҷон меканд. Боҳушу бехуш кӯрпаро лагад мезад, сарашро аз болишт поён меандохт, нолиш карда пайкарашро сахт меёзонд, нафасаш ба дарун афтода бардорузан мекард. Гавҳараки чашмонаш баъзан гир-гир чарх зада, ҳазьён мегуфт, ҳалқаш тарошаосо хушк мешуду аз гулу садоҳои мудҳиш мебароварад.

Духтурони ёрии таъҷилӣ ду бор омада бо сӯзан ба бадани пуризтироби ӯ дору гузаронданд, ба даҳонаш маҳлули шифо рехтанд, вале ба касалхона бурданро

раво надиданд. Умед нест, гуфтанд онхо, пиразани бечора атеросклероз шудааст, фишори хун рагхои шахшудаи майнаашро кафондааст, акнун ба такдир тан додан лозиму бас.

Тўхфа мижа тах накарда ба сари болини Наташахола менишаст, бо пахта ба лабу дахони ў об мечаконд, гирья мекард, ки оқибати зиндагй чунин аст. Суханони модаркалони марҳуми худро ба хотир меовард. Ки дам ба дам оҳи чуқур кашида мегуфт: «Одам чй хел шуда мемирад, маълум нест. Мурданро ҳам хаёл карда гаштан лозим. Худои бахшояндаву мехрубон, аз ту акнун ягона талабам ҳамин, ки талхии қонканиамро осон кун, шармандаю хорузор нашуда мурам». Ба қавли мардум нияташ холис будааст, ки раҳматй беозор қон дод. Як бегоҳ баъди намози шом сар ба болин биниҳоду гашта барнахост. Саҳари барвақт тамоми хешовандон ва хаққу ҳамсояҳо ҷамъ омада, бо расму русумаш пиразанро монугир ва дасти ба даст ба хок супурданд.

Бо пахта об чаконданро Тўхфа шунида буду надида буд. Гумон мекард, ки як навъ ирими нодаркори кадима аст. Аммо акнун кораш афтоду донист, ки дар ин гузи, ба гулўи бемор дармонда, ўро аз рўзаш пеш мекушт ааст. Одами қон кандаистода ёрои обро фурў бурдан ҳам надоштааст, хекиртакаш варам мекардаасту хиррос зада базўр нафас мекашидааст. Пахтаро ба коса тар карда, оби онро ба кунчи дахон ва рўи забон чунон боэҳтиёт ва чунон қатра-қатра чакондан лозим будааст, ки беморро роҳи нафас банд нашавад ва дар як вақт ҳалқаш ҳамеша тар бошад.

Аз каъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,
Берун частам зи қайди ҳар макру хиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди ачал.

Тўхфа ҳоло беихтиёр ин байтҳои Ибни Синоро ба хотир меовард. Рост, мегуфт ў, дар дами вопасин ба камсал ҳеч кас ва ҳеч ташкилот ёрй дода наметавонад. Одаманро мебароранд, тирезаҳоро мепўшанд, бо овози баланд гап намезананд ва беморро ба ихтиёри худаш менанд, ки диққаташ парешон нашаваду зудтар аз азоби дунъё начот ёбад.

Наташа-хола аз чй бошад, ки мадҳушона ду дасташро аз кўрпа берун кашида боло мекард. Вай гўё

чизе наёфта бо панҷаҳои шахшудааш ҳаворо доштанӣ буд, аз дунъё рафтан намехост. Майнааш тира шуда бошад ҳам, ҳар як хуҷайраи баданаш барои ҳаёт мубориза мебурд.

Тиреза ро касе аз берун оҳиста тиқ-тиқ зад. Тӯҳфа пахтаи тарро ба шафати коса ниҳода, ба рӯи ҳавлӣ баромад. Дар он ҷо, ду халтаи пури коғазӣ дар бағал. Маъруф меистод.

— Тинҷӣ? — пурсид Маъруф.

— Як хел,— ҷавоб дод Тӯҳфа.

— Ман аз бозор лимӯю анор овардам,—гуфт Маъруф,— Фишурда шарбаташро хӯронед чӣ?

— Намешавад,— оҳ кашид Тӯҳфа.— Оби соф базӯр мегузарад. Бехуда ташвиш кашидед, Маъруфҷон.

Маъруф ба Тӯҳфа бо дилсӯзӣ зеҳн монд. Духтарак дар давоми ду шабурӯзи охир аз бедорхобию азоби рӯҳӣ басо коҳида буд, Чашмони мешиаш сурхча, ранги рӯяш сафед метофтанд. Вай ба сутуни ток тахтапушташ ро такья дода меистод. Равшан буд, ки мадори дасту поҳояш ҳам хушк шудаанд.

— О, модархонд гуфта, ба ҷони худ ҷавр накунеддия! — ранҷид Маъруф.— Хӯрок хӯред, қувват гиред. Имшаб ман омада истам, шумо хобед.

Туҳфа бо нигоҳи миннатдор аз дасти Маъруф халтаҳои коғазиро гирифт, доғи хоки остини пиджаки ӯро мехрубонона афшонд ва оҳиста «ташаккур, Маъруфҷон!» гуфт.

— Чӣ биёрам? — пурсид Маъруф.

— Аз хӯрок тамоман мондагӣ,— фаҳмонд Тӯҳфа

— Ба худатон чӣ?

— Мурғшӯрбои пагоҳ пухтаам ҳамту истодаӣст.

— Хайр, ман меравам, Тӯҳфа. Консулиум дорем. Бегоҳ бармегардам.

Маъруф аз дари кӯча ғарқи хаёл баромада рафт. Тӯҳфа ба хона дохил шуд. Наташа-хола ҳамон нафасҳои рӯякии ғижжосӣ мекашиду дастонаш боло мехобид. Аз раҳи пардаи тиреза шуои офтоб дар фазои хонаи нимторик хатти заррин кашида, як чашми нимроғ, вале бехисси пиразанро равшан мекард.

Тӯҳфа ҳад дар имкон беозор ва чобуку чаққон кӯрпачаи зери беморро иваз кард. Ба дахлез баромада, ба тағора оби гарм рехту ба ҷомашӯй машғул шуд. Дам ба дам шустушӯро қатъ карда, гӯшбақимор меистод, ки маромн нафасгирии Наташа-хола тағьир ёбад, бехабар

намонад. Бемор якзайл, канда-канда ва бо азоб нафас мекашид, бо забони нимғурма баъзан хазьён мегуфт.

Эҳтимол, таъсири новокаин тамом шавад, аз дил гузаронд Тӯҳфа. Сӯзанро тоза карда мондагй, дору ҳаст. Андактар боз укол бояд кард. Дили бемор ҳоло бақувват, набз муттасил мезанад... Афсӯс, ки одам мемирад. Чони амонатро, ба қавли модаркалон, як рӯз не, як рӯз супурдан ногузир. Чаро ба ин ҳикмати зиндагй баъзеҳо эътибор намедиҳанд, интиҳо доштани умри гузароро фаромӯш мекунанд? Одамон якдигарро меранҷонанд, озор медиҳанд, асабй мекунанд. Як қисмашон ба нафсонияти дуньё монда дах панҷаро ба даҳон мехаланд, ҳаққи мардум мехӯранд, мансабу шӯҳрат меҷӯянд, худро аркони давлату сарвари омма мепиндоранд. Искандари Зулқарнайн васият карда будааст, ки агар мурад, ду дасташро аз тобут берун карда ба қабристон баранд. Бо ин вай мехостааст ба мардум таъкид кунад, ки бо вуҷуди ними ҷаҳонро забт намудан аз зиндагй бо дасти холй меравад.

Тӯҳфа оҳ кашида, зулфони ба пеши чашмаш ҳеҷидаро бо қафои даст боло карда монд. Қафки собун часар-часар мекафиду аз тағора ҳаври ғализ мебаромад. «Кошки ҳама,—боз аз дил гузаронд ӯ,—ҳамин Наташахола барин накӯкор, модаркалонам барин хушгап, Маъруф барин рамузфаҳм мебуданд, ба дуньёи равшан омада кори савоб мекарданду номи нек мебаровардand, маҳалчигию ошнобозй намекарданд, аз мансаб барои хавову ҳаваси шахсй истифода намебурданд, инсоф медоштанд...»

Соатҳои чори бегоҳ Наташа-хола ба ҳуш омад. Бо овози паст аз Тӯҳфа илтимос кард, ки наздиктар шинад. Баъд даст ба зонуи духтар монда, ба гап даромад. Суханони вай паст, вале фаҳмо ба гӯш мерасиданд:

— Барака ёб, духтарам, асло рӯи камия набин. Аз фарзандам зиёдтар хизмат кардй, дар дами вопасинам маро танҳо нагузоштй. Дар таги болиштам панҷсад сӯм пули нақд ҳаст, ҳамонро ба гӯручӯб сарф кунетон. Ба депутатзани маҳаллагнамон хабар диҳй, ба ин корҳо сарубар мешавад. Вай зани асили савобчӯй. Ҳаққу ҳамсояҳо ҳам, шукр, одамони нағз. Ман инро медонам... Илтимос, духтарам, як пиёла об биёр.

— Чои гарм ҳаст.

— Не, не! Аз водопровод. Оби хунуки чараққас карда истодагй мехоҳам. Акнун фарқе надорад.

Тӯҳфа як пиёла пур об овард, ҳомӣ шуда сари беморро бардошт. Наташа-хола резонда-резонда ҳарисона обро дам кашид. «Ҳай-ҳай, шарбати ҷаннат!» гуфт. Баъд сар ба болишт партофту боз аз ҳуш рафт. Тӯҳфа хулоса баровард, ки ин хонаравшанкунӣ буд. Аксари беморон пеш аз баромадани ҷон андаке ба ҳуш меоянд, се-чор даҳон гапашонро мегӯянд. Ин тарафаш акнун дер намекашад, укол ҳам лозим набудагӣ барин. «Эҳ, Маъруф зудтар меомад,—чашм ба беруни дӯхт Тӯҳфа,— ба депутатзани маҳалла хабар медод. Наҳод аз ягона ҳамдаму ҳамрозам — аз модарҳондам ҳам чудо шавам!»

Тӯҳфаро роҳи нафас сӯхта, чашмонаш чархи об шуданд. Вай дастони торафт камҳун ва сард шуданстодан Наташа-холаро бо шафқати фарзандӣ мемолиду саргузашти кӯтоҳ, вале пур аз моҷарои худро як-як пеши назар меовард.

2

Тӯҳфа кай вафот кардани падарашро тамоман намедонад. Кӯдаки ширмак буд. Дар шашсолагӣ аз модар ҳам ҷудо шуду амакаш Сангмамад ӯро аз қишлоқ ба ҳавлии худ овард.

Сангмамад марди миёнсоли бадавлат буд. Дар маркази район ҳавлии калони пур аз иморат дошт. Дар кадом як пункти чорвохарию молтайёркунӣ сардор шуда кор мекард. Зани ӯ Ҷаҳонбӣ мудири магазини озуқаворӣ буд. Онҳо аз Тӯҳфа се сол калон Тоҳир ном писаре доштанд, ки девонаавзоъ буда, нисфи умри падару модар ба табобати ӯ сарф мешуд.

Сангмамад Тӯҳфаро фарзанд хонда оварда бошад ҳам, Ҷаҳонбӣ духтаракро аз рӯзи аввал ҳамчун хизматгори зархарид ба кор андохт. Тамоми ташвиши ҳавлиро ба гардани ӯ бор карданд. Сағирадухтари бечора ягон рӯзи осуда надошт. Рӯбучин, шустушӯ, пухтупаз, ҳавлипой вазифаи доимии ӯ шуда монданд. Аз рӯи зарурат вай дар дувоздаҳ-сездаҳсолагӣ хамир кардан, дар танӯр нону фатир пухтан, гов дӯшидан, ҳасибу қазӣ тайёр кардан, ҳатто андоваю оҳаку ранг додани девору дари ҳавлиро медонист. Ҷаҳонбӣ раҳму шафқат гуфтанӣ хислат надошт. Чунон ки дар урфият мегӯянд, вай як мушт мезаду як бурда нон медод.

Бо вучуди ҳамин қадар ташвиш Тӯҳфа дар вақт-

вақташ ба мактаб мерафт, аз ҳисоби хобҳои шаб дарс тайёр мекард, бо як илоҷ вақт ҷудо карда китоб мехонд. Меҳнату машаққат пайкари кӯчакашро обутоб медоданду лаёқаташро равнақ. Зеҳни тези ӯро муаллимон таъриф мекарданд.

Тӯҳфа боре шунида монд, ки Сангмамад ба занаш мегуфт: «Ҳамин моҳ дусаду ҳашт гӯспанд зиёд шуда монд. Як илоҷ карда ба базаи бӯрдокикунин чорво гузаронам, камаш дах ҳазори накд ба киса медарояд. Аз танқисию нарасидани хошок мо фонда кардем». «Ин хел, ки бошад, тӯйро сар мекунем» — хурсанд шуд Ҷаҳонбӣ.

Падару модари бадавлату пулмаст писари ягонаи эркатулфорашонро бармаҳал хонадор карданӣ шуданд. Фолбин гӯё гуфтааст, ки Тоҳир ҳарчӣ зудтар зан гирад, иллати майнааш ҳамон қадар тез шифо меёбад. Сангмамад ба ҳамин муносибат ба зодгоҳаш — ба деҳаи дурдасти кӯхистон рафта, модари пири танҳомондаашро кӯчонда овард. Ба пиразан хоначаеро ҷудо карда доданд ва аз пан келинфарорӣ шуданд.

Аввалин навозиш ва суханони пурмеҳрро Тӯҳфа аз модаркалонаш донист. Пиразан Тӯҳфаро ба паҳлуяш шинондаю сарашро сила карда мегуфт:

— Очаякат садқа, ту аз писари калониам нусхаю нишона. Падари ту марди асил буд, дасту дили кушод дошт, доим аз ҳоли ман хабар гирифта менистод. Лекин парвардигор вайро ба пешониам нағунҷонд. Бемаҳал мурду чигарама доғ карда рафт. Мебинам, ки ба ту ин ҷо рӯзи рӯшной нишон намедиҳанд, азобат зӯр. Майлаш, духтарам, ба тану ҷони сиҳатат шукр куну токат биёр. Меҳнат роҳат ҳам дорад. Худо хоҳад ту бабахт мешавӣ.

Як бегоҳ, вақте ки пиразан бо Сангмамад танҳо монд:

— Андак ист, писарам,— гуфт.— Ман ба ту гап дорам.

— Чӣ гап? — норозиёна ғурунгос зад Сангмамади доим сертараддуд.

— Ман аз тахту бахтат хурсанд, писарам,— сар кард пиразан.— Ҳавлию ҷоят басомон, пулу чизат фаровон. Мебинам, ки буҷулат олчӣ хестагию кордат болои равған. Лекин як корат ба ман маъқул нашуд.

— Чӣ воқеа рӯй дод? — қавоқашро гирифта бо хавотир пурсид Сангмамад.

— Ба Тӯҳфаи ятимчаи бекас ин қадар ҷавру ҷафо мекунетон? О, вай охир ҷигару ҷигарбандат, фарзанди ягонаи бародарат. Ту ба Тӯҳфа ҳукми падарӣ дорӣ. Падар оё ба фарзандаш ин қадар зулмро раво мебинад? Бечора набераякам ҷон ба рамақ шуда мондааст, дами бегам надорад. Таноби занатро кашида фаҳмон, ҳама корро ба сари ӯ бор накунад-дия! Худаш ҳам дасту остин барзада, чарбуяшро об кунад! Ҷудо нашавад, ягон хизматгор гиретон, пулу чиз дода розӣ кунонетон. Одам, писарам, дар бехудиҳо худои худро шинохтанаш лозим. Арвоҳи гузаштагонро хафа кардан наҳз не!

Аз афташ, ин танбеҳи пиразан Сангмамадро ҳушьёр кард. Ҳам ӯ ва ҳам завҷааш муомилаи худро ба Тӯҳфа дигар карданд. Ба ӯ як қабат сарупоҳои нав харида доданд. Ба хондану дарстайёркуниаш акнун халал намерасонданд.

Қисме аз корҳои ин ҳавлии калони серомадурафтро ба ҳамсоязанҳо мефармудагӣ шуданд. Худи Сангмамад дар ин мобайн як-ду бор ба Бухорою Самарқанд рафта омад.

Тирамоҳ, баъди ғунучини пахта, тӯи арӯсӣ шуда гузашт. Духтари кадом як директори комбинати гӯштро келин карда оварданд. Қудоҳо ба якдигар тӯҳфаҳои бисьёри гаронбаҳо мефиристоданд, ба маросими калони домодталабон тайёрӣ медиданд... Лекин як ҳафта нагузашта байни арӯсу домод ғурбат хест. Духтари бечора, ки Тоҳирро аз ин пеш умуман надида будааст ва касалии ӯро намедонистааст, ба иқболи пасти худ лаънат хонда гирья мекард, ба ҳавлиямон бармегардам гуфта, ҷони амаку модаршӯяшро ба ҳалқашон меовард.

Сангмамаду Ҷаҳонбӣ ба арӯси нав таваллою зорӣ мекарданд, аз сараш зару зевар мепошиданд. Мефаҳмонданд, ки дарди писарашон «бахайр» аст, сирро бой надода андак сабр кардан лозим. Ниҳоят арӯси сарсахт маҷбур шуда ба тақдир тан доду ба номаш зани Тоҳир шуда гашт. Тоҳир бошад, бо баҳонаи табибу муолиҷа зуд-зуд ба Душанбе рафта, ҳафта-ҳафта бедарак мешуд.

Ба шарофати назорату ҳимояи модаркалонаш аҳволи Тӯҳфа хеле беҳтар шуд. Вай акнун зеҳнашро ба хондан мемонд. Орзу мекард, ки духтур шуда, беморонро муолиҷа кунад, одамон рӯи дардро набинанд, хушбахт бошанд. Вале ҳаёти осоништаи Тӯҳфа дер накашид.

Вай акнун ба синфи дахум гузашта буд, ки модаркалони мехрубонаш ногахон вафот кард. Ҷахонбй аз келинаш рашк бурда бо Сангмамад ҷангй шуд. Вакти гули бодом дарди Тохир авҷ гирифту ба касалхона бурда партофтанд. Зани ӯ як сахар ба зорню таваллои Сангмамад эътибор надода, бору бӯғчаашро басту ба хавлии падараш рафт.

Аз ин хонадони пурҷихоз бахту осоиш, чун оху аз паланг, мегурехт. Ягон аъзои оила ин ҷо ба якдигар эътиқод надошт, хама аз якдигар бадгумон буду шубҳа мекард.

Як рӯз Сангмамад Тӯхфаро ба наздаш ҷеғ зада гуфт:

— Духтарам, ман ба ту як масъаларо фахмонам, бо диққат гӯш кун, фикр карда бин. Баъд бо маслихат ба як қарор меоем.

— Гапатон бошад, бемалол гӯед, амак,— ӯро, ки мулоҳиза карда забон мехонд, ба гуфтан далер намуд Тӯхфа.

Сангмамад ришашро хилол кардаву чашм ба шифти айвон дӯхта суханашро давом дод:

— Раҳматй модарат тарбияи туро ба ман супурда мурда рафт. Нағз-мй ганда, ана ҳамин қадар сол дар оилаи мо зиндагй кардй. Туро чун духтари худамон ба камол расондем. Имсол мактабатро ба охир мерасонй. Мо аз ту хурсанд, духтарам. Ба нону намаки додаамон яке ба ҳазор розй ҳастем. Лекин ман ба ту гӯям, таомули зиндагй ҳамин, ки духтар ба балоғат расад, бояд ба шавҳар барояд. Хӯш ки бошад, агрономи колхози «Якуми Май» ба ту хостгори ҷазманд. Вай ҷудо марди бамаънй, обрӯяш дар районамон калон. Агар ту маро ба ҷои падарат донй, ба ҳамин таклиф розй мешавй, духтарам. Мактабатро ки тамом кардй, тӯй мекунем. Ман мехоҳам, ки кирои ҳамин қадар азобҳои кашидаат бабахту саодат шавй, шоҳдухтар барин зиндагй куй...

Тӯхфа он агрономро мешинохт. Ба қарибй ӯ бо хонандагони синфҳои болой вохӯрй гузаронда буд. Хамон вақт як дугонааш, ки бо агроном хешнамо будааст. ба Тӯхфа фахмонд, ки ин мардаки қариб чилсола ду зан гирифта сар додааст ва ҳоло бо баҳонаи мулокот дар мактабхо аз байни толибаҳо арӯси ба худ муносиб мечӯяд.

Тӯҳфа дид, ки Сангмамад фирефтаи калин шуда, ӯро низ чун келинашон ба доми бало партофтанист. Барои ҳамин вай шарму ҳаёро як сӯ таҳ карда монду бо ҷиддият гуфт:

— Амак, барои ба мани ғариб сарпаноҳ додану тарбия карданатон ҳазор раҳмат. Ман то ин вақт аз хати кашидаи шумоён берун по намондам. Он чӣ аз дастам омад, хизматамро дареғ надоштам. Лекин акнун илтимос, маро ба ихтиёрам гузоред. Ман ният дорам, боз хонам, сохиби ягон касб шавам.

— Беақлӣ накун! — алов гирифт Сангмамад.— Бо духтар сарат куҷо меравӣ? Гумроҳ мешавию...

— Хотирҷамъ бошед, амак! — сухани ӯро бурид Тӯҳфа.— Ман ба авлодамон иснод намеорам. Ба роҳам рост мегарданду ҳалол зиндагӣ мекунам.

Аз ин ҷавоби пухтаи Тӯҳфа Сангмамад чашмашро мош барин кушода монд. Вай ҳеҷ гумон накарда буд, ки Тӯҳфаи назарногири саҳира то ин дараҷа доно шудааст, ҷуръат пайдо кардааст. Бинобар ин ба сӯҳбати имрӯза хотима доду дигар воситаҳоро ба кор андохтанӣ шуда, нақшаи худро ба ақиб партофт.

Дере нагузашта як воқеаи ғайричашмдошт рӯй дод, ки дасту пои Тӯҳфаро аз банд тамоман озод кард. Аз байни хостгории агроном як ҳафта гузашту саҳарие ногаҳон як гурӯҳ милиса омада, ҳавлиро муҳосира карданд. Тирамоҳи гузашта Сангмамад дар хонаи хоби худ ба устое пули бисьёр дода, печкаи таҳкурсияш цементӣ созонда буд. Тӯҳфа дид, ки се-чор низомипӯши мусаллаҳ ба хона даромада, ҳамон печкаро вайрон карданд. Аз миёнаи фундаменти печка як сандуқчаи оҳанин баромад. Вақте ки сарпӯши сандуқро кушоданд, Тӯҳфа ба чашмони худ бовар накарда дид, ки дарунаш он пури тиллою ҷавоҳироту бандҳои наппа-нави пул.

Сангмамад бо ду даст сарашро дошта рост менишаду овозаш намебаромад, зонуҳояш дарақ-дарақ меларзиданд. Ҷаҳонбӣ бошад, милисаҳоро тела дода, ҷонкоҳона фарьёд мезад:

— Чӣ бедодгарӣ?! Нисфи ин ҳаққи ҳалоли ман! Хабаркаши кӯрнамакро нишон диҳед, чашмонашро кофта гирам.

Одамони мусаллаҳ тамоми сарвати сандуқ ва ашьёи хонаро ба рӯйхат гирифта, ба мошин бор карданд. Баъд Сангмамаду Ҷаҳонбиро пеш андохта, аз ҳавлӣ баромада рафтанд.

Тӯҳфа мактаби миёнаро тамом кард, номаи камол гирифт. Азбаски дар район дигар хешованд ё дилкашолие надошт, вай рузе сарулибос ва ҳуҷҷатҳояшро ба ҷомадонча ҷо карду роҳи шаҳри Душанберо пеш гирифт.

Айни гармии тобистон буд. Автобус бо роҳи асфальти аз шуои офтоб бирриросзананда чун оби равон пеш мерафт. Дашти ҳамвори васеъ паси сар монду дараи кӯҳ оғоз ёфт. Гулу сабзаи талу теппаҳо ба худ ранги заъфарон гирифта буданд. Роҳ морпеч шуда торафт бало мебаромад.

Тӯҳфа аз тирезаи кушодаи автобус чашм ба манзараҳои атроф медӯхт. Дар як кунҷи осмони лоҷувард дароз-дароз абрҳои сафеду сияҳфом коҳилона шино мекарданд. Як-ду бузи шохкалони чобук дар теғаҳои нобоби кӯҳ чарида мегашт. Уқоби танҳое бе он, ки бол занад, бо виқор давр мегашту мазмун байни харсангҳоро аз назари тезбин мегузаронд ва сайди ниҳон меҷуст.

Тӯҳфа хаёл карда монд, ки вай низ мисли ҳамин уқоб танҳост. Ошьёни қадрдони бачагиро тарк намуду ба парвози мустақилона баромад. Мисли ҳар як парвози нахуст вай ҳам шодӣ мекард, ҳам меҳаросид. Намедонист, ки чӣ барору нобарориҳо ӯро дар пеш аст, ба донишкадан олии писандидаи худ дохил шуда метавонад ё не. Мегӯянд, ки абитуриентҳо даргоҳи институтҳоро мӯру малах барин зер мекунанд. Мабодо, имтиҳон дода натавонад, ё баллаш камӣ кунад, сарашро ба кадом дар мезанад? Дар як шаҳри калони ношинос роҳи зиндагиро чӣ хел меёбад? Ана, бо худи ҳамин автобус ду-се ҷавони ҳамсоли Тӯҳфа низ ба ҳондан рафта истодаанд. Табъашон чоғу хотирашон ҷамъ, ҳандаву шӯхӣ мекунанд. Дар пахлӯяшон бо ҷомадону халтаҳои сафарӣ падару модаронашон нишастаанд. Аз рӯи гуфтугӯяшон ин ҷавонон иктисодчӣ шуданӣ, ба университет даромаданӣ. «Ба институти тиббӣ мебуд, ҳаминҳоро сахт медоштам, ҳамроҳашон мерафтам»,— аз дил гузаронд Тӯҳфа.

Мададгори ғариб худо гуфтагӣ барин, кори Тӯҳфа омад кард. Вай дар автовокзали Душанбе бо духтараки соҳибҷамоли олуфтае вохӯрд, ки ҳамроҳи падараш аз дигар район омада будааст аризаашро, хушбахтона,

ба институти тиббӣ супурдан мехостааст. Тӯҳфа вақте ки бо он духтар ҳамгапу шинос шуд, падари духтар ду порс марӯжна харида омаду ба онҳо дода гуфт:

— Ана, Шура, аллакай дугона ҳам ёфтӣ. Акнун камтар сабр мекунем. Ман ба вазоратамон телефон кардам, ҳозир мошин меояд.

Тӯҳфа аз омади кор хурсанд шуд, вале фақат аз он ба ҳайрат монд, ки чаро падараш тоҷику номи ин духтарак Шура аст. Ё модараш рус бошад? Хайр, тафсилоти инро соҳӣ бафурҷа фаҳмидан мумкин. Дере нагузашта, дар ҳақиқат ба назди онҳо як «Волга»-и нап-нави ҷигарранг омада истод. Ронанда бо падари Шура гарму ҷӯшон пурсупос кард ва ҳарсеяшонро ба мошин таклиф намуд.

Онҳо хиёбонҳои зебои серодам ва сояю салқини шаҳрро тай карда рост ба институт омаданд. Ҳуҷҷатҳояшонро бемамонат ба комиссияи қабул супурданд. Бо далолату дахолати падари Шура ба хобгоҳи умумӣ рухсатнома ҳам гирифтанд. Баъди аниқ кардани ҷой дар хобгоҳ Шура «мо ба меҳмонӣ меравем, то пагоҳ хайр!» гӯён ҳамроҳи падараш рафт.

Ҳамин тариқ дар Душанбе Тӯҳфа сарпаноҳи дил меосудагӣ ёфт ва аз паи тайёрӣ ба имтиҳонот шуд. Вай ба донишу истеъдоди худ боварӣ дошт, аммо бо вуҷуди ин аз бисёр танҳоиву бекасӣ хориаш меомад. Зеро медид, ки қариб ҳамаи абитуриентҳо саробоне доранд. Онҳо ҳар рӯз ба кучоҳо рафта меоянд, саволномаю китобҳо ёфта меоянд, ба фарзандони худ таому тармеваҳои ҳарҳела меоранд ё бегоҳиҳо ба меҳмонию зиёфатҳо мебаранд.

Фақат Тӯҳфа аз хобгоҳ набаромада рӯзи дароз дарс тайёр мекунад, китоб мехонад, конспектҳои бо худ овардаашро варақ мезанад. Баъзе шумнафасҳо ҳатто овоза мекарданд, ки гӯё бе миёнаравӣ наздик ё бе ришвати калон муроде ҳосил намешавад, бачаҳои бе касу бе пуштупаноҳро аз имтиҳони аввалин тути хасак барин мерезонанд.

Бале, аз имтиҳони аввалин, ки химия буд, дар ҳақиқат аксарият нагузаштанд. Лекин на онҳое, ки бекасу беминёнарав буданд, балки чавононе ки донишу кофӣ надоштанд, ба маънои формула ва моддаҳои химиявӣ сарфаҳм намерафтанд. Овозаю воҳимаҳои бардурӯғ дар бораи баъзе гапу калочаҳо чун кафки собун кафиданд.

Тӯҳфа аз химия баҳои чор гирифта, бо дили гарм боз аз пан тайёрӣ шуд. Аз имтиҳонҳои бокимонда баҳои вай як панҷ, як се ва боз як чор шуданд. Комиссияи мандатӣ ӯро ба факултети муолиҷавӣ тасдиқ кард. Тӯҳфа студентка шуд.

Аз оғози таҳсил як моҳ зиёдтар гузашта буд, ки байти пахтачинӣ баромад. Студентон кӯрпаю болиштҳои худро ба раскладушка печонда, сарупоҳои гарми сахробоб пӯшида, ба сафар тайёр мешуданд. Пагоҳи якшанбе ҳама бору бӯғчаашонро бардошта дар саҳни институт ҷамъ омаданд. Дар кӯча интизори студентон колоннаи автобусҳо менстоданд. Тӯҳфа азбаски либосҳои даркории сафарӣ надошт, аз байни дугонаҳояш зоғи ало барин фарқ карда менстод. Ҳамин вақт комсорги факултет Маъруф, ки ҷавони хушкомати ситорагарме буду дар курси чорум таҳсили илм мекард, Тӯҳфа ва як русдухтари гурӯҳи педиатриро аз қатор ҷеғ зада бароварду, гуфт, ки ба касалхона санитаркаҳо лозим шудаанду ҳардуи онҳо дар ҳамон ҷо бояд кор кунанд.

— Шумо ба ин тақсимот розӣ? — пурсид Маъруф, ба Тӯҳфа наздик омада.

— Раҳмат,— гуфт Тӯҳфа, хурсанд шуда.

— Барои чӣ раҳмат мегӯед? — китф чунбонд Маъруф.— Ё шумо гумон мекунед, ки кори санитарка аз пахтачинӣ осон?

— Не,— чӣ ҷавоб доданро надониста, шарм дошт Тӯҳфа ва баъд илова кард: — Охир, ба ҳар ҳол кори ба касби меомӯхтагиамон наздик, нигоҳубини беморон.

— Офарин! — конеъ шуд Маъруф.— Касе ки табиби ҳақиқӣ шудан мехоҳад, бояд корро аз санитаркагӣ сар кунад.

Шура, ки наздик омада менстод, ба ӯ хандакунон луқма партофт:

— Рост мегӯед, рафиқ комсорг. Чунон ки дар цирк шогирдон аввал таги аспу шутурро тоза мекунанд.

Маъруф ба мазоҳи Шура эътибор надода, боз ба Тӯҳфа мурочиат кард:

— Шумо, коллеган азиз, бо ана ин Надюшаи чингиламӯй худи ҳозир ба касалхонаи қафои институтамон раветон. Дар он ҷо Ирина Тимофеевнаро ёфта, рапорт диҳетон, ки шумоён ба хизмати он кас тайёр. Ман дар рӯйхат фамилияи ҳардуятонро ана қайд карда мондам.

Дар касалхона Тӯҳфаю Надежда санитарка шуда ба кор сар карданд. Аз ташаккур гуфтани Тӯҳфа ба

тааҷҷуб мондани комсорг ҷон доштааст. Дар ин ҷо кор аз мӯи сар зиёд буд. Хусусан рӯбучини докаву пахтаҳои хунолуд, дидани захму ҷароҳатҳо, клизмаю ким-чӣ балоҳо, шунидани оҳу нолаи ранҷурон то хӯ гирифтан ба дил ваҳм меандохтааст.

Рӯзи сеюми ба кор сар карданаш Тӯҳфа баъди обходи сардухтур ба палатаи нӯҳум даромад, ки пардаи кӯҳнаи тирезаро нав кунад.

— Пою қадами ту нек будаст, духтарам,— гуфт як пиразани нуронии рус, ки қарсашро рӯи зону паҳн карда, мӯйҳои сафедшудаи сарашро шона мекард.

Тӯҳфа бо ҳайрат дид, ки пиразан ба модаркалони марҳумаш монанд аст: ҳамон хел чашмони пур аз меҳр, нигаҳи хайрхоҳона, бинии теғадори сурхчатоб, оҷингҳои пешониву кунҷи лабон, ҳамон хел ғабғабаи қӯша. Фақат андак қоматдор, фақат андак ранги рӯяш кушодтар. Барои ҳамин Тӯҳфа камтар истодани шуда аз пиразан пурсид:

— Чӣ шуд, хола?

— Ҳозир сардухтур маро дида рафт. Фишори хунам мӯътадил шудааст. Акнун ба ман ҷавоб медодаанд.

— Ин ҷо чанд вақт хобидед?

— Даҳ рӯзи расо шуд, духтарам. Рӯзи омадагем гӯшҳоям ғуввос мезаду сарам лӯқ-лӯқ дард мекард. Раҳмат ба духтурҳо, хуб дорую дармон карданд. Ана, ҳозир ман асли қадимам барин. Иштиҳоям дурust; хобам ором.

— Мебахшед, ному номи падаратон чист? — донистан хост Тӯҳфа.

— Наталья Семёновна,— ҷавоб дод пиразан ва зуд илова кард: — Маро ҳама Наташа-хола мегӯянд. Ҳаминаш осони ба хотир меистодагӣ.

— Саломат бошед, Наташа-хола. Ҳоло то рафтанатон боз мебинем,— гӯён Тӯҳфа аз палата берун шуд.

Тӯҳфа аз ин мулоқот хеле хурсанд шуд. Ба назараш гӯё ки модаркалонаш зинда шуда омада, бо ӯ сӯҳбат кард. Ачиб, ки хатто овози онҳо монандие дошт. Наташа-хола низ бо овози андак гирифта ва нарму гуворо гап мезад.

Ҳамон рӯз соатҳои қариби дувоздаҳ ба Наташа-хола ҷавоб шуд. Тӯҳфа аз ҳамшираи шафқат рухсат гирифта, ӯро то дари кӯчааш гусел кард.

— То ҳамин ҷо омадӣ, акнун як сари қадам ба хона надарой, ҳафа мешавам,— гуфт Наташа-хола.

Тӯҳфа сухани пиразани нармзабонро ба замин мондан нахост. Онҳо аз дари кӯча даромаданду Тӯҳфа ҳавлии басомони тозаю мураттабероро дид, ки болои сахнашро токи барҳавои яклухт пӯшонда буд. Ба иморати калони пешайвондор одам бо зинаи цементӣ мебаромад. Иморат аз даҳлез ва чор хонаи васеъ иборат буд. Қад-қади девори тарафи рост боз як хонаи алоҳидаи бомаш паст, анборча, душхона ва ғайраҳо ба назар мерасиданд.

Наташа-хола ба газ чой монд, дастархон кушод. Онҳо ду кас дурудароз сӯҳбат карда нишастанд. Пиразан ба пеши Тӯҳфа мураббоҳои худаш тайёр кардагиро тела дода, бо илтифот мегуфт, ки бо чои гарм чашида бинад, шарм надорад, худро чун дар хонаи модар ҳис кунад.

Духтур ба Наташа-хола якчанд дору таъин карда буд. Тӯҳфа ҳангоми бозгашташ рецептҳоро аз рӯи мизи пиразан гирифт, ваъда дод, ки он дорухоро худаш ба аптека мефармояду фардо ё пасфардо, албатта ба хонаи ӯ боз меояд.

Наташа-хола хурсанд шуда гуфт, ки дар ҳаққаш дуо мекунад, чашм ба роҳаш медӯзад, чунки Тӯҳфа ба ӯ хеле маъқул шудааст.

4

Саргузашти Наташа-хола Тӯҳфаро хеле ба изтироб андохт.

Соли 1936 Наташа ва Андрей — зану шавҳари чавон бо як ҷомадон бор ба Тоҷикистон омаданд. Дар шаҳри худашон Наташа техникуми кооперативиро тамом карда буду Андрей институти бинокориро. Он солҳо республикаи мо ба мутахассисон эҳтиёҷоти калон дошт. Сохтмону саноат авҷ мегирифт. Шаҳрҳо обод, колхозу совхозҳо мустаҳкам мешуданд. Дар Сталинобод ба Андрею Наташа аз рӯи ихтисосҳояшон зуд кор ёфт шуд. Онҳо аз ҳавлии як мантупази қашқарӣ хончаи кулӯхдевореро ҳӯра гирифта, андоваю сафед карданд, ба бомаш тол партофтанд, сарпанҳ сохтанд. Андрей дар идораи сохтмони шаҳр, Наташа дар дӯкончаи молҳои саноатии назди бозори колхозӣ ба кор сар карданд.

Андрею Наташа бо муомилаи хушу меҳнати ҳалол нуфуз пайдо карданд, замонаҳо арзонию фаровонӣ буд,

зиндагиашон нағз мегузашт. Андрей барои хона ба коминҷроияи шаҳр ариза дод. Идораи лоиҳакашӣ ба ӯ замин ҷудо кард. Зану шавҳар бо шавку ҳавсалаи тамом ба иморати ҳавлии нави планӣ машғул шуданд. Онҳо масолеҳи тайёри бинокориро механидану кариб хаман кори сохтмонро бо дасти худашон анҷом медоданд. Се-чор соле, ки онҳо тамоми вақти холии худро ба ин кор сарф карданд, ба назарашон аз дах сол хам зиёд менамуд. Бедареғ заҳмат кашиданд, расо монда шуданд, вале дар ивазаш иморате ки онҳо бо дасти худ сохтанд, дар мустаҳкамию зебой аз бисьёр ҳавлихои атроф фарқ мекард. Андреи бадаступо, ки худ инженери бинокор буд, тамоми ҳунарашро ба кор бурд, ки ҳавлияшон базеб, фарох, ба зиндагии онлавй мувофиқ бошад. Алоҳида хонаи хоб, зал, кабинети кор, хонаи бачаҳои ҳанӯз ба дуньё наомада, барои нишастан дар тобистон пешайвони оинакорӣ, зери он барои озуқаворӣ заминкан, дар паҳлӯи дарвоза анборчаи ангиштухезум, ҳаммомча — хуллас манзилгоҳе, ки саломат бошу мехнат куну рохаташро бин.

Андрей навозишкорона Наташаро ба оғӯш кашиду сари ӯро ба сандуқи дилаш ҷафс карда туфт:

— Акнун, Наташаҷон, ба ман як писари меросхӯр таваллуд мекунй. Писаре мезой, ки ману худат барин мехнатдӯст бошад, барои ободии дуньё ҳисса гузорад.

Соле нагузашта Наташа дар ҳақиқат кӯдак таваллуд кард, аммо писар нею духтар. Шодии зану шавҳари ҷавон интиҳо надошт. Ду кас соатҳо сар аз болои катча набардошта, кӯдаки дӯстурӯю ҷингиламӯи лӯхтакмонандро тамошо мекарданд, бо забони ӯ ба якдигар гап мезаданд, орзуҳояшонро мегуфтанд.

— Айни муддао,— шӯхй мекард Андрей.— Ин калон шавад, ягон хонадомод меёбем. Духтарамро ман ба тоҷикписар ба шавҳар медиҳам. Ана, соиӣ ҳавлиамон пури бача мешавад.

Қошки ин орзуҳои ширини падару модари ҷавон рӯи об мебаромад. Дар ин дуньё хеҷ кас аниқ гуфта наметавонад, ки фардо ӯро чӣ диданиҳое дар пеш аст. Чанд сол гузашт. Духтарчан дуппа-дурусти давида гаштагӣ ногаҳон сурхча бароварду дар як шаб вафот кард. Вай гӯё чароғи саодати ин хонадонро хомӯш карду рафт.

— Фишори хуни ман ана аз ҳамон рӯзҳо пасту баланд шуд,— мегуяд Наташа-хола оҳи бадард кашида.—

Иморати бо ишқу ҳавас пўшидаи мо гўё ки фурў рафт. Бефарзанд мондем.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуду Андрей ба фронт рафт. Ба сари Наташаи танҳо шабҳои фироқ ва рўзҳои пуртаҳлука теғ кашиданд. Худо хайр диҳад ба ҳамсояҳои нек, ки ўро дар дами бекасӣ ҳамдам шуданд. Занҳо шаб ҳамроҳаш мехобиданд, мардҳо ба шикасту рехти хавлияш ёрӣ мерасонданд, бачаҳои маҳалла барфи бомҳоро бел мекарданд, ток мебуриданд, ҳезуму ангишташ мекашонданд.

Мегўянд, ки сапёрҳо дар умрашон фақат як бор хато мекунанд. Андрей дар фронт сапёри минагузор буд. Вай ҳангоми иҷрои супориши ҷангӣ ҳамроҳи мина тарқидааст. Дар арафаи тамомшавии ҷанг хати сиёҳи Андрей омаду осмон ба сари Наташа фурў рафт. Вай дар айни камолоташ — дар синни сисолагӣ беван ғариб шуда монд.

Ҷанг тамом шуд. Зиндагии мардум рў ба беҳбудӣ ниҳод. Мурдаҳо монданду зиндаҳо ба зодгоҳи худ баргаштанд. Наташа ба тақдир тан дод ва аламашро аз меҳнат гирифт. Вай ҳамчун директор ба ташвишҳои як магазини калон андармон шуда рафт. Сад восита ёфта аз базаҳо моли даркориро мерўёнд, кўшиш мекард, ки плани савдо иҷро шавад.

Наташа аз пулу чиз норасоӣ надошт. Даромадаш ба як сари қокаш басу барзиёдӣ буд. Вале ҳавлии чор ишкелаш бутуни бе мардина, ҷогаҳи баланди холию сард, дар бараш набудани ягон ҳамрозу ҳамнафас ҳавасу мардони ҳарис ўро беваю бекас дониста ба ҳолаш намегузоштанд, чун соя аз паяш медавиданд, ба гап меандохтанд, хушомад мезаданд, тўҳфаҳо меоварданду шабҳо дарашро мекўфтанд.

Наташа баъди ҳаман ин аз арвоҳи шавҳараш узр хосту ғайрирасмӣ бо як марди зандидаи миёнасол зиндагӣ кард. Он мард як комоди қуткандаю сарулибосхояшро бардошта ба ҳавлии ў омад. Як соли аввал нисбатан тинҷ буд. Вале сонӣ-сонӣ нағмаҳои нав баровардан гирифт. Даставвал хоҳиш кард, ки акнун никоҳашонро дар ЗАГС ба расмият дароранд. Баъд гуфт, ки плани ҳавлӣ бояд ба номи шавҳар бошад. Аз ҳама хубаш ин ҳавлиро фурўхта ба пулаш маишат кунанд. Наташа ходими шўҳратноки савдо будаасту агар талаб кунад, ба ў квартираи давлатӣ медодаанд.

Ба ҳаман ин дар дил «номаъқул кардй» гўён худро ба карй зада гаштан мумкин буду як кори дигари ў косаи сабри Наташаро лабрез кард. Шавҳараш бо як одами комбинати гўшт гапро пазондааст Наташа ним тонна колбасаи ростовиро дар магазини худ фурўхта диҳад будааст, пулашро баробар тақсим мекардаанд. Ин амалиёт барор гирад, минбаъд бо ҳамин усул тубаки худро аз тилло месохтаанд.

— Меъдан ман,— накл мекард Наташа-хола,— лукмаи муфтро аз азал ҳазм карда наметавонист. Раҳмати Андрейро ҳам барои чунин парҳезкориаш дўст медоштам. Вақте ки шавҳари навам аз амалиёти колбаса гап кушод, якин ҳосил кардам, ки бо ў ниҳояти кор то гулў ба чиноят меғўтам. Бо ҳамин сабаб кафшапро пеш гузоштаму аробаатро каш гуфтам, он ҳанноти муфтхўрро аз хона зада ҳай кардам. Ҳамин шуду дигар танҳо буданро сад бор авло донистам. Ба касофати ҷанг Андреи вафодорамро талаф додам, умри ҷавониамро хазон кардам. Ана бо гардиши айём пир шуда мондаму панҷ сол пеш ба нафақа баромадам.

Тўҳфа доруҳоро аз аптека оварда, ҳоло бо Наташахола сўҳбат карда менишаст. Дар дилаш афсўс мехўрд, ки ба ин зани ҳалиму ҳалолкор саодат ёр нашудааст, дигар рўи фарзандро надидааст, пир шуда мондааст. Пиразани бечора дар ин қадар ҳавлии калону хушрў зоғ барин танҳо.

Наташа-хола чой кашида истода, илтимос кард, ки Тўҳфа низ киву кучой будани худро ба ў фаҳмонад. Тўҳфа аз падару модар хурдсол монданаш, дар ҳавлии амак калон шуданаш, азобҳои дар он ҷо аз сар гузарондааш, насиҳату васияти модаркалони марҳумаш, фошу маҳкум шудани Сангмамаду Ҷаҳонбй, хонавайрони писари ягонаи онҳо, ба Душанбе омада ба институт даромаданаш ва машаққатҳои хонданашро ба пиразан накл кард.

— Шуморо дар касалхона дидаму,— гуфт ў дар охир,— модаркалонамро ба хотир овардам. Ягона одами ҳамдаму дилсўзи ман ҳамон кас буданд.

— Исои Масеҳ раҳмат кунад,— Наташа-хола салиб кашида, ба нуқтае чашм дўхт, ғарқи андеша шуда монд ва баъд якбора сар бардошта рост ба чашмони Тўҳфа нигоҳ карду гуфт:— Медонй, чй, духтарам? Ману туро худи Марьямн муқаддас — модархудои меҳру

бон ба ҳам дучор овард. Ҳардуямон ҳам бекасу ғариб, ҳардуямон ҳам мусибатзада. Лекин ҳаётҷ ту дар пеш аст, Тӯҳфаҷон. Ин хел духтари меҳнаткашу софдил бояд ҳатман хушбахт шавад. Офарин ба иродаи матинат! Бе ягон ғараз мегӯям, агар дилат кашаду хоҳӣ, ба ҳавлии ман кӯчида биё. Як хонаро ба ту махсус ҷудо карда медиҳам. Дар ҳамин ҷо зиндагӣ кун, зеҳнатро ба хондан мон, бо ман ҳамроҳ бош. Кӯшиш мекунам, ки ҷои модаркалонатро гирам, духтарам. Ба ман пул-мул лозим не. Баръакс ман ба ту то институтро тамом карданат сарубар мешавам, ҳарчӣ лозим шавад, ёфта медиҳам. Ба ман ту барои як фарзанди дилбанд дарку бас.

Аз ин суханони пур аз меҳру шафқати пиразан Тӯҳфа ба риққат омад, бенхтиёр аз ҷой хеста Наташа-холаро ба оғӯш кашид ва рӯ ба китфи ӯ ниҳода гуфт:

— Ба ғамхориятон ташаккур, Наташа-хола! Ман ин таклифатонро фикр карда мебинам, маслиҳат мепурсам...

— Бо кӣ маслиҳат мекунӣ? — пурсид Наташа-хола.

Тӯҳфа ба ин саволи ногаҳонӣ чӣ ҷавоб доданашро надониста андак хаёл карда монд ва баъд худро ба даст гирифта, фаҳмонд:

— Бо дугонаҳои ҳамкурсам, бо декан, ё комсоргамон Маъруф.

— Магар онҳо не мегӯянд?

— Не, ба фикрам, розӣ мешаванд. Дар хобгоҳ ҷой кам. Бисьёр студентон дар хонаҳои иҷора мешинанд. Як кат холӣ шавад, ба онҳо боз бехтар.

— Фикр карда бин, духтарам. Ман аз таҳти дил таклиф карда истодаам.

— Дугонаҳоям аз пахта баргарданд, меоям, Наташа-хола.

— Ҳавлии шиносамон гӯй. Биё, албатта.

Тӯҳфа аз назди Наташа-хола бо табъи хуш ба косалхона рафт. Имрӯз вай дар он ҷо баъди пешин бояд кор мекард.

5

Ду моҳ гузашт. Дар ин мобайн студентон аз пахтачинӣ баргаштанд, машғулиятҳо сар шуданд. Тӯҳфа камаш ҳафтае як бор Наташа-холаро хабар ме-

гирифт. Алалхусус рӯзҳои якшанбе. Онҳо ба ҳамдигар хеле меҳр бастанд, соатҳо сӯҳбат карда менишастанд. Тӯҳфаи бағайрат ҷомашӯии худашу пиразанро мекард, хӯрокҳои болаззати миллӣ мепухт, ҳавлӣ мерӯфт, пол мешуст, аз магазину бозор харид карда меомад. Аммо ҳанӯз кӯчида наомада буд.

Вай як рӯз таклифи Наташа-холаро ба комсорггуфта, маслиҳат пурсид. Маъруф суханони ӯро бо диққат гӯш карду гуфт:

— Дили худатон кашол?

— Шумо чӣ ки маслиҳат диҳед...

— Ман ба ин кор чӣ дахл дорам? — ҳайрон шуд Маъруф.

Тӯҳфа бо табассум ҷавоб дод:

— Охир ман узви комсомол-ку. Магар ба комсорг тақдири аъзоёнаш дахл надорад?

Маъруф завқ карда хандид. Баъд гуфт, ки ихтиёр ба дасти бахтиёр. «Агар ба ҷои шумо ман мебудам,— нлова кард ӯ.— ҷон-ҷон мегуфтам. Аз хобгоҳи тангу пурмағал ҳавлӣ сад бор беҳтар. Хонаи бепул, хонапои тайёр, аз институт дур не, шаронташ аъло! Ба донишҷӯй аз ин зиёд чӣ лозим?»

— Ин хел бошад, мекӯчам,— хандид Тӯҳфа.

— Лекин,— гуфт Маъруф,— комсомол як шарт мемонад: ман меҳмон шуда равам, дарвоза ба рӯям кушода бошад. Дар оташдони рӯиҳавлӣ як палави дастӣ мепазам, ки Наташа-холаатон нахоида фурӯ мебарад.

— Майлаш,— розӣ шуд Тӯҳфа.— Модархонди ман меҳмондӯст, хурсанд мешаванд.

— Набошад, масъала ҳал! — каф ба каф зад Маъруф.— Ҳозир пеши комендант рафта, ҷоятонро месупорему ман ба кӯчокӯч ёрӣ мерасонам.

— Ба ёрӣ эҳтиёҷ нест,— фаҳмонд Тӯҳфа.— Тамоми дорони ман ба як ҷомадон ҷо мешавад.

Аммо Маъруф аз нияти худ даст накашид:

— Ана ҳамон ҷомадонро ман бардошта мебарам, коллеги азиз. Котиби комсомол бояд ба аъзоёни худ ғамхорӣ кунад.

Тӯҳфа ба ҳавлии Наташа-хола рӯзи якшанбе кӯчидан шуд, ки аз машғулиятҳо фориғ буданд. Ин фикри ӯро Маъруф писандид. Вай ваъда дод, ки пагоҳи рӯзи истироҳат аз бозор масолеҳи ошро барои бӯрьёкӯбон харида, ба ёрии ӯ расида меояд.

— Ба Ленинобод Шанбезода рӯзи сешанбе аз Ду-

шанбе рафта, дар бозори Панҷшанбе Ҷумъабойро дидааст,— шӯхӣ кард ӯ дар охир.— Пас, боқӣ мо ҳам пагоҳи якшанбе дар кӯчаи Душанбе вомехӯрем. Хайр.

Эҳ, Маъруф, Маъруф! Маъруфи шӯху хушҳол. Маъруфи аскиячӣ! Ин қадар забони ту ширин, овозат ширадори форам? Ту аздусар намедонӣ ва парво ҳам надорӣ, ки дили духтаракеро аз қолибаш кӯчондай. Он бечора баъзан шабҳоро рӯз карда, дар бораи ту хаёл мекунад. Орзу дорад, ки бо ту ҳар рӯзу ҳар соат вохӯрад ва ту дурдароз бо ӯ мусоҳиб шавӣ.

Ҳамхонаи Тӯҳфа дар хобгоҳ Шура буд. Шура аксар вақт дар назди оина истода ба лабу рӯяш сурхию сафедӣ мемолид, ба чашмонаш сурма мекашид. Дасташ ки холӣ шуд, ба мулоқоти мухлисонаш мерафт. Шабҳо аз майдончаи рақс, кӯли комсомол, ё аз ресторан бевақт бармегашт. Дида мешуд, ки Шура духтари эркае аз оилаи ба худ тинҷ аст. Чандин хел ва рангубаранг куртаю пальтоҳои гаронбаҳо дошт. Доим туфлиҳои нави яракқосӣ пӯшида, мӯйҳои марғулаи мушкборашро мавҷ занонда, дилкашу олуфта шуда мегашт.

— Дар пахтачиний пӯсти дастҳоям бенур шуданд,— мегуфт ӯ, нохунҳои нав сурх кунондаашро куфу суф карда.— Ба·як шиносам равғани гули лаванда фармудам. Аз Қрим биёрад, мемолам. Вай пӯсти занро ҳам нарм мекунаду ҳам хушбӯ.

Шура баъзан Тӯҳфаро аз хоб мононда, саргузашташро нақл мекард.

— Имрӯз бо як шонр шинос шудам,— мегуфт ӯ ба рӯяш сахт-сахт крем молида.— Ваъда дод, ки ба ман бахшида шеър менависад. Вай «Волга»-и шахсӣ доштааст, то Зимчуруд саёҳат карда омадем. Лекин маро осону арзон ба домаш фароварда наметавонад. Аввал хуб медавонаму зиёфаташро мехӯрам. Ҷазои онҳо ҳамин. Чӣ гуфтӣ, Тӯҳфа? Ё гапам нодуруст? Дар пахтачиний ҳам як намояндан Вазорат ба ман шилқин шуд, ба бузбозӣ андохтам. Охираш ба муродаш нарасида, чашмашро мош барин кушода монд.

Тӯҳфа дилашро бо он таскин медод, ки рӯзи истироҳати оянда ба ҳавлии Наташа-хола кӯчида мераваду аз шунидани моҷароҳои нишкии Шура халос мешавад. Вай аз гапу корҳои ин ҳамхонааш дар ҳавотир буд. Ҳайрон мемонд, ки Шура чӣ хел ба институт даромадааст, чаро китоберо ба даст намегирад, дарс тайёр намекунад. Боре ба ӯ эрод гирифта, ба бало монд. Шура дӯғ зад, ки

акнун ӯ мустақил асту ба насиҳатчиҳои ҳасудхӯр эҳтиёҷ надорад.

Ана ҳамин Шура бегохи шанбе аз машғулият саросема ба хобгоҳ баргашту гуфт:

— Тӯҳфа, хайрият ту дар ин ҷо будай. Медонӣ, чӣ? Ин бегоҳ ҳардуямон бояд ба хонаи муаллим равем. Он кас меҳмон даъват карда будаанду мо ёрӣ медодаем.

Тӯҳфа ҳайрон шуда пурсид, ки кадом муаллим. Шура номи ӯро фаҳмонда гуфт:

— Ин семестр имтиҳони асосӣ аз фанни ҳамон кас. Рафта хизмат кунем, рӯямон гарм мешавад. Ту ба дегу табақ усто-ку. То хуфтан бармегардем. Худи муаллим ҳардуи моро таъин карданд.

— Занашон магар нест? — пурсид Тӯҳфа, ҳанӯз ба чӣ қарор омадани худро надониста.

— Надонам,— китф ҷунбонд Шура.— Занашон набудагист-дия. Ё бошад ҳам, ноӯҳдабаро будагист, меҳмондорию дастарханкуниро намедонистагист. Хез, либосатро пӯш. Барвақттар рафта салат тайёр мекунем, гӯшт қима карда мемонем. Қор бисьёр.

Тӯҳфа ноилоҷ бархеста, либосашро иваз кард. Илтимоси муаллимро ба ҷо наовардан нағз не, албатта, мегуфт ба худ. Дилашон об хӯрда, ба шогирдон кор фармудаанд. Рафтан лозим. Духтарон чунон хӯрокҳо пазанд, чунон дастархон ороянд, ки меҳмонони муаллим қоил шаванд. Шукр, аз дасти Тӯҳфа ҳама кор меояд. Вай дар ҳавлии серомадурафти амаки улфатбозаш солҳои дароз хизмат карда, қабулу гусели меҳмонро нағз омӯхтааст.

Тӯҳфа аз қафои Шура ба ошьёнаи дуюми як бинои калон баромад. Вақте ки занг заданд, дарро худи муаллим ба рӯи онҳо кушод.

— О, боракалло, духтарон! Қанӣ, ба дарун дароетон,— гуфт муаллим, ки марди миёнсоли фарбеҳу тоза, мӯи ҷингилаи сараш мошубиринҷ буд.

Муаллим аз паси духтарон дарро занҷир кард, ба кашидани пальтои онҳо ёрӣ расонд. Тӯҳфа гӯшбакимор шуда фаҳмид, ки дар хона ғайр аз худи муаллим касе нест. Дари зал, андарунӣ он дари хонаи хоб калон кушодагӣ менистод. Қандилҳои булӯр, мебельҳои хориҷӣ, қолинҳои бисьёри хушрӯ, телевизори калони ранга ва дигар ашьёҳои хона аз зиндагии серупур, маданӣ ва осудаҳолонаи соҳибаш шаҳодат медоданд.

— Мо аз пан кор шавем,— гуфт Тўҳфа, дари ошхонаро кушода.

— Не, не! — муаллим аз китфи ў дошт.— Аввал ба зал даромада нафас рост кунетон, якстакани чои лимондор нўшетон.

— Меҳмонатон кай меоянд? — пурсид Шура.

— Ҳоло ягон соат ҳаст,— ҷавоб дод муаллим.— Ҳардуи шумо чахохбилии чўҷагӣ мепазетон, сабзию пиёз реза мекунетон. Ошро сонӣ худам мепазам.

Духтарон ба зал даромада, болои дивани нарму фарох нишастанд. Муаллим ба рўи мизи даврa косаи булури пур аз қанду шоколад гирифта монд, ба стаканҳои чинии дастадор, ки ҳар яке лаъличаҳои ҳамранги худ доштанд, чой рехт. Лимўи қаламкардан шакаромез рўи лаълии борики дароз хушрў чида шуда буд. Қошуқчаҳои тиллоии дастаашон нақшин «мана гир» мегуфтанд.

— Янга аз кор барнагаштаанд? — пурсид Шура, ба стакани худ ду-се қалам лимў андохта.

— Не, дар шаҳр нестанд,— гуфт муаллим, сигарети хушбўи «Феникс» даргиронда.— Он кас ба санаторияи Гурзуф рафтагӣ. Роҳи нафасашонро табобат мекунанд.

— Ман Гурзуфро дидагӣ,— луқма партофт Шура, бо қошуқча стаканро кофта истода.— Соле ба лагери «Артек» рафта будам. Он ҷо моро ба Гурзуф, Ялта, Мисхор ва Алупка ба экскурсия бурданд. Ҳамааш дар соҳили баҳру каб-кабуд дарахт. Эҳ, худи ҳавои тозааш ҳазор тилло.

Баъди чой духтарон аз пан кор шуданд. Муаллим ба онҳо корду тахтача, сабзавот, ду-се чўҷаи парканда ва дигар чизҳои заруриро нишон дод. Тўҳфа дид, ки масолеҳи ҷудокардан ў қазой нест, хавф бурда пурсид:

— Муаллим, меҳмонатон чанд кас?

— Ба чор персона хўрок тайёр мекунетон. Худатон ҳам ҳисоб.

— Пас, фақат як кас меояд? — хандид Шура.

— Бале,— тасдиқ кард муаллим.— Як нафаре, ки ба дах кас меарзад. Роҳбари як хоҷагии калон, ҷўраи наздики ман. Марди хеле хушчақчақ.

Муаллим аз даҳлез ба меҳмонхона телефон кард. Овози ўро духтарон баръало мешуниданд.

— Қосимҷон? Дам гирифта хестед? Ҳа, рўзона ҳам як соат-ним соат хобидан нагз... Ҳозир дуруст барин.

Тайёрй мебинем. Дуньё ба умед, додарам. Биёед, мо мунтазир.

Вақте ки дег ба ҷӯш даромад, рӯи миз қадаҳу лаълию сачоқҳо ва меваю газакҳоро бо тартибаш чиданд. Тӯҳфа ба дугонаи хушҳолаш гуфт:

— Шура, ман акнун меравам, кор дорам.

— Баҳона наҷӯй, бандаи ношукр! — қаҳқашро гирифт Шура.— Зиёфати тайёрро монда кучо меравй? — Баъд ногоҳ бо овози баланд фарьёд зад: — Муаллим! Тӯҳфа рафтанй.

Муаллим, ки ким-чй хел нӯшокиҳои сурху сабзро ба кӯзачаҳои нукрагин рехта истода буд, корашро монда, зуд ба ошхона омад.

— Чй! Меравед? — ба Тӯҳфа рӯ овард ӯ.— Дар урфият мегӯянд, ки омадан бо иродату рафтан бо иҷозат. Ин қадар меҳнат ки кардетон, роҳаташро ҳам бояд бинетон. Шумо, Тӯҳфахон, ба ҳеҷ кучо намеравед, ман дари берунро қулф карда, калидашро ба киса андохта мондаам. Қанй, майлаш, зирбаки ошро ҳам худатон кардан гиретон.

— Муаллим, шамманй чойнакро ба кучо холй кунам? — пурсид Шура.

— Бемалол ба обрез рехтан гиред ва милро калон кушоед,— гуфт муаллим ва шарҳ дод.— Ин хилаи хеле нозуки рӯзгор аст, ки на ҳама медонад. Кубурҳоро хеҷ чиз аз шамманй чой дида нагэтар тоза намекунад. Ба шарте ки шамма талқон бошаду об фаровон.

Меҳмон омад. Вай марди ҳамсинну соли муаллим буду чашмони хумору зирак ва дандонҳои тилло дошт. Бо духтарон вохӯрдй карда, бенбову истиҳола дастонашонро бӯсид. Аз хиҷолат Тӯҳфа замин намекафид, ки дарояд. Меҳмону Шура ба диван, Тӯҳфаю муаллим ба курсиҳои рӯ ба рӯи онҳо нишастанд. Муаллим ба ҷомҳои булӯр коньяк рехт. «Ба қадаҳи хонумҳо,— гуфт вай.— ана аз ин шароби пудинадори хушхӯраш мерезем. Таъсираш қариб ки нест, қандчой барин ширин».

Аввал ба саломатии духтарони мохлико, муваффақиятҳои онҳо дар хонишу имтиҳон, соней барои меҳмони азизу мӯътабар, барои барори корҳои соҳиби хона қадаҳҳо бардошта шуданд. Мардон духтарҳоро ба ҳолашон намонда, нӯшонданй мешуданд. Бо вучуди он, ки шароб гӯё диссертй буду Тӯҳфа фақат як-дукултй менӯшид, дере нагузашта авзоаш дигар шуд, баданаш таф-

сид. Ин зали пурчиҳоз, чашмони харису дурахшони меҳмон, рӯи дастархони пуриозу неъмат, муаллим, ки сар ҷунбодаю лаъличаеро бо нохун зада суруд мехонд,— ҳама ба назари ӯ хобу хаёл барин менамуданд. Овози гафс, вале форами муаллим гӯё аз дур ба гӯш мерасид:

То умр бувад, дар ҳаваси рӯи ту бошам
В-ар хок шавам, хоки сари кӯи ту бошам.

Фардон қиёмат наравам ҷониби тӯбӣ,
Дар соя сарви қади дилҷӯи ту бошам...

Аз чӣ бошад, хандаи Тӯҳфа меомаду худро дошта наметавонист. Аз байни тумани хушгувор вай ногаҳон дида монд, ки меҳмон. Шурароро аз дасташ дошта хезонду ҳарду рафтанд. Азбаски хушаш ба Шура банд буд, Тӯҳфа акнун пайхас кард, ки муаллим ба гӯшаш ким-чиҳо мегӯяд.

Нафаси гарму лабони тари муаллим ба манаҳу гулӯяш расида, ғаши Тӯҳфаро меовард. Вай, хушбахтона, якбора ба худ омаду матлабро фаҳмид, худро бо такону талош аз оғӯши муаллим раҳо кард. Шитобон рафта дари баромадро кушод, қариб ғалтидаю пешпо хӯрда, аз зина поён шуд, ба қафояш нигоҳ накарда гурехт.

Аз ҳавои сарди шабона торафт ҳушьёр шудаву аз кори шудагӣ ба ҳарос афтода, Тӯҳфа ба хобгоҳ омад. Аз хиҷолату ҳаячон баданаш дарақ-дарақ меларзид, рохи нафасашро чизе банд мекард.

Тӯҳфа дарро аз дарун баста, ҳамон шаб танҳо хобид. Шура пагоҳӣ омад. Рангаш қаҳрабо барин кандагӣ буду боз парво накарда, ба Тӯҳфа дӯғ мезад:

— Дугона магар ҳамин хел мешавад? Чаро гурехтӣ, танҳо омадӣ? Минбаъдаш ҳамроҳ равӣ, ҳамроҳ биё. Фаҳмидӣ?

Тӯҳфа ба ҳавлии Наташа-хола кӯчида омад. Пиразан аз шодӣ ба курта намеғунҷид. Ба қавли Маъруф «бӯрьёкӯбон»-и рӯзи аввал нағз гузашт. Ошро ҳарсеяшон бо иштиҳои соф хӯрданд. Вақте ки Маъруф хайрухӯш карда рафт, Наташа-хола гуфт, ки ӯ чавони дидадарою бамаънӣ будааст, дили бекинаашро чашму рӯи банураш акс мекунад. Тӯҳфа одамшинос будааст, ки чунин чавонмарди накӯро имрӯз ҳамроҳ овардааст.

Ҳамон шаб Тӯҳфаро дере хоб набурд. Маълум набуд, ки ин таъсири дигар шудани ҷои истиқомат аст, ё зиёфати дар гӯшаи хотир набудаи муаллим. Вай ҳамон шаб аз домн бало саломат раҳо ёфта бошад ҳам, хавотир буд, ки муаллим аз ин рафтори ӯ чӣ хулоса баровардан аш мумкин. Оё ӯ қасддор намешавад? Аз имтиҳон намеғалтонад? Омӯзгори донишкадаи олӣ, номзади илм, ба дидан як марди солори маданӣ ботинан наход одами фосиқ бошад? Охир ӯ, аз рӯи гуфти Шура зани мохталъате доштааст, қади фарзандонаш бо худаш баробар шуда будааст, коллектив эъзозу ҳурматаш мекардааст. Ҷӯраи ӯ — Қосимҷони ба командировка омадагӣ чӣ?

Балки худи духтарон гунаҳкор? Охир онҳо ба хонаи муаллим бо пои худашон рафтанд-ку. Набудани зани ӯро дидаю дониста, дар хонаи хилват бо ду марди бегона нишастанд-ку. О, мард ба духтаре, ки бо пои худаш меояду ҳамроҳ шароб нӯшида мешинад, албатта, хушомад мезанад-дия. Оре, ин ҷо муаллим не, балки Шура гунаҳкор. Рӯдаи худаш ки алою лабонашро инҷ карда мегардад, муаллим маҳз ӯро ба хонааш даъват кардааст. Бо дугонаам меоям гӯяд, муаллим гумон кардагӣ, ки дугонааш ҳам, пас, худаш барин. Вагарна муаллим метавонист, ҳамон шаб Тӯҳфаро низ ба рафтан намонад. Не, вай авзои корро диду дигар зӯрӣ накард, монд ки Тӯҳфа дарро кушода равад.

Тӯҳфа дар бораи воқеаи ҳамоншаба ба касе даҳон накушод. Муаллим ҳам худро ба нодонӣ зада гашт, дар имтиҳон сир бой надод. Ба Тӯҳфа ба чавобаш мувофиқ баҳои хуб монд. Шура аз ҳама охир даромаду низ баҳои хуб гирифта баромад. Ӯ, табъаш чоқ, дафтарчаи имтиҳонашро фахркунон ба ҳама нишон медод.

Наташа-холаю Тӯҳфа очаю бача барин шуда монданд. Онҳо ба ҳамдигар мехрубон хушу хурсандона зиндагӣ

мекарданд. Дар рӯзгор норасоие надоштанд. Бо маслиҳат харид мекарданд, бо маслиҳат хӯрок мепухтанд, ҳамроҳ телевизор медиданд. Баъд дар хона-хонаи худ рафта мехобиданду барвақт мехестанд.

Тӯҳфа стипендияашро оварда чанд бор доданӣ шуд, пиразан нагирифт, ҳатто хафа шуд:

— Ғун карда ба худат ягон чиз мехарӣ,— гуфт ӯ.— Рӯзгор тани ман, духтарам.

— Охир, харочоти шумо калон,— эътироз кард Тӯҳфа.— Пули обу газу электр, налогӣ ҳавлӣ...

— Шукр, ман ғами давраи пириамро хӯрда мондагӣ.— эзоҳ дод Наташа-хола.— Ҳамон қадар сол кор кардам, моҳона гирифтам, боз ана нафақа ҳам медиҳанд. Захира кардаам-дия. Замонаҳо тинҷ истаду саломат бошем, ин тарафаш рӯзамон як навъ мегузарад, духтарам. Гуруснаю бараҳна намемонем.

Ту нағзакак хонда духтури номдор шавӣ, бас. Нияти ман акнун ҳамин.

Навбаҳор омад. Дарахти бодоми кунҷи ҳавлии Наташа-хола чаман барин гул кард. Занбӯрони асал визвиз парида омада, шираи гулҳоро ба куттиҳон худ мекашонданд. Ду мусичае, ки ба пиразан одат карда буду дар айвон лона дошт, аз саҳар ку-кугӯён ба хониш медаромад. Пуштаву кӯҳҳои атрофро каб-кабуд алаф пӯшид. Осмон гоҳ соф мешуду гоҳ абролуд. Зуд-зуд борон мезад.

Тӯҳфа шабҳо аз гулдурросу қасар-қусури раъду барқ ба шавқ омадаю ҳаросида, худро ба даруни кӯрпаи нарму гарм мехаст. Баъзан якбора сел меомаду болои боми тунука нағораздӣ мешуд.

Тӯҳфа то як поси шаб дар бораи Маъруф хаёл мекард. Қадду қомати расо, чашмони маъсум, тарҳи базеби рӯй, дар мачлисҳо гап задан ва ҳатто роҳгардии ӯро пеши назар меовард. Дам ба дам дар хобаш бо ӯ манша мекард, сурху сафед мешуд. Маъруф гӯё ба Тӯҳфа нимнигоҳе намекардааст доим аз пан Шура мерафтааст. Шура чашмонашро пӯшидаю рӯяшро болоӣ карда, муҳайёи бӯса менстодааст. Маъруф бо ду даст аз китфонаш дошта, ба рӯи ӯ оҳиста хам мешудааст. Дар ин гуна ҳолатҳо пеш аз он ки лабу рӯи онҳо ба ҳам чафс шавад, Тӯҳфа як қад парида аз хоб мехест. Рӯзҳо дугонаҳояшро қасдан ба гап андохта дар саҳни институт менстод, ки Маъруфро аз дур бошад ҳам, як бор бинад. Агар тифоқо рӯ ба рӯ омада монад, салом мегуфту чашм

ба замин медӯхт. Ба қавли шоир, на тоқати он дошт, ки дер бинад, на ҷуръат мекард, ки сер бинад. Албатта, ин тавлиди ишқ буд.

Ишқе буд, ки дар мағзи дили ӯ дона кишта ба сабзиш даромадааст, ба ҷисму ҷони ӯ шавқ, ҳарос, умед ва хаяҷон бахшидааст.

Тӯҳфа пайхас карда монд, ки Наташа-хола боре либосҳои тозаашро пӯшида, як коса таомро ба рӯмоли сафед баста, ба кӯчое рафта омад. Тӯҳфаро ҳисси кунҷковӣ бедор шуда, бегоҳӣ пурсид:

— Наташа-хола, якбора ба кӯчо ғайб зада омадед?

Пиразан кокулони майдабофтаи Тӯҳфаро бо меҳри модарӣ сила карду оҳ кашида гуфт:

— Ба калисо рафтам, духтарам. Айбам макун. Одам пир шавад, дар боран охират бисьёр фикр мекардааст. Ба поп савғо бурдам, ба гадоҳо садақа додам. Ба худо тоату ибодат мекунам, ки рӯҳи Андреямро шод гардонад, гуноҳҳои мани осиро бубахшад.

— Шумо ба дин аз аввал эътиқод доштед?

— Не, Тӯҳфаҷон. Ин ҳиссиёт соҳӣ пайдо шуд. Одам бе ният зиндагӣ карда наметавонистааст. Ба назарам, виҷдон гуфтанӣ чизе ҳаст, ки оламу одамро идора мекунад, гуноҳу савобро ба ҳисоб мегирад. Ба васвасаи шайтон дода шавӣ, ба ягон кас ноҳақ ҷабр кунӣ, табиат ҳатман ҷазо медиҳад. Ман ба ҳамин хулоса омадам, духтарам.

— Баъзеҳо гуноҳ мекунанду ҷин намезанад-ку. Баръакс, кордашон болои равған, мансабу мартабаашон боло... Барои чӣ худо ҷазои онҳоро намедиҳад?

— Шаккокӣ макун, духтарам. Аз ҳукми худо ҷои гурез нест. Аммо парвардигор ба бандаҳояш бахшояндаву меҳрубон аст. Сабр мекунад, мӯҳлат медиҳад. Арвамчинро халта партофта мемонаду касе аз ҳад гузарад, чунон мекашад, ки ба замин афтода даҳону биниаш хун мешавад. Ё қасдан ба ҳолаш мемонаду касофати ӯро ба зану фарзандон, ба хешовандони наздики бегуноҳаш мезанад.

Мавридаш омаду Тӯҳфа хост, ки аз Наташа-холаи соҳаи савдоро нағз медонистагӣ баъзе асрори ниҳонро пурсида гирад. Чунки онҳо баъди хӯроки шом бо хотири ҷамъ сӯҳбат карда, чой хӯрда менишастанд.

— Хола, як чизро пурсам,— гуфт Тӯҳфа ба пиразан пиёларо дароз карда.— Ҳаққимардумхӯрон аз киҳо ва бо кадом воситаҳо пора мегиранд? Як мисоли оддӣ, ама-

ки ман он қадар сарвати фаровонро чй хел гун карда бошад?

Наташа-хола лаби поёнашро газида, хаёл карда монду баъд ба гап даромад:

— Ман нағмаҳои чорвохарй, молбўрдоқикунй ва фурўши онро намедонам. Амаки ту ходими ҳамин соҳа будагй. Лекин аз доду муомилаи савдо каму беш хабар дорам. Гоҳо ҳанноте тасодуфан директори як магазине мешавад. Аввалаш ин, ки вай ба ин мансаб ҳамту намерасад. Пуштупаноҳи зўр дорад, гулўи воситачиҳои дил пур мешудагиро равған кардааст, баъд фармон гирифтааст. Хуб, фарз кардем сиҳату саломат ба курсии директорй омада нишаст. Ба гумони ту вай корро аз чй сар мекунад?

— Маҷлис мекардагист,— гуфт Тўҳфа, пиёлаи холиро аз дасти пиразан гирифта.— Бо ҳамин баҳона бо ходимони магазин, анборчию молшиносҳо шинос мешудагист. Дар боран муомилаи хуш бо харидорон ва иҷрои плани савдо гап мезадагист...

— Не! — даст ба зону зад Наташа-хола.— Тамоман ин хел не. Вай — мард бошад сигарет кашида, зан бошад чою шоколад хўрда хап мешинаду ходимони магазин бо навбат як-як ба наздаш медароянд.

Мудири корчаллон бошад, як чиз мешавад. Ана, сонй кучо сарф кардани пулро надониста ба ҳар чизи даркору нодаркор пул сарф мекунад. Мо як гурўҳ ходимони софдили савдо ана ҳамин махинацияҳоро фош кардем, ба ҳаромхўрон зарба задем. Партия ва ҳукумат ҷазояшонро дод. Шукр, ҳозир хеле тинчй шудагй.

— Дар корхонаҳо молро чй хел аз норма зиёд мебароранд,— боз пурсид Тўҳфа, ки аз ин ҳисобу китоб ҳанўз ба худ наомада буд.

— Мумкин, моли хомро бисьёр гиранд, брак гуфта акт монанд. Ҳазор роҳаш ҳаст. Давлати саховатманди мо як чиз барорад, масолеҳи ду чизро сарф мекунад-ку.

— Мо бошем, қариб панҷоҳ сўм стипендия мегирем гуфта, хурсанд.

— Савдогарони зўр зиёни заҳматкаши фурўтанро аҳмақтарин махлуқи дуньё ҳисоб мекунанд. Албатта, дар дил. Вале он гумроҳони бандан нафс бехабар аз онанд, ки нимта нон роҳати ҷон аст. Ту ба роҳат рост бошу лукмаи ҳалол хўр, духтарам. Хайр, акнун ман рафтам. Хоби хуш бин.

Ҳамон шаб хоби Тӯҳфа парид. Вай беихтиёр давру даврони амакашу Ҷаҳонбӣ ва оқибати бади қисмати онҳоро фикр карда баромад. Радди маърака шудан, ба ҳабсу бадарға афтодан чӣ қадар нанговар аст! Хуб шуд, ки Тӯҳфа бо рохи онҳо нарафт, фирефтаи пулу чизи дуньё нашуд, худро ба дари илму маърифат зад.

Вай ҳоло беихтиёр чунин абъёти Абдураҳмони Ҷомиро ба хотираш овард, ки ҳамчун насиҳат ба фарзанд таъкид карда буд:

Бикун коре, ки суде дорад охир,
Ба сар борони ҷуде борад охир.

Нахуст аз касби дониш бахравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.

Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

Ки бошад дӯст он ёри худой,
Дилаш равшан ба нури ошной.

Қашад бори ту, чун бошӣ гаронбор,
Кунад кори ту, чун гардӣ заёнкор.

Зи олоиш чу гардад дастгират,
Барорад пок чун мӯй аз хамират.

Ба кори нек гардад ёвари ту,
Ба кӯи некномӣ раҳбари ту.

Фаровон шуғлҳоро андаке кун,
Зи олам рӯи шуғл андар яке кун.

Аниси кунҷи танҳой китоб аст,
Фурӯғи субҳи доной китоб аст.

Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.

Надиме, маҳздоре, пӯстпӯше,
Ба сирри кор гӯёе, хамӯше.

Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур...

Курси якумро Тӯҳфа хубу аъло ба охир расонд. Дар давраи таътили тобистона ҳама худро ба отрядҳои сохтмони студентӣ нависонданд. Тӯҳфа бо шарикдарсонаш ба КамАЗ рафтанӣ шуд. Командири гурӯҳи онҳо Маъруф буд.

Маъмурияти вокзал барои студентони бинокор аз дувоздаҳ вагон иборат поезди махсуси ғайрирейс ташкил кард. Дар перрон ҳамон рӯз замин кафида одам рӯйда буд. Намояндагони тамоми институтҳои пойтахт ба сафар мебаромаданд. Оркестри нафасӣ марши идона менавохт. Назди даромадгоҳи қариб ҳамаи вагонҳо ҷавонон давра гирифта, дойра мезаданд, тор менавохтанд, месуруданд, мерақсиданд.

Наташа-хола сумкаи пури хӯрокворирро ба дасти Тӯҳфа супурда, сари ӯро ба сандуқи дил ҷафс карда, бо овози ларзон мегуфт:

— Ба манзил ки расидетон, телеграмма те, духтарам. Маро хавотир карда, аз рӯзам пеш накуш. Бевақтиҳо нагард, аз ҳамкурсонат ҷудо нашав. Қоидаи пошминат дар ҷомадон. Шабҳои он тараф хунук мешавад, худатро эҳтиёт кун,— ҳамин вақт Наташа-хола Маъруфи саросема гузашта истодаро диду ӯро аз остинаш какашида нигоҳ дошт: — Ҳой Маъруфҷон, ту командир, ҳуқуқат калон. Аз духтарҳо бохабар бош. Тӯҳфаро ба ту месупорамӣ туро ба худо. Сиҳат раветону саломат биёетон. Ман шабу рӯз дар ҳаққатон дуо мекунам, чашм ба роҳи бозгаштатон медӯзам. Ма, Маъруфҷон, ҳамин як сумкаро худат бардошта гир. Хӯрокҳо нобуд намешудагӣ, ба ҳардуятон бахузур як ҳафта мерасад.

Тӯҳфа пиразанро ба оғӯш кашид, рӯяшро ба рухсораи ӯ ҷафс кард. «Хавотир нашавед, холаҷон,— гуфт ӯ.— Аз худатон эҳтиёт бошед. Ман нисфи қавурдокро дар кострюл мондагӣ. Гӯшт кофта нагардед». Баъд бо Маънашро дошта натавониста, қад-қади вагон медавид, аз тиреза сари Тӯҳфаро мечуст. Ана, аз қафои шишаи як тиреза сари Тӯҳфа намоён шуд. Вай сӯи Наташа-хола даст мечунбонду дар пахлӯяш табассум карда Маъруф меистод.

Поезд ба роҳ даромад. Гуселкунандаҳо пароканда шуданд. Аз ҳама охир дар перрон Наташа-холаро дидан мумкин буд, ки ҳанӯз чашм аз самти рафтани поезд

намеканду сӯи истгоҳи троллейбус якта-якта кадам мегузошт.

Тӯҳфа дар умраш аввалин бор ба поезд савор шуда буд. Барои ҳамин аз тиреза дур нашуда берунро тамошо мекард. Иморатҳо, кӯчаҳо, дарьёю кӯпруки панчараҳояш баланди он, ҳавлиҳои қатор, дарахтони сахрӣ, заминҳои пахтакорӣ як-як аз пеши назар мегузаштанд.

Дар вагон бошад, хандаю шӯхии духтарон давом дошт. Онҳо аз проводник кӯрпаю болишт гирифта, ҷойҳои хоби худро тахт мекарданд. Маъруф аллакай чун командир ҳукмашро ронда, мусофиронро ба тартибу низом мекашид.

Тӯҳфа ҳеҷ гумон надошт, ки дунъё ин қадар васеъ аст. Онҳо се шаб хобида хестанд, аз туннельҳои мағзи кӯҳ гузаштанд, вокзали шаҳрҳои калонро диданд. Даштҳои нопайдоканори Қазоқистон паси сар монда, бешаҳои анбӯҳи Россия оғоз ёфтанд. Мақоли «шунидан кай бувад монанди дидан» беихтиёр ба ёди кас мерасид. Тӯҳфа хурсанд буд. Аз он, ки имтиҳонҳоро нағз супурд, ба курси дуюм гузашт. Аз он, ки ба Наташа-холаи мушфиқу дилҷӯ дучор омад. Аз он, ки ба поезд савор шуд, ба сафари дур меравад, ин қадар ҷойҳоро дид. Аз он, ки дугонаҳои шарикдарс ҳамроҳашу командирашон Маъруф низ дар ҳамин вагон аст.

— Рафиқ комсорг, студентка ба шавҳар баромаданаш мумкин? — гап мекофт Шураи шӯх.

— Бемалол,— гуфт Маъруф ва хандида илова кард: — Ба шарте, ки аз ӯҳдаи шавҳардорӣ барояд.

— Шавҳарро магар дошта гаштан лозим?

— Албатта... Лаҷомашро, ки сар додӣ, думро хода мекунад.

— Ба ман,— баҳсро давом дод Шура,— шавҳаре лозим, ки думро хода карда аз паси худам тозад.

— Яъне бе ресмон ба худаш баста монданӣ вай,— луқма партофт Тӯҳфа.

Духтарон завқ карда хандиданд.

Дар вокзали Куйбышев студентони Тоҷикистонро ба шаҳрҳои гуногун тақсим карданд. Гурӯҳи Маъруфино ба Набережные Челны рафт. Рӯзи аввали омаданашон онҳоро бо шаҳри навбуньёди ҚамАЗ ва корпусҳои ҳашаматноки завод шинос карданд. Аз рӯзи дуюм кор сар шуд. Отряди духтарон бояд як бинои ҳафтошьёнаи истиқоматиро, ки дару тирезаҳояшро нав шинондагӣ буданд, ба истифода тайёр мекард. Вазифа асосан аз ан-

доваю сафед кардани деворҳо, ранг додани полу дару тирезаҳо иборат буд. Маъруф саҳари барвақт бо автобус як ғарам корҷома бардошта омад. Духтарон корҷомаҳоро ба бар кардаву ба намуди якдигар хандида, бо ҳамон автобус аз хобгоҳ ба қитъаи сохтмон равон шуданд.

Дар автобус Маъруф тасодуфан ба паҳлӯи Тӯҳфа нишаста монду пурсид:

— Шумо пеш бо ин корҳо машғул шудаед?

— Ҳа,— тасдиқ кард Тӯҳфа.— Хонаҳои нави амакамро дар район асосан худам гаҷлов мекардам.

— Ин хел бошад, шумо андовачӣ мешавед, ягон духтари навкорро ба худ шогирд мегиред.

— Итоат, рафиқ командир,— даст ба чакка бурд Тӯҳфа.— Аз ҳамон қадар роҳи дур омадем, зӯр мезанем. Гам нахӯред.

— Дугонаи ширин! — фарьёд зад Шура аз қафо.— Охир баландтар гап занетон, мо ҳам шунавем.

Духтари дар курсии паҳлу нишаста аз Тӯҳфа пеш овозашро баланд кард:

— Сӯҳбати инҳо ба ту маъқул намешавад, Шура. Инҳо аз ишқу муҳаббат не, аз кору андова гап мезананд.

— Маълум шуд,— пичинг партофт Шура.— Командирамон андовачни зӯр ёфтаанд-дия.

— Бале! — тасдиқ кард Маъруф.— Метарсам, ки ӯ даҳони туро ҳам андова карда намонад.

— Чунон ки даҳони шуморо,— паст наомад Шура.

Аз садои хандаи духтарон автобус лабрез шуду ронанда — ҷавони тотор шавқманд шуда пурсид:

— Анекдот что ли? Переведите, пожалуйста.

Қариб ду моҳе, ки студентон дар сохтмон кор кардаанд, дӯстии байни онҳоро қавӣ гардонд. Онҳо бо хулқу атвори якдигар нағз шинос шуданд, саргузашту орзуҳои якдигарро дониста гирифтанд. Чашми кордонӣ, шӯхихон базеб, дили кушод ва қомати шамшоди командирашон бошад, бенистно ҳаман духтарони отрядро мафтун карда буд. Бисьёре аз онҳо ниҳонӣ орзу мекарданд, ки маъшуқаи чунин ҷавонмарди тавоно бошанд. Тӯҳфа аз вазъияти ба амал омада хафа шуд, ҳатто чанд рӯз навмеду рӯҳафтода гашт. Ҳеҷ ба чашмаш намерасид, ки Маъруф аз байни ҳамин қадар духтари барнои отряд маҳз ӯро интихоб кунад.

Лекин як воқеа ба Тӯҳфа аз нав рӯҳу имон бахшид,

шамъи ишку умедашро аз нав фурӯзон кард. Охирхон моҳи август ба муносибати хушсифат ва аз рӯи график ба истифода тайёр шудани бино шаби дӯстӣ гузарондданд. Сардори сохтмон студентонро табрик кард. Ба зарбдорони меҳнат мукофотҳои пулию молӣ ва табрикномаҳо супурданд. Бо намояндагони республикаҳои бародарӣ вохӯрӣ барпо гардид. Баъд бо навои оркестри эстрадӣ рақсҳои аврупой ва твист сар шуд.

Тӯҳфа, ки ин намуди рақсҳоро намедонист, дар хараки гӯшаи майдон менишаст. Дигарон, қарӣб ҳама ба давра фаромада буданд. Маъруф аввал бо як духтараки аз Украина омадагӣ, баъд бо тоҷикдухтари хамкурсаш рақс кард. Тӯҳфа пай бурд, ки ӯ дар давоми тамоми рақс ба гирду ҷониби майдон назар медӯзад, касеро меҷӯяд. «Наход маро бошад?» — аз дил гузаронд Тӯҳфа андак безобита шуда.

Дил назаргоҳи ҳак аст, мегуфтанд дар қадим. Ҳозир номи онро телепатия ё биоток меноманд. Маъруф дар ҳақиқат Тӯҳфаро мекофт, бо ӯ рақсидану сӯҳбат кардан мехост. Ҳангоми тавақкуфи оркестр вай Тӯҳфаро аз дур дида, рост ба наздаш омад, мисли ҷентльменҳои бодоб пойҳояшро ҷафс карду сарашро хам. Тӯҳфа беихтиёр аз ҷой хест. Маъруф аз бозуи ӯ дошт.

— Лозим не, Маъруфҷон. Ман рақс карда наметавонам,— кариб пичиррос зада узр хост Тӯҳфа.

— Ман ёд медиҳам, рафтем,— аз дасти Тӯҳфа кашола кард Маъруф.— Ана, дидед, мусиқии ором сар шуд. Ба ин савт оҳиста ҷунбидану пешу қафо қадам партофтан лозим ҳалос.

Онҳо ҳар ду ба мобайни майдон, ки пур аз рақҳосон буд, омаданд. Маъруф фармуд, ки Тӯҳфа ду дасташро ба китфони ӯ гузорад. Ҳуд бо ду даст беозор аз миёни Тӯҳфа дошту ба чапу рост оҳиста-оҳиста қадам задан гирифт. Тӯҳфа низ нонлоҷ ба ӯ такья ва ба ҳаракати ӯ пайравӣ кард. Не, бар хилофи чашмдошташ рақси онҳо ба савти мусиқӣ мувофиқ буд, дастони Маъруф миёни Тӯҳфаро бо навбат фишор дода, ба кадом тараф майл кардани ӯро гӯё ки мефаҳмонданд.

Аҷаб шавқовар будааст ин рақси оммавӣ. Қасе ба онҳо аҳамият намедод, ҳама ба ҳоли ҳуд буд. Хубияш боз ин буд, ки ду кас наздик истода, бемалол сӯҳбат мекарданд, ба чашму рӯи якдигар зеҳн мемонданд, бо даст аз китфу миён маҳкам дошта, ҷавлон мезаданд. Тӯҳфа болои гӯши ҳуд нафаси гарми Маъруфро ҳис ме-

кард. Дам ба дам ба таври табиӣ ва гӯё нохост дастони Маъруф ба миёни ӯ ҳалқа ва сандуқи дилаш ҷафс шуда мемонданду пайкари Тӯҳфа аз ин ба изтироб меафтод. Ҳоло Тӯҳфа мехост, ки мусиқӣ асло хомӯш нашавад, розӣ буд то субҳдам бо ҳам раксанд.

— Раққосаҳои моҳир, духтарони талабгор бисьёру чаро шумо маро таклиф кардед? — пурсид Тӯҳфа.

— Шумо, Тӯҳфа, аз ҳамаи онҳо фарқ мекунед,— гуфт Маъруф.

— Аҷиб. Бо чӣ фарқ мекардаам?

— Бо суҳан баён карда наметавонам, вале ҳис мекунам. Ҷозибае доред шумо, Тӯҳфа. Ин ҷозиба чун оҳанрабо дилро сӯи худ мекашад.

Мусиқӣ ба охир расид. Ҳамаи ҳамшаҳриҳо ба як ҷо ҷамъ омаданд, ки ҳамроҳ ба хобгоҳ раванд. Тӯҳфа акнун аз сафари худ, кори худ ва қисмати худ бағоят шод буд.

Студентон аз сохтмони ҚамАЗ обрӯ гирифта бо забони дарозу рӯи сурх баргаштанд. Тӯҳфа дусаду шаст сӯм маош гирифта буд. Қариб ба дусад сӯмаш вай ба худаш пальтою ба Наташа-хола савғоҳо харид. Маъруф бори ӯро бардошта то дари кӯчаашон омад. Тӯҳфа ҳарчанд илтимос кард, ба ҳавлӣ надаромад. Ягон бори дигар гӯён ваъда доду рафт.

Тӯҳфа ба Наташа-хола телеграмма надода буд. Нохост, ки пиразан ба вокзал барояду ташвиш кашад. Ғайр аз ин мулоқоти ногаҳонӣ низ кайфияте дорад. Оноҳо дар рӯи ҳавлӣ ба ҳам вохӯрда, то дере якдигарро аз оғӯш сар надоданд. Аз чашмони Наташа-хола ашки шодӣ мерехту салиб кашида ба мехрубонии Масеҳо шукр мегуфт.

8

Тӯҳфа акнун студенткан курси дуюм буд. Машғулиятҳо дам пагоҳу дам бегоҳ, гоҳ дар корпуси таълимию гоҳ дар касалхонаҳо қариб тамоми рӯз давом мекарданд. Баъзан ҳатто ба саршӯй дасти ӯ нарасида мемонд. То як поси шаб нишаста ба конференцияҳои илмӣ, ба семинару коллоквиум, ба имтиҳонҳои навбатӣ тайёрӣ медид. Дар ин гуна мавридҳо Наташа-холаи рамузфаҳм худаш аз бозору магазин харид карда меомад, худаш чой меҷӯшонду хӯрок мепухт. Акнун ӯ аз баҳри зиёрати

калисо ҳам баромада буд. Дар хонаи хобаш шамъ дармегиронду тоату ибодат мекард. «Аз дар надаромада пўп ба дастат менигарад, ки чӣ овардӣ» — мегуфт ў.

Яке аз рўзҳои истироҳат Тўҳфа то намози аср ҷомашўӣ кард, сар шуст, ба дег хўрок андохта монду ба Наташа-хола гуфт:

— Дина бо Маъруф вохўрда будам, хола. Вай ба балети «Вальси калон» ду билет харидааст, маро ба театр таклиф кард...

— Қай мешудаст он балет? — сухани Тўҳфаро бурида пурсид пиразан.

— Ҳамин бегоҳ соати ҳафт.

— Ваъда дода будӣ?

— Қорам бисьёр гуфтам. «Расо соати шаш дар пеши фаввора интизорат мешавам» гўён монду рафт. Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, холаҷон? Наравам майлаш? Хафа намешавад?

— Хафа мешавад, албатта. Ту магар ранҷондани ўро мехоҳӣ?

— Не,— кўтоҳ ҷавоб дода, сурх шуд Тўҳфа.

— Пас, рафтанат лозим, духтарам.

— Охир моро якҷоя бинанд, гап мекунанд. Одатҳои мо ганда, нархи духтар мешиканад мегўянд.

— Одатҳои маҳаллӣ ганда не, Тўҳфаҷон. Дуруст мегўянд. Зан равған асту мард оташ. Эҳтиёт нашавӣ, гуппӣ дармегирию бахтат месўзад. Лекин, ба фикри ман, Маъруф аз он ҷавонҳои зинткору булҳавас не. Вай туро аз таҳти дил дўст медорад. Бўи мушк пинҳон наметонад, муҳаббати дуи шуморо ҳама аллакай медонад. Нархи духтар ҳамон вақт мешиканад, ки бо марде гардаду он мард дигар зан гирад. Маъруф бошад, ба ту харидори ҷазманд, духтарам. Нияту нақшаҳояш ҷиддӣ.

— Маслиҳат медиҳед, ки равам? — боз пурсид Тўҳфа, дар таҳи дил хурсанд шуда.

— Ҳа, рав,— гуфт Наташа-хола.— Рафта бо ошиқат вохўр, аз ман салом расон, ҳамроҳ балет тамошо кунетон. Лекин баъди театр зуд биё. Дар бевақтӣ бисьёр нагардетон. Ба ҳар ҳол мард мард асту духтар бояд эҳтиёт шавад.

Ҳамон шаб Тўҳфа ба театр рафт. Бо Маъруф вохўрд. Ин хел мулоқотҳо минбаъдаш боз чанд бор бо ташаббуси Маъруф такрор шуданд. Дар институт акнун ҳама медонист, ки онҳо бо ҳам мегарданду якдигарро дўст

медоранд. Муҳаббати гарму чӯшон ба Тӯҳфа болу пар мебахшид, дили ӯро ба хондан, ба зиндагӣ, ба ояндаи фараҳбахш гарм мекард.

Тӯҳфаю Маъруф рӯзе ба таври хеле пинҳонӣ ба хонаи суратгир даромаданд, ба паҳлуи ҳам нишаста сурат гирифтанд. «Даркор шудагист, балки ба модараш фиристодан мехоҳад» — гӯён Тӯҳфа ба ин кор ноилоҷ гардан фаровардa буд. Сураташон хеле равшану гӯё баромадааст. Тӯҳфа онро дар ҷойҳои хилват, ба касе нафаҳмонда бо завқ аз назар мегузаронд. Бо ошиқи арзандаю меҳрубонаш дар дил меболид, суханони пур аз меҳру садоқати ӯро ба хотир меовард. Аммо он вақт Тӯҳфа намедонист, ки ин сурати гирондаашон боиси чӣ гапу корҳо мешавад.

Ҳамкурсони Маъруф рӯзе суратро аз қабати китобаш тасодуфан меёбанду мебинанд, ки вай хандону шукуфон бо Тӯҳфа дӯш ба дӯш нишастааст. Он вақт танаффус будааст Маъруф ба буфет рафтааст. Қадом як студенти шӯх суратро ба тахтаи аудитория бо кнопка зада мемонад. Онро ҳама тамошо мекунанду ба гап медароянд.

— Ин духтар бало будааст-ку! — мегӯяд яке.

— Лайливу Маҷнуни асри бист,— илова мекунад дигаре.

— Шӯҳакон лаб-лаби бом, ҳаппакон кора тамом,— лукма мепартояд сеюмӣ.

— Хайр, чӣ шудааст? — эътироз мекунад чорумӣ.— Аз ҳама муҳимаш ин, ки зудтар тӯй шаваду мо ҳам дар қатори кӯп садта-садта зада рақс кунем.

Хулоса, ки овозаи ин сурату ин муҳаббат то ба деҳаи Зумрадшоҳ рафта мерасад. Модари Маъруф Рухсатбегим айнан ҳамон шабу рӯз ба писараш арӯс кофта мегашту остонаи духтардоронро охурча мекард. Ба назари Рухсатбегим ягон духтари табъи дили худаш дучор намеомад. Яке қоқи дароз менамуду дигаре пастаки ғӯла, яке гӯё чаласавод буду дигаре эркатулфори даст ба обӣ хунук намезадагӣ. Ба Рухсатбегим фақат як духтар аз деҳоташон хуш омад, ки ба кавли худаш ҳам зоти пок дошту ҳам хусни расо. Аммо падари ӯ «ҳоло ман духтар баровардани нестам» гӯён нархашро торафт баланд мебароварда. Ғайр аз ин розигии Маъруфро нагирифта, ба ин духтар хостгор шудан мумкин набуд.

Вақте Рухсатбегим шунид, ки писараш дар Душанбе

бо духтаре ошиқу маъшуқ шуда, сурат гирондааст, бору бӯғчаашро баста, зуд ба сафар баромад. Вай қарор дод, ки Маъруфро бинад, ҳамсӯҳбат шавад. Якум ва аз ҳама муҳимаш ин, ки умеди ӯро аз ҳар гуна духтари бегонаю ачодаш номаълум канонад. Дуюмаш, дар боран номзади худаш ёфтагӣ бо ӯ маслиҳатро пазонад.

Дар Душанбе Рухсатбегим тифоқо даставвал бо Тӯҳфа вохӯрд. Тӯҳфа бо баҳонаи китобе аз Шура гирифтан, дар асл бо мақсади Маъруфро дидан ба хобгоҳ омада буду интизори онҳо дар ҳараки саҳни хобгоҳ менишаст.

— Шумо ҳам устуден-мӣ, духтарам? — гӯён Рухсатбегим ба Тӯҳфа наздик шуд.

— Ҳа,— аз ҷояш хест Тӯҳфа ва саросема бору буғчаи занро аз дасташ гирифта, болои харак ниҳод.

— Барака ёбед,— гуфт Рухсатбегим, ба харак нишастаю нафасашро рост карда.

— Духтари шумо ҳам мехонад? — пурсид Тӯҳфа.

— Э, қиссаи ман, гӯед, дурудароз,— ба гап сар кард Рухсатбегим.— Ҳозир бо самолёт аз роҳи дур омадам. Ин ҷо писарам мехонад, духтур мешавад. Модари зор фарзанд гуфта, умрашро ҳазон мекардааст. Аммо дили оча ба бачаю дили бача ба кӯча... Ман, гӯед, он ҷо як духтари бамаъниро ёфта мондам, ки келин кунам. Насиб бошад, ҳамин тирамоҳ мо тӯйро гузаронданӣ. Худоё шукр, ҳама чиз тайёр. Лекин гӯед, Маъруфи баттол ин ҷо бо кадом як духтари шубҳанок мегаштааст, ба киною театр мерафтаанд, рӯ ба рӯ монда сурат гирондаанд, Шунидаму фиғонам баромад. О, духтари бадахлоқи сабукпо набошад, бо ҷавонмарди бегона магар сурат мегиронад? Намедонам, зоту зурьёти ӯ чӣ хел бошад? Вай сари писарамро гаранг карда, ба домаш фуровардаӣ будагист-дия. Омадам, ки ин фалокатро пешгирӣ кунам, духтари ширин. Хайр, ман ба хобгоҳаш дароям.

Рухсатбегим рафт. Ранги рӯи Тӯҳфа пахта барин канд, мадори дасту поҳояш хушк шуда, қариб буд аз харак ғелида равад. Вай бадахлоқу сабукпо? Сари Маъруфро гаранг карда ба доми худ афтонданист? Е алҳазар! Наход одамон аллакай ҳамин хел хулосаҳои дахшатнок бароварда бошанд? Сурати сабилмонда, ки Маъруф бо зорию тавалло гиронда буд, ба тӯҳматгарон аknун далели шайъӣ. Онро ҳамкурсонаш дидаанду кадом фитнаҷӯ ба Исфара мактуб ҳам навиштааст.

Хабари номзад доштани Маъруф, ҳамин тирамоҳ барпо шудани тӯи онҳо ба болои сӯхта намакоб шуд. Чаро дар ин хусус Маъруф ба ӯ чизе нагуфт? Барои чӣ духтари бегуноҳро бадном карда, ҳамроҳаш гирифта гашт, ба театру кино бурд? Не, ба ин зарбаҳои пай дар пай, ба ин таҳқиру истеҳзои қисмати нагун Тӯҳфа тоб оварда наметавонад. Қош замин мекафиду ӯро ба комаш фурӯ мебурд! Қош ҳамин саҳар аз чоғаҳ умуман намехест, ба хоби абад мерафту ин рӯзро намедид!

Тӯҳфа аз ҷояш бархоста, бо ҳарос ба атроф чашм дӯхт. Хайрият, ҳама овораи корубори худ буд, касе ба ӯ нигоҳ намекард. Монанди бачае, ки гуноҳ содир карда аз хона мегурезад, Тӯҳфа оҳиста ба роҳ даромад. Вай чашм аз замин намеканд, ба қафояш наменигарист, тез-тез қадам мемонд. Ба гумонаш студентон бо ангушт ӯро нишон медоданду ба ҳоли табоҳи ӯ механдиданд, духтарони шинос лаб газидаю афсӯс хӯрда сар меҷунбониданд.

Тӯҳфаи бечора бо ҳамин минвол чи хел ба хона омаданашро надониста монд. Вай сумкаашро рӯи миз гузошту худро рӯ ба поён ба чоғаҳ партофт. Аз гирьяе, ки банди дилашро меларзонд, каравот шақар-шақар садо мебаровард, болишт об рехтагӣ барин тар мешуд.

Дар оҳиста кушода шуда, ба китфаш қарси калони тибит партофтагӣ, Наташа-хола даромад.

— Барвақт омадӣ, духтарам? — пурсид ӯ хавотир шуда,— Чаро хобидай? Тобат гурехт?

Пиразан фақат баъди ҳамин фаҳмид, ки гирьяи сахт Тӯҳфаро гулӯгир кардааст ва хатто овоз бароварда наметавонад. Хеле тарсид, ҳам шуда сари Тӯҳфаро бардошт. Бо нӯги рӯмолаш чашму рӯи ӯро пок кард. Вай Тӯҳфаро ягон бор дар чунин ҳолат надида буд. Маълум, ки ҳодисаи нохуше рӯй додааст. Дар як лаҳза сад хел гумон ба дилаш роҳ ёфт.

— Гап зан, духтарам,— гуфт ӯ, сари Тӯҳфаро бо дастони шахшӯлаш молида.— Маро модарат барин дон, ғаматро пинҳон накун. Чӣ воқеа рӯй дод? Кӣ туро ранҷонд? Бо ягон кас ғапат гурехт? Ё аз имтиҳон нагузаштӣ?

Тӯҳфа гирьяолуд ба Наташа-хола нақл намуд, ки чӣ хел тасодуфан бо модари Маъруф вохӯрд ва ӯ чи гуна таъна маломатҳо кард. Маъруф дигар номзад доштааст ва ин тирамоҳ тӯй мешудааст.

— Баъд худи Маъруфро дидӣ? — пурсид Наташа-хола.

— Не,— гуфт Тӯҳфа.

— Барои чӣ?

— Ман ӯро дигар дидан намехоҳам. Обрӯи маро рехт, маро шарманда кард. Вай бевафо, фиребгар!

— Сабр кун, Тӯҳфачон. Даррав ин хел хулоса набарор. Ҳоло маълум нест, ки мулоқоти Маъруф бо модараш чи хел мешавад. Ҳатман бо худаш вохӯрдан лозим. Ту дам гирифта хоб кун, духтарам. Ман як сари қадам ба институт меравам, бо худаш вомехӯрам. Дилтанг нашав, ҳеҷ қисса не. Ту сир нахӯрдай, ки аз бӯяш тарсӣ.

Наташа-хола ҳамон рӯз чанд соат оворао интизор шуда, ниҳоят бо Маъруф вохӯрд. Ба назди Тӯҳфа вай бо хотири осуда ва хабарҳои хуш баргашт. Маъруф вокеаро фаҳмида ба ғазаб омадааст ва гуфтааст, ки ба фикру ақидаҳои модараш мутлақо розӣ нест. Вай ғайр аз Тӯҳфа номзаде намехоҳад ва ахду паймони бо ӯ бастаашро ҳаргиз намешиканад. Худи ҳамин шаб вай бо модараш дар ин хусус ҷиддӣ гуфтугӯ карданисту натиҷаашро фардо ҳатман ба худи Тӯҳфа мегӯяд.

— Пас боқӣ, ин қадар ғам нахӯр, духтарам,— хулоса баровард Наташа-хола.— Поёни шаби сияҳ сафед аст, гуфтаанд. Аз ҳама муҳимаш ин, ки Маъруф туро дӯст медорад ва ояндаи худро бе ту тасаввур намекунад.

Тӯҳфа ҳамон рӯз ба институт дигар нарафт. Поли хонаҳоро шуст, ҷомашӯй кард, худро ба кор андармон сохт. Хабари хуши Наташа-хола чеҳраашро андак кушода бошад ҳам, боз дар гумони он буд, ки ӯ барои таасаллои Тӯҳфа ин гапҳоро аз худ бофтагист. Не, рӯзи дигар ба институт омада фаҳмид, ки Маъруф дар ҳақиқат муштоқи дидори ӯ роҳашро поида истода будааст. Онҳо бо ҳамдигар дурудароз сӯҳбат карданд.

Баъд аз се рӯз бегоҳӣ аз дари кӯчаи Наташа-хола Маъруфу модараш даромада омаданд. Дар дасти онҳо рӯймолҳои бастаи пури савғо буд. Рӯи дастархонро нону фатирҳои ҷаззадори танӯрӣ, қоқу мавиз ва бодому ҷигда оро медод. Наташа-хола барои меҳмонҳои азиз чои кабуди наваду панҷум дам карда баровард.

Дар сӯҳбати ҳамонрӯза модари Маъруф аз Тӯҳфа на фақат узрхоҳӣ кард, балки байти хостгориро ҳам кушод.

— Гӯр нотавонбинҳо шаванд,— гуфт ӯ.— Мани пир шуда майнаашро хӯрдагӣ ба хати онҳо бовар кардаам.

Духтари мо ёфтагӣ бошад, ҳоло хурд будаасту шавҳар намекардаст. Гапи хона ба бозор рост намеояд мегӯянд, ки ҳақ. Сифатҳои шуморо Маъруфҷон ба ман фаҳмонд. Ба қавли гапҳо, об дар кӯзаву мо ташналабон мегаштаем. Аз гуноҳам гузаред, духтарам. Хурсандии писарам — хурсандии ман. Аз ҳамон қадар роҳи дур бо умед ба даргоҳатон омадем. Албатта, ин ҳоло нӯги гапдия, гардам. Баъд се-чор кас шуда меоем, хостгориро бо қоидаҳояш ба ҷо мебиёрем. Сабр кун гӯетон, сабр мекунем, лекин аз ин бахти ҳудодода рӯ наметобем.

Наташа-хола гул-гул шукуфта, ба қудошаванда чой рехта медод, нон шикаста мемонд ва «ҷудо ҷуфти мунонаметавонист. Тӯҳфа шарм дошта ба ошхона баромад, оҳи сабук кашида ба сабзию пиёзрезакунӣ даромад. Муҳаббати Маъруф дар дилаш мисли алови таги дег аланга мезад.

9

Номи аслии Шура Шарқия буд. Дар институт инро фақат як-ду нафар дугонаҳояш медонист. Бо хоҳишу талқини худаш ӯро ҳама Шура меномиданд.

Дар оила Шура эрка калон шуд. Падару модари давлатманд барои хурсандию маишати духтари ягонаи худ ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд. Барои ҳамин буд, ки Шура ба талаботи замон мувофиқ зуд-зуд ба ателье мӯд мерафт, рангубаранг сарулибос медӯзонд. Вай ҳаданди кунҷи лаб колиби тилло пӯшонд, кокулони дарози ғулияшро қайчӣ карда ба причёскаи аврупоӣ гузашт.

Баъди хатми мактаби миёна ӯро падараш ба институти тиббӣ дароварда монд. Дили худи Шура ба институти санъат кашол буд, киноактриса шудан мехост. Дар давраи толибагӣ боре дар спектакли театри халқӣ роли машинисткаро бозида, дар азназаргузаронӣ таърифномка гирифта буд. Ғайр аз ин вай нағз мерақсиду ба мимметавонист. Вале модараш нақшаи ӯро тараф нагирифт. Талаб мекард, ки духтараш ҳатман духтур шавад, хилъ-

ати сафед пӯшида, ба беморон рецепт ва бюллетень навишта диҳад.

Дар институт Шура ҳангоми таҷрибаҳо касалҳои сахт ва ҷасади мурдаҳоро диду аз касби духтурӣ дилаш бештар монд. «Ин кор кори ман не!» — гуфт ба худ. Аммо аз ҳайбати падару модар метарсид, дандон ба дандон монда таҳсилро давом медод. Ба ӯ дарсҳо торафт мушкилӣ мекарданд. Номҳои лотинию формулаҳои бешумарро нафаҳмида, сараш ба дард меомад. Сабаб ин буд, ки вай воситаҳои дигари дилхушӣ мечуст. Бо студентони курсҳои боло ба кинову театр мерафт, дар шабнишиниҳо бо рақсаш ҳамаро мафтун мекард. Ҳусни расо ва чашмони шӯху бозигари ӯ диққати калонсолонро низ ба худ мекашид.

Тӯҳфа бехудагардиҳои Шураро дида, худ ба худ меандешид. Аз он, ки ба хонаи муаллим ҳамроҳ рафта буданд, ба хиҷолат мемонд. Рӯзе танҳо ба танҳо дучор омаданду Тӯҳфа ӯро огоҳ кард:

— Аз коллектив ҷудо мегардӣ, ба ким-кучоҳо ғайб мезанӣ. Хушьёр бош, Шура.

— Ман кор мекунам,— гуфт Шура.

— Чӣ хел? — нафаҳмид Тӯҳфа.

— Массажчии ғайриштатӣ.

Охир бе стипендия рӯз гузарондан мушкил.

— Аз хонаатон магар пул намефиристанд?

— Намегирам. Мустақил будан мехоҳам.

— Оқибати ин корҳоятро андеша кун, Шура. Охир вазифаи ману ту пеш аз ҳама хондан-ку. Массажкунӣ ҳам магар ҳунар шуд?

Тӯҳфа гӯё ки ба болои тарбуз об мерехт. Таъкиду огоҳиҳои ӯ ба Шура кора намекард. Дар таътили дуюми тобистона «ман банд» гуфта, вай ба отряди сохтмони студентӣ низ ҳамроҳ нашуд. Тӯҳфа ва дугонаҳои дигараш баъди имтиҳонҳои курси дуюм ба Қайроққум рафтанд, ба сохтмони корпусҳои нави комбинати қолинбофӣ ширкат карданд. Ҳаво гарм буд, нафаси кас мегашт. Вале студентони институти онҳо норман кори харрӯзаро бо сарбаландӣ ба ҷо меоварданд.

Як рӯз бегоҳӣ отряд ба сайри Баҳри тоҷик баромад. Теплоход сайёҳонро қариб як соат давр занонд. Маъруфу Тӯҳфа паҳлуи ҳам истода, панҷараи киштиро дошта, манзараҳои боҳашамати атрофро бо шавқ тамошо мекарданд.

— Дар паҳлуи роҳи мошин, бубин, хонаҳои сафед

менамоянд-ку,— бо даст ишора кард Маъруф.— Он ҷо ҳудуди Қирғизистон.

— Ҳамон роҳи калон ба кучо мебарад? — пурсид Тӯҳфа.

— Ба Қонибодом, Қӯқанд. Инчунин ба Исфаран мо ҳам.

— Исфара аз Қӯқанд дур?

— Не. Аз Қонибодом ба дасти рост гашта, аз як кӯҳтеппа гузарӣ, райони мо сар мешавад. Равем, нишон медиҳам.

— Ман намеравам, Маъруфҷон. Шарм медорам,— гуфт Тӯҳфа.

— Шарм дар бозори чарм,— хандид Маъруф.— Охир ту ҳавлию ҷои минбаъд зиндагӣ мекардагиамонро пешакӣ бояд бинӣ. Он ҷо ба мо модарам, хешовандон нигарон. Телефон карда будам.

Ҳафтаи дигар ду рӯз рухсат гирифта, Маъруфу Тӯҳфа ба Исфара рафтанд. Ҳам шаҳр ва ҳам деҳаи Зумрадшоҳ ба Тӯҳфа хеле маъқул шуд. Модари Маъруф аз шодӣ писару арӯсшавандаашро намедонист кучо шинонад. Хешовандон, ҳамсояҳо, духтарони кунҷкови қишлоқ як-як ба зиёрати «меҳмони душанбегӣ» меомаданд, ба ҷаршиносии Маъруф тан медоданд.

Семестри меҳнатӣ ба охир расид. Маъруф Тӯҳфаро сиҳату саломат боз ба Наташа-холаи пазмоншуда оварда супорид. Машғулиятҳо акнун барои Тӯҳфа дар курси сеюму барои Маъруф дар курси охирин сар шуданд. Вале як моҳ ҳам нагузашта воқеае рӯй дод, ки ҳамаро ҳаранг карда монд.

Чунон ки дар боло гуфтем, Шура ба сохтмон нарафта буд. Аз рӯи шуниди Тӯҳфа, вай ба райони худашон ҳам нарафта, дар Душанбе мондааст. Модараш хавотир шуда меояду ӯро ёфта, ҳамроҳи худ ба район мебарад. Бо кадом сабаб бошад, ки Шураро дар он ҷо таъҷилӣ ба шавҳар медиҳанд. Тӯй мешаваду Шура ба як шофери миёнсоли занмурда мерасад. Ба ин муносибат падари ӯ ба Душанбе омада, аз маъмурияти институт ба духтараш отпускаи яксолаи академӣ гирифта меравад.

Ҳамин тавр Шура ба хондан наомад. Охирҳои моҳи сентябрь боз хабаре паҳн шуд, ки Шураро бо шавҳар ғурбат калон шудааст бечора арӯси дуҷон ба ҳавлии падараш баргаштааст.

Баъди се моҳи дигар Тӯҳфа аз Шура чунин як мактуб гирифт:

«Дугонаи азизам, Тӯҳфачон!

Саломи дӯстона ва паёми муштоқонаи маро қабул фармо. Ту ягона шахсе мебошӣ, ки ман бовар карда рози дил мекушоям ва дарду ҳасрат мекунам. Ҳозир маро бинӣ, намешиносӣ, дугонаҷон. Танам харобу дилам кабоб шудааст, ранги рӯям қаҳрабо барин кандагӣ.

Гап ин, ки ба қарибӣ ман кӯдак таваллуд кардам, модар шудам. Вале ба ҷои шодӣ ашки талх мерезам. Кӯдаки маъсум, ки бо ҷурми ман ба дунъёи равшан омадааст, ғашьён мекунад, мегирьяд, дод мегӯяд. Тани кӯчаки ӯро ба сина пахш карда, то саҳар бардошта мегардам, алла мегӯям. Дами осуда надорам, дугонаҷон Таънаи модар, таҳқири падар, пичингу писханди мардум ба ҷонам расондаанд.

Насиҳатҳои ту, огоҳкуниҳои туро ба хотир меоварам. Ту ҳазор бор ҳақ будай, дугонаҷон, ки «беҳудагардиҳоятро парто, оқибаташро андеша кун» мегуфтӣ. Ана натиҷаи сабукфикрӣ, ҳосили айшу ишрати гузаро! Акнун бадани худро тофта-тофта мегираму суд намекунад. Фардо ин кӯдаки бегуноҳ падари ман кист гӯяд, ман чӣ ҷавоб медиҳам? Пас, ман на танҳо худамро, балки ӯро ҳам бадбахт кардаам. Чӣ илоҷ? Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ!

Акнун ба давом додани таҳсил ман дигар имконият надорам. Устухони кӯдакам андак шах шавад, ба ҳавлии холаам — ба деҳан Ғӯлакандоз кӯчида меравам, ба курси механизаторӣ даромада мехонам, ҳаёти нав сар мекунам. Шояд меҳнати софдилона дар колхоз доғҳои дили маро шӯяд, кӯдакамро ба камол расонда, хушбахт гардонад. Ман акнун зиндагӣ, донишу қувват ва давуҷеҳамро ба фарзандам мебахшам.

Дугонаи азиз! Орзумандам, ки туву Маъруф саодатнок шавед. Ба ҳамаатон саломатӣ, ба таҳсилатон барор мехоҳам. Бо эҳтироми тамом Шарқияи гумроҳ».

Тӯҳфа қариб як ҳафта ба худ омада натавонист. Чеҳраи зебо ва қомати раънои Шура, хандаҳои базеб ва шӯҳиҳои ӯ дар хобу бедорӣ лап-лап мадди назараш меомаданд. Ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки духтараки зиндадили ҳаётдӯст акнун чунин рӯҳафтодаю хонашин шуда бошад. Балки модараш гунаҳкор, ки ӯро бо зӯрию таъчилӣ аз Душанбе гирифта рафтааст? Ё шавҳараш марди номуносибе будааст Шура аз зиндагӣ бо ӯ бева монданро авло донистааст? Ба студентон тафси-

лоту сабабҳои ин воқеа тира монд. Ҳама фақат афсӯс мехӯрданд, ки ин гули садбарги хушрангу бӯ дар айни камолоташ ғайричашмдошт хонданро тарк кард ва аз маърака берун шуд.

Тӯҳфа, саргарми хондану корубори хона, дуруст нафаҳмида монд, ки чӣ хел моҳи январь расид. Соли нав-ро студентон бо шабнишинии тантанавӣ қайд карданд. Дар ҳамон ҷо Тӯҳфа бори дуюм бо Маъруф ба рақс баромад. Акнун вай дар ин бора аз касе шарм намедошт. Муҳаббати гарму ҷӯшони байни комсоргу ӯ ба ҳама ошкор шуда буд.

Боз имтиҳонҳои семестри зимистона сар шуданд. Тӯҳфа чор зачёту се имтиҳонро бо баҳои хубу аъло супорид. Ба хона хурсанд омад, ки акнун қариб даҳ рӯз таътил асту бемалол дам гирифтан, китоб хондан, телевизор дидан, ба корҳои рӯзгор машғул шудан мумкин. Аммо чунон ки дар урфият мегӯянд, вай дар чи хаёл буду фалак дар чи хаёл.

Як рӯз Наташа-хола аз бозор ҳалқаш қоқу чашмонаш сурх баргашту худро бо оҳу воҳ ба ҷогаҳ партофт. Тӯҳфа зуд чой дам карда дод, дору хӯронд ва духтури ёрии таъҷилиро ҷеғ зад.

— Монда шудаед, модарҷон,— тасалло дод ӯро.— Ҳозир духтур омада мебинад. Ҳеҷ қисса не. Пагоҳ дуппа-дуруст шуда мехезед.

Лекин рӯзи дигар ҳам Наташа-хола аз ҷогаҳ нахест. Аз дарди сар менолиду чуқур-чуқур нафас мекашид.

— Авзоам ин дафъа дигар хел, духтарам,— гуфт Наташа-хола.— Аз афташ, умрам ба охир расидааст. Аз ту як илтимос. Ман дар Саратов додарзодае дорам, номаш Аркадий. Аз хешовандонам фақат ҳамон мондааст. Даҳта хат нависам, ба як сол як бор ҷавоб медиҳад. Адресаш ҳаст. Ба ҳамон Аркадий телеграмма те, Тӯҳфаҷон, як бор биёяд.

Тӯҳфа илтимоси Наташа-холаро ба ҷо овард. Ба Аркадий хабар дод, ки аммааш касали сахту зуд ба Душанбе биёяд. Тахмин баъди панҷ рӯз додарзодаи пирарасидагӣ, зери чашмонаш снёху халта, дар пояш мӯзаи нимдошт. Тӯҳфа аз Наташа-хола шунида буд, ки ӯ дар комбинати чӯбу тахтабуррӣ харрот шуда кор мекунад, аёлманду камбағал асту Наташа-хола чанд бор пул фиристода, ёрмандӣ кардааст.

Аввалин саволе, ки Аркадий аз дари кӯча даромада ба Тӯҳфа дод, чунин буд:

— Қампир ҳанӯз намурдааст?!

10

Тӯҳфа ба наздики каравоти Наташа-хола мизи майдаро ғеҷонда, дастархон кушод. Меҳмонро чеғ зад, ки омада чой нӯшад, бо бемор сӯҳбат кунад. Наташа-хола ҳанӯз сар аз болин бардошта наметавонисту паст-паст гап мезад.

— Раҳмат, ки омадӣ, Аркашка,— мегуфт ӯ ҳарсас зада,— Дар охири умр кас мехоҳад акраборо дар пахлуяш бинад, дидор ба қиёмат намонад. Ту нусхаю нишонаи аком, ягона хешбачаи ман. Раҳматӣ бародарам ҳам дар ҷанги зидди фашизм қурбон шуд, аз зану фарзанд орзуяш нашикаста рафт. Шукр, ту дари ҳавлиямонро кушода, арвоҳи гузаштагонамонро хурсанд карда шиштай. Баъзан солҳои бачагиямро ба ёд меоварам. Печкаи гарм, пӯстини дадом, барфтӯдаи саҳни ҳавлиямонро тасаввур мекунам.

— Ҳавлию ҷоямон ҳамон исташ, амма,— фаҳмонд Аркадий.— Дастам намерасад, ки як сарпаноҳи нав пӯшам, хонаи писару келинамро чудо карда диҳам.

Аркадий борхалтаи худро, ки зери курсӣ ниҳода буд, кушода, аз дарун он равғани шахкардашудаи хук, як бутылкаи калони ғайри оддӣ арақи самогон ва се-чор дона моҳии қоқ бароварда. Остинҳои худро барзада, чусту чолок равғанро бо корд қалам кард, се қадаҳ пурсид. Вақте ки Тӯҳфаю Наташа-хола нӯшиданро рад карданд, вай ба як стакани калони қиррадор ба худаш арақи дастӣ рехт. Барои мулоқот гӯён онро бо як дамаш ба ҳалқ андохт, ба рӯи нон равған ниҳода, бо салати Тӯҳфа тайёр кардагӣ газак кард, аз болояш як помидори намакинро бутун ба даҳон хаст, баъд ба гап даромад:

— Як рӯз шудану як рӯз мурдан, амма, ғам нахӯр. Ту ошатро хӯрдагӣ, ҷомаатро даррондагӣ. Аз рӯи шунидам, дар ҷавонӣ кайфу сафои зиндагиро хуб дидагӣ. Ин тарафаш вазифаи ту акнун ҷойро ба меросхӯрон холӣ кардан. Ҳавлиятро дида хурсанд шудам, амма. Туро сиҳат-саломат гӯручӯб кунем, ман як бачаи хурдиамро гирифта бо занам кӯчида меоем. Парво накун, чароғи хонаатро даргиронда мешинем.

Наташа-хола дар назди Тӯҳфа аз суханони хешбачаи худ хиҷолат кашид магар, ки тугмаи гиребонашро кушод, ба нуқтаи номаълуми шифт чашм дӯхта монд. То ин муддат Аркадий ба стакан боз самогон рехту «инаш барои саломатии сари тоҷикдухтари нозанин» гӯён бардошт. Вай кайфашро расо карда, боз ба гап даромад:

— Душанбе ба ман маъқул шуд, амма. Дина хеле саёҳат кардам. Обу ҳавояш муътадил, сердарахту обод. Кӯчида биёем, мо ҳам як дами бегам мезанем. Аз пул ҳам ақибандозат калон будагист-а, амма? Як сари кок доштӣ, дар савдо кор мекардӣ. Борро хуб ба таг задагӣ ту, медонам!

Тӯҳфа дигар нишастанро ба худ эб надид. Вай хеста болишти пиразанро ба тартиб андохтаю саранҷомро молида гуфт:

— Наташа-хола, ман ба хобгоҳ меравам. Бисьёр духтарон ба таътил рафтагӣ. Он ҷо каравотҳо холӣ.

Наташа-хола дасти Тӯҳфаро миёни ду кафи худ фишурда пичирроскунон зад:

— Майлат, духтарам. Ба ту рухсат. Акнун ман танҳо не, хавотир нашуда хоб кун. Лекин фардо барвақт биё.

— Албатта,— гуфт Тӯҳфа. Баъд ба Аркадий рӯй овард: — Ман ошро дам карда мондагӣ. Кашида хӯред, амак. Дар кострюль барои Наташа-хола мурғшӯрбо пухтаам. Аз обаш ба он кас хӯронед.

Тӯҳфа рафт. Акнун вай шабҳо дар хобгоҳи институт мехобиду рӯзҳо омада ба бемор нигоҳубин мекард. Медид, ки Наташа-хола аз чеҳ зада овардани додарзодааш хурсанд нест. Мазмун, гапи байни онҳо напухта буду хар ду аллакай чанд бор сурху сафед ҳам шудаанд.

Як пагоҳӣ Тӯҳфа омада дид, ки Аркадий бору бӯғчаашро мебандад. Аз даму нафасаш бӯи самогон меояду қошу қавоқаш овезон...

— Тинчӣ-мӣ, амак? — пурсид Тӯҳфа.

— Э, ман аз коруборам монда мегардам-мӣ ин ҷо?! Холо аммема дилаш бакувват, ҷонаш сахт. Хасис набошад ба дастам панҷсад сӯмакак каппонду ба ту рухсат гуфт. Ман меравам, акнун. Лекин вафот кӣ кард, телеграмма диҳетон. Хайр, то дидана!

Аркадий рафту Тӯҳфа боз бо Наташа-хола монд.

— Духтарам, тирезаҳоро кушода хонаро шамол те,—

хоҳиш кард бемор.— Гӯр бӯю тафти дуди тамокуаш шавад, кариб аз рӯзам пеш кушта буд.

Тӯҳфа тирезаҳоро кушод, хонаҳоро рӯбучин кард, дастархону сачоқу рӯйҳоҳоро катрон карда тоза шуст. Ба Наташа-хола атолаи кочӣ пухта дод, оби себу анор хӯронд, ба аптека рафта дору овард. Ҳамон рӯзу ҳамон шаб бемор орому осуда хоб рафт.

Дар кӯчаи Наташа-хола чанд дар болотар як ходими Вазорати таъминоти давлатӣ зиндагӣ мекард. Вай зани болобаланди гандумгуни чамоатчӣ, чун депутати Совети шаҳрӣ, ба ҳама маъракаи маҳалла сарубар мешуд. Як пагоҳӣ пиразан аз Тӯҳфа илтимос кард, ки ҳамон занро чеғ зада ояд.

Депутат омада бо Наташа-хола дурудароз сӯҳбат карда нишаст. Баъд баромада рафту нисфирӯзӣ бо дусе одами дигар баргашт. Тӯҳфа онҳоро шинохт. Ҳамроҳи депутат сардори управлениаи хонаҳо, духтури участка ва намояндаи идораи нотариус — як марди хароби дароз омада буданд.

Тӯҳфа ба меҳмонон чакҷон дастархон кушод, чой дам карда доду худаш ба магазин барои харид рафт. Раҳ то раҳ вай «наход Наташа-холаро бой диҳем?» — гӯён дарун-дарун месӯхт, беихтиёр оби дида мерехт.

Аҳволи Наташа-хола рӯз ба рӯз бад мешуд. Чунон ки дар аввали ин қисса нақл кардем, ниҳоят аз хӯрок монд ва инак ду шабонарӯз аст, ки чон меканаду Тӯҳфа ягон соат аз сари болини ӯ дур намешуд. Тӯҳфа, ки оянда духтур шуданист, дар давоми дуним соли таҳсилаш дар касалхонаҳо бо дардмандони гуногун сарукор дошт, дар машғулиятҳои таҷрибавӣ ҳатто ҷасадҳои мурдаро ҷарроҳӣ карда узвҳои ботинашро меомӯхтанд, аз Наташа-хола намеҳаросид, ҳазар накарда шабзиндадорӣ мекард. Сад раҳмат ба Маъруф, ки ҳар рӯз чанд бор омада хабар мегирифт, масолеҳу дорувори лозимаро ёфта меомад.

Наташа-хола ногаҳон такон хӯрда, як фиғон бароварду хомӯш гашт. Дигар нафас намекашид, ҷонаш баромада буд. Тӯҳфа аз рӯи русум бо ангуштон чашмони нимкофи майитаро пӯшонд, дастонашро ба ду паҳлу хам кард, манаҳашро бо рӯймолу ду сарангушти пояшро чафс карда бо бинт баст. Ҳамин вақт, хушбахтона, Маъруф омада монду Тӯҳфа ба ӯ фармуд, ки зуд депутатзани маҳалларо чеғ занад.

Тӯҳфа тиреза ва пардаҳои онро кушод. Ба хона на-

сими форами бегоҳи моҳи март даромад. Аз рӯи васияти марҳума, Тӯҳфа аз зери болини ӯ рӯймолчаи пулро гирифт, шумурда дид, ки расо панҷсад сӯм. Пулро ба рӯи миз гузошт.

Дере нагузашта депутатзан, духтури участка ва марду зан — ҳамсояҳои наздик расида омаданд.

Тӯҳфа пулро ба депутатзан супурда пурсид:

— Акнун ман чӣ кор кунам, муаллима?

— Ба ту ҳазор раҳмат, Тӯҳфаҷон,— гуфт зан, ба китфи Тӯҳфа бо мехру навозиш даст ниҳода.— Наташа-хола нафақахӯри вазорати мо буд. Ҳаман гаҳҳояшро ба мо гуфта рафтааст. Ин тарафаш акнун ту хотирҷамъ бош, азизам. Худи мо комиссия карда, фардо марҳумро бо иззату икром дафн мекунем. Ту метавонӣ ҳоло ҳозир ба хобгоҳи духтарон равӣ. Е он ҷо имконият набошад, дар ҳавлии мо зиндагӣ карда ист.

— Не, ба хобгоҳ меравам, ҷой ҳаст,— ғурунгос зад Тӯҳфа, ки аз мусибат чӣ кор карданашро намедонисту оби чашмаш рӯяшро мешуст.— Ҳа, воқеан, ба додарзодаи Наташа-хола телеграмма намефиристем?

— Ҳоло не,— гуфт депутатзан.— Мо тамоми чизу чоран пиразанро ба рӯйхат мегирем, ҳуҷҷатҳояшро тахт мекунем, умуман васияти худашро ба ҷо меорем. Албатта, ба хешбачааш ҳам сонитар хабар мефиристем.

Наташа-холаро бо тамоми қоидаҳои маъмулӣ дафн карданд. Шаби сиёҳаш ҳам, ки насрониён «поминка» меномиданд, серодам ва бамаънӣ гузашт. Тӯҳфаи аз модар сернашуда, ки аз ягона ҳамдаму ҳамрозаш — аз модархондаш низ ҷудо шуда буд, аз ғаму ҳасрат об мешуду либоси сиёҳ дар бар карда мегашт.

Баъди адои маросимҳо комиссияи дафн ба дари кӯчаи Наташа-хола кулфи калон овехт, онро бо канабу сурғуч баст ва мӯҳр пахш кард. Тӯҳфа лоқуларашро бардошта бурда, дар хобгоҳи духтарон зиндагӣ мекард. Вай бо Маъруф гулҳои наврӯзӣ харида, чанд бор ба зиёрати қабри модархондаш рафт. Ин ду ҷавони дилдода дар ҳараки пеши сағонаи пиразан нишаста, дар боран оқибати одам ва маънои ҳаёт сӯҳбат мекарданд.

Як рӯз Тӯҳфаро ба комиҷроияи шаҳр ҷеғ заданд. Тӯҳфа бо сад гумону дили ғаш омад. Он ҷо дар як кабинет ду-се нафар хизматчиҳо, нинчунин ходимаи Вазорати таъминоти иҷтимоӣ, депутатзани маҳаллагиашон менишастанд. Як марди пурсалобати айнакдор, ки маз-

мун хӯҷанин ҳамин кабинет буд, Тӯҳфаро ба ниҳшастан таклиф карда гуфт:

— Модархондат, Тӯҳфа, зани анча сариштакор будааст. Ба додарзодаи саратовнаш ҳазор сӯми васиятқардаашро фиристодем. Мана ин дафтарчаи амонатгузорӣ, ки ҳазор сӯми дигар пул дорад, плани ҳавлӣ, рӯйхати анҷомҳои хона, шаҳодатномаи идораи нотариус — ҳама аз они ту. Ана бин, худи Наташа-хола дар ин забонхат чиҳо гуфтааст: «Тӯҳфаро фарзанд мехонам. Хонаю ҷоям, пулу чизам ба духтари ягонаам насиб кунаду хушбахт шавад. Мурдан ҳаққу мерос ҳалол гӯён имзо».

— Не, не! — саросема аз ҷой хест Тӯҳфа.— Ба ман лозим не. Раҳмат.

— Ту чиҳо мегӯй, Тӯҳфа? — ба гап қатй шуд депутатзан.— Ҳаман ин бо васияти модархондат ва аз рӯи қонун тахт карда шудааст. Бигир! — Бо ин вай папкаи ҳуҷҷатҳо ва калидҳои ҳавлиро ба дасти Тӯҳфа қаппонда, суханашро давом дод: — Ба он ҳавлӣ зуд кӯчида рафтанат шарт не, ҳоло ҳозир истодан мегирад. Саросема нашав, фикр кун. Ҷудо нахоҳй, комиҷроия ҳавлиро ба квартираи нави кооператив иваз мекунад, фарқи нархашро ба ту пурра медиҳад. Мо, комиссияи Совети шаҳрй умедворем, ки ту фарзанди арзандаи модархондат мешавй, чароғи ҳавлии ӯро фурӯзон мекунй, бо дили поку ниятҳои холис умр ба сар мебарй.

Тӯҳфа папка дар бағал, аз бинои комиҷроияи шаҳр баромад. Аз шамоли шӯху тозаи аввали баҳор муҷчаҳои дарахтон мешукуфту табъи одамон меболид. Маъруф, ки дар ҳараки зери дарахти чинор ҳавотиру мунтазир менишаст, баробари аз дар намоён шудани Тӯҳфа чаққон аз ҷой хест. Чашмони Тӯҳфа як навъ ҳайрату ҳаяҷон, хастаҳолӣ ва ризомандии ӯро ифода мекарданд.

Солҳои 1976—77

ФИРОРИ АССИСТЕНТ

(Қиссаи фантастикӣ)

БОБИ ЯКУМ

Олиме будаст парешонхотир. Ҳушаш ба илму тадқиқот банд, ҳатто хӯрду хобро фаромӯш мекардааст. Рӯзе дар кӯча вай бо як шиносаш вохӯрда, андак сӯҳбат мекунаду ҳангоми хайрухуш мепурсад:

— Бубахшед, ҷаноб. Гӯед, ки ман ба кадом тараф мерафтам?

Шиноси олим хандида фаҳмондаст, ки ӯ ҳоло аз хона ба ҷониби академия мерафт.

— Ташаккур!— гуфтааст олим ва илова кардааст:— Пас, маълум мешавад, ки ман хӯроки пешин хӯрдаам. Хайр!..

Баъзан кирдори профессори биохимик Маҳдӣ низ ба қаҳрамони ҳамин латифа монанд аст. Профессор Маҳдӣ дар лабораторияи пӯшидаи худ мушҳои сафеди бисьёр нигоҳ медорад. Қариб ҳар рӯз онҳоро рӯи мизи кории худ сар медиҳаду соатҳо аз ҳаракати онҳо чашм наканда, тамошо карда мешинад. Кисме аз он ҷонварон каҳол шуда мемиранд. Профессор боз аз ким-кучоҳо мушҳои сафеди нав пайдо мекунад.

— Канӣ, бин-чӣ, инҳо аз ҳамдигар чӣ тафовут доранд? — мегӯяд профессор ба ассистенти худ Аббос.

Аббос ба мушҳои сафед зеҳн мемонад, китф дарҳам мекашаду фарқи онҳоро ёфта наметавонад.

— Ба назарам ҳамааш як хел,— ҷавоб медиҳад ӯ.

Профессор Маҳдӣ ғайр аз ин як саг дорад номаш Тозӣ. Тозӣ кучуки гавдакалони хушзоту гапдарост. Прорад ва онҳо ошноҳои қадрдон барин ҳамдигарро ба оғӯш кашида вохӯрӣ мекунанд. «Саг барин ҳайвони хушьёру вафодор нест» — мегӯяд профессор, каллаи Тозиро сила карда ва ба худаш ҳар чи хел таом фармояд, нисфашро ба он медиҳад.

Рӯзе профессор Маҳдӣ аз ассистенташ Аббос илтимос кард, ки Тозиро ҳамин шаб ба ҳавлии худ барад. «Аз нӯлааш безор шудам,— гуфт ӯ.— Бигузор як-ду рӯз аз ман ҷудо бошад».

Аббос баъди кор тасмаро ба гардани Тозӣ андохта, аввал бо трамвай ва баъд пиёда ба роҳ даромад. Тозӣ забонашро овезон кардаву ҳарсас зада, аз паҳлӯи ӯ итоаткорона қадам мезад. Чун ба ҳавлӣ расиданд, Аббос дарҳол ба пеши саг ба як зарф об, ба рӯи коғаз нону ҳасиб монд. Вай медонист, ки профессор Маҳдӣ Тозиро хеле эрка кардааст ва бояд, ки обу дони он ҳамеша муҳайё бошад. Аммо Тозӣ хӯрокро як бӯй кашиду бас. Вай бо думаш атрофро рӯфта, ба замин бо ишкам дароз кашид, фукашро болои ду пои пешаш монда хобид. «Ё ишкамаш сер, ё аз соҳибаш сахт ранҷидааст»,— аз дил гузаронд Аббос ва дигар ба саг аҳамият надода, аз пан кори худ шуд. Нисфишабӣ саг як-ду бор шикоятомезона нӯла кашид Аббос хобу хоболуд гумон кард, ки мумкин ҷояш бегона шуда ғашьён мекунад, профессорро ҷеғ мезанад.

Пагоҳӣ модари Аббос Ҳамидан пир бо шавқун писарашро бедор кард, ки зуд хеста берун барояду сагро бинад.

— Чӣ шуд ба Тозӣ? — пурсид Аббос, шимашро ба по кашида.

— Чор пояшро дароз карда хобидааст,— хабар дод Ҳамида.— Ба фикрам, мурдагӣ.

Аббос саросема ба рӯи ҳавлӣ баромада дид, ки Тозӣ дар ҳақиқат бедаму нафас хобидааст. Ҳайрон шуду зуд ба кӯча баромад, сӯи будкаи телефони автомат давид. Аз ман домангир нашавад гуфта, ба профессор сим зад, воқеаро фаҳмонд. «Ба ягон гӯшаи беруни шаҳр бароварда, гӯр кун» — хоҳиш кард профессор. Овози вай форирболона ва бепарвоёна ба гӯш мерасид.

Аббос ҳамон рӯз ҷасади Тозиро ба хок супурд. Вай ба тааҷҷуб монда буд, ки чаро профессор ҳамон шаб саги маҳбуби худро ба Аббос дода фиристод ва барои чӣ Тозии гавдакалон ин хел ногаҳонӣ ва асрорангез вафот кард. Эҳтимол байни сагу соҳибаш ягон дилсардӣ рӯй дода бошад, хулоса бароварда ӯ. Ё Тозӣ ба дарди бедавое гирифтор шудааст ҷон кандану мурдани онро профессор дидан нахостааст.

«Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар» гӯён Аббос профессор Маҳдиро басо хурмат мекард. Охир дар диёри

онҳо ҷаноби Махдӣ шахсе буд, ки тамоми мероси аз падари бозургони миллионераш мондаро ба илму тадқиқот бахшидааст, лабораторияи пуриқтидор ва таҷрибаҳои илмии ӯ ин тараф то Истамбулу он тараф то Қохира овоза пайдо кардаанд. Аббос худро некбахт мешуморад, ки зери дасти чунин олими машҳур кор карда, таҷриба меомӯзад, донишу маҳорати худро такмил медиҳад, аз асрори илми пешқадами замон биохимия огоҳ мешавад.

Дили инсон, алалхусус дили навболиғи ҷавонон махзани умеду орзуҳои ширин аст. Агар чун геолог ба ин хазина роҳ ёбед ва чун кӯҳкан пардаҳои қайиш аз рӯяш бардоред, аз рангу тобишҳои мухталиф ва назарраси он ҳатман ба ҳайрат мемонед. Рост, ки дар байни он ҷавоҳирот баъзан сангу оҳак низ дучор меояд. Вале орзуҳои Аббос, ба эътиқоди худи ӯ, тамоман беолоиш анд. Шояд вай дар дил ягон зарра нияти бад надошта бошад.

Устухони Аббос бо нони меҳнатӣ шах шуд. Ҳанӯз дувоздаҳсола ҳам нашуда буд, ки падари дуредгараш дар устохона зери бомбаи исроилиҳо ҳалок гардид ва ӯ бо модари муштипари худ Ҳамидаи кампир танҳо монд. Дах соли охир барои Аббос давраи вазнину пурошӯб буд. Вай дар ин шаҳре, ки пур аз гуруснаву гадой аст, меҳнат мекард, азоб мекашид. Ба таҳқиру маҳрумиятҳои бисьёр дучор меомад. Вале ноумед намешуд. Тоқат мекард, меҳонд, меомӯхт, мубориза мебурд. Орзуҳои ҷавонӣ ӯро аз торикистони зиндагӣ тадриҷан ба рӯзи рӯшноӣ мебароварданд.

Омӯзгорон дар байни толибилмони коллеҷ зеҳни тезу истеъдоди хоссаи Аббосро зуд пай бурданд. Вай бо ақлу тамиз, дониш, бо муҳокимаронияш аз шарикдарсон фарқ мекард. Бо ҳамин ваҷҳ буд, ки баъди хатми мактабаш Аббосро профессор Махдӣ ба худ ассистент карда гирифт. Ҳоло Ҳамидаи кампир ашки шодӣ рехта, ба оллоҳи таолло шукри беадад мехонад, ки фарзанди ягонаи ятиму бекаси ӯ ниҳоят илмдору пульёб шуд, ба қатори одамони неки касбдор даромад. Маошаш ба зиндагӣ мерасад, ба касе дастнигару мӯҳтоҷ нестанд, оташи ҷанги хонумонсӯз хомӯш шудааст.

Вале дилҳои фасурдаю пурозори модарон низ, то даме ки метапанд, орзуҳо доранд. Ҳамидаи кампир аknун бисьёр мехоҳад, ки сари писараш ҷуфт шавад, рӯи келин бинаду набераашро ба оғӯш кашида навозиш ку-

над. Аммо ба онҳо кӣ духтар медиҳад? Дар ин ҳавлиҳои қафас барин танге, ки дар саҳнаш чор кас базӯр мегунҷад, оё тӯй кардану арӯс фаровардан мумкин аст?

Дар соҳили баҳр ҳукумати музофот қатор-қатор биноҳои баландошьёнаи истиқоматӣ сохтааст. Тирезаҳои фароҳи базеб ва айвонҳои сербару барҳавои онҳоро дида, оби даҳони қашшоқони бехонумон мешорад. Мегӯянд, ки ба қабатҳои болои он сокинонро лифт баровардан мефаровардааст, ҳар манзилгоҳ аз се-чор хона иборат будааст. Оби гарму ҳунук, газ, кондиционер, телевизору яхдон, обрезу қубури хасрӯбапарто доштааст... Лекин иҷорапулияш ба дараҷае қимат будааст, ки ҳар моҳ маошатро қариб ки ҷо ба ҷо бурда месупурдай. Ин қадар пулро камбағал аз куҷо меёбад? Шояд бо ҳамин сабаб бошад, ки бисьёр хонаҳои иморатҳои навбуньёд ҳанӯз холӣ истодааст. Ақаллан падари Аббос зинда мебуд, аз он манзилгоҳи чор ишкелаш расо метавонистанд хона гиранд. Маоши якеро ба иҷорапулӣ медоданду мохонаи дигареро ба рӯзгор сарф мекарданд. Сонӣ... арӯс ҳам фаровардан мумкин мешуд. Аммо канӣ акнун имконият? Душмани дуни яғмогар ба сари як тӯда коргари бегуноҳ бомба партофт. Дар айни камолоташ як дуредгари гулдаст, як марди комил, сардори як оилаи осоишта шаҳид шуд. Ҳамидаи кампир симои шавҳари хушгап ва беозори худро лап-лап мадди назар меовард, оҳи сӯзон мекашиду оби дида мерехт, ба арвоҳи ӯ шабҳои ҷумъаю душанбе дуою фотиҳа мехонд.

Орзуҳои Аббос бо орзуҳои модараш синхрон, яъне ҳамоҳанг буданд. Вай низ мехост акнун хонадор шавад, дар лаборатория нуфуз пайдо кунад, ходими калони илмӣ шавад. Ба лаборатория ҳар боре, ки духтари профессор Маҳдӣ — Марзияи ҳаждаҳсола меомад, Аббос дасту по гум мекард, афсун мешуд. Барои он, ки ҳаяҷонаш ошкор нашавад, нигоҳашро мегурезонд, даст ба ашьёҳои рӯи мизи корӣ мезад. Яке аз орзуҳои рангине, ки дар қаъри дили Аббос ниҳон мехобид, висоли ана ҳамин Марзияи соҳибҷамол буд. Вале ҳайҳот!

Ба назари Аббос ин орзуе буд, ки асло ҷоман амал нахоҳад пӯшид. Марзия аз тоифаи он ситораҳои дастнорасест, ки фақат аз дур тамошо кардану завқ бурдан мумкин аст.

Марзия аз зани якуми профессор Маҳдӣ буд, ки он зан дар синни ҳафтсолагии духтарак аз касалии домана вафот кард. Зани дуюми профессор Маҳдӣ хонум Бу-

дур Марзияро бештар аз модари ӯ парастор буд. Хонум Будур, ки худ фарзанд надошт, кӯдаки ягонаи ин хонадони бадавлатро нағз тарбият кард ва бенуқсон ба балоғат расонд. Марзия модари аслии худро кайҳо фаромӯш карда буду хонум Будурро ҳамчун модар дӯст медошт ва эҳтиром мекард.

Додарарӯси профессор Маҳдӣ ҳамин сол дорулфунуни адлияи Боннро тамом карда омад. Вай Салим Меъроҷ ном дошта, ҷавонмарди пурдидаи шӯрангезе буд. Ҳамроҳи хоҳару язнааш дар яке аз хонаҳои чорбоғи онҳо муваққатӣ истиқомат мекард, ҳаёти беғаму пурайше ба сар мебурд. Хонум Будур аз додари ягонааш пулу чизи худро дареғ намедошт.

Аббос ба қарибӣ аз гуфтугузори ходимаҳои лаборатория пай бурд, ки Салим Меъроҷ сарпрокурори музофот таъин шудааст, хона гирифтааст ва майл доштааст, ки ҳарчӣ зудтар Марзияро ба ақди никоҳи худ дарорад.

Нозук ном лаборантка, ки ба пробирка маҳлули ишқор мерехт, гуфт:

— Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин нест.

— Барои чӣ? — пурсид аз ӯ дугонааш.

— Чунки,— фаҳмонд Нозук,— аз рӯи шариати муслимин мард хоҳарзодаро издивоҷ намекунад.

— Гапатро бин-а, Нозук! — эътироз кард ба ӯ ҳамкораш.— Марзия хоҳарзодаи ӯгаи Салим Меъроҷ аст. Вай бо Марзия аслан қаробати хунӣ надорад ва аз ҷиҳати биологӣ тамоман бегона аст.

Аз ин гуфтугузори ходимаҳо Аббос маъюс шуда монд. Афсӯс мехӯрд, ки Марзияи шӯхчашми хандонрӯ ин қадар зуд ба шавҳар мебарояд. Рашк мебурд, ки аз қадом гӯре Салим Меъроҷ пайдо шуда омаду нақшаҳои ширини ӯро барбод доданист.

Лаборантка Нозук бошад, дарун-дарун завқ бурда-ву ба полизи Аббос сангча ҳаво дода, мақол мехонд:

Кунад ҳар ҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Қабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

БОБИ ДУЮМ

Нозук Аббосро дӯст медошт. Ин камбағалдухтари меҳнаткаш, ки тамоми бори рӯзгори оилаашон ба дӯшаш фаромада буд, мехост ба мисли Аббос ҷавонмар-

де ӯро ба зани гираду аз чанголи хонадони серғурбаташон халос кунад.

Падари Нозук Меҳтари ҳаммол аз чанги арабу Исроил бе як по баргашта буд. Вай аз алами ин виски мехӯрду кимор мезад. Асобағалашро ба сар чарх занонда, зиндагӣ, қисмат, тартибот ва амалдорони тинпарварро ҳакоратҳои обдор медод. Баъзан бо роҳзану гадоҳо дастбаргиребон шуда, ба ҳабс меафтод. Ашъёҳои зарурии рӯзгорро арзону гарон фурӯхта, ба пулаш арақ мезад.

Нозук тоқати ба хонаашон рафтан ва башараи масти падарашро дидан надошт. Бародари аёлманди Нозук мардикорӣ карда, бо зану бачаҳояш базӯр рӯз мегузаронд, ба дастгирию ёрии моддии падару хоҳар имконият пайдо намекард.

Меҳтари ҳаммол ба ин шахрчаи соҳили баҳри Мнёназамин дах-дувоздах сол қабл бо оилааш аз халичи Форс кӯчида омада буд. Вале умедҳои онҳо пуч баромад, ҳоли табоҳи онҳо ин ҷо бадтар шуд, ки беҳтар не. Занаш аз эҳтиёҷу нодориҳо касал шуда мурд, худаш аз ҷанг маслуқ баргашт. Писараш ба як фаластиндухтари қашшоқ хонадор шуда рӯзгорашро ҷудо кард. Духтараш синни бистудуро пур карда бошад ҳам, ҳанӯз бо сари танҳо мегардад, ҳеҷ не, ки дари бахташ кушода шавад...

Нозук дар лабораторияи профессор Маҳдӣ ду сол ин ҷониб кор карда, медонист, ки Аббосу Марзия ба ҳамдигар дил бохтаанд, баъзан аз назари ҳама пинҳон мулоқот ҳам мекунанд. Ассистент нияти ба профессор домод шудан дорад. Акнун, ки ба мобайн Салим Меъроҷ даромадааст, шубҳае нест, ки нақшаҳои Аббос барбод мераванд, вай маҷбур шуда аз нияти худ даст мекашад. Зеро бо ҳарифи забардаст — бо прокурори мансабдор рақобат кардани ӯ, гумон аст, ки суде бахшад.

Бо ҳамин гуна мулоҳизаҳо ва хулосаҳои мантиқӣ Нозук рӯзҳои охир хурсанд буд. Вай аз чашмони сиёҳаш барқи уммед мепошиду бо истиораҳои равшан ба Аббос таъкид мекард, ки ӯ қадри оби дари хонаро донад, пакдро монда аз паси насья надавад:

Хизир барги сабзе зи гулзори ҷудат,
Масеҳо бувад шабнами бӯстонат.
Мурод аз шаби Лайлатулқадр бошад
Нишон аз ду гесӯи анбарфишонат.
Чи хуш рӯз бошад, ки монанди хуршед
Сари худ кунам фарш бар остонат.*

* Шеърҳо аз Сайидои Насафӣ.

Хабари ба Марзия даҳон андохтани Салим Меъроҷ табъи Аббосро хира кард. Вай аз бӯи тундутези химикатҳо ва ҳисоби саркафони дифференциалӣ ба танг омада, хилъати сафедро аз бар кашиду бо баҳонаи овардани оби лимӯ берун баромад. Осмон софу ҳаво ором буд. Офтоби дурахшони ҷануб ба болои сокинони ин шаҳри пурмағали лаби баҳр ҳарорати худро бебаркаш мерехт. Сайёҳони хориҷии шортию куртаҳои тӯри остинкӯтоҳпӯшида, айнаки сабз дар чашму кулоҳҳои хасини лапаркалон дар сар, дар хиёбон гурӯҳ-гурӯҳ қадам мезаданд. Қисме аз онҳо навбат пеша яхоби шарбатхои мева мехӯрданд. Қисми дигар ба пештахтаи дӯкони автор мисли занбӯр часпида, зочаю тасбеҳ барин ҳар гуна тӯҳфаҳои ночиз мехариданд.

Аббос ташнагии худро шикаста, барои ҳамкорон як суроҳиро аз оби мева пур карда гирифту ба лабораторияи баргашт. Вай мехост профессор Маҳдиро бинаду имрӯз аз кор барвақт ҷавоб гирад. Хушбахтона, худи профессор ба лабораториян боло омада будааст. Вай ба Нозук ким-чи хел перепаратҳоро барои синтез месупориду ҳушаш парешон менамуд.

— Ҳа, омадӣ, Аббос?! — гуфт профессор, баробари аз дар намоён шудани ӯ.— Ман ба ту кор дорам.

— Шарбат овардам,— Аббос суроҳиро рӯи миз гузошта, хилъаташро ба бар кард.— Марҳамат, устод, як қадаҳ нӯшед. Ях барин хунук.

— Ман нӯшам? Не-не! — аз чӣ бошад, қаҳқос зада бемаврид хандид профессор ва якбора ба худ киёфаи ҷиддӣ гирифта, сӯи дар ба роҳ даромад.— Рафтем, Аббос! Фурсат танг!

Аббос ноилоҷ аз қафои профессор Маҳдӣ берун баромад. Онҳо пасу пеш ҷониби лабораториян таҷрибавӣ, ки рӯ ба рӯи дарвоза дар таҳхонаи калон ҷойгир шуда буд, қадам заданд. Профессор хеле бо эҳтиёт роҳ мерафту пойҳояшро мурғи хонагӣ барин кушод-кушод ва беозор ба замин мемонд. Аббос аз рӯи одоби шарқ аз устодаш андак қафотар меомад. Вай ҳайрон буд, ки профессор имрӯз чаро камгап аст ва барои чӣ ин хел ғайримуқаррарӣ ҳаракат мекунад.

— Устод, шумо хаста шудагӣ барин,— гуфт Аббос ба ҳоли ӯ раҳм карда.— Ба чорбоғатон баргашта, дам мегирифтед, беҳтар буд.

— Ҳоло вақти дамгирӣ нест! — иллат намуд профессор. Ва якбора аз роҳаш истодаю ба Аббос чашми ҳа-

росон дӯхта, илова кард: — Вокеан, ман ҳоло нағз дам мегирам. Ҳа, дам гирифта мехобам (?!).

Аббос аз ин гуфтугузори беробитаи профессор чизе нафаҳмида, боз ба роҳ даромаду оҳиста аз бозуи устодаш гирифт, ки калавида наафтад. Зеро медид, ки вай басо бемадору дар изтироб аст.

— Чӣ, ба назарат ман носоғ? — пурсид профессор пас аз чанд қадам, ба Аббос рӯ оварда.

— Ба назарам ҳамин тавр,— тасдиқ кард Аббос, ба чашмони шишавор шаху бетароватгаштаи устодаш зеҳн монда.— Ранғатон кандагӣ, дастонатон латта барин...

— Наққош нақши сонӣ беҳтар кашад зи аввал,— гӯён профессор боз ба роҳ даромад.— Минбаъд роҳи бартараф кардани ин нуқсонҳоро ҳам меёбем. Ма, калидҳоро гир.

Онҳо қулфҳои мураккаби дари сад ҳиладорро кушода ба таҳхона фаромаданд. Қандилу прожекторҳо он ҷо фурӯзон буданд. Бӯи резини гӯё сӯхта ва доруворихо ба димоғ мезад. Гӯшаи корӣ профессор, ки як мизи дарозрӯяю кушеткаи чилддор дошт, ҳоло бо пардае панаҳ карда шуда буд.

Профессор Маҳдӣ ба курсии назди даромадгоҳи блоки ҳуфия нишаст ва Аббосро низ аз дасташ оҳиста кашида ба пахлӯи худ шинонд. Баъд бо дасти ларзон айнакро аз чашм гирифта, ба ӯ гуфт:

— Ту, Аббос, ягона шахсӣ, ки бовар мекунам. Хислату кордориҳои ту ба ман писанд омадааст. Барои ҳамин ба худ ассистент карда гирифтам. Умедворам, ки ба ҳамин эътиқоди ман то охир содиқ мемонӣ.

— Чӣ чои гап, устод? — аз ин таърифҳои профессор мутаассир шуд Аббос.— Шумо маро бо кори дилхоҳам таъмин кардед, ба чунин як лабораторияи калон ба хизмат гирифтед...

— Ман ҳозир,— сухани ӯро бурид профессор,— ба ту асрореро мекушоям, ки ғайр аз худам онро дар олам касе намедонад.

— Ба бовариатон ташаккур, устод! — Аббос нимхез шуда таъзим кард.

— Ҳозир раву,— гуфт профессор,— дари блоки хуфияро кушо.

Аббос чобук хеста, дари блокро кушод. Вай бо ҳайрат дид, ки он ҷо Тозии давангу хушрӯ кулча зада хобидааст гунаҳкорона дум меликонад.

— Устод! — фарьёд зад Аббос.— Охир ин саги маҳбубатон Тозй-ку.

— Бале, худди худаш,— тасдиқ кард профессор ва ангушт ба лаб ниҳода пичиррос зад: — Ин қадар шавқун накун. Мон, андак истироҳат кунам (?!).

Айнан ҳамин вақт Аббос ногаҳон шунид, ки касе хуррок мекашад. Боз кй бошад дар ин таҳхона? Ҳайрати ӯро дида, профессор бо нимтабассум амр дод:

— Акнун рафта, пардан чои кории маро ғечон.

Аббос рафта, як лаби пардаро бардошт ва як қад парида ба қафо нигоҳ кард.

— Чиро мебинй? — пурсид профессор.

Аз хаяҷон забонаш гирифта, Аббос пичиррос зад:

— Худоё, ман хобам ё бедор? Ин ҷо шумо хобидаед, устод! Ҳар ду муштаракед!

Бале, дар болои кушетка пойҳояшро дарозу дастонашро ба сандуки дил чиллик карда, рӯболо бо фарогат профессор мехобид ва хуррак мекашид.

— Ту бедорй, Аббос,— гуфт профессори дар курсй нишастагй.— Ва он чи, ки мебинй, ҳақиқати объектив аст, мӯъҷизаи тозаи илм аст. Саги дар блок буда Тозии аслй ва оне, ки хуррак кашида дар кушетка мехобад, мураббии ту — профессор Маҳдист.

Дар ҳамин вақт профессори хобида, шояд аз овозу гуфтугӯи ҳозирон бошад, бедор шуду хамьёза кашида аз ҷой хест.

— Ҳа, Аббос?— гуфт вай, айнакашро бо рӯймолча пок карда.— Омадй? — ва ба чавоби ассистенти карахту лол эътибор надода, суханашро давом дод:— Бо ин пирамард акнун хайрухуш кун. Вақти синтезаш расид.

Баъди ин Аббос бо ҳайрати тамом дид, ки профессори азхобхеста Тозиро аз камера баровард. Профессори нишастагй бе ягон лому мим аз ҷой хеста, тамоми либосҳояшро кашид, айнакашро ҳам гирифта рӯи курсй монд. Лучи модарзод шуда, ба Аббос «хайр, нағз монэ гуфту ба блоки хуфия даромад ва дарро аз дарун махкам кард. Профессори аз хоб хеста мурватҳои сершумори дари блокро як-як тофт, сими ғафси термостатро ба он пайваст ва релеро поён фаровард. Садои ғурроси аппаратураҳои камера баланд шуд, ба димоғ боз бӯи тундутези химикатхо ва каучуки сӯхта зад.

— Ана, синтез тамом шуд,— гуфт профессор, ба соати дастиаш нигоҳ карда.— Дидй, гудозиш осон. Одам

росон дӯхта, илова кард: — Воқеан, ман ҳоло нагз дам мегирам. Ҳа, дам гирифта мехобам (?!).

Аббос аз ин гуфтугузори беробитаи профессор чизе нафаҳмида, боз ба роҳ даромаду оҳиста аз бозуи устодаш гирифт, ки калавида наафтад. Зеро медид, ки вай басо бемадору дар изтироб аст.

— Чӣ, ба назарат ман носоҳ? — пурсид профессор пас аз чанд қадам, ба Аббос рӯ оварда.

— Ба назарам ҳамин тавр,— тасдиқ кард Аббос, ба чашмони шишавор шаху бетароватгаштаи устодаш зеҳн монда.— Ранҷатон кандагӣ, дастонатон латта барин...

— Наққош нақши сонӣ беҳтар кашад зи аввал,— гӯён профессор боз ба роҳ даромад.— Минбаъд роҳи бартараф кардани ин нуқсонҳоро ҳам меёбем. Ма, калидҳоро гир.

Онҳо қулфҳои мураккаби дари сад ҳиладорро кушода ба таҳхона фаромаданд. Қандилу прожекторҳо он ҷо фурӯзон буданд. Бӯи резини гӯё сӯхта ва доруворихо ба димоғ мезад. Гӯшан кории профессор, ки як мизи дарозрӯяю кушеткаи чилддор дошт, ҳоло бо пардае панаҳ карда шуда буд.

Профессор Маҳдӣ ба курсии назди даромадгоҳи блоки хуфия нишаст ва Аббосро низ аз дасташ оҳиста кашида ба паҳлӯи худ шинонд. Баъд бо дасти ларзон айнакро аз чашм гирифта, ба ӯ гуфт:

— Ту, Аббос, ягона шахсӣ, ки бовар мекунам. Хислату кордориҳои ту ба ман писанд омадааст. Барои ҳамин ба худ ассистент карда гирифтам. Умедворам, ки ба ҳамин эътиқоди ман то охир содиқ мемонӣ.

— Чӣ чои гап, устод? — аз ин таърифҳои профессор мутаассир шуд Аббос.— Шумо маро бо кори дилхоҳам таъмин кардед, ба чунин як лабораторияи калон ба хизмат гирифтед...

— Ман ҳозир,— сухани ӯро бурид профессор,—ба ту асрореро мекушоям, ки ғайр аз худам онро дар олам касе намедонад.

— Ба бовариатон ташаккур, устод! — Аббос нимхез шуда таъзим кард.

— Ҳозир раву,— гуфт профессор,— дари блоки хуфияро кушо.

Аббос чобук хеста, дари блокро кушод. Вай бо хайрат дид, ки он ҷо Тозии даванги хушрӯ кулча зада хобидааст гунаҳкорона дум меликконад.

— Устод! — фарьёд зад Аббос.— Охир ин саги махбубатон Тозй-ку.

— Бале, худди худаш,— тасдиқ кард профессор ва ангушт ба лаб ишора пичиррос зад: — Ин қадар шавқун накун. Мон, андак истироҳат кунам (?!).

Айнан ҳамин вақт Аббос ногаҳон шунид, ки касе хуррок мекашад. Боз кй бошад дар ин таҳхона? Ҳайрати ўро дида, профессор бо нимтабассум амр дод:

— Акнун рафта, пардан чои кории маро гечон.

Аббос рафта, як лаби пардаро бардошт ва як қад парида ба қафо нигоҳ кард.

— Чиро мебинй? — пурсид профессор.

Аз ҳаячон забонаш гирифта, Аббос пичиррос зад:

— Худоё, ман хобам ё бедор? Ин чо шумо хобидаед, устод! Ҳар ду муштаракед!

Бале, дар болои кушетка пойҳояшро дарозу дастонашро ба сандуқи дил чиллик карда, рўболо бо фарогат профессор мехобид ва хуррак мекашид.

— Ту бедорй, Аббос,— гуфт профессори дар курсй нишастагй.— Ва он чи, ки мебинй, ҳақиқати объектив аст, мўъчизаи тозаи илм аст. Саги дар блок буда Тозии аслй ва оне, ки хуррак кашида дар кушетка мехобад, мураббии ту — профессор Махдист.

Дар ҳамин вақт профессори хобида, шояд аз овозу гуфтугўи ҳозирон бошад, бедор шуду хамъёза кашида аз чой хест.

— Ҳа, Аббос?— гуфт вай, айнакашро бо рўймолча пок карда.— Омадй? — ва ба чавоби ассистенти карахту лол эътибор надода, суханашро давом дод:— Бо ин пирамард акнун хайрухуш кун. Вақти синтезаш расид.

Баъди ин Аббос бо ҳайрати тамом дид, ки профессори азхобхеста Тозиро аз камера баровард. Профессори нишастагй бе ягон лому мим аз чой хеста, тамоми либосҳояшро кашид, айнакашро ҳам гирифта рўи курсй монд. Лучи модарзод шуда, ба Аббос «хайр, нағз монэ гуфту ба блоки хуфия даромад ва дарро аз дарун махкам кард. Профессори аз хоб хеста мурватҳои сершумори дари блокро як-як тофт, сими ғафси термостатро ба он пайваст ва релеро поён фаровард. Садои ғурроси аппаратураҳои камера баланд шуд, ба димоғ боз бўи тундутези химикатҳо ва каучуки сўхта зад.

— Ана, синтез тамом шуд,— гуфт профессор, ба соати дастиаш нигоҳ карда.— Дидй, гудозиш осон. Одам

дар як нафас ба як сатил обу ду ғиҷим элементи валентнок табдил меёбад. Масалан, навадунӯҳ фоизи ҳамин ғӯлаки чашми мо об аст. Фақат як фоизаш тифл аст, ки ба ҳазорҳо ҳуҷайра ядрову девор мешавад.

— Ҷаноби профессор,— мурочиат кард Аббос бо камоли даҳшат,— наход он пирамард ҳамин хел бисмил шуд?

— Бале,— гуфт профессор.— Гудозиш ёфт. Агар боз ним соати дигар меистод, чон меканду мемурд.

— Чӣ хел ин, устод? — акнун ба профессори дар паҳлӯяш буда «устод» гуфта, рӯ овард Аббос.— Ман чизе нафаҳмидам.

— Магар дубль ба ту нафаҳмонд? — чашмонашро калон кушода пурсид профессор.

— Не,— ҷавоб дод Аббос.— Акнун гап сар карда, ба ту як асрореро мекушоям гуфтанду шумо бедор шуда мондед ва ин хел якбора... синтез.

— Хеҷ қисса не. Худам ҳозир мефаҳмонам,— гуфт профессор, аз сурохӣ ба қадаҳ об рехта.— Биё, шин, Аббос. Ва ба гапҳоям бо диққат гӯш андоз.— Ӯ обро нӯшида, ба қадаҳ боз об рехту илова кард: — Ма, ҳалқатро тар кун, Аббос, ҳарос накаш. Дар ин кори начиб ҳиссаи ту ҳам ҳаст. Худат намедонистию лекин масолеҳи организми зинда, яъне углерод, водород, сера ва ғайраҳо тайёр мекардӣ, ба миқдори лозима ба мадони блок мерехтӣ. Як қисми ин мушҳои сафед, ки мебинӣ ва Тозии ту гӯр кардагӣ дубли аввалин ҷондорҳо буданд. Пирамарди навакак ин ҷо нишастагӣ бошад, нахустин одами сохтаи мо буд.

БОБИ СЕЮМ

Баъди ин профессор Маҳдӣ гӯё лекцияи илмие хонд, ки Аббос онро шунида гоҳ ба баҳри завқу хаёлот ғӯта мезад, гоҳ аз оқибати ин кашфиёти нодир ба даҳшат меафтод.

Профессор Маҳдӣ шарҳу баёни худро аз фототелеграфи ранга сар кард. Телеграфи оддӣ, гуфт ӯ, матнро бо принципи алифбои Морзе ҳарф ба ҳарф сигнал медиҳад. Аммо фототелеграф матн, сурат ё нақшаро айнан бо шаклу ҳаҷми худаш, сатр ба сатр, бе ягон тағйирот нусха мебардорад. Дар коғаз тифоқо ягон калимаро хат зада ислоҳ кунӣ, ё ранг чаконӣ, нусхаи навиштаҷоти ту

дар дигар шаҳр айнан бо ҳамон ислоҳу доғи рангаш зоҳир мешавад. Мавҷи телевизион ҳам дар асл бо ҳамин услуб аст. Телемавҷ як шахс, ё як лавҳаро миллионҳо адад афзуда, ба тамоми мамлакат нишон медиҳад.

Ҳоло илму техника ба пояе расидааст, ки садо, намуд ва ҳаракати ҷисмҳоро ба таври номаҳдуд такрор карда метавонад. Аммо худи ҷисмҳоро чӣ? Бо таркиб, масса ва шаклашон оё такрор кардан мумкин нест? Масалан, аз контейнери завод аз рӯи схемаи як лоиҳа ҳазорҳо адад машина мебарояд. Агар рангашонро ба ҳисоб нагирем (чунки ба онҳо сонӣ касдан ранги ҳархела мемоланд), ҳамаашон чун хишти як қолиб ба ҳам монанд, фарзанди тавъами як модар, нусхаи комили як макетанд.

Солҳои охир диққати олимони биохимик ва биофизикро муаммое ба худ ҷалб кардааст, ки чаро аз ҷисми ҷондор низ дубликат сохтан мумкин нест. Охир миқдор, сифат ва функцияи материале, ки аз он организми зинда шакл гирифтааст, ба илми имрӯза маълум. Тамоми элементҳои таблицаи Менделеев дастраси химияи муосир аст. Пас чаро масолеҳи лозимаро муҳайё сохта, аз он дубли ягон организми зиндаро ба вуҷуд овардан имкон надоштааст?

Профессор Маҳдӣ дар роҳи ҳалли ана ҳамин муаммо тамоми вақт, қувват ва дороияшро сарф кард. Вай илова ба азми матину сарвати фаровон дониши амиқ ва истеъдоди фавқулодда низ дошт. Динору риёлашро дареғ надошта, лабораторияи боҳашам сохт, ба заводҳои машҳури Фарангистону Машриқзамин аппаратура ва агрегатҳои зарурӣ фармуд, олимону мутахассисони ҷавону зиракро ба худ шогирд карда гирифт, таркиби химиявии ҷисмҳои органикиро бо тамоми ҷузъиёташон омӯхта, ба ҳамон миқдору ба ҳамон сифат масолеҳи элементҳоро захира кард, шаба шабу рӯза рӯз нагуфта, таҳлилу таҷриба гузаронд.

Инак, мо ҳоло дар назди аппаратураҳои басо дақиқу мураккабамали ӯ истодаем, ки қодиранд, бо импулсу хатҳои шаддан мавҷ пайкарро ретрансляция кунанд, яъне аз ҷисми органикӣ дубль созанд. Ҳайвон ё одамро бо чилусе ноқили ҳассос ба блоки хуфия мепайванданд. Ба бордони камера элементҳои лозимаи химиявӣ — об, сафеда, қанд, азот, гемоглобин, олтингӯгирд ва ғайраҳо мерезанд. Аппарат ҳамин, ки ба кор сар кард, дар давоми чилупанҷ дақиқа аз масолеҳи тайёр атом

ба атом ва ҳуҷайра ба ҳуҷайра нусхаи комили он ҳайвон ё одам ба вуҷуд меояд. Баъди ҳашт-даҳ дақиқаи дигар ҳарорати организм ба аппаратура мутобиқ шуда, дубль ба ҳаракат медарояд, айнан монанди нусхаи аслии худ амал мекунад. Вай бо ҳиссиёт, малака, овоз, тарҳи бадан ва хислатҳояш аз оригинал тафовут надорад.

Рост, ки дубликатҳо ҳоло хӯрок намехӯранд, аз ин рӯ зуд бемадор мешаванд ва мефавтанд. Чунончи, дубли Тозӣ, он саге ки Аббос ба ҳавлияш бурд, то саҳар бечон шуд. Ё ки дубли худи профессор ду соат зиндагӣ карду ғозу паяш сӯхт, либосҳояшро базӯр кашида ба блок даромад, дар дақиқаҳои охир дасту поҳояш кашола буданд.

Профессор Маҳдӣ бовар дошт, ки ин нуқсонҳо ҷузъӣ ва ислоҳпазиранд. Таҷрибаро давом ва аппаратураро такмил дода, дубликатҳои боқувват, боиштиҳо, дарозумр ва пурэҳсос низ сохтан акнун аз эҳтимол дур нест.

— Матлаб аз ин кашфиёти нодир чист, устод? — пурсид Аббос, ки аз навигарии гӯшношунид ҳанӯз ба худ наомада буду банди дастонашро сахт-сахт мепучид, ки хоб бошад, **бедор шавад.**

Профессор Маҳдӣ бо аломати хатми кор нақшаву коғазҳои болои мизро ба ғалладон андохта, сими сигнализацияи электрикии лабораторияро ба ҳам пайвастаравон фаҳмонд:

— Ана, ин саволат ҷон дорад, Аббос. Мақсад аз ин риёзату тадқиқоту хароҷоти калон чист? Чаро ман дар роҳи ҳалли ин муаммо тамоми сарватамро сарф ва умрамро хазон кардам? Олими ҳақиқӣ мисли шамъҷамъгест, ки роҳи омро равшан мекунаду худ месӯзад. Ман низ мехоҳам донишу таҷрибаи солҳои сол андӯхтаам ба инсоният нафъ бахшад. Аппарати ман, агар онро боз такмил диҳему нағзакак таҷҳизонем, нусхаи организми зиндаро айнан меофарад. Рост, ки энергияи бисьёр сарф мешавад, элементҳои нодири химиявӣ тайёр кардан ва харидан лозим аст. Вале ба ҳар ҳол мо шоҳиди ба ҷодаи ҳаёт омадани копияи зиндаи инсон мешавем. Ту пурсидӣ, ки ин кор барои чист? Магар як одам дугоник пайдо карда ду одам шавад, бад аст? Медонӣ, ин чӣ маъно дорад? Ду одам ҳар як корро ду бор зиёд ичро мекунад. Ғайр аз ин яке ба ягон фалокат дучору ҳалок шавад, дигаре зиндагии ӯро давом додан мегирад. Агар аз Ал-Ҷабрӣ, Пушкин, Штраус ё Эйнштейн барин генийҳо дутоӣ мебуданд, бовар кун, ки илму фан, санъ-

ат ва иқтисодиёт дучанд ривоҷу равнақ меёфт. Ё масъалаи фатҳи коинотро гирем. Аз ҳар як кайҳоннавард дутой сохтан мумкин, ки яке ба сафари дур барояду дигаре назди зану фарзанд ва волидайн монад.

Аббос ба андеша фурӯ рафту баъди фосилае чунин луқма партофт:

— Боз ин ҳел ҳам кардан мумкин. Ягон кас ба дарди бедаво вохӯраду умеди зинда монданаш набошад, дублашро сохтан даркор, ки он зиндагиро давом диҳад.

— Не,— эътироз карда сар ҷунбонд профессор Маҳдӣ.— Нозукии аппарати мо ҳамин, ки нусхаро бо тамоми дарду доғаш мекӯчонад. Ман кал бошам, дублам кал меруяд. Чунон ки дидӣ, дубли мо алҳол аз нусхаи аслӣ баръакс заифтар аст. Табиати бузургвор аслан ҳар як чизро мукаммал сохтагӣ. Ҳатто асари санъати тасвириро бин. Масалан, асли «Зӯҳраи хуфта»-и Рафаэль баҳо надорад. Аммо нусхаи он расм, ҳазор бо маҳорат кашида шуда бошад ҳам, аз дусад-сесад доллар беш нест.

— Гӯед, ки устод,— боз пурсид Аббос,— шумо ин кашфиёти худро ба кадом фирма ё вазорат пешниҳод карданӣ?

Профессор Маҳдӣ манаҳашро бо даст молида, ба нуқтаи номаълуме чашм дӯхт ва баъди хаёлот гуфт:

— Ҳоло ҳозир ба ҳеҷ фирма. Ин сирро бемулоҳиза фош кардан чиноят асту бас. Чунон ки медонӣ, лабораторияи моро дар матбуот тамоман дигар хел тавсиф мекунанд. Мо гӯё ки бо супориши академия ба барқарор кардани ҳуҷайраҳои иллатноки асаб машғулем. Ин овозаро худи ман қасдан паҳн кардаам. Намехоҳам, ки аз асли тадқиқоти ман касе бохабар бошад. Ҳар як кашфиёт чиҳатҳои мусбат ва манфӣ доштанаш мумкин. Масалан, Фредерик Жолио-Кюри қувваи заррахои атомро кашф карда, ҳеҷ гумон надошт, ки америкоиҳо аз он яроқи катли ом месозанд ва ба сари аҳолии бегуноҳи Хиросима ва Нагасаки бомбаи даҳшатнок мепартоянд. Чангчӯён ҳар як кашфиёти илмро зуд бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода бурданӣ мешаванд. Мақсади ман бошад, мисли ҳар инсони поквиҷдону ростқавл, ҳаёти осоишта ва серпури ҷамъият аст. Мехоҳам, ки ватани мо — ин як давлати хурди араб ҳам ба тамаддуни умумиҷаҳонӣ хиссаи гузорад.

— Кашфиёти шумо, устод, ҳаққо ки шикасти боз як

тилисмоти табиат аст,— гапи ӯро қувват дод Аббос.— Сохтани нусхаи зиндаи одам саҳифаи навест дар ҷаридаи олам.

— Барои ҳамин,—гуфт профессор Маҳдӣ,— аз тамоми ходимони лаборатория забонхат гирифтаам, ки сар диҳанду сир надиҳанд. Ин асрорро дилам об хӯрда фақат ба ту кушодам.

— Ташаккур, устод! — бори дигар изҳори миннатдорӣ кард Аббос.

— Меарзад, меарзад, — хандида гуфт профессор Маҳдӣ ва баъд даст ба китфи Аббос ниҳода, суханашро давом дод: — Ту одами поктинатӣ. Таҷрибаро ҳамроҳ бо маслиҳат давом медиҳем. Ба ман минбаъд бе ту барин шогирд мушкил мешавад.

Ҳамон рӯз Аббос аз кор ба ҳавлияшон аз ҳарвақта дида хеле дер баргашт. Ҳамидаи кампир хавотир шуда, нигарони роҳи ӯ дар остонаи дари кӯчаашон нишаста буд.

БОБИ ЧОРУМ

Дар қаҳвахонаи «Ассабоҳ»-и соҳили баҳр полковник Гюнтер ва прокурори музофот Салим Меъроҷ вискию кабки бирьён хӯрда менишастанд. Зани нимбараҳнаи ба чашму мижгонаш сурмаи фаровон молидаи лабонаш ақиқ барин сурх рақси акробатонаи серҳаракате иҷро мекард. Тамоми узви бадани раққоса — чашму абрӯ, лабу даҳон, сари дил, нофу ишкам ва ронҳои сафедаш алоҳида-алоҳида меларзиданду ба ҷилва меомаданд. Вай дам ба дам ҷониби полковник Гюнтеру Салим Меъроҷ айёрона чашмакӣ задаю табассум карда, гӯё ба ҳама гуна хизмат омодагии худро таъкид дошт.

Полковник Гюнтер шумораи нави маҷаллаи мусаввари «Ал-муҳоҷир»-ро, ки ба забони арабӣ дар Ню-Йорк чоп мешуд, варақ зада бо ангушташ маколаеро ба Салим Меъроҷ ишорат кард. Салим Меъроҷ ба маънои «хуб шудаст, албатта мехонам» сар ҷунбонда, журналро аз полковник гирифт.

Полковник Гюнтер пагоҳӣ аз Бонн омада буд. Салим Меъроҷ ӯро истиқбол карда, аз ҳамин хотели «Ассабоҳ» ҳуҷра гирифта дод. Дар Олмони Ғарбӣ курси

семоҳаи махфие амал мекард, ки полковник Гюнтер нонбӣ сардори он буд.

Соли охир, ҳангоми тайёрӣ ба имтиҳоноти давлатии институти адлия, Салим Меъроҷро ба ин курс низ ҷалб карданд. Марта ном немисдухтаре, ки бо ӯ ошной дошт, ба ин кор сабаб шуд. Чунон ки Салим Меъроҷ сонӣ фаҳмид, Марта дар ҳамон курс машинистка шуда кор мекардааст. Он ташкилот ба ҳадде махфӣ амал мекард, ки аз вуҷудаш ҳатто аъзоёни ҳукумати федералӣ хабар надоштанд. Салим Меъроҷ мафтуни стипендияи калон ва ояндаи умедбахш шуда дар он ҷо се моҳ хонд, аз таълими ҷиддии ҳарбию сиёсӣ гузашт.

Сиёсатмадорони немис, ки аз натиҷаҳои ҷанги дуюми ҷаҳон норозӣ монда, ҳисси инқилобашон баланд мегирифт, мехостанд, дар ҳар мамлакат акнун гумоштаҳои зархарид дошта бошанд. Шогирди полковник Гюнтер Салим Меъроҷ дар ин музофоти хурди араб гӯё ки сафири махфии он ташкилот ҳисоб меёфт. Вай вазифадор буд, ки бо супориши марказ амал кунад, вазъияти сиёсӣ, ҳарбӣ, инчунин шахсиятҳои ходимони давлатро омӯзад, ба хӯҷаинони худ маълумот диҳад. Лозим шавад, ба табаддулоти ҳокимият замина тайёр кунад.

Полковник Гюнтер, ки яхпораи дарунӣ қадаҳи виссаи нимбараҳнаи чашмонаш ҳарис бо сар нишора карда гуфт:

— Занҳои шарқ алҳақ дами теғ, мавҷ, аланга буданд. Ин нозу адоҳо метавонад ҳар бандаи осиро ба доми бало андозад.

Салим Меъроҷ ба хизмат фурсатро муносиб дида, дарҳол ҳозирҷавобӣ кард:

— Ҷаноби полковник майл дошта бошанд, метавонанд ба ҳамин мавҷ имшаб ғӯта бихӯранд, ба ҳамин аланга то субҳдам доман бизананд.

— Ҳадафи тири нигоҳаш гардам? — хандид полковник.— Таманнои чунин нӯшдору ба мани пир ҷурм аст. Ақли мо акнун аз ҷунун парҳез мекунад.— Баъд ҷилави сӯҳбатро дигар тараф кашида пурсид: — Воқеан, шумо Салим афандӣ, кай зан мегиред? Ё висоли чунин раққосаҳоро аз оиладорӣ авло медонед?

— Мегӯянд, ки ҳар як мард ду занро дӯст медорад: яке он, ки тасаввуроташ офарида, дигаре он ки ҳанӯз аз модар таваллуд нашуда. Аҷиб-а, ҷаноби полковник?

Аммо бо вучуди ҳаман ин вақташ расид, ки оиладор шавам. Хонаю чо, зану фарзанд дошта бошам.

— Дуруст! — хурсанд шуда, тасдиқ кард полковник.— Барои он ки дар мулкатон имтиёз пайдо кунед, тафриқан устувори сиёсӣ дошта бошед, қабл аз ҳама шумо бояд оиладор шавед. Ходимони пири давлат ба марди муҷаррад одатан бо назари шубҳа менигаранд, суханашро ба инобат намегиранд. Охир марказ ният дорад, аз низоъхои миллии мамлакати шумо истифода барад, шогирдони дилпур мешудагии худро ба сари ҳокимият барорад.

Салим Меъроҷ аз нақшаҳои нақшбои хўҷаинҳои олмониаш хурсанд шуда ва худро аллакай ҳокими музофот пиндошта, бо як дам қадаҳи вискиро холӣ кард. Баъд полковник Гюнтерро хотирҷамъ карданӣ шуда гуфт:

— Насиб бошад, шумо ҷаноби полковник, ҳамин тирамоҳ ба тўи ман даъватнома мегиред. Осуда бошед, ман одами қадру қимати худ нигоҳ медоштагӣ. Бо ин гуна раққосаҳои шабзиндадор сарукоре надорам.

— Номзад ҳаст? — пурсид полковник Гюнтер.

— Ба духтари ўғаи хоҳарам кас мондам.

— Падараш биохимики машҳур?

— Оре, духтари ҳамон профессор Маҳдӣ. Ҳаждаҳ солро пур кардааст, Марзия ном дорад. Чунонки мегўянд, «моил ба уфтодан чун меваи расида».

— Мехонад?

— Шабона мехонад. Рўзҳо дар интерпресс тарҷумонӣ мекунад.

— Мутахассиси кадом забон?

— Русӣ.

— Айни муддао будааст. Домод немисиро медонаду арўс русиро. Ба шумо, ки оянда ходими бонуфузи давлат мешавед, айнан чунин завҷаи олимзодаю дипломат лозим. Агар хато накунам, профессор Маҳдӣ миллионер ҳам мебошад?

— Буд,— гуфт Салим Меъроҷ даст афшонда.—Профессор сарвати шоиста дошт. Вале қариб ҳамаи онро ба тадқиқоти илм баръабас сарф кард.

— Баръабас?

— Бале, беҳуда. Ҳама чунин ақида доранд.

— Шумо дар лабораторияи ў будед?

— Дар лабораторияи берунааш. Аммо ба қисми таххонааш касеро роҳ намедодааст. Бо сад қулфу калиди

навбаромад ва системаи сигнализация эҳтиёт мекардааст.

Полковник Гюнтер лабашро бо сачоқ пок карду сарашро ба ғўши Салим Меъроҷ наздик оварда гуфт:

— Аз рафти тадқиқоти профессор Маҳдӣ ба марказ маълумоти муфассал ва аниқ лозим. Шумо, мўҳтарам Салим, ба таври ҷиддӣ аз пай ҳамин кор шавед.

— Ба таври ҷиддӣ? — ҳайрон шуда пурсид Салим Меъроҷ ва илова кард: — матбуот аз кори онҳо борҳо ҳисобот додааст-ку. Аз рўи шунидам, язна ба сохтани ҳуҷайраи зинда машғуланд.

Полковник Гюнтер овозашро боз ҳам пасттар карда, пичиррос зад:

— Фаромўш накунед, оғои мўҳтарам, ки ниҳоратро аз блокҳо месозанду организмро аз ҳуҷайраҳо. Донистани ин ба марказ бағоят муҳим.

— Шумо ҷаноби полковник, наход барои ҳамин аз Бонн омадаед?

— Не,— хандид полковник Гюнтер ба китфи Салим Меъроҷ тап-тап зада.— Ин ҳамту дар омади гап. Ман дурўза омадаам, ки ба баҳри Миёназамин оббозй кунам, экзотикаи машриқзамин, қаҳрамонҳои Алфалайлаҳо бинам. Аз кору бори шумо, ки акнун узви марказ мо ҳастед, бохабар шавам. Лекин лабораторияро омўхтан ва аз рафти тадқиқот маълумот ба даст овардани шумо шарт. Метавонед инро супориши нахустини марказ ҳисоб кунед. Ин кор барои шумо мушкилие надорад. Профессор Маҳдӣ почоятон, духтараш номзад ба аруси. Ба он хонадон бемалол рафтуо карда метавонед.

— Ҳа, албатта — тасдиқ кард Салим Меъроҷ.—Ду рўз нараваму набинам, хоҳарам қиёмат мекунад.

— Боз хубтар,— хурсанд шуд полковник Гюнтер — Чунон, ки худи шумо арабҳо мегўед, нур-ан-алонур... Ҳа. воқеан, ба шумо Марта саломи гарму чўшон гуфт.

— Марта? — як қад парида, сар бардошт Салим Меъроҷ. Вай бештар аз он ба ҳайрат монда буд, ки бо Марта алоқа доштанашро Гюнтер аз куҷо медонад.— Охир мо бо ў ҳамту...

— Медонам, медонам,—сухани Салимро бурид полковник.— Медонам, ки бо Марта шумо робитаи ғайриоддӣ доштед. Писарчаатон бо фамилияи модараш. Хавотир нашавед, Салим афандӣ, Марта немисзани покна-

жод аст, аклу фаросаташ баланд. Вай сир бой намедиҳад, ба тўятон халал намерасонад. Фақат илтимос кард, ки меҳри аввалро аз хотир набароред, писарчаатонро баъзан хабар гирифта истед.

— Хуб, раҳмат,— Салим фақат чунин ҷавоб дода тавонист. Вай ҳис кард, ки ким-чӣ хел торҳои ноаёни шахдам анкабўт барин дасту поҳояшро печонда истодааст. Гюнтеру Мартаҳо қисмати ўро ба Олмони Федерол вобаста карда мондаанд.

* * *

Хонум Будур Марзияро ба хобгоҳи худ даъват кард. Ба назди ў рўи мизи майда меваҳо гузошт ва сарашро ба сандуқи дил ҷафс карда, бо навозиш гуфт:

— Духтари азизам, нури чашмонам. Медонӣ, ки ман туро бештар аз ҷон дўст медорам, раво намебинам, ки хоре ба пояш халад. Ту ягона вориси хонадон ва чароғи умеди мой. Барои ҳамин ғами тақдири ту, ғами ояндаи ту ману падаратро ором намегузорад. Духтар, ки ба балоғат расид, бояд шавҳар кунад. Духтари қадрасро дар хона нигоҳ доштан гуноҳ аст. Ба бахту саодати ту Марзияҷон, мо набояд, ки зомин шавем...

Марзияи рамузфаҳм дарҳол пай бурд, ки аз ин муқаддима матлаби хонум Будур чист. Маълум, ки ўро ба шавҳар доданианду мехоҳанд тўй шавад. Марзия умуман ба шавҳар кардан муқобил набуд. Ҳаждаҳ солро пур карда ба нуздаҳ қадам монд, тану ҷонаш соғ, дасту пояш бутун... яъне вақту соати ин кор расидагӣ. Вале ба кӣ ў мерасад? Ана, ин ҷиҳати масъала боиси фикру андешаҳои зиёди Марзия мешуд. Ба Салим Меъроҷ? Ба ин марди сисолаи ба сад гурў мазор сархаста? Дар давоми панҷ соли таҳсилаш дар Аврупо, ки табъаш шоҳ буду худаш вазир, ин бойбачаи маишатпарасти бесаробон кй медонад, бо чӣ корҳое машғул шуда бошад. Не, дили Марзия аз чашмони бозигари ў меҳаросад, ба дидори ў ягон зарра майлу рағбат надорад. Бо ин хел мард ба як болин сар мондан ва ҳамдаму ҳамроз шудани худро тасаввур карда наметавонад. Барои ҳамин вай ба рўи модарандараш хонум Будур рост нигоҳ карда гуфт:

— Хўш, модарҷон, шафтолуи ин шаф-шафхо чист? Шумо киро домод карданӣ?

Хонум Будур ҳам пўсткандаи гапро фаҳмонданӣ шуда ҷавоб дод:

— Мехоҳам, ки ту ба Салим расӣ, духтарам. Номзади арзанда. Инро на фақат барои он мегўям, ки вай чигару чигарбанди ман, ягона додари ман аст, балки барои он ҳам, ки шавҳари ту бояд айнан ҳамин хел ҷавонмарди бадавлату баобрў ва мустақил бошад, ба оилаи худ ҳарчӣ лозим аст, муҳайё карда тавонад. Шукр, аз дасти Салим ҳама кор меояд. Вай ба ҷуз он, ки аз Олмон мутахассиси зўр шуда баргашту ба курсии амали калон нишаст, аз раҳматӣ падарам низ мероси ҳалол гирифтааст. Падарам тамоми счётҳои худро дар банк ба номи ў васият карда рафтаанд. Ту аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашӣ, духтаракам. Хушбахт мешавӣ.

Чашмони Марзияро раҳ бурд. Ба гумонаш хонум Будур холо аз дур, аз паси деворе ғурунг-ғурунг гап мезаду Марзия ин ҷо танҳо менишаст, ба маънои таърифу тавсифҳои ў сарфаҳм намерафт. Оянда ба назари вай тира, муғлақ ва ваҳшатнок метофт.

— Ман,— ниҳоят зўр зада овоз баровард Марзия.— Ман додари шуморо, модарҷон, тағоям медонистам, ҳамчун тағо ҳурмат мекардам. Ҳеҷ гумон надоштам, ки тағои худам ба ман хостгор мешавад.

— Салим ба ту, духтарам, тағои ўгай. Умраш ба хондан гузашту андак калонсол шуда монд. Вале ин нуктаро ҳам ба назар гир, ки қадри занро маҳз ҳамин хел мардони аз фарозу нишеби олам воқиф нағз медонанд. Охир ман низ аз падарат дувоздаҳ сол хурдам. Магар муносибат, зиндагӣ ва мехру садоқати мо бад аст? Ҳама ҳасад мебарад аз мо!

— Падарам розӣ? — пурсид ногаҳон Марзия, чашм ба қолин дўхта.

— Агар ту розӣ шавӣ, он кас зид намебароянд,— ҷавоб дод хонум Будур.— Худашон ба ман ҳамин хел фаҳмонданд. Ту духтараки бамаънӣ, оқила, маълумотнок. Умедворам, ки ба ин маслиҳати хайрхоҳонаи мо не намегўӣ. Майлаш, саросема нашуда боз фикр кун. Савдои умр чизи нозук. Лекин, духтарам, нағз дон, ки ман ҳамчун модар ба ту ягон зарра бадӣ намехоҳам. Мехоҳам, ки як умр хушбахту осуда бошӣ. Укои ман ба падари марҳумам рафтагӣ, ҷавонмарди хушҳол, покдил, сахӣ.

Марзия аз ҷой хесту гап назада бо сари хам берун

рафт. Маҳоли «сукут аломати ризо» ба хотираш омад магар, ки якбора аз роҳаш истоду дарро бозгашт кушода ба хона нигоҳ кард ва ба хонум Будур гуфт:

— Ман ҳоло ваъда дода наметавонам, модарҷон. Сабр кардан даркор.

Марзия аввал гуфтанӣ буд, ки ба Салим Меъроҷ беҳтараш дигар номзад ёбетон. Вале нахост якбора бо чунин фикри қатъӣ дили хонум Будурро ранҷонад. Охир, ба ҳар ҳол вай ба Марзия ҳукми модарӣ дорад, ӯро тарбият карда ба камол расондааст.

БОБИ ПАНҶУМ

Бале, хонум Будур ба Марзия ҳукми модарӣ дошт, ба ӯ ягон зарра бадиро раво намедид. Вай мехост додараш маҳз ҳамин духтараки худаш калонкардаи баодоб, хуштарбият ва соҳибҷамолро ба занӣ гираду саодатнок шавад. Имони комил дошт, ки онҳо ҷуфти хеле муносибанду онлаи хуби намунавӣ ба вуҷуд меоянд. Ғайр аз ин мероси падари марҳумаш ва профессор Маҳдӣ низ бегона намешавад, ба дасти худи додари хонум Будур мемонад.

Марзия аз назди модарандар бо хотири мушавваш ба хонаи худ баргашт. Вай аз ҳаяҷону хиҷолат чӣ кор карданашро намедонист.

Аз рафи чевон китоби Антон Павлович Чеховро гирифта, варақ зад. «Палатаи шашум», «Хонуми сагчадор», «Қаштанка» — сарлавҳаи ҳикояҳоро аз назар гузаронд ӯ. Ниҳоят ба драмаи «Боғи олуча» таваққуф кард. Вале ягон сатр хонда натавонист. Саманди хаёлаш ба сад кӯчаю паскӯчаи сарбаста даромада мебаромад.

Марзия аз кадом як қиссаи фантастикӣ хонда буд, ки Нодар ном сайёрае будаасту дар он ҷо баръакс духтарон номзад интихоб мекардаанд ва ба ҳавлии писарон дилхоҳашон хостгор мефиристодаанд. Дар мо чаро ин хел не? — мепурсид Марзия дар дилаш.— Чаро духтаронро бечораи мамлакати мо ба тақдир тан дода, дамидарун мегарданду рӯйрост гуфта наметавонанд, ки падару модари азиз, ман фалон йигитро дӯст медорам. Илтимос, ба хонаи ҳамон хостгор шуда равед?

Не, дар ин замон ин хел рафтор кардан мумкин нест, аз рӯи қонунҳои нонавишт беодобӣ ва ҳатто бе-

ҳаёгӣ ҳисоб мешавад. Дар мо бояд маҳз писарҳо арӯс интихоб кунанд ва хостгор фиристанд.

Марзия алҳол фақат ба як кас дилкашолӣ дошт. Ҷавонмардони бисьёре хушомадаш мезаданд, гап мепартофтанд. Вале ӯ ба ҳеҷ кадоми онҳо рӯихуш намедод. Фақат дидори як шахс ҳамин сол ӯро бе таноб мекашидагӣ шуд, диққаташро ҷалб мекард. Он шахс ассистенти падараш Аббос буд. Вақтҳои охир Марзия берун аз ихтиёр ба лаборатория зуд-зуд меомад. Дар дил афсӯс мехӯрд, ки Аббос аз ҳад зиёд шармгину шикастанафс аст. Марзияро бинад, лол мешавад, ба рухсораш сурхӣ дамида, чашм ба замин медӯзад. Агар вай дигар ҷавонмардон барин бачуръат мебуд ва ӯро ба гап меандохт, Марзия кафил шуда наметавонист, ки таклифи ӯро рад кунад. Дар ботини ӯ нисбат ба Аббос ким-чӣ хел боварӣ ва майлу рағбате тавлид меёфт.

Марзия боре аз падараш пурсид, ки ассистенти ӯ барои чӣ ин қадар фурӯтан аст. Аз рӯи ҷавоби профессор Маҳдӣ Марзия донист, ки Аббос аслан ҷавони ниҳоят зирак ва ҳассос аст. Маҳз ана ҳамин хислатҳояш ӯро фурӯтану эҳтиёткор кардааст. Аббос азбаски аз табақаи поёни ҷамъият, аз оилаҳои қашшоқу нодор баромадааст, худро дар доираи аъёну ашроф бегона ҳис мекунад. Медонад, ки нуқтаи назар, орзую ҳавас ва ҷаҳонбинии ин табақаҳо аз ҳам фарқи куллӣ доранд. Барои ҳамин вай ба кӯрпа нигоҳ карда пой дароз мекунад, бо тонфаи Марзия қаробат доштанро балки бефоида ва беоқубат меҳисобад. Охир кадом амлокдор, банкир, ё олим писари камбағалро домод кардааст? Чунин далелеро аз ин музофоти араб ёфтан амри маҳол аст. Вагарна Аббос низ қодир аст ба Марзия хушомад занад, изҳори муҳаббат кунад, чун соя аз пасаш давад. Вақте донӣ, ки оқибати ҳаман ин давуғечҳо ҳеҷ аст, натиҷае намебахшад, ва ба дил фақат доғи ҳасрат мегузорад, аз аввал пой ба ин кӯй наниҳодан ва худро канор кашидан бехтар аст. Оре, ба Аббос Марзия ситораи дастнорас менамуд.

Ақидаи Марзия бошад, тамоман дигар буд. Дили чӯшону бекинаи ӯ бар зидди расму оини аҷдодон, ба тафриқаҳои синфии ҷамъияташон эътироз кардан, фарьёд задан мехост. Барои Марзия қадру қимати инсон бо амалу сарвати ӯ не, балки бо хислатҳои неки одамгарнаш муайян карда мешавад. Рост, ки дар ин замона бе дорой, бе мансаби баланд, бе акрабои бонуфуз азоб

мекашӣ, хорузор мешавӣ. Вале бо вуҷуди ҳаман ин ба Марзия Аббос аз Салим Меъроҷ дида муносибтар ва муҳибтар аст.

Ҳамин муҳаббати пок, ҳамин хулоса ва ҳамин ҷуръати бебоконаи Марзия сабаб шуд, ки ба дили Аббос шарораи уммед афтад. Марзия ҳамчун мутахассиси забони русӣ дар хона бисьёр китобҳои нависандагони шӯравиро нигоҳ медошт. Вай он асарҳоро хонда тақризу аннотация ва барои нашриёт тавсияҳо менавишт. Роману повестьҳои ба забони арабӣ тарҷумашударо бо асли русиашон муқоиса мекард, нуқсонҳои тарҷумаро нишон медод.

Аббос аз муомилаҳои хуши Марзия далер шуда, чанд бор ба хонаи ӯ китобгирӣ омад. Ба туфайли ҳамин омадурафт вай бо асарҳои Лермонтов, Гоголь, Маяковский барин адибони рус шинос шуд. Ба туфайли ҳамин омадурафт ваю Марзия бо ҳам сӯҳбату дарду ҳасрат мекардагӣ, дам ба дам ба сайри соҳил, ба тамошои фильмҳои нав мерафтагӣ шуданд.

То ба савдои ту аз хона ба бозор шудем,
Ҳар кучо дарду ғаме буд, харидор шудем.
Дар паи нафси ҳаво бехудагардӣ кардем,
Ин замон дар паи он ёри вафодор шудем.
Булбули мо ба дили байза таманнои ту дошт,
Боли парвоз кушодему гирифтор шудем.
Бар рухи мо дари гулзори тамошо бастанд,
Саъйҳо сохта, хори сари девор шудем.
Ҳар раги тан зи гаронҷонии мо сустӣ кард,
Дил зи андеша тиҳӣ карда, сабукбор шудем.

Як рӯз дар кинотеатри «Алӣ Бобо» Аббос ва Марзия фильми нави америкой диданд. Фильм «Зардос» ном дошта, фантастикӣ буд. Дар он аз ҷамъияте сухан мерафт, ки худро аз моҷарои олам канор кашидааст. Одамони он ҷамъият осудаву фаровон зиндагӣ мекунанд, умри абад мебинанд, ҳама дар як синнусол, аксар дар ҷавонӣ нигоҳ дошта шудаанд. Он ҷо таваллуд ва мурдан нест. Мутаносибан ишқ, робитаҳои ҷинсию ақрабой низ вуҷуд надорад. Духтарони моҳлиқо ва писарони болобаланд аз ташвишҳои муҳаббат фориғанд, бо ҳам чун хоҳару додар муносибат мекунанд. Ҳисси ҷинсию шаҳвоният умуман барҳам хӯрдааст.

Ногаҳон як ҷавонмарди шуҷоъ ба ин ҷамъияти фантастикӣ аз олами реалӣ роҳ меёбад. Баъди ин зану духтарони он кишвар низ аз роли мард дар табиат бохабар мешаванд, бесарусомонӣ рӯй медиҳад. Духтарон

ҳама аз паи марди шуҷоъ мешаванд, рашку задухӯрдҳо ба амал меоянд...

Дар фильм воқеаҳо ба дараҷае натуралистона ва бепарда нишон дода шуда буд, ки Марзия аз Аббос шарм дошта ба обу арақ ғӯтид. Аббос низ аз ҳиҷолат замин намекафид, ки дарояд.

— Шумо ҷавони ганда будаед,— гуфт Марзия, вақте ки аз кинотеатри «Алӣ Бобо» баромада мерафтанд.— Минбаъд маро ба ин хел фильмҳо таклиф накунед.

— Мебахшед, Марзия,— узр хост Аббос. — Ман аз куҷо медонистам, ки ин хел фаҷ будааст? Гумон доштам, ки фантастика, ягон воқеаи ибратбахшу пандомӯз...

Аббос ва Марзия дар қаҳвахонаи «Тӯрон» хамроҳ хӯроки шом хӯрданд. Кунафа, ки таоми хушхӯри ширин буд ва аз болояш якқадаҳӣ оби афлесун рӯҳи онҳоро бардошт. Марзия аз даруни сумкаи дастиаш китобчаи хушмуҳовае берун овард, ки дар рӯяш «Халил Ҷуброн. Ашк ва табассум» навишта шуда буд.

— Ана, аз ин ҷо ҳикояти аҷибе хондам,— Марзия китобро варақ зада ба нақл даромад,— Дуайбас ном амлокдоре, ки аз хобу хӯрок сер намешудааст, рӯзе ба оинаи барқад нигоҳкунон ба худ гуфтааст: қадам паст чун кадди Наполеон ва Виктор Ҳюго, пешониам пурчин чун пешонии Суқрот ва Спиноза, биниам дарози қаҷ чун бинии Вольтер ва Ҷорҷ Вашингтон, одамсарам мисли Шекспир, гӯшҳоям калони баргакаш начаспида мисли гӯшҳои Бруно ва Сервантес, як китфам аз китфи дигарам боло чун китфони Гамбетта ва Адиб Исҳоқ, бо одамони омӣ мусоҳиб шуданро дӯст медорам мисли Лев Толстой ва Максим Горький. Шунидани ҳикоятҳои макри ҷавонзанҳои шавқардорро бехтар аз Боккаччо ва Рабле нағз мебинам. Баъзан як-ду рӯз мисли Бетховену Уитмен шустушӯро фаромӯш мекунам. Ҳирси ман ба шаробу кабоб аз ҳирси Абу Нувас ва Петри Қабир монданӣ надорад. Пас, ман ба бузургтарин инсонҳо шабоҳам ва худ низ инсони бузургам. Инро гуфтасту хурсанд шуда то кафидан хӯрок хӯрдааст ва худро ба ҷогаҳи хоб партофтааст.

Аббос аз ин ҳикоят завқ карда хандид. Гуфт, ки хулосаҳои Дуайбаси ватанпарвар низ мисли фильми фантастикии америкой ҳаёлоти кӯкноиёна аст. Амалдорони инҷой худро сутуни осмон мепиндоранд, вале бехабаранд аз он, ки ба ҷамъият аз онҳо якпула суд нест.

Баръакс бе дахолату таълимоти онҳо зиндагӣ камтаъвиш ва бароҳат мешуд.

— Яке аз ҳамонҳо тағои ман,— луқма партофт ногаҳон Марзия.

— Салим Меъроҷ? — пурсид Аббос.

— Бале,— тасдиқ кард Марзия. — Вай гумон дорад, ки ба мансаби баланд расиду ҳарчӣ дилаш хохад, мекунад. Ягон кас раъяшро гардонда наметавонад. Фармондиҳӣ ба ӯ хобби шуда мондааст.

Аббос ба андеша фурӯ рафту чӣ ҷавоб доданро надониста, ғурунгос зад:

— Мансаб, албатта, дар замони мо вазни иҷтимоӣ дорад, вале...

— Хислатҳои инсонӣ чӣ? Меҳру эътиқод чӣ?— суханони Аббосро бурид Марзия.

— Ҳалли ин масъала ба шумо вобаста аст, Марзия,— гуфт Аббос.— Агар шумо нахоҳед, аз дасти Салим Меъроҷ ҳеҷ кор намеояд, зӯрӣ карда наметавонад.

— Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, Аббос? — пурсид Марзия. Чашмони илтиҷоомези ӯ гӯё мегуфтанд, ки «ту охир мардӣ, ба ягон қарор биё, маро аз ин доми бало халос намо».

— Маслиҳати ман ин, ки — ниҳоят овоз бароварад Аббос,— ба хонум Будур ва қиблагоҳатон гӯед, бо ягон баҳона ин корро ақиб партоянд. Акнун айбаш не, иқрор мешавам, Марзия. Ман шуморо аз ҷонам киромӣ медонам. Бе шумо зиндагӣ карданам маҳол аст. Намедонам, ман ба хонадони бонуфузи шумо муносиб ё не, вале агар заррае майл дошта бошед ва худатон розигӣ диҳед, тайёрам, ки барои бахту саодатамон дилу ҷонамро нисор кунам. «Зиндагӣ чун нури барқ аст байни ду абри сиёҳ» гуфтааст Амин Райҳонӣ. Пас, бигузор дар ин дуньёи дурӯза ҳар кас ба муроду мақсадаш расад. Ман шуморо дӯст медорам, Марзия. Ақлу ҳуш ва хобу оромамро кайҳо рабудаед. Вале чӣ илоҷ, ки бесарватаму дастам кӯтоҳ! Бовар кунед, ки ман шуморо ҳубтар аз он мансабдорон парастиш мекунам, озор намедиҳам, як умр ба шумо суруди ишқу вафо мехонам.

Ҳамин вақт барои тасдиқи савганди Аббос буд магар, ки аз радиолаи қаҳвахонаи «Тӯрон» садои кифор*

---

* Кифор — асбоби мусиқӣ.

баланд шуда, ба ҳавои хуши наҳованд* орзуҳо болу пар кушоданд.

— Мегурезем, азизам! — хитоб кард Аббос,— Дунъё васеъ аст, рӯзамон мегузарад. Аз ҳама муҳимаш ин, ки якҷоя бошем.

Марзия ба болои китоби «Ашк ва табассум» сар хам кард. Фаҳмидан мушкил буд, ки вай ҳоло ба чӣ хулоса омадааст.

Нигоҳи бодапарасти ту бурда аз хушам,
Саводи сурмаи чашми ту карда хомӯшам.
Табассуми лаби ту тоза карда доғи маро,
Намешавад намакат солҳо фаромӯшам.
Расидааст рагу решаам ба сунбули ту,
Ба хизматат зи ғуломони ҳалқа дар гӯшам.

БОБИ ШАШУМ

Меҳтари ҳаммол бегоҳ аз бандар маст баргашта, кӯчаро ба сар бардошт. Чашмони сурхи ҳалқапартофта, риши мошубиринҷи расида, мӯйсари аз арақ таршудаи парешон, либоси ямоқии пурдоғ намуди зоҳирии ӯро воҳиманок карда буд. Вай як пои асобағалашро чун калтаки чӯпон бардошта аз даҳонаш кафк пошида, ба ҳар каси рӯ ба рӯ омада гап мепартофт ва алфози қабеҳ мегуфт. Роҳгузарон ба маҳоли «девона гурез, ки маст омад» риоя карда, худро ба дигар тарафи кӯча мезаданд, ба шикояту ҳақорати ӯ эътибор надода, зудтар гузашта мерафтанд.

— Ҳудо нест! Нест-нест! — фарьёд мезад ӯ, бо асобағал санги роҳро қарсу курс кӯфта.— Бигузор, маро аҳкоми дин сангсор кунанд. Ба гӯри азизу авлиёҳо туф кардам. Ҳой муллоҳои бетавфиқ! Ҳой амалдорони нишмо дурӯғ! Тамоми ҳадиси шумо сафсата! Агар парвардигор ҳозиру нозир мебуд, аввал шумо танпарварони авомфиребро ба ҷаҳаннам мефиристод. Ба ҳоли мо — бандаҳои заҳматкашу ҳалолкори худ шафқат мекард. Адолат кару гунг, фалаки нотавон аз мо ҳам бечоратар аст. Давр-даври золимҳост! Замон-замони лагандбардорон! Худои шумо зӯрию пул аст. Бо пулу амал дасти шумо болост, буҷулатон имрӯз олчӣ хестагӣ. Охир ман чӣ гуноҳ кардам, ки ба ҳоли табоҳ афтодам, маъюбу маслуқ шудам?! Канӣ дасту дили бутуни ман, ху-

* Наҳованд — оҳанги классикӣ *(эзоҳи муалиф)*.

до? Чаро ба кофирони яғмогар ҷазо намедиҳӣ? То кай тамошобин шуда мешинӣ? Меҳнатро кӣ мекунад? Қамбағал! Ба ҷанг кӣ меравад? Қамбағал! Ҷӯйро кӣ меканад? Қамбағал! Аммо обашро кӣ мехӯрад? Ҳосилашро кӣ мебардорад? Шумо фосиқҳо, шумо дайюсҳо! Шумо обро лой карда, моҳӣ медоред! Шумо сурмаро аз чашму сақичро аз даҳон мезанед...

Меҳтари ҳаммол бо ҳамин минвол ба кулбаи ҳақираш баргашту худро рӯи тахтакат партофт ва кӯдаквор ҳунг-ҳунг гирист. Вай намедонист, аламашро аз кӣ гирад, додашро ба кӣ гӯяд. Медид, ки ҳама ба аҳволи худ, мурда равӣ, ки касе парво надорад. Маҷрӯҳони ҷанг, онҳое, ки барои ҳифзи кишвару миллат хун рехтаанд, дар кӯчаҳо гадой мекунанд. Об овардагӣ хору кӯза шикастагӣ азиз...

Ҳамон шаб Меҳтари ҳаммол ба духтари худ Нозук ҳам сахт расид, таънаҳое кард, ки ба дили реши Нозук намак рехтанд.

— Туро касе ба занӣ намегирад! — мегуфт ӯ маҳзушона ба духтараш.— Умедатро кан! Чунки мо бизоате надорем. Ту қашшоқдухтарӣ. Худо мо камбағалонро аз азал бебахту сарсахт офаридагӣ. Насиби мо дар ин дуньёи бӯқаламун фақат азоб, дарду ғам ва ҳасрату надомат. Ту пирдухтар мешавӣ, рӯи фарзандро намебинӣ. Ҳа, чӣ будани онлаю шавҳарро нафахмида, мурда меравӣ...

Оре, остонаи онҳоро ҳанӯз хостгоре зер накарда буд. Ҳамсолони Нозук кайҳо шавҳар кардаанд, як-ду фарзанд доранд, соҳиби онлаю хонаю ҷоянд. Наход ин рӯзгори ноҳинҷор ҳамин зайл давом кардан гирад? Наход дари бахти ин духтараки хастаҳол кушода нашавад? Ана, имрӯз калонсолию токагии ӯро ҳатто падари худаш таъна зад. Пас, аз гапу калочаи ҳамсояю шиносҳо чӣ гила? Нозук ба истисноӣ он, ки бебисоту нодор аст, чӣ айб дорад? Шукр танаш солим, дасту пояш бутун, ҳуснаш расо, касбу ҳунараш ҳаст. Пас, чаро ба ӯ ҷавонмарде муҳаббат намебандад, хостгоре намебарояд? Ё ин гуноҳи худаш, ки аз ҳад зиёд парҳезгору эҳтиёткор аст? Бо ҷавонмардон балки андак хушмуомила ва часпон шудан лозим?

Ба Нозук, ба ин духтари шармину покдоман, ки ситораи гарму чашмони маҳзуни ҷозибанокашро куртаву камзӯли нимдошт ва кутканда панаҳ карда наметавонист, рост, ки бисьёр ҷавонмардон хушомад мезаданд.

Вале нигоҳи ҳарисонаи онҳо ошкоро маъное дошт, ки мулокоти хоссаи зудгузар мехоҳанд, бо ӯ риштаи хаёти худро пайвастанӣ нияти надоранд. Табиист, ки Нозук илтифоти чунин булҳавасонро рад мекард ва аз сӯҳбати онҳо худро дур мекашид. Ягона ҷавонмарде, ки Нозук аз дидораш сер намешуд ва бовар дошт, ки духтареро бадном нахоҳад кард, Аббос буд. Аммо Аббос чашм ба шоҳаҳои баланд медӯхту меваи пухтаи бағалаки дарахтро надида мегузашт. Барои ҳамин Нозук аз он, ки ба рақибаи ӯ Марзия Салим Меъроҷ хостгор баромадааст, хурсанд шуд. Худоё, мегуфт ӯ шабҳо пиччирос зада, бигузор Салиму Марзия занушӯй шаванду Аббос аз он ситораи дурахшон умедашро канад, ба чашми тару лабони хушки Нозук эътибор диҳад. Дар байни дӯсту душман толеи Нозук низ тобаду дар ин зиндагии пурошӯб ӯ низ ба худ муносиб ҳамдаму ҳамрозе пайдо кунад. Э, кош, Аббоси қавипайкари қаламқош насиби Нозук мешуд!

Ту май бо ғайр менӯшиву мегардам кабобат ман,
Ту шамъи анҷуман мегардиву парвона месӯзад.
Ба ҷисму ҷони ман, эй барки бепарво, мурувват кун,
Ту бар кӯҳи ман оташ мезаниву дона месӯзад.

Профессор Маҳдӣ кашфиёти худро такмил медод. Вай баъди сӯҳбат бо Аббос ва кушодани асрори тадқиқоташ ба андешаи амиқ афтод, ки воқеан ин ихтироти нодирро ба чӣ истифода мебарад, ба кадом фирма пешниҳод мекунад, вазифаи дубликатҳо аз чӣ иборат хоҳад буд. Нусхаҳои одамони зинда оё боиси футур рафтани низоми ҷамъият намешаванд? Агар аппаратура ба дасти ҳарбиёни фитнакор афтад, онҳо онро ба ниятҳои яғмогарона истифода намебаранд? Тасаввур кунед, ки ихтирои профессор Маҳдиро агентураи Пентагон ё Тель-Авив фаҳмид, нақшаҳо ва аппаратураро ба даст даровард. Медонед, онҳо чӣ кор карданашон мумкин? Аппаратураи иқтидораш ҳазор бор зӯртар месозанд, аз ҳар як сарбоз ҳазортой дубль мегиранд ва ин қувваи калону муфти ҷангиро ба истилои кишвари дилхоҳашон сафарбар мекунанд. Ғолиб бароянд, молу мулки муфт; мағлуб шаванд, гӯр ба сари он нусхаҳои белохтиҳои ҳарбию снёсӣ ба вучуд овардан, фитнаҳои байналхалқӣ бархезонданашон мумкин. Он гоҳ дар олами тамаддун ҳарҷумарҷе рӯй медиҳад, ки ҳадду қиёс на-

дорад. Тартибот вайрон, мамлакатҳо хароб ва одамон бесару сомон мешаванд. Ва ба ҳаман ин кӣ гунаҳкор? Ихтироъкори дубль!

Профессор Маҳдӣ эҳтимоли чунин ҳодисотро мадди назар оварда, ба даҳшат афтод. Вай аппарати дубли одамро бо ниятҳои нек сохта бошад ҳам, оё дар оқибат боиси ҷинояти гӯшношуниде бар зидди башарият намешавад? Оё вай бо ин кашфиёти пурмашаққати худ мисли муаллифони бомбаи нейтрон, балки аз он беш ба зери тавқи лаънату нафрати халқҳои сайёраамон намемонад?

— Не, не! Ҳаргиз не! — мегуфт профессор Маҳдӣ худ ба худ.— Ҳоло асрори ин кашфиёти нодири илму техникаро кушодан қатъиян мумкин нест. То ғосибон, никорталабон ва ҷангҷӯён дар қайди ҳаётанд, ин кашфиёт бояд махфӣ монад, истифода бурда нашавад. Дар авзои бе ин ҳам ноҷӯри дуньёи имрӯза хидмату мӯъҷизаҳои аппарати ман бемаврид аст, дурусташ бармаҳал аст. Лекин замоне мерасад, ки дар ҷамъият ба он эҳтиёҷот ба вуҷуд меояд, бо мақсадҳои наҷиб ба кор андохтани аппарати дубль мумкин мегардад.

Баъди чунин ақидаву хулосаҳо ба деги чӯшу хурӯши аввалаҷ профессор Маҳдӣ гӯё ки як сатил оби хунук рехтанд. Вай бештар хастаҳол ва маъюс гардид. Ҳар рӯз ба таҳҳона ассистенташ Аббосро даъват карда, ду-се соат ба такмилу тафтиши аппаратура машғул мешуд, вале таҷрибаи навбатии сохтани дубли зиндаро ба гӯшаи хотир намеовард.

Дар ин миён воқеаҳое рӯй доданд, ки профессор Маҳдӣ маҷбур шуд, боз ба сохтани дубли зинда дасту остин бар занад.

БОБИ ҲАФТУМ

Профессор Маҳдӣ, ки аввал ба муваққатан қатъ кардани таҷриба ва боздоштани хароҷоти калони аппаратура қарор дода буд, як қатор ходимони лабораторияро аз кор холӣ карданӣ шуд. Гумоштаи соҳаи молияву хоҷагии ӯ Поль Муаввад аз ҷумла ба Нозук ҳам нусхае аз фармони ихтисори штатҳоро супурд.

Нозук, фармону ёрипулии ҳафтаина дар сумкааш, бо сари хам, мушаввашхотир ва маъюс аз дарвозаи Чорбоғ ба кӯча баромад. Ҳаво вайрон шуда борон ме-

заду шамоли баҳр ҳузнангез нӯла мекашид. Фаҳмидан душвор буд, ки рухсораи Нозукро қатраҳои борон мешӯянд, ё қатраҳои ашк. Вай намедонист, ки акнун ҳоли худаш ва падари маслуқаш чӣ мешавад. Охир дар ин шаҳри касофатзада кор ёфтан, хусусан чунин кори озодаю дилхоҳ, аз аҷал ҳам мушкил. Ҳазорон бекорхӯҷаҳои саргардон остонаи биржаи меҳнатро охурча мекунанду ба худ муносиб касбу коре ёфта наметавонанд. Гурӯҳе аз ҷавонони навмед хиппи, яъне қаландари охирзамон шуда, оворагардӣ ва хасдуздӣ мекунанд.

Ин хабари шум — аз лабораторияи профессор Маҳдӣ холӣ шудани Нозукро шунавад, падараш чӣ мегӯяд? Бе ин ҳам аз зиндагӣ вай сахт аламзада асту аз забонаш доим заҳри заққум мерезад. Акнун Нозук сарашро ба кадом дар мезанад? Зиндагии талхашон минбаъд чӣ ҳел мегузарад?

Боре як ҳамсоязани далла, ки аз полисҳо пинҳонӣ тарьёк ҳам савдо мекард, Нозукро ба гап андохта пурсида буд, ки вазъи рӯзгорашон чӣ хел аст, чӣ қадар маош мегирад, падараш оё ҳанӯз ба кор надаромадааст... Нозук вақте баёнот дод, даллазан ба ӯ коре таклиф кард, ки онро Нозук ба осонӣ иҷро карда метавонистааст, даромадаш дучандон мешудааст. Ба хонаи маншати «Шаҳрзод», ки бари шабона низ меноманд, мисли вай чобуку ҷавон пешхизмате лозим будааст. Он ҷо кор шабдармиён буда, ходима чун дар биҳишт зиндагӣ мекардааст. Ғайр аз ин Нозук раҳми падари яклинтаашро низ бояд хӯрад будааст, ки вай бечора гушнаву ташнаву бекор дар кӯчаҳо сарсон шуда гаштааст.

Ҳамон вақт Нозук нимкосаи зери косаро фаҳмида, ба ҳамсоязани далла ҷавоби манфӣ дод ва гази гапро кӯтоҳ карда рафта буд. Акнун вай аз борон тар шуда, абрҳои сиёҳ гӯё ба сараш фурӯ рафта, бо дили мисли ҳамин ҳаво тираву маҳзун дар кӯча қадам мезаду хаёл мекард, ки илоҷе наёбад, маҷбур мешавад ба ягон кори даллазан гуфтагӣ дарояд. Мазмун, тақдири ӯ аз азал забун будааст. Умеде аз рӯзи рӯшной нест. Оила, шавҳар, фарзанд, зиндагии осоиштаи урфимардум орзуҳои ширинеанд, ки ранги сароб дар биёбон фақат аз дур ба назар менамоянд. Ба сароб бошад, ҳаргиз расидан мумкин нест.

Эҳ, Аббос, Аббос! Идеали дили бегубори Нозук! Чаро ин духтари шайдои висолатро аз вартаи ҳалокат

нигоҳ намедорӣ? Наход бепарво мегузорӣ, ки ғунчаи наввошударо нокасон помол созанд, панҷаи эҳтиёҷоти берахм бармаҳал пажмурда кунад?

Ҳамин вақт ногаҳон як «Бьюик»-и наппа-наве, ки аз қатраҳои борон бештар яракқос мезад, тормози сахт дода, дар қадди пиёдароҳ истод. Дари онро кушода Салим Меъроҷ, ки қафои рул танҳо менишаст, сар берун кард:

— Нозук! — чеғ зад вай.— Марҳамат, шинед. Ман бурда мемонам. Бинед, чӣ хел тар шудаед.

— Ташаккур, ҷаноб,— дудила шуда ҷавоб дод Нозук.— Ин тарафаш кам монд.

— Борон авҷ мегирад. Шинед! — гӯё фармон дод Салим Меъроҷ. Вай чанд бор ба лаборатория даромада, бо ходимаҳои он шинос шуда буд. Он ҷо бо хилъату кулоҳи сафед Нозукро дидаю қомати шамшодашро зери чашм карда, аз дил гузаронда буд, ки табиат аҷаб рассоми беназир аст, гулҳое меофарад, ки ҳар яке рангу бӯи ба худ хосса доранд.

Нозук ба курсии нарму гарми паҳлӯи ӯ нишаст. Салим Меъроҷ мошинро ба роҳ дароварда, пурсид:

— Имрӯз аз лаборатория барвақт баргаштед?

— Маро аз кор холӣ карданд,— яклухт ҷавоб дод Нозук, бо дастрӯмол чашму абрӯвони тарашро пок намуда.

— Холӣ карданд? Бо кадом сабаб?

— Профессор Маҳдӣ муфлис шудаанд. Таҷрибаро қатъ мекардаанд.

— Чиддӣ мегӯед? — ба ҳайрат монд Салим Меъроҷ.

— Рост. Якбора ба ҳашт кас ҷавоб доданд. Гумоштаашон — Поль Муаввад хабар дод, ки ба қарибӣ лабораторияро умуман мебастаанд.

— Аҷоиб-ку. Магар таҷрибаҳои илмии он кас натиҷа набахшидааст?

— Намедонам.

— Шумо, Нозук, он ҷо кӣ кор мекардед?

— Мо дар лаборатория ордаки устухон, хромосом, сафеда ва намаки кальций тайёр мекардем.

— Профессор ҳуҷайраи мурдаро зинда мекунад, ё навашро месозад?

— Инашро ман намедонам. Таҷрибаи асосӣ дар таххона анҷом меёбад. Профессор ба он ҷо касеро роҳ намедиҳад.

— Шумо, Нозук, забонхат навиштаеду чаро ба ман

ин қадар маълумот медиҳед? Ё ба шумо, ки аз кор рафтед, акнун фарқе надорад?

Салим Меъроҷ инро гуфта, бе он ки чашм аз роҳ канад, бо дасти рост ба паҳлӯи Нозук куттие гузошт, сарпӯши онро кушод ва ӯро ба шоколадхӯрӣ таклиф кард. Нозук ташаккур гӯён қанди шоколадеро, ки дар мағзаш моеи коньяколуда доштааст, чашида дид. Аз дил гузаронд, ки ба ин хел шоколади ширини хушлаззат коньяк омехтан ва маззаи онро тағирча кардан чӣ лозим будааст.

— Рост,— гуфт Нозук, қоғази шоколадро ба хокистардони мошин андохта.— Мо забонхат додаем. Аммо то охир надонистам, ки он чӣ зарурат доштааст. Зеро корҳое, ки мо ба ҷо меовардем, ҳатто дар матбуот дарҷ мешуд. Таҷрибаи асосии махфӣ балки дар таҳҳона ба амал меомад ва то охир аз он ғофил будем?

— Эҳтимол,— тасдиқ кард Салим Меъроҷ ва боз пурсид: — Акнун шумо чӣ кор карданӣ, Нозук?

— Маҷбурам, ягон кори дигар ёбам.

— Чӣ хел кор?

— Намедонам,— китф дарҳам кашид Нозук.

Салим Меъроҷ суръати мошинро суст карду гуфт:

— Биёед, Нозук, ҳозир ҳардуямон ба ягон ресторан даромада, хӯрок мехӯрем, кори ояндаи шуморо фикр мекунем ва ман сонӣ шуморо ба ҳавлиятон бурда мемонам.

Нозук чӣ гуфтанашро надониста, боз дудила шуда монд. Барои андармонӣ шоколади дигареро аз куттича гирифта ба даҳон андохт. Вай ҳоло ҳам шавқманд буду ҳам меҳаросид. Барои он шавқманд буд, ки аввалин бор дар умраш ба ресторан даромаданаш мумкин аст. Он ҷо аздусар нозу неъмати фаровон медиҳанд. Нозук хеле гушиа мондаасту ҳозир тановули ягон таоми серғизо ба ӯ айни муддаост. Меҳаросид барои он, ки ошной бо ин ҷавонмарди мансабдори калонҳарҷ чӣ оқибатҳо доштанаш мумкин. Аён, ки вай дар ду дунъё ба Нозук зани ман шав гуфта таклиф намекунад. Аз чашмони хумораш маълум, ки инхелиҳо ба шаҳвату маишати гузаро доимо тайёр. Пас, ба чӣ қарор бояд омад? Розӣ шавад ё не? Балки бо як зиёфат даррав намечаспидагист? Балки вай бо дили соф ба ин духтараки бепушту паноҳ ёрӣ додан мехостагист? Балки ягон кори ба худаш муносиб ёфта медодагист? «Ҳарчӣ бодобод, меравам!» азм кард Нозук дар дилаш.

— Хош, ба ин маслиҳат чӣ мегӯед, Нозук? — пурсид Салим Меъроҷ, ки гурги борондида буду андешаҳои замири Нозукро дарҳол пай бурд. Барои ҳамин илова кард: — Ман дар бораи профессор ва Марзия аз шумо баъзе чизҳоро пурсиданӣ.

— Наход дар бораи язна ва ҷиянатон ман аз шумо бештар донам? — сӯҳбатро кашол доданӣ шуд Нозук.

— Язнаам пирамарди тундхӯест, бо ман часпон нест,— гуфт Салим Меъроҷ.— Хоҳарамро, ба шумоён маълум, ки чандин сол боз акнун дидам. Марзия бошад чун нахчири раманда ҳанӯз бо ман танҳо ба танҳо вонахӯрдааст.

— Аз домодшаванда шарм медорад-дия,— гап партофт Нозук.

— Бале, ҳамин хел ниятҳо ҳаст. Аммо ҳанӯз ҷавоби қатъӣ нагирифтаам.

— Шумо ба кор сар кардаед, хонаҳо гирифтаед, муборак бошад.

— Раҳмат Нозук. Аз ҳамон биноҳои баландошёнаи соҳил квартира гирифтам.

— Ҳасад нею ҳавас, Марзияхонум духтари хушиқбол будаанд,— гуфт Нозук, сар хам карда.

— Аммо маълум не, ки дили вай ба кӣ кашолу ба кӣ тақдир кардагӣ,— шубҳа изҳор намуд Салим Меъроҷ ва даст ба зонуи Нозук ниҳод.

«Бьюик» назди ресторани «Шоми Машриқ» қарор гирифт. Ҳамон шаб Нозук ва Салим Меъроҷ дар хучраи дукасаи ресторан қариб се соат нишастанд. Баъд бо таклифи Салим хонаи нави ӯро диданӣ рафтанду Нозуки аз шароб сархуш то намози бомдод дар ҳамон ҷо монд...

Гиребони тулӯи субҳ гардад остини ман,
Ба дасти кӯтаҳам рӯзе ки домони висол ояд.
Лаби хушки маро рӯи арақноки ту тар созад,
Ба коми соғарам аз ҷӯи Хизр оби зулол ояд.

Ба дасти зулфи ғаммозаш магар афтода мактубам,
Ки мурғи номабар аз кӯи ӯ ошуфтаҳол ояд.

БОБИ ҲАШТУМ

Профессор Маҳдӣ имрӯз аз лаборатория бевакт баргашт. Вай ба хона омада дид, ки қошу қавоки хонум Будур овезон, табъаш ҳавои пеш аз тӯфон барин гирифтаю тира.

— Худаш чи гап? Тинчӣ? — пурсид профессор аз завчааш.

Хонум Будур рӯи мизча қадаҳи қаҳваро ниҳода ба ҳасрат даромад:

— Марзия маро хафа карда истодааст. Ҳанӯз чавоби қатъӣ намедиҳад. Илтимос, худатон бо ӯ мусоҳиб шавед. Гӯед, ки бахти омадаро пушти по назанад. Гапи шумо, насиҳати шумо вазни дигар дорад. Охир ман ба ҳар ҳол модари ӯгай. Фарзанди худам мебуд, ин хел нописанд намешудам...

Хонум Будур ашки амонати чашмонашро бо рӯмолча пок кардаву бинӣ кашида рӯ ба тиреза гардонд. Профессор Маҳдӣ қанди қаҳваро бо қошуқчаи тилло кофта истода гуфт:

— Ором шав. Ҳеҷ қисса не. Ман худам бо ӯ гап мезанам, фикрашро мегирам. Аммо пӯсткандан гап ҳамин, ки розӣ нашавад, зӯрӣ карда наметавонам.

— Шумо насиҳат карда фаҳмонед, чаро розӣ намешудааст? Тақдири фарзанд ба падар вобаста. Он чӣ, ки шумо мегӯед, ҳамон мешавад. Ин хел духтари наврасу навболиғро ба ихтиёраш мондан магар мумкин аст?

— Дӯст надорад чӣ? Охир вай зиндагӣ мекунад!

— Чаро дӯст намедоштааст? — маншаталаб шуд хонум Будур.— Додари ман аз кадом давлатманд кам? Амали калонаш бошад, тамоми шароити зиндагиро муҳайё кунад. Ба духтар боз чӣ хел шавҳар лозим? Е ба шумо ман нағзу додарам ганда? Фаромӯш накунед, ки Салим ягона нусхаю нишонаи ачдоди мост.

— Рав!—амр дод профессор Маҳдӣ бо асабоният,— Рафта Марзияро назди ман фиристон. Ва дигар калимаи «ӯгай»-ро ба даҳон нагир, ки вай туро аз модараш зиёд хурмат мекунад.

Хонум Будур рафту баъди чанд сония дарро кушода, Марзия даромад.

— Салом, дадачон! — гуфт Марзия ба китфони профессор даст партофтаю аз фарқи сари бемӯи ӯ бӯсида.— Имрӯз дар лаборатория дер истодетон. Ман дар дахани дарвоза Аббосро дида, инро фаҳмидам. Илтимос, дадачон, худро хаста накунед, аз пан саломатӣ шавед.

— Аббосро дидӣ? — шубҳае ба дилаш роҳ ёфта пурсид профессор Маҳдӣ ва ба чашмони духтараш рост ва бо диққат зеҳн монд.

Марзия сурҳ шудаю нигоҳашро аз падар гурезонда инкор шуд:

— Ҳа... Гуфт, ки имрӯз кор бисьёр буд, устод хаста шуданд.

— Аббос ба ту маъқул?

Ин саволи ногаҳоние буд, ки профессор Маҳдӣ ғайричашмдошти худаш ва духтараш аз даҳон бароварда монд. Профессор ҳанӯз пеш аз омадани Салим Меъроҷ аз Олмон, сир бой надиҳад ҳам, зимнан мехост шавҳари духтари ягонааш ҳамин Аббос барин ҷавонмарде бошад. Аббос бо чашмикордонӣ, рамузфаҳмӣ, тамкин ва бо дониши расои худ профессор Маҳдиро мафтун карда буд. Ӯро мисли фарзанди худ дӯст медошт. Сири ниҳоят махфии таҷрибаро барои он ба Аббос кушода буд, ки ӯро шогирди содиқ ва шахси ба худ наздик меҳисобид.

— Маъқул,— нимғурма ҷавоб дод Марзия ва баъди фосилае илова кард: — Аббос одами хуб аст.

— Ҳис мекунам, ки ту бо ӯ ким-чӣ хел муносибатҳо дорӣ?

— Муносибати оддии инсонӣ,— гуфт Марзия, ки ба кадом сӯ майл карда истодани ин мусоҳибаро мефаҳмид.— Ман бо Аббос асосан дар ҳамин чорбоғамон вомехӯрам. Як бор ҳамроҳ ба тамошои фильми советии «Дони ором» рафтем. Баъд «Зардос»-ро тамошо кардем.

— Дигар ҳеҷ? — бо маънои то охир гап зан, ба духтараш чашм дӯхт профессор.

Марзия бо ангушт ба рӯи миз хат кашида ва сар боло накарда давом дод:

— Боре сари роҳ ба ҳавлияшон даромадем. Маро бо модараш шинос кард. Ҳамида-хола аҷаб зани мушфиқ будаанд. Ғайр аз ин Аббос баъзан аз китобхонаамон китоб мегирад.

— Чӣ хел адабиёт?

— Повести Ион Друцэ «Бозгашт ба ибтидо» ва асари Чингиз Айтматов «Алвидоъ, Гулсари»-ро хонда овард. Ҳоло дар дасташ «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ.

— Адабиёти шӯравӣ меомӯзад?

— Ҳар хелашро мехонад,— оҳ кашид Марзия, аз ин пурсуҷӯҳои прокуророна дилтанг шуда.

Марзия мехост падараш эҳтар ба сари матлаб ояду дар омади гап тамоми ниятҳояшро ба ӯ ошкор созад. Гӯяд, ки падарҷон, ба духтари ягонаи ҳуд раҳм кунед, расму оин, пулу чиз ва мансабу нуфуз парастида, ӯро

ба доми бало наандозед. Марзия ба Салим Меъроҷ расидан намехоҳад, бо ӯ зиндагӣ карда наметавонад. Марзия Аббосро дӯст медорад, ба Аббос меҳр бастааст. Ишқи поку пурҳарорати ин ду дилдодаро ба эътибор гирад. Аббос ба шумо домоди арзанда мешавад, шуморо беш аз падар, ҳамчун устод эъзоз мекунад. Ба завҷаи гӯлу гумроҳатон фаҳмонед, ки духтарони араб акнун ҳушёр шудаанд, барои бахту саодат ва ҳуқуқҳои худ талош мебаранд. Хешу таборӣ ва нафсонияти дунёӣ гуфта, домони исмати худ олудан ва як умр пушаймону сархам гаштан намехоҳанд...

Хушбахтона, худи профессор Маҳдӣ мушкилро осон карда гуфт:

— Духтарам, ман аз замири ту огоҳам. Нағз медонам, ки ба Салим Меъроҷ майлу рағбате надорӣ, дар дилат меҳри Аббос хона гирифтааст. Вале бо вуҷуди ҳаман ин вазъият ва шароит моро маҷбур мекунад, эҳтиёт бошем. Дар зиндагӣ на ҳаман нақшаҳо он тавре, ки дили кас мехоҳад, анҷом мегирад. Одам бояд ҳақиқати талхро баъзан қулт фурӯ барад, бо замона муросо кунад, ба тақдир тан диҳад...

Марзия худро ба замин партофта, зонуҳон профессорро ба оғӯш кашиду бо ашки шашқатор тавалло кард:

— Илтимос, падарҷон. Шумо тарафи маро гиред. Маро ба Салим Меъроҷ надиҳед. Ба модарам фаҳмонед, ки ман ҳоло шавҳар кардан намехоҳам. Бигузор, ба тағоям дигар номзаде ёбанд ва зудтар тӯй кунанд. Охир ин чӣ гап, ки аз саҳар то шом ба ман чаққа мешаванд, маро ба ҳолам намегузоранд.

Профессор Маҳдӣ сари Марзияро сила кард, ӯро аз замин хезонда ба креслои паҳлӯй шинонд ва гуфт:

— Гирья накун, духтарам. Модарат озори туро намехоҳад. Вай фақат хонаю дари туро зудтар диданист, наберадор шуданист.

— Медонам,— гуфт дар ҷавоб Марзия.— Аммо ман ба Салим Меъроҷ намерасам.

— Агар ба Аббос расӣ, гумон мекунӣ, ки хушбахту осуда мешавӣ? — пурсид профессор ва ба ҷавоби Марзия нигарон нашуда худ фикрашро давом дод:— Тасаввур кунем, ки тамоми расму оинро пуштипо задем, ғайричашмдошти ҷамоат Аббосро домод кардем. Оё ин ба иззати нафси прокурори шаҳр намерасад? Салим Меъроҷ ба лаб кулӯҳ молида хомӯш мегардад?

Фаромӯш накун, ки дар мамлакати мо замона аз они зӯр асту тамошо аз они кӯр. Аз дасти ин мансабдорони аристократ ҳама кор меояд. Онҳо дар рохи мақсадхои нфлос ва қасосгирй аз ҳарифони худ воситахои бисьёр доранд. Аз тӯҳмат, ҳатто аз одамкушй рӯй наметобанд. Не, духтарам, ман авзои замонро дидаю дониста туро ба майдони хатар, ба вартаи ҳалокат партофтан намехоҳам. Агар аз миёни дасту по тағоят намебаромад ҳам, дарди бахайр буд. Акнун ӯ ба ту хостгор шудааст инро аллакай тамоми шаҳр медонад.

— Аз назари онҳо дур мешавем, ба хорича мегурезем,— нақшаи Аббосро такрор кард Марзия.

— Не! — гуфт профессор Маҳдй.— Ин ҳам рохи халосй нест. Аввалаш, ки барои ҳичрат пули бисьёр лозиму счётҳои мо дар банк холй шуда мондааст. Ғайр аз ин ману модарат охир ин ҷо мемонем. Аббосро низ модари кампир ҳаст.

— Наход илоче набошад, дадаҷон? Наход маро ба даҳони ҳамон наҳанг партоетон?

— Як илоҷ ҳаст,— гуфт профессор баъди сукунат, ба нуқтае чашм дӯхта.

— Қадом? Гӯед, дадаҷон! — бо исрор ба профессор дарафтод Марзия.

— Аммо намедонам, оқибаташ бо чӣ меанҷомад,— гӯё худ ба худ андеша меронд профессор.— Масалан, арафаҳои тӯй ману Аббос дубли туро меофарем. Ва ҳамон нусхаи зиндаи ту ба Салим Меъроҷ мерасад.

— Дубль? Нусхаи зинда? — чизе нафаҳмида ба падараш чашм дӯхт Марзия.

Профессор аз ҷой хеста, дари хонаро аз дарун қулф кард, Марзияро рӯ ба рӯяш шинонд ва бо овози паст ба ӯ дар бораи кашфиёташ, дар бораи аппарати дубликат маълумот дод.

— Ана он гоҳ,— илова кард вай дар охир,— ҳам лаъл ба даст меояду ҳам ёр намеранҷад.

Марзия гӯё хоб дида истода бошад, дастони бемадорашро базӯр бардошт, ки падараш ба хестани ӯ аз курсии нарму чуқур ёрй расонад. Вай аз ҳоло ғами нусхаи зиндаи худро мехӯрд, ки чӣ хел ҷуръат карда, ба оғуши Салими ҳариси занбоз медарояд. Аммо илоҷи дигар надошт. Вай таклифи падарашро қабул кард. Розй шуд, ки дублашро арӯс кунанд.

Марзия баъди Аббос шахси дуюме буд, ки профессор Маҳдй сири ниҳони кори тадқиқоти худро кушод.

БОБИ НЎҲУМ

Дар шаҳр овоза шуд, ки духтари профессор Маҳдиро ба сарпрокурори нав Салим Меъроҷ фотиҳа мекардаанд. Ин хабарро табиист, ки ҳар кас ҳар хел маънидод менамуд.

Хонум Будур, лабонаш то пушти гӯш хандон, монгир ба дугонаҳояш — ба бойзанҳои музофот сим мезад ва дурудароз дар бораи бисоти арӯсу домод, рӯзи никоҳ ва ҳашамати тӯй маълумот медод. «Девор ба тарафи худам ғалтад гуфтам-дия,— илова мекард ӯ дар охир.— Ин тараф ҷигару ҷигарбандам — додарам. Марзия бошад, ба ман аз духтари худам азизтар. Айни муддаои дилам шуд, дугонаҷон».

Нозук афсӯс мехӯрд ва бадани худро тофта-тофта мегирифт, ки сабр накард, домони исмат олуд, обрӯи худ рехт. Агар вай медонист, ки корҳо ин тавр анҷом мегирад, яъне Марзия ба Аббос намерасад, магар ба доми Салим Меъроҷ по мениход? Мемурду ҳамон рӯз ба «Бьюик» наменишаст, ба хонаи ӯ намерафт. «Дасти ману домони ту» гӯён Аббосро маҳкам медошт. Эҳ, Аббоси аз ин мондаю аз вай ронда! Нозуки ба ту ҷазманро ба чӣ ҳол овардӣ? Чаро ишқи ӯро рад намуда навмед сохтӣ? Охир маҳз туву Нозук ба ҳам муносиб будетон, онҳо аҳлу хубе ташкил мекардетон.

Нозук ҳамон шаби ялдо дар назди Салим Меъроҷ хобида, саҳар ба хона баргашт. Меҳтари ҳаммол, ки акнун ба вискихӯрӣ пулаш намонда, кафангадо шуда буд, мижа таҳ накарда мунтазири ӯ менишаст. Вай ранги заъфарон барин канда ва чашмони аз шаробу бедорхобӣ сурхшудаи духтарашро дида, бо хавотир пурсид:

— Куҷо будӣ, Нозук? Чаро имшаб наомадӣ?

— Дар хонаи дугонем будам,— гапро кӯтоҳ кард Нозук ва ҷогаҳ андохт, ки хобад.

— Магар имрӯз ба кор намеравӣ? — ба ҳайрат монд Меҳтари ҳаммол.

Нозук мӯҳалакро бо лаб дошта истода, мӯйсари фаҳӯлашро шона зада, бепарвоёна гуфт:

— Ман акнун ба лабораторияи намеравам, он ҷо ба ихтисори штат фаромадам.

— Ихтисори штат? Туро аз кор холӣ кардаанд? — хафа шуд Меҳтари Ҳаммол.

— Парво накунед, падар,— заҳрханда кард Нозук

ва аз сумкааш ба сӯи ӯ як бандча риёл ҳаво дода гуфт:— Барои виски шумо пул ёфт мешавад. Ба кори дигар даромадам.

Мехтари ҳаммол банди пулро ба миёни ду каф сахт афшурдаву ба чашмони худ бовар накарда пурсид:

— Инро аз кучо гирифтй? Ба чй кор даромадй?

— Ман аз фардо ходиман ҳавлии сарпрокурор мешавам,— бехавсала, хамьёза кашида ҷавоб дод Нозук ва сар ба болин ниҳод.— Ин пул аванс. Равед, падар, акнун маро ором гузоред.

Ҳамон шаб Салим Меъроҷ дар ресторани «Шоми Машриқ» ба Нозук саробонии хонаи худашро маслиҳат доду ӯро ба ин кор розй кунонд. Салим Меъроҷ ҳангоми ракс ба гӯши Нозук пичиррос зада гуфт, ки ӯ дар асл хизматгордухтар не, балки соҳибхоназани ӯ хоҳад шуд. Салим тамоми пулу чизашро ба дасти вай дода мемонаду Нозук ҳокимаи мутлақи хоҷагии прокурор мешавад, аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашад, падараш — Мехтари ҳаммолро низ ба қаравулии идорааш ба кор мегирад ва маоши хуб таъин мекунад.

Нозуки аз кор ронда шуда ба роҳ монда ва аз нашъаи брендию навозиши ҷавонмард сармаст шуда ба ин таклиф ҳамон вақт не гуфта натавонист. Инак, ҳоло қариб ду моҳ аст, ки ӯ ба ном канизаку ба ком ҳамхобаи Салим Меъроҷ буд. То аз кор баргаштани прокурор, сумкаи хоҷагӣ дар даст, ба магазину бозор медавид, хӯрок мепухт, ҷомашӯй мекард, хонаю айвонҳоро ба тартиб меандохт. Гоҳ-гоҳ бегоҳихо, Салим Меъроҷ ба маҷлису банкетҳои ҳукуматӣ банд шавад, ба кулбаи худашон меомаду ҳамроҳи падараш сӯҳбат карда менишаст. Мехтари ҳаммолро Салим Меъроҷ дар ҳақиқат ба қаравулии прокуратураи шаҳр ба кор гирифт. Акнун ӯ дар кӯчаҳо саланг-саланг намегашт, маст шуда маъракаа намеорост. Нозук шунида хурсанд шуд, ки падараш ба қатори одамон даромадааст.

Нозук шабҳоро саҳар карда, дар дил аз худо илтиҷоъ дошт, ки Марзия акнун ба Салим нарасад, ӯро Аббос гирад. Ана сонй умед кардан мумкин буд, ки Салим Меъроҷ зоро Нозукро ба никоҳи қонунии худ дарорад. Охир Нозук аз кадом духтар кам? Ҳама кор аз дасташ меояд, зани хубу бамаънии ҳар як амалдор шуда метавонад. Ду моҳи ҳамхонагие, ки бо прокурор буду хобу хаёл барин гузашт, исботи ин даъвои ӯст.

Имрӯз Нозук хабари розигии Марзия ва тӯи ба карибӣ мешудагиро шуниду тарбуз аз бағалаш афтид. «Ана, барои чӣ,— мегуфт ӯ худ ба худ,—ҳамин шаб муомилаи Салим бо ӯ сард буд, чоғаҳашро ба балкон чудо андохт. Баъди никоҳ карда овардани Марзия балки маро тамоман меронадагист? Падарамро ҳам аз кор холӣ мекардагист? Оре, меваи ин айшу ишратҳои дурӯза талх хоҳад буд».

Салим Меъроҷ дар кабинети худ қаҳва нӯшида бо раиси фирмаи «Наҷҷор» сӯҳбат карда менишаст. Қотибадухтар даромада илтимос кард, ки аз Олмон сим мезананду ӯ гӯшаки телефонро бардорад. Салим Меъроҷ ба раиси фирма ба маънои узрхоҳӣ сар ҷунбонда, гӯшакро ба даст гирифт

— Алло, Салим Меъроҷ гӯш мекунад... Ҳа, ҳа. Ин шумоед, ҷаноби полковник? Салом, салом!

Полковник Гюнтер бо телефон ӯро бо арӯси шоиста табрик кард ва ҳазлкунон гуфт, ки тӯйро мабодо бе ӯ нахӯранд. Баъд пурсид, ки иҷрои супориши марказ чӣ хел? Барои чӣ то ҳол маълумоте намефиристад?

Салим Меъроҷ аҳӯ-аҳӯ сулфаи рамзнок карда, яъне «ин ҷо одами бегона нишастааст, ҷои гап не» гуфтанӣ шуда, андак таваққуф карду баъд хулоса бароварда:

— Насиб бошад, ба қарибӣ акди никоҳу тӯй. Бо ҳамин баҳона, ҷаноби полковник, як сари қадам меҳмони мо мешаведу баъд дар он хусус гуфтугӯ мекунем. Телеграммаро мунтазир бошед.

Салим Меъроҷ гӯшаки телефонро ниҳода, қаҳваи сардшударо ҳӯрт кашиду ба раиси фирма фаҳмонд:

— Як шиносам, аз Бонн.

— Воқеан, зан мегирифтаед, муборак бошад, ҷаноби мӯҳтарам! — гӯён раиси фирма аз ҷой хесту дасти прокурорро сахт-сахт фишурд.

— Раҳмат,— гуфт Салим Меъроҷ аз куттӣ сигор гирифта.— Вақту соаташ расид.

— Албатта, албатта! — тамаллуккорона ба гап даромад раис.— Агар ҷаноби прокурор ҷанҷоли инженери шӯрапушти моро хомӯш кунанд, гузарондани тӯяшон тани мо. Қадом ресторанро интихоб кунед, ба меҳмонҳои шумо хизмат хоҳем кард.

— Шикояти инженери шумо казой нест охир. Сухан дар бораи муоҳидаи махфию ғайриқонунӣ меравад, ки ба бюджети музофот дусад ҳазор доллар зарар овардааст,— паст наомад прокурор.

— Усул дар дасти нағорачӣ,— умедашро наканд раиси фирма.— Минбаъдаш мо ба ин хел қаллобиҳо роҳ намедиҳем. Илтимос, ҷаноби прокурор, не нағӯед, дасти ёрӣ дароз кунед. Рухсат диҳед, ки ба тӯятон мо хизмат кунем.

— Кӯшиш карда мебинам, албатта. Аммо...— фикр карда монд Салим Меъроҷ.

— Раҳмат, ташаккур, ҷаноб! — хурсанд шуда сухани ӯро бурид раис.— Бегоҳ гумоштаи ман ба наздатон меояд. Сценарияи тӯйро ба ӯ фаҳмонеду дигар хотирҷамъ бошед. Ҳарчӣ лозим аст, бемалол фармоед. Аз тасаввуратон зиёд ба ҷо меоварем. Хайр, худои раҳмону раҳим ёратон бод.

Салим Меъроҷ раиси фирмаи «Наҷҷор»-ро то таи дар ғvселонда дар дилаш хурсанд шуд, ки харочоти тӯи калон баромаду Марзияи хурлиқо акнун муфтакак ба бағал медарояд.

* * *

Ҳамидан кампир аҷаб хобн ширин дид: Марзияи хандону шукуфон либосҳои арӯсӣ дар бар карда, ба кулбаи онҳо даромад. Ҳамида аз хаяҷону шодӣ овоз бароварда наметавонист, ба арӯси нозанини бо пои худаш омада ҷои шиондан намеёфт.

— Аббос канӣ, хола? — пурсид Марзия.

— Ҳозир меояд, духтарам. Гузашта шинед,— ниҳоят овоз бароварда Ҳамида.

— Ман омадам, ки шумою Аббосро ба тӯй хабар кунам,— гуфт Марзия.

— Домод кӣ, тасаддуқ? — пурсид Ҳамида.

Марзия баланд-баланд хандида, парвонаосо рӯ-рӯи хона давр заду ҷавоб дод:

— Кӣ будани домодро худам ҳанӯз намедонам.

— О, домод писари ман-дия, Марзияҷон, Наход инро надонед? — фаҳмонд Ҳамида.

— Пас, шумо модаршӯи ман? — гӯён Марзия Ҳамидан бемадорро чунон боло бардошт, ки дили ӯ чӯкидаву як қад парида аз хоб бедор шуд.

«Оҳ, худои меҳрубон! — даст боло карда, ба ибодат даромад Ҳамидаи кампир.— Аз лутфат бенасиб нагардон, қудрататро бори дигар нишон деҳ. Хоби саҳари солеҳони ҷумъа беасар наемонад, мегӯянд. Умедам аз худат. Дари бахти писари ягонаи маро ҳам кушою

арӯсе бо рухсори тобон ин кулбаи эҳзонро мунаввар созад».

Ҳамидаи кампир медид, ки рӯзҳои охир писараш худро басо гиронда монд. Қитоб мехонаду оҳ мекашаду фикру хаёл мекунад. Хотираш парешон, иштиҳояш баста.

Хабари оғози тӯи Салим Меъроҷ ва Марзия Аббосу модарашро хеле маъюсу музтариб кард. Рост, ки онҳо ба якдигар сир бой намедоданд, дар ин бобат ҳарфе намезаданд. Вале Ҳамидаи кампир медонист, ки писараш Марзияро нағз мебинад. Эҳтимол акнун вай дарун-дарун месӯзаду алам мекашад. Аббос бошад аз он ҳайрон буд, ки наход меҳру муҳаббатро низ бо пулу чизи дунёе харидан мумкин бошад?

Аббос ҳар дафъа бо Марзия дучор ояд, гумон мекард, ки навбаҳор омад, чаманҳо шукуфтанд. Ба димоғаш бӯи гулу райҳон мезад. Мехост, ки ба рӯи сабзаҳо ғел занад, ба қуллаҳо баромада фарьёди шодмонӣ кашад, худро ба оби шаффофи наҳри Ӯрдун ҳаво диҳад. Марзияро рӯ ба рӯ шинонда, ҳусну ҷамоли ӯро дурудароз тамошо кунад.

То ҳанӯз онҳо ҳарчанд ахду паймоне набаста ва бӯсу каноре накардаанд ҳар ду зимнан хулоса бароварда буданд, ки ба ишқи якдигар мубтало шудаанд, якдигарро дӯст медоранд ва бе висоли якдигар зиндагӣ карда наметавонанд. Бойдухтароне ба хотири Аббос меомаданд, ки аз баҳри бахту тахту оила баромада, бо як сари қоқ бо ошиқи худ гурехтаанд. «Чудо нашавад, мо низ ҳамин рохро пеш мегирем,— мегуфт ӯ дар дил.— Е худ оллоҳи таолло дили устодро ба шафқат андохта, ба мо худаш фотиҳа медодагист? Он гоҳ ман як умр фарзанди содиқи профессор Маҳдӣ ва хонум Будур мешавам. Марзияро ба сарам бардошта мегардам».

Оре, хабари розигии Марзия ва тӯи Салим Меъроҷ Аббосро кариб аз пой афтонд. Бандааш ки гавҳари қобил, ӯ худро боз ба даст гирифт, саҳари барвақт ошуфтаҳол ба лаборатория омад. Марзияе, ки бо хар баҳона дар роҳраву ҳавлӣ дучораш меомад, имрӯз сояи худро ҳам нишон надод. Профессор Маҳдӣ низ, гӯё ҳодисае рӯй надода бошад, ба ассистенташ фармуд, ки қисмҳои блоки хуфияро тоза кунад, моддаҳои химиявиро ба мадони камера бештар резад. Профессор аз дирӯза дида баръакс серғайрат ва зиндадил буд.

Бо маслиҳати падараш Марзия аз идораи «Интер-

пресс» ба ҳисоби худ панҷ-даҳрӯза ҷавоб гирифта буд. Хонум Будур акнун ба ӯ мисли пештара ғамхориву меҳрубонӣ мекард. Ба пешхизматҳо мефармуд, ки духтарашро бо хӯрокҳои лазизу серғизо парвариш кунанд, барои истироҳаташ паҳлӯи сарҳавзи боғи зимистонӣ дар алвончаки тӯр ҷогаҳ андозанд. Пеш аз хоб дар ваннахона худаш ба шустушӯи Марзия ёрмандӣ медод, ба ӯ роҷеъ ба таомули наварӯсию шавҳардорӣ насиҳатҳо мекард.

Хонум Будур чун медид, ки чашмашро раҳ бурда Марзия дам ба дам ғарқи хаёл мешавад, ӯро ба худ оварданӣ шуда мегуфт:

— Ин қадар ғам нахӯр, духтарам. Ҳамааш оби равон барин мегузарад. Фақат аввал шарму ҳаё пахш мекунаду баъд худат мамнун мешавӣ. Ҳеҷ гуна азобе надорад. Тағоят шабнишиниро ба калонтарин ресторани шаҳр фармудааст. Дар он ҷо якбора ҳазор кас ҷамъ меомадааст. Се рӯзи аввал ба хонаат худам рафта меистам, парво накун. Салим ба хизматгораш ҳам ҷавоб додааст.

Хонум Будури содда аз куҷо медонист, ки ақлу хуши Марзия он гоҳ тамоман ба дигар масъалаҳо банд буд. Марзия оқибати ин ҳилаҳои падарашро меандешид. Вай медонист, ки дубли ӯ умри кофӣ намебинад. Пас ба фоҷиаи нусхаи зиндаи худ чӣ хел тоб меовард? Инаш ҳам маълум, ки худи ӯ минбаъд аз одаму олам бояд пинҳон шавад. Ӯ куҷо меравад, чӣ кор мекунад, чӣ рӯз мебинад? Ин мӯъҷиза ба сари Аббоси танҳову бечора оё кулфатҳои нав намеовард?

БОБИ ДАҲУМ

Арафаи ақди никоҳи арӯсу домод. Аббос бо дили шикаставу рӯҳи забун ба кор равон шуд. Аз баҳр шамоли сарди намолуд вазида хасрӯбаҳои кӯчаро ба чашму рӯй мезад. Дар даромадгоҳи биржан меҳнат аллакай одамони бисьёре ба навбат меистоданд. Мардикорони табару чилбур ба китф бо чашмони варамидаю риши расида ҷониби бандаргоҳ мешитобиданд. Ду-се нафар бачаҳои жандапӯши бехонумон қуттиҳои партови қаҳвахонаро тит карда медиданд, ки шояд сарқуте ёбанду ба шиками холии худ андозанд. Аббос оҳи ҳазин кашида, чунин байтҳоро зери лаб хонд:

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.
Аз фиребн ваъдаҳои ӯ шудам розй ба марг
Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.
Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,
Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.

Аббос рӯзҳоеро ба хотир овард, ки гурӯҳе аз офицерони дарбор тахту тоҷи шоҳро зеру забар карданд. Чунон ки радиову рӯзномаҳо хабар доданд, табаддулоти ҳарбию сиёсӣ ба амал омад. Мамлакати онҳо республика эълон карда шуд. Маҷлисҳо, митингҳо, намоишҳо барпо гардиданд. Хурду калон ба кӯча баромада, танҳанаву шодмонӣ мекарданд, байраки республикаро баланд бардошта ҷилва медоданд.

Сонӣ Конституция қабул карда шуд. Дар он тамоми ҳукуқҳои зиндагии осоишта ва калимаҳои рӯҳпарвари озодӣ, истиқлолият, прогресс ифода ёфта буд, меҳнаткашон гул-гул шукуфта, уррагӯй мекарданд, ба роҳбарони республика ҳамду сано меҳонданд. Боварӣ доштанд, ки акнун онҳо низ ба рӯзи рӯшной мебароянд.

Баъд чӣ шуд? Ҳаман он ваъдаю ваидҳои ҳокимияти нав, ҳаман он ҳукуқҳои комиле, ки конституция кафолат медод, чун пуфаки ранга кафида пуч шуданд, накши коғаз шуда монданд. Баръакс давр-даври миллатфурӯшону хушомадгӯён, замон-замони хунасоҳои мағрибпараст шуд. Ба ҳоли хароби косибу коргар, фаллоҳи хокпошу бодиянишини чорводор мурғони ҳаво мегиристанд.

— Демократияю дӯстӣ гуфта, дарвозаҳои шаҳрро калон кушода партофтанд,— ғут-ғут мекард профессор Маҳдӣ, абрӯ чин карда.— Хоки моро мӯру малах барин аҷнабӣ гирифт. Дину оин помол, анъанаҳо барбод ва зиндагӣ макрӯҳ шуданд. Метарсам, ки авлоди оянда моро чун мазҳабфурӯшони гумроҳ, маддоҳ ва буздил як умр лаънат нахонад.

Хушбахтона, зиёиёни равшанфикр акнун аз вазъи ҷаҳон бохабар буданд, фарқи пучу сараро медонистанд. Дар музофот мисли Аббос ҷавононе, ки ба адабиёти рус майлу рағбат доштанд, кам набуданд. Онҳо чӣ будани инқилоби сиёсӣ, вазифати коргару деҳқон, кувваи ҳизби коммунист ва демократияи ҳақиқиро ҳарисона меомӯхтанд, роҳи минбаъдаи муборизаи халқашонро муайян мекарданд.

Аббос бо ҳамин гуна андешаҳо, бедимоғ ва бо хавоси парешон ба чорбоғи профессор Маҳдӣ расида омад.

Вай аз роҳрави дарвоза дохил шуда дид, ки Марзия аз лаборатория баромада сӯи хонаашон меравад. Аббос зуд нигоҳашро гурезонда, худро ба нодонӣ зад. Охир ба арӯси шахси дигар чашм ало кардан, ё ӯро ба гап андохтан аз рӯи одоби Шарқ нест. Марзия акнун ба Аббос бегона ва ҳатто номаҳрам ҳисоб мешавад... Ҳамин вақт ногаҳон худи Марзия ҷониби ӯ даст бардошту овоз бароварда:

— Аббос! — бонг зад ӯ.— Зуд равед, падарам ба шумо дар таҳхона мунтазир. Ман ҳам ҳозир бармегардам.

— Шумо дар лаборатория будед? — пурсид Аббос.

— Ҳа. Сарулибосҳоямро бурда мондам.

Аббос аз он, ки навбӯруси Салим Меъроҷ дар арафаи ақди никоҳаш бо ӯ ин қадар муомилаи нарму ширин мекунад, ба шигифт афтода, ба таҳхона даромад.

— Биё, Аббос,— гуфт профессор Маҳдӣ, ки саросема ва дар изтироб менамуд, салому алекро ҳам фаромӯш карда.— Ма, ин схемаро гирифта, тамоми таблоҳои блокро муқоиса кун. Меъёри ягон ҷузъаш фарқ надошта бошад. Аз рӯи прогроми сию чор амал мекунем.

— Дубль месозем? — Аббос бо ҳайрат ба устодаш чашм дӯхт.

— Ҳо,— тасдиқ кард профессор.— Марзия розӣ ва омодааст. Воқеан, вай бӯғчаи сарулибосашро куҷо монд? Ана, дар рӯи курсӣ будааст. Онро ҳам ба токчаи камера дароварда мон.

Нейронҳои аз дарду алам карахтшудаи майнаи Аббосро гӯё барқи дурахшоне равшан карда гузашт. Нури шодию уммед дар қаъри дили ғамзадааш аз нав фурӯзон шуд. «Наход ба Салим Меъроҷ нусхаи Марзияро диҳанд?» — аз дил гузаронд Аббос, қисмҳои блоки вакуумро зуд-зуд тафтиш карда.— Пас, худаш чӣ кор мекунад?»

Профессор Маҳдӣ тасмаҳои сершумори пайвандро аз рӯи рақамашон болои кушетка бо тартиб гузошта, гӯё худ ба худ мегуфт:

— Аз рӯи ин програмаи нав иқтидори дубликат ду баробар меафзояд. Моддаҳои сафеда ва саққочаҳои хун нағз заряднок мешаванд. Ҳозир соат шаш дақиқа кам даҳи зӯҳр. Қори мо иншооллоҳ то ёздаҳ ба итмом мерасад... Чаро Марзия ҳаял кард?

Ҳамин вақт занги ишоратии таҳхона садо доду бо зинаҳо Марзия фаромада омад. Равшан буд, ки вай низ дар ҳаяҷон аст ва андак меҳаросад.

— Ана, ин шонаю мўхалакҳо,— гуфт вай харсос зада.— Бўғча канӣ?

Аббос шонаву мўхалакҳоро аз дасти Марзия гирифта, ба блок даровард, болои бўғчаи сарулибос гузошт. Профессор фармуд, ки духтараш ба ҷушетка дароз кашад. Марзия дар нимкат рӯ ба боло хобид. Профессор як нӯги тасмаҳоро ба аъзои бадани Марзия баст. Нӯги дигари тасмаҳоро Аббос ба лоначаҳои блок пайваст.

— Ба ту зарареро намерасад, ором хоб кун,— тасалло медод Марзияро профессор.— Аппарат фақат дубликати туро месозад, атом ба атом ва ҳуҷайра ба ҳуҷайра нусха мегирад.

Профессор пардаи пеши нимкатро фароварда, Марзияи хобидаро панаҳ кард ва қисмҳои блоки вакуумро бори дигар аз назар гузаронду ба Аббос фармуд, ки релеи аппаратро поён кашад. Аббос аз устодаш, ки чунин амалиёти масъул ва пурифтихорро ба ӯ бовар карда супурд, миннатдор шуда, релеи қувваи аппаратураро ба кор андохт. Чароғакҳои рангаи назоратӣ фурӯзон шуданд, ғуррунгоси маҳини стабилизатор ба гӯш расид. Дар экранҳои осциллограф чун тирмор раҳҳои кабуд ҳаракат мекарданд. Катодхои тафсони қандил аввал сурх, баъд сафеди чашмбаранда шуданд. Дар таворан термокамера гальваноскопҳо, трансформатори вакуум ва пинцетҳои автомат ба амалиёт даромаданд.

— Аппарат ба кор шурӯъ кард,— гуфт профессор, аз амалиёти мўътадили блок хурсанд шуда.— Акнун ту, Аббос, моро муваққатӣ танҳо мегузорӣ ва рафта ягон таксӣ гирифта меоӣ. Таксӣ ба таги дари ҳамин таҳхона бояд соати ёздаҳ ҳозир шавад. Фаромӯш накун, ки расо соати ёздаҳ. На зуду на дер. Фаҳмидӣ?

— Хуб шудаст, устод,— аз пай рафтан шуд Аббос ва аниқ карданӣ шуда пурсид: — Агар ронандаи таксӣ пурсад, ки ба чанд соат ва ба кучо, чӣ гӯям?

— То хавлии худат чӣ кадар?

— Бо мошин нимсоата рох.

— Ана ҳаминро мегӯй. Ма, инро гир,— профессор аз ҳамьёнаш ду коғази панҷриёлӣ гирифта дароз кард.

Аббос гаранг шудаю чизе нафаҳмида баромада рафт. «Чӣ? Нусхаи духтарашро ба ман супурданӣ? — мегуфт вай дар роҳ худ ба худ.—Мехоҳад, ки ман дубли Марзияро мисли нусхаи Тозӣ ба хавлӣ бурда, назорат кунам? Фаъолияти организму умри кӯтоҳашро ба қайд

гирам? Пас, барои чӣ бо мошини худаш нею бо таксӣ? Ва ҳамаи ин нағмаҳо дар арафаи никоҳ? Аҷабо!».

Бар қасдаш гирифта, дар беруни дарвозаи чорбоғ Аббос ба Салим Меъроҷ ва хонум Будур дучор омад, ки онҳо мазмун аз кучое ба ҳавлӣ бармегаштанд.

— Аббос, салом! — гуфт Салим Меъроҷ даст ба вохӯрдӣ дароз карда.— Профессор ҳамин ҷо?

— Ҳа, дар лаборатория банд, кор мекунанд,— дарҳол таъкид кард Аббос аз тарси он, ки мабодо домодшаванда ҳозир ба назди ӯ даромаданӣ нашавад.

— Марзия он ҷо нест?

— Не, нест. Надидаам,— аввалин бор дурӯғ гуфта, чашм ба замин дӯхт Аббос.

— Вай ба ателье рафтагӣ,— ба гап қатӣ шуд хонум Будур.— Қамзӯли навашро имрӯз бояд гирад. Рафтем, ҳозир омада мемондагист.

Онҳо равон шуданд, вале Салим Меъроҷ ногоҳ аз роҳаш истода ба қафо баргашта, гуфт:

— Ман ба ту, Аббос, як гапи ҷиддӣ дорам. Тӯй бешикасту рехт гузарад, ҳафтаи оянда ба идораи ман биё. Идораи прокуратураро медонӣ, а? Дар майдони «Ҳорунаррашид», иморати чорошьёнаи сабз.

— Ёфта меравам,— Аббос ваъда дода, гази гапро кӯтоҳ карду ба роҳаш равон шуд.

Вай хавотир шуд, ки прокурор ба ӯ чӣ гапи ҷиддӣ доштааст. Аз Аббос чӣ мехоҳад? Маҳбубаи ӯро ба зарби пулу амал зада гирифтанаш кам буд, ки боз ба сари ӯ ягон ташвиши нав оварад. Беномус, фосиқ! Одам аз худ наравад, магар дар арафаи зангирӣ Нозуки бечораро маст карда ба хонааш мебарад? Дар назари мардум ошкоро духтари бегуноҳро бадном мекунад?

Аббос дид, ки вақт мерасад, таксиеро дошта, ба ҳавлиашон рафт. Охир, мазмун, нусхаро боз ба хона овардан лозим мешудагӣ барин. Вай хавотир буд, ки модараш дарро қулф карда, ба ягон ҷо нарафта бошад. Не, Ҳамидаи кампир дар хона будааст. Ӯ ҳавличаро чиниҳ барин рӯфтаю об зада, дар рӯи креслои шалаки аз замонҳои докьянус монда ҷулоб бофта менишаст. Аббос модарашро таъкид кард, ки ба ягон ҷо нарафта мунтазир шавад, вай баъди як-якуним соат бармегардад.

Аббос бо мошин соати даҳ дақиқа кам ёздаҳ ба чорбоғ расида омад. Таксиро дар даҳани дарвоза монда, хост аввал даромада авзои корҳоро фаҳмад. Вай аз дур дид, ки назди дари таҳхона профессор Маҳдӣ ва Салим

Меъроҷ истодаанду профессор овозашро баланд карда, ба ӯ дӯғ мезанад ва бо асояш ишоракунон домодшавандаро аз назди лаборатория дур карданист.

Салим Меъроҷ низ ким-чиҳо гуфта даст афшонду ҷониби хонаи хонум Будур рафт. Хонаҳои истиқоматӣ аз дарвозаю лаборатория дур, дар як кунҷи чорбоғ буданд. Аббос ба ғайб задани Салим Меъроҷ боварӣ ҳосил карду баъд таксиро аз дарвоза дароварда, назди таҳхона овард. Боғбони саллаи сафед баста зери дарахтони боғро побел мекард. Бо сигнали шартӣ профессор дарро кушода баромад. Вай таксиро дида хурсанд шуд ва ба китфи Аббос даст ниҳода, даҳонашро ба гӯши ӯ наздик оварда гуфт:

— Аббос, ту ҳозир Марзияро пинҳонӣ ба ҳавлиятон мебарӣ. То гузаштани тӯй вай бояд он ҷо истад ва инро касе ғайр аз тую модарат нафаҳмад.

— Дублашро? — пурсид Аббос.

— Не, дубль ин ҷо мемонад. Бо ту худаш пинҳон мешавад. Ин маҳалҳо яктараф гардад, баъд амалиёти минбаъдаро маслиҳат мекунем. Охир, Марзия туро дӯст медорад, бе ту зиндагӣ карданӣ нест.

— Наход? Э-ҳа! Худаш гуфт?

— Ҳа, гап ҳамин.

— Дублаш бенуксон баромад?

— Як себу ду тақсим. Баро, Марзия!

Марзияи ба ишораи падар маҳтал давида аз таҳхона баромаду хам шуда ба курсии қафои таксӣ нишаст. Аббос ба паҳлуи ронанда гузашт. Профессор барои он, ки ронанда хавф набарад, беовоз бо маънии «роҳатон сафед бод, фарзандонам. Сирри мардон пӯшида» қафои даст ба лаб бурда, сар ҷунбонд.

Таксӣ ҳаракат карда, аз дарвоза ба кӯча баромад ва рохи ҳавлии Аббосро пеш гирифт. Аббос моту мабҳут дам ба дам ба қафо менигарист ва ба нишастани Марзияи ҳакикӣ боварӣ ҳосил карда, ангуштонашро қасркусур меафшурд, ки мабодо ин марҳамати худо хобаш набошад.

Не, дар қафои мошин бахти бедори ӯ — Марзияи нозанин менишасту гох-гох бо мехру навозиши ҳалимона ба китфи Аббос даст мерасонд.

Шабнам аз рӯи ту мерезаду гул меруяд,
Аз кадомин чаман, эй ғунчаи тар, меой?

Нест мурғони чаманро хабар аз омаданат,
Бас ки чун бӯи гулу бодн саҳар меой.

Чехра афрӯхта, пӯшида қабои гулнор,
Ба сари сӯхтагон ҳамчу шарар меой.

Ташнагонро зи лаби худ дами обе надиҳӣ,
Гарчи серобтар аз лаълу гуҳар меой.

БОБИ ЕЗДАҲУМ

Полковник Гюнтер ба маросими акди никоҳи шогирдаш расида омад. Вай ният дошт, бо ҳамин баҳона бо падари арӯс — бо биохимики машҳур профессор Маҳдӣ аз наздик шинос ва мусоҳиб шавад.

Ташкилоти махфии онҳо дар Бони кори ҳамаи олимони кашшофро ба ҳисоб мегирифт ва номаълум назорат мекард. Нацистони пинҳонкор бо ёрӣ ва дастгирии компанияҳои калон нақшаи никор мекашиданд ва зӯр зада ярокҳои нави қатли ом меҷустанд. Ба фаъолияти чунин ташкилот ҷалб намудани профессор Маҳдӣ барин химбиологҳои номӣ аҳамияти бағоят муҳим дошт. Полковник Гюнтер, чунон ки мегӯянд, бо ҳисси шашӯми худ пай бурда буд, ки профессор Маҳдӣ таҷрибаи нодире мегузаронад. Қашфиёти ӯро пеш аз дигарон омӯхтан, ба эҳтиёҷоти ташкилот мувофиқ кунондан, илоҷаш бошад, худи профессорро ба дом кашидан зарур ва шарт буд. Аслан ба курси махфӣ ҷалб кардан ва хондани собиқ студент Салим Меъроҷ низ чунин мақсад дошт. Ташкилот медонист, ки ӯ ба қарибӣ институти адлияро тамом карда, ба диёраш бармегардад. Салим Меъроҷ ба ҳавлии хоҳару язнааш бемалол рафтуо карда метавонад. Дар ин миён акнун ба Марзия хонадор мешаваду робитаи хешии ӯ бо профессор Маҳдӣ боз ҳам қавӣ мегардад. «Ҳамаи шанс ҳаст, ки мо олимро ба тарафи худ кашем»,— хулоса мебаровард полковник Гюнтер.

Шаби тӯи пурҳашам, ки дар толори ресторани марказии шаҳр баргузор шуд, полковник Гюнтер ва профессор Маҳдӣ дар ҳуҷраи дукаса нишаста сӯҳбат мекарданд. Аз тирезаи кушодаи тарафи соҳил шамоли баҳр вазида, гӯшаҳои дастархонро мебардошт.

— Бубахшед, профессор, ки ман шуморо ба ин гӯшаи хилват кашидам,— узрхоҳӣ кард полковник Гюнтер ва ба ду қадаҳ шампони пуркафк рехта, суханашро давом дод.— Бо домодатон мо дар Олмони Федерол шинос шудаем. Аҷаб ҷавонмарди бамаъниву кордон аст Салим. Шодам, ки вақт ҷудо карда ба тӯяш расида

омадам. Пеш аз ҳама табрику таҳнияти бандаро қабул фармоед. Духтари шумо ва шогирди мо чуфти муносиб. Хушбахт хоҳанд шуд.

— Ташаккур, меҳмони азиз. Қадаматон, чунон ки дар мо мегӯянд, нури дидаву тоҷи сар,— гуфт профессор ва баъди фосилае пурсид: — Шумо, ҷаноби Гюнтер, дар институти адлия дарс медодед?

— Қисман,— нимғурма ҷавоб дод полковник.— Дар институтҳои мо намояндагони бисьёр миллатҳои ҷаҳон таҳсил мекунанд, мутахассис мешаванд. Мо — немисҳои ғарб вазифаи интернационалии худ мешуморем, ки ба халқҳои аз юғи мустамлика раста ва мустақилшуда мадад расонем. Дар ивазаш равшанфикрони шумо низ бо мо шеваи эътиқоду дӯстӣ мепардозанд.

— Албатта,— ҷавоб дод профессор ва байтҳои зеринро хонд:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

— Аҳсант! — хурсанд шуда, як қулт шампон нӯшид полковник Гюнтер.— Агар хато накунам, ин шеъри машхури Шайх Саъдист, ки дар толори Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида навишта мондаанд.

— Бо вуҷуди ин гурӯҳе аз паи ҷанги хонумонсӯз аст,— таъкид кард профессор.— Пайт мепоянду никор меҷӯянд.

— Хо, таҳдиди ҷанг бартараф нашудаст. Ман никор намекунам, ки дар мо барои мусаллаҳшавӣ маблағҳои калон ҷудо мекунанд.

— Дар як вақте ки дар мамлакатҳои Осиё ва Африқо миллионҳо одамон гуруснагӣ мекашанду кути лоя-рафи укьёнус зӯр зада, ракетаҳои болдору бомбаҳои нейтронӣ месозанд.

— Профессори мӯҳтарам,— гуфт полковник Гюнтер ба кадаҳи худ аз нав шампон рехта,— дар ин шаби мубораки тӯи духтаратон, биёед, сиёсатро як сӯ тах карда монем. Бехтараш гӯед, ки корҳои тадқиқотии шумо ба чӣ ранг аст, таҷриба оё натиҷае бахшид?

— Ман кори илмӣ гуфта, хонасалот шудам, тамоми сарватамро барбод додам.

— Мо метавонем ёрӣ расонем,— дарҳол изҳори ҳамдардӣ кард полковник Гюнтер.— Лозим бошад, лабо-

раторияи шуморо ба шефй мегирем. Ё худ ба Олмон рафта корро давом доданатон мумкин. Лекин ман бисьёр мехостам, аввал лабораторияи шуморо бинам, бо таҷрибаҳоятон аз наздик шинос шавам.

— Ин мумкин нест,— гуфт ба таври қатъй профессор, ки асабонй менамуду дам ба дам аз хуҷра сар бароварда, ба дубли Марзия бо хавотир чашм медухт.

— Ҳатто ба ману домоди худатон? — полковник аз ҷой хеста чубуқ даргиронд.

— Ҳоло он ҷо чизи дидание нест,— гапро кӯтоҳ кард профессор. — Таҷрибаи ман ба кӯчаи сарбаста дароманда монд.

— Бо вуҷуди ин хелё мехостам бохабар шавам. Ба шумо, олими киромй, дасти ёрй дароз кунам.

— Ташаккур! — гӯён аз ҷой хест профессор Маҳдй. Ин маънои тамом шудани сӯҳбатро дошт. Онҳо ҳар ду ба толори калон, ки аз меҳмон пур буду мусиқй ғулғула меандохт, баргаштанд.

Дубли Марзия дар паҳлуи домод бо ранги канда ва хотири мушавваш менишаст. Вай чизе намехӯрд, қадаҳро ба лаб мерасонду бозгашт рӯи миз мениҳод. Салим Меъроҷ ин рафтори арӯсашро касри ҳаяҷону шарму хастагй дониста, дам ба дам ба соати дастиаш менигарист, ки зиёфат зудтар ба охир расаду бо арӯси маҳҷабин танҳо ба танҳо монад.

Нозук, ки имшаб аз рашку алам бисьёр нӯшида сархуш шуда буд, ба миёна фаромада бошиддат мерақсид. Аббос сир бой надода, дар паҳлуи профессор ором менишасту ба қадаҳи ӯ шарбати мева мерехт, ба лаълиҷааш газакҳо гирифта мемонд.

Ҳамон вақте ки полковник Гюнтер профессор Маҳдиро ба гап андохта, ба хуҷра даровард ва паҳлуи Аббос ҳолй монд, Нозуки ширакайф рост омада, ба курсй нишаст. Вай баъди рақс ҳарсос мезаду дар чаккаву пешонааш донаҳои арақ ҷаракқос мезаданд.

— Густохиамро бубахшед, Аббос,— гуфт ӯ, ҷомҳоро бо май лабрез карда.— Ман имшаб мехоҳам бо шумо ҳамроҳ нӯшам. Агар хоҳед, баъди тӯй рост ба хонаатон меравем. Натарсед, ман он ҷо доимй намемонам. Фақат ҳамин шаб. Об ки аз сар гузашт, чи як вақаб ҷй сад вақаб.

Инро гуфту Нозук ҷоми худро бо ҷоми рӯи миз ис-

тодан Аббос ҷанг андохт ва бо як дам онро холӣ кард. Баъд зулфони аз арақ тар шуда ба рӯяш хамидаро бо кафи даст боло карда, суханашро давом дод:

— Маро шумо ба ин ҳол овардед Аббос. Мефаҳмед? Ман шуморо дӯст медоштам, мехостам рафиқаи якумраи ҳаётатон бошам. Ба як нигоҳи гарм, ба як табассуми умедбахш, ба як ишорати абрӯвонатон маътал будам, ки худро ба оғӯшатон андозам, ҳарчӣ талаб кунед, ба ҷо оварам. Вале шумо такопӯи дили бекарори маро намешунидед, аз бедорхобиҳо зард шудани рӯю сурх шудани чашмонамро намедидед, кару кӯр будед. Нақдро монда аз паси насья метохтед. Болои сӯхта намакоб — корамро аз дастам кашида гирифтанд, маро аз лабораторияи пеш карданд ва ана... оқибаташро ҳама мебинанд.

Дилаш пур шуда Нозук оби дида рехт, бо даст рӯяшро пӯшида сар хам кард. Хушбахтона, ҳама ба аҳволи худ буданду рақси оммавии буги-буги авҷ мегирифт. Аббос ба қадаҳи Нозук оби минералӣ рехт. Даст ба китфони ларзони ӯ ниҳода илтимос кард, ки ҳалкашро тар кунад, ором шавад. Дар шаби тӯи одамони шиноси ашқ рехтан нияти хуб нест. Нозук худро ба даст гирифта, сар боло кард, бо оҳи сарди ҳасрату надомат ба рӯи Аббос чашм дӯхт ва гуфт:

— Эҳ, Аббос! Ҷавони гӯлу гумроҳ! Надонистед, ки табақаи мо заҳматкашон дигар. Ошамон бо аъёну ашроф намепазад. Ана, бинед! Марзия арӯс шуда дар паҳлӯи шумо не, дар бари прокурор нишастааст. Онҳо ману шуморо ба як пули пучак намехаранд. Акнун ман ба остонаи он дурӯяи каззоб чӣ хел по мемонам? Пешхизмати бари шабона мешавам. Илтимос Аббос, шумо зуд-зуд ба ҷои кори нави ман биёед, маро фаромӯш накунед. Эҳ, Аббоси бепарво! Ба шумо чӣ гӯям?

Кӯҳро афғонам оташ дар ҷигар меафганад,
Баҳрро ашкам ба гирдоби хатар меафганад.
Аз баду нек имтиёзе нест хуршеди маро,
Партави худро ба ҳар девору дар меафганад...

Аббос Нозукро аз китфонаш доштаю хезонда, гуфт:

— Рафтем, Нозук. Шумо бисьёр нӯшидаед, базӯр ба по истодаед.

— Ба хонаи шумо? — дар ҷояш калавида пурсид Нозуки маст.

— Падаратон танҳо, ман шуморо ба назди он кас бурда мемонам.

Аббос Нозукро бо мошин ба хавлияш бурда монд. Он чо дар хақиқат Меҳтари ҳаммол хавотир шуда нишаста будааст. Аҳволи Нозукро дида, оташи ғазаби Меҳтари ҳаммол аланга зад:

— Ман бо ҳамин таёқам,— фарьёд кард ӯ,— сари прокурорро зада мекафонам. Он амалдори оқибатдар домани духтари маро бо чормағзи пуч пур кард, фиреб дод. Бигзор, маро ба зиндон андозанд, ба дор кашанд. Вале ман қасосамро мегирам.

Аббос онҳоро насиҳат кардаву хайрбод гуфта, ба ресторан баргашт. Вай бисьёр мехост, ки рост ба хонаи худ — ба назди Марзияю модар равад. Аммо илоҷ надошт. Профессорро диданаш ва мушоҳидаи дубли Марзия зарур буд. Аббос ба ресторан баргашта дид, ки тӯй фуровард карда истодааст. Қисме аз меҳмонон хеста рафтаанд. Профессор ӯро бо полковник Гюнтер, бо «бародархонди домодаш» шинос кард.

— Аз таҳти дил хушнудам, ки бо ассистенти олими ҷаҳоншумул шинос мешавам,— гуфт полковник, аз рӯи одат туфлин поҳояшро ба ҳам кӯфтаю таъзим карда.— Тӯй гузарад, мо ба лабораторияи профессор экскурсия карданием. Шумо ҷаноби Аббос, умедворам, ки гид шуда моро пазирой мекунед.

Бо баҳонаи гусели як гурӯҳ меҳмонҳои олимартаба профессор Маҳдӣ ва Аббос аз полковник Гюнтер ҷудо шуданд.

— Лабораторияро нишон те гуфта, сагмагас барин ба ман часпида гирифтааст,— шикоят кард профессор ба Аббос.

— Ин саги бӯгир ба он ҷо бо нияти нек намеравад,— гуфт Аббос.

— Ту чиҳо мегӯй? — ба ғазаб омад профессор Маҳдӣ. — Ба лаборатория сояи ӯро роҳ додан мумкин нест. Тақрибан мо ба дасти ниҳо афтад, оламро қунфаякун мекунанд, қиёмат қоим мешавад... Эҳ, чӣ балоеро ман ба сари худ овардам? Чӣ масъулияте ба дӯши мани пир бор шуд?!

БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Меҳмонҳо ҳама хестанӣ шуданд. Косагули анҷуман бо микрофон бори дигар ба арӯсу домод умри дароз, ризқи фаровон ва бахту саодат талабид. Ба гу-

натори музофот, ки ҳамроҳи завҷан мӯҳтарамаи худ ин тӯй лутфан ташриф оварда, дӯстонро сарфароз дааст, гаштаю баргашта миннатдорӣ баён намуд. аб, ки имшаб тамоми нотиқон арӯсу домодро як сӯ нда, фақат губернаторро таърифу тавсиф мекарданд, матҳои гӯё барчастан ӯро дар роҳи прогресс ва ислолияти миллату кишвар ба хотир меоварданд. Ода- намедонистагӣ гумон карданаш мумкин буд, ки ин бинишиӣ тӯи прокурор Салим Меъроҷ не, балки ҷаштаваллуди губернатори музофот аст.

Маълум, ки пеш аз гусел ба хонаи домод падару дар ба арӯс фотиҳа медиҳанд. Бо ин ният хонум Бу- ҳамчун модар Марзияро бори дигар бӯсу канор д, ашки шодӣ рехта, ба ӯ роҳи сафед ва бахти то- орзу намуд. Вақте ки профессор Маҳдӣ низ дар нав- и худ дубли Марзияро сабук ба оғӯш кашида, аз ионааш бӯсид, дид, ки чашмони арӯс чархи об шу- нд.

— Ором бош, духтарам,— насиҳат кард ӯро про- сор бо овози паст.— Гирья накун, худро далер гир.

— Падарҷон,— ногаҳон пичиррос зада гуфт арӯс,— чӣ фоҷиаест, ки шумо фикр карда баромадед? ар, ман ҳайвони таҷрибавӣ нестам! Инсонам! Таҳқиҷазо магар ба одами зинда аз ин зиёд мешавад? Ди- у доништа маро ба доми бало андохтетон. Аз дунъё дили пурармон мурда меравам.

Ранги профессор Маҳдӣ пахта барин сафед шуд. то банди айнак ба тори асабҳои абгораш озор ра- д магар, ки онро зуд аз чашм гирифт. Ҳамин вақт ним Меъроҷ пайдо шуду рафтем гӯён аз бозуи арӯс ит ва онҳо аз толор баромада рафтанд. Аббос, ки м аз вазъи устодаш бохабар шуда истоданро вази- шогирдии худ медонист, чобук назди профессор д.

— Биёед, устод,— мурочиат кард ӯ.— Ҳама ба мо- мешинанд, узот кардан лозим.

Профессор Маҳдӣ ба чои он ки ба гусели арӯсу до- ва мехмонҳо барояд, дар миёнаи толор рост менсу мачоли кадам задан надошт.

— Марзия дар хонаатон? — ногаҳон пурсид ӯ.

— Ҳа,— гуфт Аббос бо ҳайрат.

— Ту ба ин боварӣ дорӣ?

— Албатта,— ҷавоб дод Аббос хавотир шуда.— Ҳам-

Аббос Нозукро бо мошин ба ҳавлияш бурда монд. Он ҷо дар ҳақиқат Меҳтари ҳаммол ҳавотир шуда нишаста будааст. Аҳволи Нозукро дида, оташи ғазаби Меҳтари ҳаммол аланга зад:

— Ман бо ҳамин таёқам,— фарьёд кард ӯ,— сари прокурорро зада мекафонам. Он амалдори оқибадар домани духтари маро бо чормағзи пуч пур кард, фиреб дод. Бигзор, маро ба зиндон андозанд, ба дор кашанд. Вале ман қасосамро мегирам.

Аббос онҳоро насиҳат кардаву хайрбод гуфта, ба ресторан баргашт. Вай бисьёр мехост, ки рост ба хонаи худ — ба назди Марзияю модар равад. Аммо илоҷ надошт. Профессорро диданаш ва мушоҳидаи дубли Марзия зарур буд. Аббос ба ресторан баргашта дид, ки тӯй фуровард карда истодааст. Қисме аз меҳмонон хеста рафтаанд. Профессор ӯро бо полковник Гюнтер, бо «бародархонди домодаш» шинос кард.

— Аз таҳти дил хушнудам, ки бо ассистенти олими ҷаҳоншумул шинос мешавам,— гуфт полковник, аз рӯи одат туфлии поҳояшро ба ҳам кӯфтаю таъзим карда.— Тӯй гузарад, мо ба лабораторияи профессор экскурсия карданием. Шумо ҷаноби Аббос, умедворам, ки гид шуда моро пазирой мекунед.

Бо баҳонаи гусели як гурӯҳ меҳмонҳои олимартаба профессор Маҳдӣ ва Аббос аз полковник Гюнтер ҷудо шуданд.

— Лабораторияро нишон те гуфта, сагмагас барин ба ман часпида гирифтааст,— шикоят кард профессор ба Аббос.

— Ин саги бӯгир ба он ҷо бо нияти нек намеравад,— гуфт Аббос.

— Ту чиҳо мегӯй? — ба ғазаб омад профессор Маҳдӣ. — Ба лаборатория сояи ӯро роҳ додан мумкин нест. Таҷрибаи мо ба дасти инҳо афтад, оламро кунфаякун мекунанд, қиёмат қоим мешавад... Эҳ, чӣ балоеро ман ба сари худ овардам? Чӣ масъулияте ба дӯши мани пир бор шуд?!

БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Меҳмонҳо ҳама хестанӣ шуданд. Қосагули анҷуман бо микрофон бори дигар ба арӯсу домод умри дароз, ризқи фаровон ва бахту саодат талабид. Ба гу-

бернатори музофот, ки ҳамроҳи завҷан мӯҳтараман худ ба ин тӯй лутфан ташриф оварда, дӯстонро сарфароз кардааст, гаштаю баргашта миннатдорӣ баён намуд. Аҷаб, ки имшаб тамоми нотиқон арӯсу домодро як сӯ монда, фақат губернаторро таърифу тавсиф мекарданд, хизматҳои гӯё барҷастаи ӯро дар роҳи прогресс ва истиқлолияти миллату кишвар ба хотир меоварданд. Одами намедонистагӣ гумон карданаш мумкин буд, ки ин шабнишинӣ тӯи прокурор Салим Меъроҷ не, балки ҷашни таваллуди губернатори музофот аст.

Маълум, ки пеш аз гусел ба хонаи домод падару модар ба арӯс фотиҳа медиҳанд. Бо ин ният хонум Будур ҳамчун модар Марзияро бори дигар бӯсу канор кард, ашки шодӣ рехта, ба ӯ роҳи сафед ва бахти тобон орзу намуд. Вақте ки профессор Маҳдӣ низ дар навбати худ дубли Марзияро сабук ба оғӯш кашида, аз пешонааш бӯсид, дид, ки чашмони арӯс чархи об шудаанд.

— Ором бош, духтарам,— насиҳат кард ӯро профессор бо овози паст.— Гирья накун, худро далер гир.

— Падарҷон,— ногаҳон пичиррос зада гуфт арӯс,— Ин чӣ фоҷиаест, ки шумо фикр карда баромадед? Охир, ман ҳайвони таҷрибавӣ нестам! Инсонам! Таҳқиру ҷазо магар ба одами зинда аз ин зиёд мешавад? Диданву дониста маро ба доми бало андохтетон. Аз дунъё бо дили пурармон мурда меравам.

Ранги профессор Маҳдӣ пахта барин сафед шуд. Ҳатто банди айнак ба тори асабҳои абгораш озор расонд магар, ки онро зуд аз чашм гирифт. Ҳамин вақт Салим Меъроҷ пайдо шуду рафтем гӯён аз бозуи арӯс дошт ва онҳо аз толор баромада рафтанд. Аббос, ки доим аз вазъи устодаш бохабар шуда истоданро вазифаи шогирдии худ медонист, чобук назди профессор омад.

— Биёед, устод,— муроҷиат кард ӯ.— Ҳама ба мошин мешинанд, узот кардан лозим.

Профессор Маҳдӣ ба ҷои он ки ба гусели арӯсу домод ва меҳмонҳо барояд, дар миёнаи толор рост меистоду маҷоли қадам задан надошт.

— Марзия дар хонаатон? — ногаҳон пурсид ӯ.

— Ҳа,— гуфт Аббос бо ҳайрат.

— Ту ба ин боварӣ дорӣ?

— Албатта,— ҷавоб дод Аббос хавотир шуда.— Ҳам-

роҳи модарам нишаста буд. Ваъда дод, ки ҳатто ба рӯи ҳавлӣ намебарояд. Чӣ буд?

— Тарсидам, ки ин ҷо дубл нею асли Марзия арӯс шудааст.

— Барои чӣ? — ба дилаш алов ғалтида пурсид Аббос.

— Арӯс ба ман гапҳои сахт зад, ба кашфиётам лаънат хонд. Ба одам таҳқиру ҷазо аз ин беш намешавад, гуфт... Рафтем ба ҳавлиятон! Ман Марзияро дида бовар бояд кунам.

Нусха ва аслро иваз кардаанд? Профессор ҳамин хел шубҳа дорад? Аббос хеле безобита шуд. Профессор ва ӯ дар нимторикии саҳни ресторан худро аз одамон чап-ғалат дода ба мошин нишастанд. Профессор ба ронанда фармуд, ки зуд ҳаракат кунад. Ҳамин вақт Аббос аз тирезаи мошин дида монд, ки дар берун ҳама ба ахволи худ буданду фақат полковник Гюнтер ҷонибӣ онҳо кунҷковона чашм дӯхта менигоҳ.

Мошин аз хиёбонҳои шаҳри нав ва паскӯчаҳои шаҳри кӯҳна гузашта, ба ҷазди дари яктабақаю пастакаки кулбаи Аббос омада истод. Ронандаро дар кӯча монда, профессору Аббос ба ҳавлӣ даромаданд. Ба тақ-тақ овози пиразане аз дарун баланд шуд:

— Кист? Ба шумо кӣ даркор?

— Натарсед, модарҷон. Ман Аббос.

Аббос пеш-пешу профессор аз қафо ба кулбаи торик даромаданд. Ҳамидаи кампир чароғи карасиниро даргиронд. Марзия хоболуду мӯйҳои фатилааш парешон рӯи ҷогаҳ менишаст.

— Ҳа, падарҷон, тинҷӣ? — пурсид ӯ, чашмонашро молида ва аз ҷой бархеста.

— Тинҷӣ, духтарам. Ту худат дуруст?

— Дуруст. Андак ғанабам бурдааст,— ҷавоб дод Марзия. —Ман аз Ҳамида-хола илтимос кардам, ки саргузашташонро гӯянд, то ки хобамон набараду то омадани Аббос бедор шинем... Тӯй нағз гузашт? Арӯс чӣ хел?

Профессор Маҳдӣ ва Аббос чун ба ваҷоҳат, чашму рӯ, рафтору гуфтори Марзия зеҳн монда боварӣ ҳосил карданд, ки нусхаю асл иваз нашудааст, яъне ин асл асту арӯс нусха, андак ба худ омада, ба сӯҳбати осудаҳолона пардохтанд. Чӣ хел гузаштани шабнишиниро нақл карданд, нақшаи амалиёти минбаъдаро кашиданд. Баъд профессор Маҳдӣ рафтанӣ шуда аз ҷой хест.

— Мошин дар берун, модарат хавотир мешавад,— гуфт ӯ ва илова кард:— Набошад, маслиҳат ҳамин, духтарам. Фардо саҳари барвақт ҳарсеятон ба деҳаи Обшӯрон меравед. Ба хонаи ҳамон пирамарди моҳигири гуфтагӣам се-чор рӯз меҳмон мешавед. Чои хилвати хушбӯю ҳаво. Соҳӣ ман ба як қарор омада, ба шумо одам мефиристам. Хайр, хушьёр бошед, паноҳатон ба худо. Марзияро дар кӯю маҳалла ягон ҷондор бояд набинад... Мана, ин мактуби ман ба моҳигир.

Профессор Маҳдӣ рафт. Аббос дар ошхонаю Ҳамидаю Марзия дар хонаи асосӣ ба хоб рафтанд. Мо дар омади гап «ба хоб рафтанд» гуфтем. Зеро дар асл ҳар яки ин се нафар бо андешаҳои худ банд буд. Аз як тараф ҳисси хурсандии висоли ёрони дилбохта, аз дигар тараф оқибати пурхатари ин пинҳонкориҳо хоби ҳарсеро мегурезонд.

«Худои меҳрубон! — пичиррос мезад Аббос, мӯи оташдида барин дар ҷогаҳи худ печида.— Ба қудрату мӯъҷизаҳоят салавот! Ҳанӯз бовар намекунам; ки олиҳаи омолам Марзия аз ҳама пинҳон дар хонаи мо хобида бошаду ҳаёташро ба ман бахшад».

Диламро бурда аз ҷо сарвқадде, нозукандоме.
Тани гулбарги насрине, муқашшар мағзи бодоме.

Чу бӯи гул сабукрӯҳе, чу шабнам тезпарвозе,
Назарғонбшаве, тамкинсабо, симоб-ороме.

Қаломи чарбширине, забон бодоми қандине,
Даҳони пур зи эҳсону лаби омодаиъъоме.

Қади мисроъи рангине, варақафшон баногӯше,
Баёзи ғардани софе, муҷалло нуқраи хоме.

Салим Меъроҷ арӯсро гӯё бардошта ба лифт даровард. Духтарак маҷоли ба по истодан надошт. «Вой онаякат садқа, Марзиячон, ба ту чӣ шуд? Гӯр чашми ҳасуду нотавонбинҳо шавад!» — гӯён хонум Будур мурғи посӯхта барин гирдогирди ӯ медавид ва ду даст ба сар мезад.

Арӯсро бо эҳтиёт ба ҷогаҳ хобонданд, духтури ёрии таъҷилӣ ҷеғ заданд. Дорую дармони духтур ӯро андак карахт кард, вале нафъ нарасонд. Вай торафт бемадор ва мисли шамъи сӯзон об мешуд. Намози бомдод арӯс беозор ҷон дод. Дар хонаи навдомод Салим Меъроҷ тӯй ба азо мубаддал шуд.

* * *

Нозук то даме ки нокуси калисои «Пётри валй» аз субҳидам хабар дод, хоб накард. Вай чароғи карасинирo ба теппаи сар кашида, асари Зуннун Айюб—«Ҷиноят ва ҷазо»-ро хонд, ки аз муҳаббати пок ва фочиаи дӯшизан бекасу ятиме ҳикоят мекард. Тақдири шуми он духтараки софдил ва худи ӯ гӯё ки донаҳои як шаддаи марҷон буданд. Нозук вазъияти ногувори худро эҳсос карда беовоз мегирист, аз катраҳои оби дидагонаш болин тар мешуд. Меҳтари ҳаммол хуррак кашида масти хоб буд. Аз паси девор кӯдаки ширмаки ҳамсоя беором виғғос мезад.

Нозук пагоҳй, чашмонаш аз бедорхобй суп-сурх, ҷониби иморатҳои баланди соҳил ба роҳ даромад. Ӯ мехост сир бой надода хидматро дар хонаи Салим Меъроҷ давом диҳад. Ишкамаш ҳанӯз надамида чораи тифли бепадарро ҷӯяд, аз худи прокурор бо нармй маслиҳат пурсад.

Вай ба соҳил омаду аз дари иморати шинос надаромада навҳаи хонум Будурро шунид, ки «вой духтараки нокомам!» — гӯён рӯю мӯй меканд. «Наход арӯси нав мурда бошад? — як қад парид Нозук.— Ё худро куштааст? Захр хӯрдааст? Охир бечораи Марзия Аббосро дӯст медошт! Худаш чй гап?».

— Ҳа, омадй, ки ба ҳоли ман хандй? — ин саволи ногаҳонии Салим Меъроҷ, ки дар коридор пайдо шуда буд, Нозукро ба худ овард.— Гуфта будам, ки чанд вакт ба ту ҷавоб, ба ходима ҳоло эҳтиёҷе нест.

— О, аҳду паймонамон дигар буд-ку, ҷаноб? — ба илтиҷо даромад Нозук.— Ман охир ин хел...— ба ишкамаш сар хам кард ӯ.— Акнун дасти ману домани шумо. Ҷои дигари мерафтагй надорам.

— Вақтатро ёфтй! — дӯғ зад Салим Меъроҷ ва дарида ба хона даромад. Вай гӯшаки телефонро бардошта, ба кучое занг заду гуфт: — Магдалина? Ин шумо? Табрик не, таъзия гӯед, хонум. Ман одами нобарори бадбахт будаам. Арӯс вафот кард... Ҳа, ҳамин саҳар... Аз шумо як илтимос, хоҳарам...

Магдалина Мусирра духтари калонии архиепископ Ильёс буд. Архиепископ бо падари Салим дӯсти қарии буданду ба туфайли ин фарзандони онҳо низ якдигарро нағз мешинохтанд. Архиепископ Салимро хатто ба худ домод карданй ҳам буд, вале дину мазҳаби дигари ӯ ба ин кор имконият надод.

Магдалина Мусирра сардухтури бемористони касалиҳои рӯҳу асаб буд. Ба вай Салим Меъроҷ ноаён хабар дод, ки духтархонаи онҳо Нозук каме савдой шудааст, дар ин вақти танги гӯру чӯб омада, ба ҳама суханони пасту баланд мезанад, бешармона ишкам кушода аз ҳамду зино сухан меронад. Чӣ мешуд, ки ӯро ба бемористон бурда, ягон моҳ зери назорат гиранд. Хароҷоти табобати ӯ, чӣ қадаре ки шавад, албатта тани Салим Меъроҷ.

Сардухтур Магдалина бо як ишорат аз матлаб бохабар шуд. Ба ҳавлии Салим Меъроҷ зуд мошини «ёрии таъҷилӣ» фиристод. «Бо ин мошин аз аптека кафанборӣ овардан лозим будааст, ту гирифта биё» — гӯён Нозуки аз олам бехабарро савор карданд ва ӯро гирифта ба бемористон бурданду куртаи беостини тараng ба сараш андохтанд.

Дар ин мамлакат аркони давлат, амалдорони пулмаст бисьёр ҳарифони ғоявии худ, муборизони матини адолатро ба ҳамин восита маҳв мекарданд. Баъзе духтурҳои вичдонфурӯш савганди ба номи Буқрот хӯрдан худро шикаста, ба хизмати амирону вазирон камар мебастанд. Одами соғро ҷиниӣ эълон мекарданду ҳуҷҷат ва анализҳои калбакӣ месохтанд. Беҳуда набуд, ки хонум Магдалина Мусирра дар маъракаҳои аъёну ашроф гули сари сабад шуда менишаст ва ба дастбӯсии ӯ ҳатто худи губернатор таъзим карда меомад.

Шаби аввалини дар бемористон хобидааш Нозук бо сад машаққат куртаи беостини девонагиро аз сар кашида аз рӯйҷо арғамчин сохта, худро ба қубури туалет овехт. Ба наштарҳои паёпаю захролуди қисмат руҳи Нозук тоб оварда натавонист. Аз кор ронда шудан, ба доми фиреби Салим Меъроҷ фаромадан, бадномию истиқболи тира ва ниҳоят афтодан ба палатаи девонахона косаи сабри ӯро лабрез карда буд.

Ҳар кас, ки з-ни муҳит даме об мехӯрад,
То ҳаст, печутоб чу гирдоб мехӯрад.

Чун доғи лола ҳар кӣ сияҳкоса уфтод,
Аз ташнагӣ зи чашман хун об мехӯрад.

Рӯзи дигар Магдалина Мусирра монугир хулосаи тиббӣ навишт, ки Нозуки бемор дар авҷи кризис хафақон шуда ҷон дод.

БОБИ СЕЗДАҲУМ

Воқеаҳо чунон пай дар пай ва чунон бошиддат ба амал мепайвастанд, ки Салим Меъроҷ барин одами танпарвару хунсард, шахсе, ки оламро сел рӯфта равад, мижа намеҷунбонад, саросема шуда монд.

Дар айни талотӯби мотам аз ҳотели «Ассабоҳ» ба ӯ телефон карданд. Салим Меъроҷ бо асабоният гӯшакро бардошт.

— Алло, кӣ даркор? — пурсид ӯ.

— Гутен абен, Салим! — шунида шуд аз гӯшак овози занона.— Овозамро нашинохтӣ магар? Ман Марта. Се-чоррӯза бо писарчаат ба саёҳат омадем. Ғамгинам, ки палончи ман бемаҳал вафот кардааст.

— Бале, Марта. Қаҳван талх менӯшем, — базӯр овоз баровард Салим Меъроҷ.*

Аз телефон боз овози Марта баланд шуд, ки мегуфт: — Аз ҳаячон намедонам, туро табрик кунам ё таъзия гӯям. Хайр, мурда аз нав зинда намешавад. Ин қадар ғусса хӯрда, худро сил накун. Ана, писарчаат туро ёд карда омадааст, ман ҳам ба дидорат муштоқ. Фаромӯш накун, ки меҳри аввал ҳамеша баланд меистад. Ауфидерзейн!

Телефон дуд-дуд садо баровард. Марта дигар ба суҳани Салим Меъроҷ нигарон нашуда, гӯшакро ниҳод. Салим пушти гарданашро хорида ба саҳни ҳавлӣ баромад. Дар он ҷо аллакай одами бисьёр ҷамъ омада буду мошини мурдакашонро бо матоъҳои сиёҳ ва гулчамбарҳо оро медоданд...

* * *

Баъди дафни арӯс ва гузаронидани шаби сиёҳ полковник Гюнтер Салим Меъроҷро ҳамроҳи худ ба кӯча баровард.

— Ман ба баъзе корҳо шубҳа дорам,— гуфт ӯ, ба китфи Салими азодор даст ниҳода.— Боғбони профессор Маҳдӣ се рӯз қабл аз ин дидааст, ки ассистенти ӯ бо таксӣ Марзияро гирифта рафтааст.

— Чӣ? Марзияро? — ба гӯши худ бовар накарда пурсид Салим.

---

* Ба азодорон дар Арабистон қаҳван сиёҳро бе қанд медиҳанд. *(Эзоҳи муаллиф).*

— Бале, Марзияро,— таъкид кард полковник.— Боғбон қасам хўрд. Вай дурўғ намегўяд.

— Ман ҳеҷ чиз намефаҳмам, ҷаноби полковник. Майнаам тамоман гиҷ шуд.

— Кучои ин гап нофахмо? — қахр кард полковник.— О, ман дафъаи гузашта гуфта будам-ку. Биохимике, ки ҳучайраи зинда месозад, одам ҳам офариданаш мумкин. Ба фикри ман, Марзияи ҳақиқй пинҳон шудааст. Арўси ту нусхаи бебақои вай буд.

— Наход! — чашмонашро шоҳкоса барин кушод Салим. — О, ин хел бошад, ёфтан даркор. Фош кардан даркор. Марзия охир завчаи қонунии ман. Шумо чй маслиҳат медиҳед, ҷаноби полковник?

— Хозир ба хонаи ассистент меравем. Вай аз ҳама асрор бохабар. Маҷбур мекунем, ки бо таксй киро, ба кучо бурданашро гўяд.

Салим Меъроҷ миршаби мусаллаҳро бо мошинааш ҷеҳ зада овард. Бо машина ҳар се зуд ба ҳавлии Аббос равон шуданд. Диданд, ки дари кўча аз берун қулф, ба миршаб фармуданд, аз девор худро партояд. Миршаби ба ин хел корҳо машқаш расо дар як зум ҳавлй ва хонаҳоро тафтиш карда баромад ва гуфт, ки ҳеҷ кас нест.

— Ҳамсояашро бедор кунед! — амр дод полковник.

Ҳамсоя — як марди аёлманди курд аз тақ-тақи ногаҳонии нисфишабй ва дўғи миршаб тарсидаю ларзида ба берун баромад.

— Ин кампиру писараш кучо рафтанд? — пурсид миршаб аз ў.

— Намедонам. Ду рўз ин ҷониб дари кўчаашон қулф,— хабар дод ҳамсоя.

— Ту оё намедонй, ки хеши наздики онхо кй ва дар кучо зиндагй мекунад?

— Не, ҷаноб. Мо бо ин ҳамсоя ҳамту салому алек. Ба хонаи якдигар рафтуомад надорем. Хешаш он тараф истад, худашро ҳам дуруст намедонам.

— Ду-се рўз пеш ба ин ҳавлй ягон духтар даробаро надошт? Ё овозашро нашунидй?

— Не, ҷаноб. Ман саҳар ба кор мераваму хуфтан бармегардам. Қасеро надидаам...

— Гумонҳои ман комилан тасдиқ шуда истодааст,— гуфт полковник Гюнтер, даст ба манаҳаш бурда.— Ногаҳон вафот кардани арўси нав, ғайб задани ассистент... Акнун илочи ягона бо худи профессор рў ба рў шудан

ва лабораторияи ӯро тафтиш кардан. Рафтем, ҷанобон! Ҳар дақиқа ғанимат.

Баъди ягон соат мошини миршаб ба даромадгоҳи чорбоғи профессор Маҳдӣ омада истод. Қаравул домод Салимро шинохту дарвозаро яла кард. Вай гуфт, ки профессор нав аз лаборатория баромада рафт, ки хоб кунад.

Қаравул пеш-пешу се нафар меҳмони нохонда аз қафо рост ба хобгоҳи профессор Маҳдӣ омада даромаданд. Бо садои онҳо профессор аз ҷоғаҳ бархеста, хилъати шабпӯшакашро ба китф партофт ва ҳайрон-ҳайрон ба домодаш Салим, полковник Гюнтер ва миршаби мусаллаҳ нигоҳ кард.

— Мебахшед, ҷаноби профессор, ки хоби шабатонро безафт кардем,— гуфт полковник Гюнтер, бехтиёр даст ба чакка бурда.— Таъзияи бандаро қабул фармоед. Ба андӯҳи шумо шарикам, ки духтаратон ин хел бемаҳал қазо кард.

— Чӣ илоҷ? Қисмати пешона,— худро ором нигоҳ дошта ҷавоб дод профессор.

— Ассистенти шумо Аббос ба ягон ҷой рафтааст? — пурсид Салим бетоқат шуда.

— Аббос баъди тӯй як ҳафта аз ман ҷавоб пурсида буд. Намедонам, ки вай дар хонааш бошад, ё ба ягон ҷо сафар кардааст.

— Дар хонааш нест! — бо иллат ба гап катй шуд полковник Гюнтер ва ба тариқи фармон илова кард: — Шумо ҷаноби профессор, ҳозир ба мо лабораторияи таҳҳонаро нишон медиҳед. Хезед, рафтем!

— Ҳозир? Нисфишабй? — китф ҷунбонд профессор Маҳдӣ.— Ин кор магар пагоҳ мумкин нест?

— Мо дигар вақт надорем. Худи ҳозир дидан шарт,— гуфт полковник ва аз дасти профессор беодобона кашид, ки аз ҷойгаҳ зуд бархезад.

Профессор Маҳдӣ авзои корро фаҳмид магар, дигар баҳсу мунозираро зиёдатй шумурда, аз тумбаи пеши каташ калидҳоро гирифт ва ба пеш даромад.

— Фақат як илтимос,— гуфт ӯ, вақте ки онҳо чор кас ба дари таҳхона расида омаданд.— Ба лаборатория ману ҷаноби полковник дароем, бас. Ман ҳамаашро ба ин кас мефаҳмонам.

Полковник чӣ гуфтанашро андешида, андак дудила шуда истоду баъд даст афшонда розй шуд:

— Майлаш. Шумо, ҷаноби миршаб ва Салим афанди, маро ин ҷо интизор бошед.

Профессор Маҳдӣ қулфҳои мураккаби дари қӯшаи таҳхонаро як-як кушод ва бо полковник Гюнтер ба лаборатория даромад. Салим Меъроҷ ва миршаб сигор даргиронда, бо гулгашт қадам заданд. Онҳо дуртар аз лаборатория ба ҳараки чӯбини зери дарахти зайтун сӯҳбат карда нишастанд.

— Ин ҷаноби мағрибиро нашинохтам,— гуфт миршаб.

— Полковник Гюнтер. Аз Олмони Федерол меҳмон шуда омадаанд,— фаҳмонд Салим Меъроҷ. Аз ин воқеаҳои ғайричашмдошту ногаҳонӣ рӯзҳои охир майнаи вай дар ҳақиқат гиҷ шуда буд. Ду чаккаи сараш лӯқлӯқ дард мекарду ҳозир бисьёр мехост, ки ду қадаҳ қаҳваи сиёҳи талх бошад ва онро бо ҳаловат дам кашад.

«Арӯси ман нусхаи бебақои Марзия? — аз дил мегузаронд ӯ, ҳанӯз ба худ наомада.— Ин чӣ сафсата? Чӣ гумонҳои аблаҳона? Гюнтери лаънатӣ ақлашро хӯрдааст магар? Пас, ин лаборатория чӣ асрор дорад? Ҳозир язнааш ба немис чиҳоро мефаҳмонда бошад? Муаммоҳои сарбаста!»

Дар ҳамин вақт аз ҷонибӣ таҳхона ногаҳон садои чунон таркише баланд шуд, ки замину замон гӯё ба ларза даромад. Як табақ дари лаборатория парида, паҳлӯи дарахти зайтун — ба назди ҳараки Салиму миршаб нишастагӣ омада афтод. Тирезаҳои бинои шафат чингачинга шикастанд. Чангу хоку дуди ғализ рӯи ҳавлиро фаро гирифт. Салим Меъроҷи бе ин ҳам лакот аз ҳуш рафт. Миршаб сӯи телефони дарвоза давид, ки полисҳо, духтур ва командан оташхомӯшкуниро ҷеғ занад. Даруни таҳхона бензини авиационӣ барин аланга мезад. Аз ҷанголи ин оташи ҷаҳаннам ёфтани ҷасади профессор Маҳдӣ ва полковник Гюнтер амри маҳол буд, албатта.

БОБИ ЧОРДАҲУМ

Рӯзи чорум буд, ки Аббос бо модараш ва Марзия дар деҳаи Обшӯрон, дар ҳавличаи моҳигири пир Сулаймон зиндагӣ мекард. Ин деҳа дар нимҷазиран дарозрӯя ҷо гирифта, бештар аз як масҷиди майда ва дах-

понздах ҳавлии кулбаҳояш ҳақир биное надошт. Обшӯрон дар вақташ деҳаи басо ободу маъмур ва сернуфус будааст. Вале чор сол пеш, охири моҳи сунбула баҳр туғьён карда, нимчазира зери тӯфон мемонад, деҳа харобу аҳолӣ ҳалок мегардад. Ҳоло ба ин нимчазираи хилвати аз роҳҳои калон дар канор, ки оилаҳои мохигирони қашшоқ бо сардории имом Қутбиддин умр ба сар мебаранд, аз пойтахт аввал бо поезди роҳи оҳани камбар, баъд бо автобуси мусофиркашони туман ва ниҳоят пиёда ҳафт-хашт чакрим роҳ паймуда омадан мумкин буд.

Аббос, модараш ва Марзия ҳамон рӯзи фирор аз шаҳр саҳари барвақт ба роҳ баромада, танҳо ҳангоми ғуруби офтоб ба Обшӯрон расида омаданд. Сулаймони ҳамидакомат салому паём, савғо ва фиристодаҳои профессор Маҳдиро хушу хурсандона истиқбол кард. Гуфт, ки тамоми хоҳиши шиноси қадрдонашро бо ҷону дил ба ҷо меоварад.

— Мо бо қиблагоҳи бузургвори шумо чӣ хел шинос шудаем, медонед? — пурсид ӯ аз Марзия, қалъёнро дуд кунонда.— Не? Ба шумоён нагуфтаанд? Ба ин тақрибан дах сол зиёд шуд. Ман дар фабрикаи тамоку кор мекардам, боркашон будам. Рӯзе тойҳои вазнинро аз контейнер мефаровардем, миёнам шикаст, арақи сард аз сару рӯям рехту бехуш шудам. Чашм кушоям, дар қабулгоҳи беморхона, рӯи занбар хобидааму духтур мағал мекунад, ки харочоти табобатро кӣ медиҳад. Фабрикаи тамоку мо ба ин кор маблағ надорем гуфтааст. Ҳамин вақт падаратон ба аёдати беморе омада, он ҷо ҳузур доштаанд. Он кас ҳоли табоҳи маро дида, раҳмашон меояду тамоми харочоти муолиҷаро ба зиммаи худ мегиранд ва мефармоянд, ки маро зуд қабул карда хобонанд. Се моҳ дар касалхона хобидам. Ба дорую дармони ман пули бисьёре сарф шуд. Баъди сиҳат шуда баромаданам ҳам Маҳдӣ афандӣ то ҳол ба ман ёрмандӣ мекунанд, Ачаб одами раҳмдил ва саховатманданд падари шумо.

Аз рӯи супориши валинеъмати худ Сулаймони моҳигир бегоҳи ҳамон рӯз имом Қутбиддинро ёфта омад, ки хутбаи никоҳ хонад. Имом Қутбиддин, ки саллаи сурх дар сар ва камзӯли васею беостини бодиянишинон дар бар дошт, косаи обе назди худ ниҳода, аз пои кор шуд. Сулаймону Ҳамида ҳамчун кафил ду тарафи ӯ нишастанд. Аббосу Марзия никоҳ карда шуданд.

— Дар номаашон Маҳдӣ афандӣ тӯйро соҳӣ мекунем гуфтаанд,— фаҳмонд Сулаймони моҳигир ба имом Кутбиддин.— Мазмун, духтарашонро аз чанголи ягон наҳанг таъчилӣ халос кардан лозим шудагӣ. Лекин, худо умраша диҳад, домодашон ҳам худашон барин аҷаб чавонмарди дилбар будааст.

Сулаймони моҳигир имом Кутбиддинро зиёфат карданду савғоҳо дода, розӣ кунонда гуселонид. Ба арӯсу домоди нав як хоначаашро холӣ карда дод. Аббосу Марзияи ташнаи висол ба муроду мақсад расиданд. Чунон ки Хайём фармуда:

Гар даст диҳад зи маъзи гандум ноне,
В-аз май ду мане, зи гӯспанде роне,
Бо дилбараке нишаста дар вайроне...
Айшест, ки нест ҳадди ҳар султоне.

Хамин тавр рӯзи чорум буд, ки Аббос бо зани чавони худододаш дар деҳаи дурдасти Обшӯрон, бекабар аз корҳои чаҳон зиндагӣ мекард, ба Марзияи қиблапаноҳ ҳамчун ба меҳроб сучуд меовард. Акнун вай бетоқатона чашм ба роҳ медӯхт, ки профессор Маҳдӣ кай одам мефиристад ва оиҳо минбаъд чӣ кор хоҳанд кард.

Бегоҳ Аббосу Марзия ба тамошои баҳр баромаданд. Мавҷ баланд шуда, бо забони кафколуди худ регҳои соҳилро мелесид. Бо заврақчаҳои бодбондор аз дур моҳигирон аз шикор бармегаштанд. Ҳамин вақт самолёти реактивие бо тамғаи давлати Исроил чунон паст аз чунон боғирев гузашта рафт, ки зану шавҳари чавон беихтиёр ҳамдигарро ба оғӯш кашида, чашм ба осмон духтанд.

— Лаънатиҳо! — гуфт Марзия, рангаш канда.— Сарҳадро бемалол вайрон карда, дар сари мо парида мегарданд.

— Дар иваэаш,— ба гап катӣ шуд Аббос,— киштихон зернобии дӯстон ҳам гоҳ-гоҳ дельфин барин тахтапушти худро дар баҳр нишон медиҳанд. Вагарна лошаҳурҳои истилогар моро кайҳо помол мекарданд. Халки араб ҳомиёни бегараз дорад, танҳо нест.

— Ман хунук хӯрдам,— гуфт Марзия, зулфони аз шамол парешоншудаи болои баногӯшашро тахт карда.— Рафтем ба хона, азизам. Барвақт мехобем.

Дили Марзия низ аз тақдири дубли худ ва корҳои падари дар шаҳр мондааш хавотир буд, вале инро зо-

ҳир намекард, намехост, ки айши шавҳари мехрубонашро талх кунад.

Баъди хўроки шом вақти говгум Аббос барои обгирй ба чоҳ рафт, ки он аз кулбаҳо дур, дар чорраҳаи деҳа канда шуда буд. Аббос сатилро мӯнда арғамчини ғарғараро холй кард. Оби қаъри чоҳ оина барин ҷаракқос мезад. Дуртар аз чоҳ, паси қумтеппа марде диккак нишаста, бо дўлча аз чалак об ба сар мерехт ва нимғурма карда, дуои ғусл мехонд: «...Аниғтасалу ғуслан, миннал ҷанобати рафъан, лилҳадиси ва истебоҳатан ва лилбадани таҳоратан ва лиссалоти таққаррубан минналлоҳу таоло».

Аббос обро аз чоҳ кашида, акнун ба сатили худ холй карда истода буд, ки касе ногаҳон аз қафо ба китфаш даст зада, ўро як қад паронд.

— Натарсед, Аббос. Ин ман,— овоз бароварда шахси дар торикй пайдошуда.

Аббос аз овозаш шинохт, ки он шахс гумоштаи профессор Махдй Поль Муаввад аст.

— Чй ғаҳои нав, Поль? Дар шаҳр ҳама тинчй? — дарҳол пурсид Аббос хавотиромез.

— На он қадар тинчй,— гуфт гумоштаи профессор, бо нўги туфлиаш рўи рег хатҳо кашида.— Ман аз ҳама пинҳонй ва бо азоб ба назди шумо омадам...

Ва Поль Муаввад тамоми воқеаҳои ноҳуши дар шаҳр рўйдодаро ба Аббос муфассал нақл кард.

Аббос медонист, ки арўси Салим Меъроҷ зинда намемонад, вафот мекунад. Аммо хабари таркиши лабораторияи ва ҳалокати фочиавии мураббиву устодаш, амаки ғамхору некхоҳаш дили ўро кариб аз задан монд.

— Полисҳо дар ҳама ҷо шуморо мекобанд,— илова кард дар охир Поль Муаввад.— Овоза паҳн шудааст, ки гўё шумо ба профессор қасд кардаед, гўё шумо ба лаборатория моддаи тарканда гузоштаед. Инро, албатта, Салим Меъроҷ фикр карда баровардааст. Шумо, Аббос, бояд гурезед, зуд ба ягон ҷои дигари бехатар пинҳон шавед. Вагарна аз дасти ин нокасон ҳама кори қабеҳ меояд. Тўҳмат мекунанд, ба зиндон меандозанд, ба қатл мерасонанд.

Осмон ба сари Аббосои навдомод фурў рафт. Инҳо воқеахое буданд, ки дер пинҳон дошта наметавонистй.

— Эҳ, ба Марзияи наварўс мушкил шуд! — даст ба

пешона зад Аббос.— Вай ҳалокати падарашро шунавад, чй кор мекунад?

Поль Муаввад бо ҳарос ба Аббос чашм дӯхта, хитоб кард:

— О, Марзия ҳалок шуд гуфтам-ку! Акнун ба вай чй фарқ дорад, ки падараш зинда ё мурда? Рӯҳи ҳарруяшон ҳозир дар он дунъё гаштааст.

— Не,— гуфт оҳ кашида Аббос.— Вай зинда. Арӯси ман намурдааст.

— Марзия зинда? Марзия арӯси шумо? — гиребони худро дошта монд гумошта.

— Бале,— такрору таъкид кард Аббос.— Марзия дар ҳамин кулбаи моҳигир. Ана, ҳозир равем, мебинед.

Ва Аббос ба Поль Муаввад воқеаро тавре накл кард, ки ба ақли инсони оддй ғунчад. Вай гуфт, ки Марзия ба Салим Меъроҷ расиданро қатъиян рад карда буд. Барои ҳамин профессори марҳум ҳилае кор фармуд. Як духтараки касали бекасу ятимро, ки ба Марзия чудо монанд буд, ёфта воқеаро ба ӯ фаҳмонд, ӯро ба ҷои Марзия ба паҳлӯи домод шинонд. Марзияю Аббос бошанд, саҳари тӯй ба ин тараф гурехта пинҳон шуданд ва дар ҳамин деҳа ақди никоҳ карданд.

Поль Муаввад дарача ба дарача ба шарҳи на он кадар эътимодбахши Аббос бовар кард. Хурсанд шуд, ки ягона фарзанди профессор Маҳдй зинда мондааст. Баъд онҳо дукаса маслиҳат карданд, ки Ҳамидан кампирро назди Сулаймони моҳигир монда, шабона ҳар се пинҳонй ба пойтахт бармегарданд. Воқеаро дар роҳ оҳиста ба Марзия мефаҳмонанд. Дар шаҳр илочи ба ягон киштй, самолёт ё поезди байналхалқй нишаста, ба хорича гурехтан ёфт мешудагист.

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар ватан дорам ҳанӯз,
Такья чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз.
Ғунчаи гулро насими субҳ урьён карду рафт,
Соддалавҳй бин, ки фикри пираҳан дорам ҳанӯз.
Шамъҳо рафтанд, аз парвона осоре намонд,
Базм барҳам хӯрду фикри анҷуман дорам ҳанӯз.

Аббос, Марзия ва Поль Муаввад ба пойтахт бо эҳтиёти тамом нисфишабй расида омаданд. Гумошта зану шавҳари чавонро ба ҳавлии як хешовандаш бурда пинҳон кард. Гуфт, ки фардо авзои корҳоро фаҳмида ба як қарор меояду бармегардад. Инҳо сабр карда, аз ҳамин ҳавлй беруи набаромада мунтазири ӯ бошанд. Ҳатто ба

соҳибони ҳавлӣ сир бой надиҳанд. Бо ҳамин сабаб Марзия, ки дар роҳ аз воқеа огоҳ гашта буд, ҳезуми тар барин дарун-дарун месӯхт, ҳалокати ғайричашмдошти падари азизу беозораш дилу ҷигарашро реш-реш мекард, вале зоҳиран худро ором нигоҳ медошт.

БОБИ ПОНЗДАҲУМ

Поль Муаввад ба назди Аббосу Марзия рӯзи дигар карибиҳои шом баргашт. Гуфт, ки сараш сахт асту намедонад чӣ маслиҳат диҳад. Дар деворҳои бандаргоҳ, вокзал ва аэропорт сурати Аббосро ҳамчун ҷиноятгкори гуреза часпонда мондаанд, полисҳо мусофирон ва бору бӯғчаҳоро бо диққат аз назар мегузаронанд. Илоҷи ягон роҳбалади наклиётро ба гап андохтану пора додан нест.

— Майлаш, мо боз сабр мекунем. Шумо равед,— гуфт Аббос, ки дар дил нақшаи дигар мекашид.

— Охир ин ҷо истодан ҳам хатарнок. Оламу ҳодис,— пушти гарданашро хорида монд Поль.

— Ман як ошнои дил пур мешудагӣ дорам,— хотирҷамъ кард ӯро Аббос.— Ториктар шавад, ба хонаи ҳамон меравем.

— Мабодо, ба хонаи Меҳтари ҳаммол наравед?— гуфт Поль.

— Чӣ? Ба он ҷо ҳам одам мондаанд? — пурсид Аббос.

— Не, инашро намедонам,— фаҳмонд гумошта.— Лекин бечора Нозукро ҳамон пагоҳи тӯй бо фиреб бо мошини ёрии таъҷилӣ ба бемористони касалиҳои руҳӣ гирифта рафтанд. Меҳтари ҳаммол «дӯхтарам ҷинӣ не!» гӯён бо духтурҳо дасту гиребон шудааасту ӯро низ полисҳо кашола карда бурдаанд.

— Ин хел бошад, аввал Нозукро аз он ҷо халос кардан лозим,— саросема шуд Аббос.

— Дер шуд,— гуфт Поль Муаввад чашм ба замин дӯхта.

— Чаро? — пурсид Аббос.

— Нозук дар бемористон хафақон шуда мурдааст. Духтурон ҳамин хел хабар додаанд.

— Лаънат ба Салим Меъроҷи сархӯр! Куштан даркор ӯро! — мушт гиреҳ кард Аббос.

— Ҳа, воқеан, ин мактуб ба шумо,— гуфт гумош-

та аз бағал конверте бароварда.— Қариб фаромӯш кардаам.

— Чӣ хел мактуб? Кӣ дод? — ҳайрон шуд Аббос, конвертро, ки дар рӯяш чизе навишта нашуда буд, ба даст гирифта.

— Як одами айнакдори ачнабӣ дод. Ба чорбоғ омада, оҳиста ба дастам доду илтимос кард, ки ба шумо расонам. Ман ӯро агенти полис пиндошта рад кардам, «дар кучо будани Аббосро намедонам» гуфтам. «Ин хати хеле муҳим,— боз илтимос кард ӯ.— Қай ки бо Аббос дучор шавед, месупоред». Ҳамин тавр хатро доду рафт. Хайр, ман ҳам меравам,— саросема аз ҷой хест Поль Муаввад.— Шумоён ҳар кучо бошетон, эҳтиёт шаветон.

Дида мешуд, ки Поль Муаввад аз бало хазар гӯён худро канор мекашад. Метарсад, ки ҳамроҳи Аббос ӯро касе набинад. Соҳибони ҳавлӣ низ аз Аббосу Марзия хавф бурда безобита буданд. Намедонистанд, ки аз ин меҳмонҳои нохондаи гуреза чӣ хел халос шаванд.

Бинобар ин вақте ки гумошта рафту ҳаво ториктар шуд, Аббосу Марзия бахт аз таваккал ба кӯча баромаданд. «Ҳатто ба хатхонӣ фурсат нашуд,— аз дил мегузаронд Аббос, дасти Марзияро дошта.— Наход акнун ватанамонро тарк кунем?» Вай беихтиёр ҳикоятҳои Абдулмасеҳ Ҳаддод ва Михоел Нуаймаро оид ба ҳоли муҳоҷирон ба хотир меовард. Шунида буд, ки зери маноран боҳашамати Эйфель дар Париж ё қафои ҳайкали бузурги озодӣ дар Нью-Йорк чӣ дарду доғҳое ниҳон аст. Лекин ин ҷо истодани онҳо дигар асло мумкин набуд. Салим Меъроҷ алами Исоро аз Мӯсо гирифта, онҳоро ҳатман ба даст меафтонду беамон ҷазо медод.

Бо ҳамин минвол Марзияю Аббос аз хиёбонҳои калону кӯчаҳои чароғон гурехта, аз паси биноҳои баланду аз тангкӯчахои качукилеби хилват гузашта, як соат зиёд роҳ рафтанд. Кӯшиш мекарданд, ки бо одамон вонахӯранд, рӯяшонро касе набинаду нашиносад, сиҳату саломат аз ин лабиринти махуфи шаҳр бароянд. Марзияи бечора, ки рӯяшро бо чодар панаҳ карда буд, бедармон шудаву пешпо хӯрда, аз паҳлӯи Аббос қадам мезад.

Аз висоли ӯ маро шуд нотавоён бештар,
То маро давлат муяссар шуд, шудам дарвештар.

Тозатар шуд, Сайидо, доғи дил аз пайғоми ӯ,
Гунчаи гул аз насими субҳ гардад рештар...

То ғунчаи шикояти ман во намешавад,
Ин укдаҳо зи зулфи сухан во намешавад.

Сад ханда булбул аз гули тасвир во кашид,
Он ғунчалаб ҳанӯз ба ман во намешавад

Зангн кудурат аз дили ғурбатпарасти ман
Бе сайқали ҷилои ватан во намешавад.

Аз санги кӯдакон битарошед лавҳи ман,
К-ин хор-хор аз сари ман во намешавад.

Хуш вақти булбуле ки тавонад сафир зад,
З-афсурдагӣ лабам ба сухан во намешавад.

Эй ақли хушкмағз, бирав, дарди сар мадех,
Бе бода табъи аҳли сухан во намешавад.

Соиб, кучо равем, ки ҳар чо, ки меравем,
Аз сар ҳавои ҳубби ватан во намешавад.

Аббосу Марзия хаставу ҳаросон ба майдони «Баалбек» мешитобиданд, ки дар яке аз биноҳои панҷошъёнаи он ду моҳ пеш сафоратхонаи Иттиҳоди Шӯравӣ кушода шуда буд.

* * *

Як ҳафта гузашт. Марзия аз ваннахона мисли садбарги шабнамзада сурху тару тоза баромад. Аз вуҷуди ботаровати вай ба хона бӯи хуши собуни ироқӣ ва оби зулол паҳн мешуд.

— Об хароб, Марзия хонум фарбеҳ,— гуфт Аббос, ӯро сабук ба оғӯш кашидаю аз лабони ақиқаш бӯсида.

— Ташаккур, азизам! — ҷавоб дод Марзия, ба паси хонтахтаи наҳорӣ хандону шукуфон нишаста. Вай ба қадаҳи қаҳваи сиёҳ ду параха қанд андохта, бо қошуқча онро кофта-кофта, илова кард: — Аббос, илтимос мактубро боз як бор хонед. Биёед, дар паҳлӯям шинед.

— Ҳозир, ҷони ширин, ҳозир,— гуфт Аббос ва конвертро аз багалкиса бароварда, ба паҳлӯи занаш нишаст.

Онҳо, маълум набуд, ки ин хатро бори чандум мехонданду завқ бурда, аз оқибати корҳои ҷаҳон сӯҳбат мекарданд. Дар мактуб чунин навишта шуда буд:

«Салом, шогирди содиқам, домоди шоистаам Аббос!

Ин хатро амакат-профессор Махдӣ аз Швейцария менависад. Бале, ҳайрон нашав, Аббос. Ман зиндаву саломат, дар ин кишвари хушбӯ ҳавои Аврупо дуои ҷони шумоён-фарзандонамро карда гаштаам.

Ман аз ҳамон рӯзе, ки Салим Меъроҷ аз Бонн баргашту ба ҳавлии мо тор танид, дарҳол фаҳмидам, ки агентҳои хориҷӣ чӣ мақсад доранд. Ҷанобони гюнтерҳо ният доштанд, бо ҳар воситае набошад, маро ба дом худ кашанд, кашфиёти маро бо мақсадҳои ҳарбию таҳдид истифода баранд. Ман медонистам, ки онҳо дар роҳи ин нияти ифлоси худ зорню зар кор мефармоянд, нашавад, зӯрӣ мекунанд. Барои ҳамин шаби тӯй аз ҳавлии шумоён баргашта дубли худро офаридам, программаи амалиётро ба ӯ фаҳмондам ва худ субҳдам рахти сафар баставу зоди роҳ гирифта, ба аэропорт рафтам. Фоҷиан лабораторияро омада дар ҳамин ҷо шунидам. Инро бин, ки ачалаш кашола карда, полковник Гюнтер низ ҳамроҳи дубль ба таҳхона даромадааст.

Бале, Аббос. Лаборатория бояд метаркид, беному нишон мешуд. Вагарна аппаратураи ман дар дасти чангчӯён боиси даҳшатҳои нав мегардид. Чунон ки шоир мегӯяд:

Мурги кохилтабъам аз доми фалак беруи парафт,
Умри худро сарфи обу донаи сайёд кард.

Аз ин риёзати доманадор дастбурди ман чӣ мешавад, надонистам. Мо олимон баъзан бо нияти нек кашфиёте мекунему ба сари халқ балоҳои нав меояд. Бинобар он ман ба қарори болой омадам. Бигузор кашфиёти ман ва худи маро бебозгашт талафшуда пиндоранд, аз асрори ин бехабар монанд. Аммо ман ин ҷо имконият ёбам, тадқиқотро рочеъ ба эҳьёи ҳуҷайра давом медиҳам. Тасаввур кун, ки бемореро узве аз кор баромад. Онро бо ҳуҷайраҳои нави зинда барқарор кардан мумкин мешавад.


Насиҳати ман ба тую Марзия ин, ки муддате ба ягон мамлакати хориҷа паноҳ баред. Дар кишвари мо то даме, ки салимҳо вучӯд доранд, шумо барин табаҳои поквичдон рӯз намебинанд. Зинда будани маро касе нафаҳмад. Кӣ медонад, балки дигари азняткашидан мо низ рӯзе ба демократияи ҳақиқӣ мебарояду ҳамаамон боз ба оғӯши гарми он бармегардем ва якҷоя барои тараққиёту ободиаш муборизе мебарем.

Ба духтари азизам, нури чашмам Марзия саломи гарму чӯшон расон. Ман хушбахтӣ ва осоиштагии шуморо мехоҳам, фарзандонам. Воқеан, ба банки «Синдбод» ман ба номи Марзия андак пул мерос мондаам. Онро гирифта ба рӯзгор ва маишати худ бемалол сарф кунетон.

То мактуби оянда хайр!

Падари шумоён профессор *Маҳдӣ*».

С. 1977



ОЧЕРКИ

ЛАЪЛ АЗ САНГ

Баландӣ ёфт, кӯҳ аз пой
дар домани кашиданҳо,
Сари селоб бар санг омад
аз бечо давиданҳо.

Аз Ҳасрат

I. «САЁҲАТИ БАЪДИ ТӮЙ»

Дар деҳан харобаи Бувед фасли баҳор ҳамон сол дер омад. Раъду барқ замину замонро ба ларза меоварду кӯдакони маъсум аз ҳайбаташ сари худро ба ғалӣ падару модарон панаҳ мекарданд. Овозаҳои мудҳиш паҳн мешуд, ки кадом як қишлоқро ғел рӯфтааст ва дигар як дараро тарма пахш кардааст. Кӯҳистони беаввалу охир сокинони худро ҳамин тавр дар қафаси тарсу ҳарос ба нотавонӣ нигаҳ медошт.

Дар як кулбаи сангдевори тангу тор, ки ба кишвари кӯҳни Бадахшон хос — гирдогирд суфаю дар шифт тӯйнук дошт, зану марду пиру ҷавон — одамони бисьёре аз борони баҳор гурехта, даврa менишастанд. Пиразане аз танӯри заминни даруни хона ҷаппотиҳои калонкалони тафсонро канда ба даруни корсони чӯбин таҳ мекард. Бачаякони бараҳнаю гурусна чашм аз корсон наканда, оби даҳони худро қулт-қулт фурӯ мебурданд. Рӯдаҳои хушкгаштаи онҳо аз ғалаёни иштиҳо печутоб мехӯрд.

Дере нагузашту аз паси пардае, ки дар як гӯшаи кулба кашида шуда буд, пешу қафо домоду арӯси нав салом дода баромаданд.

— Ваалайкум ассалом,— гуфт пирамарди пешгаҳнишин ва болои пӯстакро ишорат карда, онҳоро ба нишастан таклиф намуд.

Домоду арӯс дар назди аҳли хонаводаи худ шарм доштаву сурх шуда ва аз замин чашм наканда, дар қатор нишастанд.

— Ба шумо, фарзандонам, роҳи сафед металабам,—

сухани худро давом дод пирамард.— Аз худо умед дорам, ки сарҳисоби зиндагии худро ёбед ва бабахт шавед.

— Гӯр нодорию қашшоқӣ шавад,— гуфт пиразан, сарпӯши танӯрро пӯшонда ва чашмони аз дуд обкушодан худро бо остин пок карда.— Аз ин кӯҳистони сангистон ғайр аз акси садо дигар мададе нарасад, чӣ илоҷ? Дар пиронсолӣ насиби мани чафокаш акнун фироқи фарзанд мешавад. Ҳар куҷо бошеду саломат бошед, нури дидагонам. Аз дасти мани оҷизаю нотавон дуои ҷони ҷавонатонро кардан меояду бас. Мо надидем, шояд шумоён рӯи серию рӯзи равшанро бубинед.

Баъди як ҳафтаи тӯй ба домоди нав — Сулаймонбек аҳли хонавода ҳамин тавр фотиҳа ва тӯшаи сафар доданду ӯро ба роҳи дурударози ҷустуҷӯи бахт гусел карданд.

Сулаймонбек ва зани ҷавони ӯ, лоқупари ночизи наврӯзгорӣ дар тахтапушт, рӯ ба офтоббаро ба «саёҳати баъди тӯй» баромаданд. Ҷудой аз ёру диёр ҳарчанд аламангезу рикқатовар буд, онҳо тан ба тақдир дода, ба умеди ёфтани ҷою ҷалоли нав қад-қади рӯди пурғуғьён ба муқобили ҷараён қадам мезаданд. Сулаймонбек нағз медонист, ки як порча замини санглохи аз бобо мерос монда дигар барои хӯрондани ин оилаи калон — падару модар ва зану бачаҳои панҷ бародари ӯ қодир нест. Ӯ маҷбур буд бо зани ҷавони худ дар ҷустуҷӯи сарпаноҳи нав аз қишлоқ баромада равад.

Дарьёи Панҷ болотар аз қишлоқи онон ба се шоха ҷудо мешавад. Яке аз онҳо — аз ҷониби Ишкошиму Ваҳон, дигаре — рӯди Ғунд аз доманаҳои Мурғоби дурдаст ва сеюмӣ Шохдара аз дараҳои Ҷавшанғоз ҷорӣ шуда меоянд. Арӯсу домоди нав сафари қад-қади рӯди Ғундро салоҳ донистанду дар қатори як гурӯҳ хонабардӯшони дигар дар ҷустуҷӯи порае замини кишт ё чарогоҳи сералафу бесоҳиб ба роҳ даромаданд. Ягона пайраҳан танги соҳили рӯдро ҷо-ҷо тармаҳои барфи сангомехта батамом баста буд. Мусофирон ҷон ба каф нихода, аз болои харсангҳои дӯнги сари роҳ оҳувор мечаҳиданд, аз рӯдчаҳои шӯҳоб то миён ғӯтида мегузаштанд. Сулаймонбек аз бозуи завҷаи дар ҳарос мондан худ маҳкам дошта, ӯро ба далерию тоқат ташвиқ карда, дар дил чунин байти машҳурро мехонд, ки ба вазъияти ҳозираи онҳо басо муносиб буд:

Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони марг
Дар сари мижгон чу ашк истодай, хушьёр бош.

заминро зан карда мегираму то мурдан аз ин ҷо намеравам:

Бихишт он ҷо, ки озораш набошад,
Қасеро бо касе кораш набошад.

— Хой, шугнии серманах,— шўхӣ кард Сулаймонбек.—Ин қадар бисьёр чоғ назан, нафасат ба дарун меафтад. Намебинӣ, ки ин ҷо ҳаво ниҳоят тунук асту хатто нафаскашӣ мушкил. Ма, ба даҳонат камтар талқон андоз.

— Талқонро ба арўси ҷавонат нигаҳ дор. Ба мани муҷаррад мана ин ревоҷи худрўид ҳам шудан мегирад,— илтифоти ўро рад кард ҷавон.

— Ҳамаро монед, ки барои чӣ ин ҷоро Ванқалъа мегуфтаанд? Ванаш чӣ маъно дошта бошад?— пурсид каси дигар.

— Ван ана ҳамин дарахтони пастаки буттанусхаю бедбашарааанд,— гўён Сулаймонбек дарахтони ачиби лаб-лаби рўдро ба ў нишон дод.

Ҳамин тавр онҳо Ванқалъаи санглохро манзил гузиданд ва козаҳои муваққатӣ сохтанд. Ҳар як онла барои эҳтиёҷоти худ се-чорбўръёгӣ заминро аз сангҳо тоза карда ҷаву боқила ва гандуми бобиллой кишт. Онҳо то назди бошишгоҳи худ аз чашмаи хурди пуштаи кўҳ ҷўй канданд, аз ниҳоли ван якчандтой кўчат шинонданд.

Солҳо гузаштанду ин чанд хоҷагӣ бо эҳтиёткорӣ, сабру тоқат ва меҳнати сахт ҳисоби ризқу рўзии худро аз ҳамин санглохзамин меёфтагӣ шуданд, зиндагияшон ҷон гирифта, бачаҳон нав таваллуд ёфтанд. Табиати берахму саркаши кўҳистон онҳоро маҳв карда ё гурезонда натавонист. Хушбахтона, ҳанўз ҳоким ё амлокдоре аз ин қишлоқча бохабар нашуда, дар Помир низ Ҳукумати Советӣ эълон гардид ва заҳматкашони Бадахшон хўҷаини саодат ва замини худ шуданд.

2. ЗИНДАГОНИИ НАВ

Сулаймонбек ба писари нахустини худ Чоршанбе ном дод. Ин на барои он буд, ки «чоршанбе, рўзи муродбахш» бошад. Асло! Писараш дар шаби чоршанбе ба дуньё омада буд. Чоршанбе ҳанўз аз хурднаш бачаи тану тўшдор ва шуданӣ буд. Вай чаққон-чаққон

Водии Ғунд, дурусттараш дараи танги рӯди Ғунд, аз байни чиболи ҳайбатнок ва сар ба фалак кашидаи Шуғнону Рӯшон мисли лабиринт печутоб хӯрда, дар бағали худ чо-чо деҳачаҳои майдаеро чо дода, боло мерафт. Баъди чандин шабу рӯзи сафари тоқатшикан қишлоқҳои Сучон, Боғев, Манем, Ривак, Мун, Деҳбаста ва Вер ба қафо монданд. Ҳаво торафт сардтар ва задани дилу нафаскашӣ тезтар мешуд. Аз офтоби сӯзону шамоли сард дасту рухсораҳо чигарранг шуда, пӯсташон шахшӯл ва парсингбаста мегашт.

Тӯшаи сафари мусофирон торафт кам шуда, гурусногӣ ва кӯфти роҳ оҳоро беҳолу бемадор мекард. Аз кисмати бераҳму шафқати худ ба дод омада, касе дам ба дам бо овози хафаю дилхарош месуруд:

Модар, модар, чаро калонам кардӣ?
Ширам додию чабр ба чонам кардӣ.
Аввал ба азизиҳо калонам кардӣ,
Охир ба ғарибиҳо равонам кардӣ.

Сулаймонбек гумон карда буд, ки оҳо ба зудӣ чои фарохе дармеёбанд. Вале ҳар як фарохии андаки ду соҳили Ғундро мусофирони пешина аллакай манзилу макон карда буданд ва ба инҳо ягон вақаб замини бесоҳиб вонамехӯрд. Мусофирон ниҳоят баъди як шабонарӯзи дигар дар Ванқалъа ном маҳалле қарор гирифтанд. Аз рӯи гуфти чӯпонҳо дар ин чо алҳол ҳоким ё заминдоре набуд. Вале дар ивазаш фарохии домани кӯҳ дар ин чо ба дараҷае санглох буд, ки дар ҳар қадам пешонаи кас ба харсанге бармехӯрд. Ғайр аз ин рӯди Ғунд хеле аз пастӣ, аз чарӣ чорӣ шуда, замини атрофро аз оби худ бенасиб гардонда буд. Шояд ин маҳал замоне деҳаи сернуфусу обод бошаду хучуми тарма ва ё заминчунбии ногаҳоние, ки рӯй додани ин гуна ҳодисот дар кӯҳистони Помир аз эҳтимол дур нест, онро ба чои харобу хилват мубаддал кардааст.

— Ҳарчӣ бодо бод дар ҳамин чо манзил мекунем,—гуфт ба занаш Сулаймонбек, ки дигар тобу тоқати қадам задан надошт.— Қулбачае месозему заминро аз сангҳо тоза карда, ба киштукор машғул мешавем. Худо мехрубонӣ кунаду молуҳолдор шавем, ана алафҳои пуштаҳои атроф низ дар ихтиёри мост.

Таклифи ӯро писандида, як мусофири дигар ба болои харсанге баромаду илова кард:

— Аз ҳама хубияш ин, ки дар ин чо худамон ба худамон хӯҷаин. Акнун аз деҳаи ҳамсоя ягон духтари но-

заниро зан карда мегираму то мурдан аз ин ҷо намеравам:

Бихишт он ҷо, ки озораш набошад,
Қасеро бо касе кораш набошад.

— Хой, шуғини серманах,— шўхй кард Сулаймонбек.—Ин қадар бисьёр чоғ назан, нафасат ба дарун меафтад. Намебинй, ки ин ҷо ҳаво ниҳоят тунук асту хатто нафаскашй мушкил. Ма, ба даҳонат камтар талқон андоз.

— Талқонро ба арўси ҷавонат нигаҳ дор. Ба мани муҷаррад мана ин ревоҷи худрўид ҳам шудан мегирад,— илтифоти ўро рад кард ҷавон.

— Ҳамаро монед, ки барои чй ин ҷоро Ванқалъа мегуфтаанд? Ванаш чй маъно дошта бошад?— пурсид каси дигар.

— Ван ана ҳамин дарахтони пастаки буттанусхаю бедбашарааанд,— гўён Сулаймонбек дарахтони аҷиби лаб-лаби рўдро ба ў нишон дод.

Ҳамин тавр онҳо Ванқалъаи санглохро манзил гузиданд ва козаҳои муваққатй сохтанд. Ҳар як оила барои эҳтиёҷоти худ се-чорбўръёгй заминро аз сангҳо тоза карда ҷаву боқило ва гандуми бобиллой киштанд. Онҳо то назди бошишгоҳи худ аз чашмаи хурди пуштаи кўҳ ҷўй канданд, аз ниҳоли ван якчандтой кўчат шинонданд. Солҳо гузаштанду ин чанд хоҷагй бо эҳтиёткорй, сабру тоқат ва меҳнати сахт ҳисоби ризқу рўзии худро аз ҳамин санглохзамин меёфтагй шуданд, зиндагияшон ҷон гирифта, бачаҳои нав таваллуд ёфтанд. Табиати бераҳму саркаши кўҳистон онҳоро маҳв карда ё гурезонда натавонист. Хушбахтона, ҳанўз ҳоким ё амлокдоре аз ин қишлоқча бохабар нашуда, дар Помир низ Хукумати Советй эълон гардид ва заҳматкашони Бадахшон хўҷаини саодат ва замини худ шуданд.

2. ЗИНДАГОНИИ НАВ

Сулаймонбек ба писари нахустини худ Чоршанбе ном дод. Ин на барои он буд, ки «чоршанбе, рўзи муродбахш» бошад. Асло! Писараш дар шаби чоршанбе ба дунье омада буд. Чоршанбе ҳанўз аз хурдиаш бачаи тану тўшдор ва шуданй буд. Вай чаққон-чаққон

ба падару модараш ёрй медод, тамоми рӯз бузу гӯсфанд мечарронд, алаф медаравид, ҳезум мечид ва то бевақтиҳо ин тараф то соҳили Ғунду он тараф то сари Чашмаи Боло оҳувор боло-болои сангҳо давида мегашт. Ҳаракати бисьёр ва ҳавои тозаи кӯҳистон ҷисму ҷони ӯро обутоб медоданд ва қавй мекарданд.

— Худо умраша диҳад, писарамон хеле бағайрату ҳушьёр аст,— мегуфт Сулаймонбек ба занаш.— Ҳа нагуфта вай ба камол мерасаду ба паҳлуи ман даромада кор мекунад.

— Умеди ман ҳам ҳамин,— ҷавоб медод зан, аз фарзанди худ фахр карда.— То он вақт охир, насиб бошад, замини киштамонро боз васеъ мекунем, ягон хонаи мустаҳкам месозем, бузу гӯсфандамон ҳам зиёд мешудагист... Лекин Чоршанбе ҷудо шӯх-дия. Дилам донм хавотир, ки аз теғае афтода маъюб нашавад, ё дар обхезй ба Ғунд нафарояд.

— Худо нигоҳ дорад,— занашро хотирҷамъ карда мегуфт Сулаймонбек.— Писарбача дар хурдияш чи қадар шӯх бошад, калон шуда ҳамон қадар зираку чашми кордон мешавад. Вай шӯх бошад ҳам, шукр, дастьёри гапдаро. Ҳар кор фармоям, диламангй барин ва тез ба ҷо мебиёрад.

Чоршанбе дар ҳақиқат писараки зеҳнаш тез ва кунҷков буд. Вай ба кӯҳҳои қуллосафеди атроф, ба осмони абролуду моҳи танҳогард, ба мавҷҳои ҷастухезкунандан Ғунди тезутунд бо диққат ва ҳайрати фавқулодда назар медӯхт, ҳама чизро ҳарисона дониста гирифтанй мешуд. Аввал гумон мекард, ки тамоми олам мисли ана ҳамин Ванқалъаи онҳо аз сангу кӯҳ иборат аст. Фаҳмидан мехост, ки Моҳу Офтоб дар паси ин қуллаҳо ба куҷо мефароянд ва оби шӯхи рӯд рафта-рафта дар куҷо қарор мегирад.

Дере нагузашта овозаҳои хуш паҳн шуданд, ки Ҳукумати Советй то дурдасттарин гӯшаҳои Бадахшони Советй роҳҳои нави машинагард кушоданист! Баъд бо он роҳҳо ба сокинони кӯҳистон читу ғазвори арзон, қанду ғаллаи фаровон, масолеҳи бинокорй ва асбобҳои хониш оварда мешаванд. Духтуру муаллимон меоянд, бачаҳо савод меомӯзанд, зиндагй осудаҳолона мешавад.

Ба Чоршанбеи наврас накл мекарданд, ки роҳҳои наве, ки аз паҳлуи қишлоқи ӯ сохта истодаанд, то ба водиҳои Фарғона ва дашту саҳрои Россия рафта мепайвандад. Дар он ҷоҳо замини кишт ва ҷангалу баҳр беҳу-

дуданд, шахрҳои калони сернуфус ва аҳолиботу ғароботи бисьёр мавҷуданд.

Бо мурури солҳо Чоршанбе ҷавони баркамол гардид. Ҳудуди сайругашт ва доираи доишшу ҷаҳонбинии ӯ беш аз пеш васеъ мешуд. Боре вай ҷуръат карда, то худи Хоруғ пиёда рафт. Дар он ҷо курси кӯтоҳмуддати маҳви бесаводиро хатм кард. Сонӣ ба Ванҷалъа баргашта, худ омӯзгори мактаби маҳви бесаводӣ шуд.

Мардуми аз зулму асорати чандинасран хокиму эшон озодшудаи Помир, чунонки наботот ба нури офтоб, ба илму маърифат майлу рағбати пурзӯр зоҳир мекарданд. Ҷавононро Ванҷалъа низ аз забони аввалин омӯзгори худ—Чоршанбе Сулаймонбеков савод ва дарси ҳаёти нав меомӯхтанд.

Рӯзе як пирамарди ҷоҳил «Ин ҷавон ба фарзанди ман дарси шайтанату куфр ёд медиҳад» гӯён дар паси харсанге камин гирифт ва ба сари муаллими раҳгузар санги серқирае ҳаво дод.

Аз ин сӯиқасди ногаҳонӣ Чоршанбе «воҳ» гуфта, каллаи худро дошту дуньё ба назараш тираву тор гашт ва аз ҳуш рафта ба замин афтод. Ӯро шогирдонаш ёфта ба хона оварданд.

Чоршанбе, баробари осори ҳаёти нав дар кӯҳистон, қувват мегирифт ва сиҳат меёфт. Ҳеҷ гуна зиддияту бӯҳтони душманон пеши азму кӯшишҳои ӯро дар роҳи мақсадҳои наҷибаш гирифта натавонистанд.

Вақте ки масъалаи муттаҳид кардани хоҷагиҳои якқадаст ба миён омад, Чоршанбеи 20—22-сола ҷавонмарди аз одаму олам бохабар ва бо ақлу заковаташ одами обрӯманду маслиҳатчии деҳаи худ шуда буд.

Ванҷалъа аз сатҳи баҳр қариб сеюним ҳазор метр баланд буда, дар байни силсилакӯҳҳои Рӯшону Шуғнон ҷой гирифтааст. Агар азоби дар зимистон бо ему хошок таъмин кардан ва аз сармо саломат нигоҳ доштанашро соқит кунем, дар ин ҷо чорводорӣ манбаи муҳими зиндагӣ аст. Дар ин ҷо қариб ҳама гуна мол — аз бузу гӯсфанд то гову ғижгов (қӯтос) худро нағз ҳис мекунад ва сермаҳсул мешавад. Сабаб ин аст, ки шуғли асосии ҳамдиёрони Чоршанбе чорводорӣ буд. Чорвоонҳоро ҳам мехӯронду ҳам мепӯшонд. Ба ҷуз ин, ҳар як хонадон як ё ду гектарӣ замин кушода буд, ки дар он ғаллаю дон, асосан ҷав мекоштанд. Қувват ва вақти зиёди деҳқонон барои аз санг тоза кардани замини кишт сарф мешуд. Ҷавонмардон ҳамин ки аз корҳои зироату

чорводорӣ фориғ гаштанд, ба кӯху дараҳои атроф ба шикор баромада кабку оҳу сайд мекарданд. Зиндагонии онҳо умуман бо азобу норасоиҳо мегузашт.

Баҳори соли 1937, рӯзе Чоршанбе ҳамаи калонсолони деҳаро ҷамъ карду таклифе ба миён гузошт.

— Биёетон дӯстон, мо ҳам колхоз ташкил мекунем,—гуфт вай.—Ҳаман корҳоро аҳлона ва бо маслиҳат ба ҷо мебиёрем. Ҳукумат моро бо ҳайвони корию бо тухмӣ таъмин карданист, барои васеъ кардани заминии киштамон ёрӣ доданист. Дигар чӣ лозим? Ҳаман хоҷагиҳоро якҷоя карда аз як гиребон сар бароварда, машғули кор мешавем, ҳосили рӯидаро байни худ баробар тақсим мекунем. «Худам ғалтаму худам хезам, туро газад, маро чӣ кор» гуфта гаштанамон бас! Ана вақти шудгору кишт ҳам наздик омад, ҳаво гарм шуд... Чӣ гуфтед, рафиқон?

Ба ин таклиф, ки барояшон он қадар ҳам ногаҳонӣ набуд, чӣ ҷавоб доданро надониста, ҳама лаҳзае хомӯш монданд. Ниҳоят чӯпони кӯҳансоле як гулӯ афшонда ба гап даромад:

— Ба ту, писарам Чоршанбе, боварии мо калон. То алҳол аз аҳли қишлоқ касе ягон кори номаъқули туро надидааст нашунидааст. Вале ин таклифатро дурусттар фикр карда диданамон даркор. Охир ҳоло баъзан, аъзоёни як онла бо ҳам муросо намекунанду ҳаман деҳот муттаҳид гардад, чӣ хел мешавад?

— Ман умуман розӣ не! — гуфт дигаре.— Охир мегӯянд, ки дар колхоз ҳама аз як дег таом мехӯранд, ҳама умумӣ мешавад, зану бачаҳо ҳам.

Чоршанбе дар чунин мавридҳо ба кӣ такья кардан-нашро хуб медонист. Вай баланд-баланд хандида «чӣ афсонан ачибе» гуфту ба назди мӯсафеде, ки бештари вақташро бо намозхонӣ мегузаронд ва дар деҳа нуфузаш калон буд, омада хоҳиш кард:

— Падар, шумо дина аз қишлоқи Поршнев баргашта омада будед. Мегӯянд, ки поршневиҳо ба колхоз даромадаанд.

— Дуруст аст, писарам,— ҷавоб дод мӯсафед,— ҳама колхоз шудаанд.

— Яъне ҳамаро умумӣ кардаанд? — пурсид чӯпони гарданборике.

Мӯсафед дуру дароз ҷуръати ҷавоб додан накард, лекин нигоҳҳои суоломези ҳамдиёронаш ӯро ба гап задан маҷбур карданд.

— Онҳо фақат заминҳои киштро ва амочу ҳайвони кориро умумӣ кардаанд... Маро масхара карданд, ки чаро ба колхоз надаромадаем... аз зиндагонии нав дурем...

Ҷавоби мӯсафед ҳамаро ҳал кард.

Ҳамон ҳафта дар деҳаи Ванкалъа бо номи «Зиндагонии нав» аввалин колхоз ташкил гардида, Чоршанбе Сулаймонбеков раис интихоб шуд.

Баъди муттаҳид кардани даҳ-дувоздаҳ хоҷагии гирду ҷониб ва хушсифат гузаронидани кори шудгору киштро раиси ҷавон ба Хоруғ рафт, ки аз ҳукумат маслиҳату ёрмандӣ гирад. Ба Ванкалъа плугу сеялка, ғалла, молҳои саноатӣ ва асбобҳои хониш оварда шуданд. Хоҷагии зотпарварии давлатии Ҷавшангоз ба колхоз 250 сар мешро насья фурӯхт, ки ферман молӣ ташкил карда, чорводориро равнақ диҳанд.

Фаъолони деҳа Тоҷиддин Шоҳҳайдаров, Насрингул Аҷамшоева, Мастон Бахталиев, Алибердӣ Бердов ва дигарон ба паҳлӯи раис даромада, дар роҳи тараққӣ додани иқтисодиёти колхоз ва маданияти қишлоқ фидокориҳо нишон доданд.

Колхози «Зиндагонии нав» дар тамоми район ном бароварда. Саршумори чорвои он афзуда, чарогоҳҳо ва заминҳои киштӣ ғалладона васеъ карда шуданд. Дар қишлоқ аввалин китобхона ва пункти тиббӣ кушода шуд. Бо ёрии колхоз бисьёр чорводорон хонаҳои васею равшан пӯшиданд. Ҳаёт дар кӯҳистон ранги дигар гирифта, ба қавли шоир, помириён акнун аз Боми Ҷаҳон тамоми ҷаҳонро медидагӣ шуданд.

Дар зиндагӣ роҳбароне ҳастанд, ки ҳар як корро бо дӯғу пӯписа ва фармону маъмуриятчигӣ буд карданӣ мешаванд. Аммо Сулаймонбеков аз он тоифа одамон набуд. Вай бо ғамхорию мехрубонии худ дили аъзоёнро мафтун мекард. Ҳар як гуфти ӯро колхозчиён «аз дӯст як нишора, аз мо ба сар давидан» гӯён дар сари вақт ба ҷо меоварданд.

Раис гӯё тасодуфан ва раҳгузар шуда бо навбат ба кулбаҳои деҳқонон медаромад. Аҳволи зиндагӣ ва шикасту рехти хонаю ҷои онҳоро бо чашмони худ медид. Баъди ин дере намегузашту бо фармоиши ӯ одамони правления ба хонаи эҳтиёҷмандон чӯбу тахта ё газвору хӯрокворихо оварда мепартофтанд.

Дигар хислати ҳама писандидаи Сулаймонбеков дилкушодӣ ва шӯхиҳои базеби ӯ буданд. Боре вай дар тӯи

колхоз, ки ба шарафи тамомшавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ барпо шуда буд, шӯхикунон бо амакбачаи худ гӯштин гирифт. Дар айни гармии афтударафт ногаҳон куртаи ҳариф дарида рафт. Сулаймонбеков ӯро аз замин бардошта, ба кӣтфаш тап-тап заду гуфт:

— Хафа нашав, додар. Ҳеҷ қисса не. Ман пасфардо имтиҳони шофериро, ки супурдам, худам бо машина ба Хоруғ рафта ба ту пироҳани шоҳӣ тӯҳфа меорам.

Колхозчиён ба раиси ғолиб омадаи худ қарсакзанӣ карданд.

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ раис бисьёр духтарони колхозро ба техникуму омӯзишгоҳҳои Душанбе фиристод, ки мутахассис шуда баргарданд. Аммо қисме аз он духтарон баъди хатми мактаб ба ҷавонони колхозҳои ҳамсоя ба шавҳар баромаданд.

Баъди ин воқеа раис ба ҷавонони колхози худ шӯхикунон гуфт:

— Эҳ, шумо ҷавонони гӯлу ноӯҳдабаро, дили ҳамин хел паризодҳоро гарм карда натавонистед...

Дар Ванқалъа ҳаёт бо қадамҳои ҳафтфарсангӣ пеш мерафт. Акнун Сулаймонбеков ба атроф, ба манзараҳои ин қадар тез тағьирьёбандаи деҳоти худ, ба чеҳраҳои фараҳманди одамони он бо ифтихор назар медӯхту ба снёсати оқилонаи Партияи Коммунистӣ, ба кудрати ҳукумати фукаропарвари советӣ гаштаю баргашта таҳсин мехонд.

3. АНДЕША ДАР РОҲ

Аксар вақт чунин мешавад, ки мақсад як аст, аммо барои расидан ба он ҳар кас ҳар хел роҳу василаро тавсия мекунад. Бузургони олам ҳамеша ҳафт бор чен карда як бор мебуриданд, куллаҳоро зина ба зина фатҳ мекарданд ва нақшаҳое мекашиданд, ки роҳи мақсадро офтоб барин равшан месохт.

Баъзе роҳбарон аз таги бинии худ дуртарро дида наметавонанд, оқибати кори мекардагии худро андеша намекунанд, бо ҳаёҳӯи барзиёда ва ҳадаҳан намоишкорона мақсадро осонакак ба даст даровардани мешаванд. Ин хел телбакорию кӯтоҳандешӣ табиист, ки ба ҷои фоида ба кор зарар мерасонад, ба деги ҷӯшони ташаббусу ғайрати одамон оби сард мерезад. Аз ин гуна услуби кор роҳбарони истеҳсолот нисбат ба кувваю акида-

ҳон ҳуд бовариро гум мекунанд, дудила мешаванд ва ба шубҳа мемонанд. Дар ичрои фармоишҳои органҳои болой эҳодкорона рафтор намекунанд. Аммо дере намегузараду мавчи қонунҳои ҳаёт онҳоро ба панчаи тавонои ҳуд мегирад, мефишорад, пахш мекунад, меафшонад ва чун пўчоқи тамошокаду дур меафганад. Танҳо баъд аз ҳамин аён мегардад, ки кй ҳақ асту кй ноҳақ...

Чоршанбе Сулаймонбеков баъди иштирок кардан дар мачлиси бюрои парткоми управлениян истеҳсолии колхозию совхозй ба ҳавлияш бармегашт. Машинаи ГАЗ-ик ўро бо роҳи качукилеби водии танг шитобон ба Ванқалъа мебурд. Раис ба кўҳҳои азамати атроф, ки асрҳо ин чониб ҳамчун сутуни осмон устувору бовиқор истодаанд, ба рўдҳои кафк бар лаб, ки аз шитобкорй ҳар лаҳза сар ба харсангҳо зада пош мехўрданд, нигоҳ мекарду чунин байтро аз дил мегузаронд:

Баландй ёфт кўҳ аз пой
дар доман кашиданҳо,
Сари селоб бар санг омад
аз бечо давиданҳо.

Сулаймонбеков инчунин фикр мекард, ки як вақтҳо надару модари ў дар чустучўи замину чарогоҳ бо чй қадар азобу машаққат ҳамин дараро пиёда тай намуданд. Фарзанди онҳо ана акнун бо худи ҳамин дара, бо роҳи васею машинагард сафар мекунад. Дар солҳои Ҳокимияти Советй дар кўҳистони тоҷик чй дигаргуниҳои азиме, ки ба амал наомаданд.

Дар ин вақт машина сахт такон хўрду тори хаёлоти ўро канд.

— Вале ин роҳи фарох низ пастиву баландиҳо дорад,— гуфт Сулаймонбеков худ ба худ.— Ана, чо-чо навишта мондаанд, ки «ҳушьёр шавед: тарма!..»

Сулаймонбеков оҳи пурдард кашид. Манзараҳои ҳаргиз ба дил назанандаи гирду чониб, хур-хуркунон вазидани шамоли сарди рўҳпарвар низ ғаму ғуссаи ҳозираи ўро сабук карда натавонистанд. Вай ҳанўз ба худ тасаввур карда наметавонист, ки чаро ба ў дар бюрои партком выговор доданд. Охир, выговор ин «ҳайфи ту» гуфтанй гап аст. Барои шахсе, ки тамоми фикру зикр ва қуввату истеъдодашро ба кори чамъият бахшидааст, ин гуна чазои ноҳақ магар аламангез нест?! Балки вай дар ҳақиқат ҳам аз ҳаёт қафо мондааст? Талаботи замонро дуруст намефаҳмаду ба выговор сазовор аст?

«Не, не! — аз дил мегузаронд ӯ бо аламу ҳасрат.— Ҳаргиз не! Дар ин ҷо ким-чӣ хел иштибоҳе ҳаст».

Сулаймонбековро дар парткоми управления дар се масъала гунаҳгор ҳисобиданд. Не, дурусташ, худи ӯ дар се масъала бар хилофи нишондодҳои боло ошкоро фикрашро гуфту ҷазо гирифт. Хӯш, инҳо кадом масъалаҳоянд?

Якумаш дар бораи плани гӯштсупорӣ. Барои фаҳмондани ин моҷаро андак қафотар гаштанамон лозим аст. Соли 1953 бо фармоиши боло якбора ҳафт артели хоҷагии қишлоқро ба колхози Сулаймонбеков муттаҳид карданд. Ба колхози муттаҳида «Помир» ном дода шуд. Колхози «Помир» дар водии Ғунд калонтарин хоҷагии чорводори район шуда монд. Дараҷаи иқтисодиёт ва шумораи ҳайвоноти артельҳои муттаҳидшуда як хел набуданд. Табиист, ки ба раис ва аъзоёни правления барои ба тартиб овардани ин хоҷагии калон мушкилиҳои зиёде дучор омаданд. Азобу ташвишҳои онҳо то худи соли 1960/62 давом кард. Молҳои колхоз тобистон дар Кӯҳтезак, тирамоҳу зимистон дар Булункӯлу Алай мечариданд. Бо сардории раис аъзоёни правления, духтурони ҳайвонот, чӯпонҳо, ронандаҳо, тамоми аъзоёни колхоз аз як гиребон сар баровардаанд, барои аз зимистон саломату беталаф баровардани чорвои ҷамъиятӣ мубориза сар карданд. Ҳамин ки барфи калон заду хунукиҳои қаҳратун сар шуд, то Булункӯл бо машина, бо чанаҳои ба трактор басташуда барои чорвоён ему хошок, барои чӯпонҳо хӯроку хиргоҳ кашонданд. Баъзан роҳро аз бероҳа фарқ карда наметавонистанд. Шамоли изгирин ба чашм кушодан имконият намедод. Дар ин гуна лаҳзаҳо худи раис ба сари руль менишасту бо ГАЗ-ик пешпеши корвон роҳ мекушод, бо суханони тасаллобахш дили одамонро гарм мекард. Сарчӯпонҳои номдори колхоз Буйик Миренов, Абдураҳмонхон Абдулаълоев, Ҳасанбек Чоршанбеев, Раҳмихудо Бердов ва Мастон Бахталиев низ барои беталафот нигоҳ доштани чорво тамоми кори аз дасташон меомадагиро карданд, дар мубориза бо табиати бераҳм диловариҳои бемислу монанд нишон доданд.

Дар давраҳои нобоби чорводорӣ чои Сулаймонбеков ҳамеша дар назди чӯпонон буд. Вай боре чилупанҷ рӯзи зимистонро бевосита дар Булункӯл, дар сари ҳайвоноти колхоз гузаронд. Дар ин муддат бо аҳли онлаш танҳо мукотиба дошту бас. Нарасидани хошок гоҳо ӯро

ба ихтироъкориҳо водор мекарданд. Вай, масалан, тармӑи сунъй ба вуҷуд оварда, аз барф кушодани пуштаҳоро фикр карда баромад, ки бо ин роҳ низ бисьёр чорпоён аз талафоти гуруснагй эмин монданд.

Вақте ки Сулаймонбеков аз ин хел сафарҳои дурудароз бармегашт, ӯро қариб шинохта намешуд. Дастҳои паҳну шахшӯл ва рӯи гирдан ӯ аз шамоли сармо як қабат пӯст мепартофтанд, чашмонаш ба назар тангтару кохида ва абрӯвонаш ғафстар менамуданд.

Бо ҳамин азоб, бо ҳамин машаққат ва бо ҳамин ҷидду ҷаҳд ҳар сар моли ҷамъиятиро дар зимистон эҳтиёт мекарданду саршумори чорво меафзуд ва маҳсулоташ зиёд мешуд. Планҳои давлатй низ пурра таъмин мегардиданд.

Лекин Сулаймонбековро чизи дигар ба ташвиш монанд. Ташкилотҳои районй имкониятҳои колхозро ба эътибор нагирифта, аз тарафи худ план медодагй шуданд. Болокории ин плани онҳо соле чанд бор тағйир ёфта торафт зиёд мешуд. Масалан, соли 1962-юм «нархи сабзию пиёзро» напурсида супориш доданд, ки колхоз ба давлат бо вазни зинда ду ҳазору сесад центнер гӯшт супорад.

Раис ва аъзоёни правления тамоми имконияти колхозро ба ҳисоб гирифта, 2100 центнер, яъне дусад центнер камтар аз супориш гӯшт супурданд.

— Зуд дусад центнери боқимондаро роҳй кунед! — фармон доданд ба раис.

— Дигар имкониятамон нест, — фаҳмонданй шуд раис.

— Чй? Имконият нест? — шӯрида рафт намояндаи район.— Шумо ба иҷрои супориш бо билети партиявии худ ҷавобгаред. Мо бояд дар истеҳсоли гӯшт аз ҳама гузарем. Раведу зуд аз паи кор шавед!

— Танҳо моли зотй, мешу модаговҳо мондаанд,— эътироз кард раис.— Магар онҳоро ба куштан диҳем?!

— Фарқе надорад! — даст афшонд намоянда.— Чи хеле ки набошад, супурдан шарт. Баъд мумкин, боз ӯҳдадории иловагй ҳам супорем.

— Ғами солҳои ояндаро нахӯрдан, молҳои наслдиҳандаро чувонмарг кардан магар ҷиноят нест?! — пурсид раис.

— Ҷиноят — супориши давлатро иҷро накардани шумо аст. Чй, ба шумо магар қарорҳои мо дахл надоранд? Гап ҳамин. Фаҳмидед?

Не, Сулаймонбекови устухонаш бо чорводорӣ шахшуда ва хоҷагидон аз ин эзоҳоти намоянда чизе нафаҳмид. Лекин ба худ хулоса бароварда, ки роҳбарӣ ба хоҷагии қишлоқ нодуруст шуда истодааст, ин гуна бемасъулиятиҳо хоҳ-нохоҳ ба боигарию захираҳои район зарба мерасонад.

Боз дӯғу даранг. Боз занги телефон. Боз директива. Чӣ илоҷ? Сулаймонбеков дандон ба дандон монду бар зарари колхоз аз ҳисоби моли наслдиҳанда боз дусад центнер гӯшт супурд. 50 гови ҷӯшой, чи қадар кӯтоси мода ва меш ҷувонмарг шуданд.

Моҷарои дигари байни раису партком аз бойси тухми мурғ шуд. Ба колхози «Помир» соле дуним-се ҳазор дона супурдани тухмро норма карданд. Ва ҳол он ки дар Чукотка чунончи маймун зиндагӣ карда наметавонад, дар қишлоқҳои баландкӯҳи Помир низ мурғ намешавад. Инро ҳама мутахассисон нағз медонанд.

Боз эътироз. Боз таҳдид. Боз бесару сомонӣ. Ба-д-ин минвол колхоз чанд сол маҷбур шуд, ки аз ҳисоби рӯзи меҳнати аъзоёни худ аз районҳои ғарбию ҷанубӣ ба маблағи муайян тухм харида... фурӯшад.

Раис дар ин кор низ сабру андеша пеша карда, якчанд сол бар зарари манфиати колхоз кор бурд. Дами ҳар як зиддияту эътирози ӯ бо таҳдиди ҷазои партиявӣ баста мешуд. Сурати ӯро ҳаҷв карда, ҳатто ба маҷаллаи республикавӣ баровардand...

Масъалаи сеюм, супориш оид ба киштии маҷбурии ҷуворимакка шуд, ки дигар косаи сабри раис ва колхозчиёнро лабрез намуд.

Маълум, ки дар шароити кӯҳистон ҳар як вақаб замини аз санг тоза кардашуда ба таври максимум истифода бурда мешавад. Қолхоз ба тамоми замини корами худ ҷаву гандум, боқила ва юнучқа мекошт. Дар ин ҷо тобистону гармии он кӯтоҳмуддат буда, бе ин ҳам қисме аз зироатҳо нопухта мемонданд. Ана акнун ба болои сӯхта намакоб, ҷуворимакка коштан лозим будааст. Ин чӣ кӯтоҳназарию мусоҳилакорист — раис ҳеҷ фаҳмида наметавонист.

— Шаваду нашавад фарқ надорад. Бояд ба сӣ гектар ҷуворимакка кореd! — дӯғ зад агрономи управлениян хоҷагии қишлоқи район. Вай бо ҳамин ният аввали баҳор ҳатто махсус ба колхоз омад, ки ба киштии ҷуворимакка шахсан назорат кунад.

Колхоз маҷбур шуд аз ҳисоби заминии ҷаву гандум

ҷуворимакка корад. Ба он карта аз будаш зиёд пору андохтанд, аз будаш зиёд обьёрй карданд, вале қади ниҳолҳои ҷуворимакка аз ду-се вақаб боло нашуд ва тамоман дон набаст. Вақт, меҳнат ва қуввai колхозчиён баръабас рафт!

Ин буд, ки Сулаймонбеков дигар тоқат карда натавонисту ба роҳбарони управления ошкоро ва ҷасурона эътироз баён кард. Гуфт, ки вай дигар бар хилофи манфиати колхоз ва колхозчиён амал намекунад, моли ҷамъиятро барбод намедиҳад. Минбаъд супоришҳои ғайриреалиро ба ҷо нахоҳад овард.

Барои чунин, густохияш бюрои партком Сулаймонбековро шахси догматик, аз ҳаёт қафомонда, зидди навигариҳо номид ва ба ӯ выговор эълон кард.

Оре, ба раиси таҷрибадор ва номии Помир он рӯз «ҳайфи ту» гуфтанд. Дар асл бошад хайфи он касе буд, ки нишондодҳои илми агротехника, таҷрибаи судбахши оид ба хоҷагии қишлоқро помол мекунад, таълимоти кадом як сардори аз нозукиҳои кори хоҷагии қишлоқ бехабарро тӯтивор такрору паҳн месозад.

Машина чанги роҳро ба бод дода, ба назди идораи колхоз омада истод. Сулаймонбеков ғарқи хаёлот ва маҳзуну сархам аз машина фаромад. Ходимони правления медиданд, ки ба дӯши рансашон ҳоло як кӯҳи аламу андӯҳ бор шудааст.

Раис сир бой надода, ба идораи хоксоронаю назарногираш даромад, ба коғазҳои даркорй мӯҳру имзо гузошт, ба шоферон фармуд, ки борҳои заруриро ҳамин рӯз ба чарогоҳ расонанд. Баъд аз ин вай ба хавлияш, ки аз идораи колхоз он қадар дур нест, рафта худро ба ҷогаҳ партофт.

Раис худро хаставу бемадор ҳис мекард. Аз гулӯяш хӯрок намегузашт. Вай то чанд поси шаб мӯи оташдида барин дар ҷогаҳ мепечид, хаёл мекард. Акнун дар назди ӯ ду роҳ менстод: ё ҳарчи пеш ояд, хуш ояд гуфта ба тақдир тан додан ва фармоиши болоро кӯр-кӯрона ба ҷо овардан, ё дасту остин барзада ба манфиати сохти колхозй, ки манфиати халқу давлат аст, муборизаро давом додан. Ниҳоят вай роҳи дуюмро, ки роҳи нишондодаи партия аст, интихоб кард. Вай боварй дошт, ки ӯ танҳо нест, халқ бо ӯст. Комитети Марказии Партияи Коммунистии ҷоноҷон ӯро тарафдорй хоҳад кард.

Дар моҳҳои октябрь, ноябрь ва марти соли нав пленумҳои Комитети Марказии КПСС барпо шуданду ка-

Не, Сулаймонбекови устухонаш бо чорводорй шахшуда ва хочагидон аз ин эзодоти намоянда чизе нафахмид. Лекин ба худ хулоса бароварда, ки рохбарй ба хочагии кишлок нодуруст шуда истодааст, ин гуна бемасъулиятихо хох-нохох ба боигарию захирахои район зарба мерасонад.

Боз дуру даранг. Боз занги телефон. Боз директива. Чй илоч? Сулаймонбеков дандон ба дандон монду бар зарари колхоз аз хисоби моли наслдиханда боз дусад центнер гушт супурд, 50 гови чушой, чи кадар кутоси мода ва меш чувонмарг шуданд.

Мочарои дигари байни раису партком аз бонси тухми мурч шуд. Ба колхози «Помир» соле дуним-се хазор дона супурдани тухмро норма карданд. Ва хол он ки дар Чукотка чунончи маймун зиндагй карда наметавонад, дар кишлокхои баландкухи Помир низ мурч намешавад. Инро хама мутахассисон нагз медонанд.

Боз эътироз. Боз тахдид. Боз бесару сомонй. Ба-д-ин минвол колхоз чанд сол мачбур шуд, ки аз хисоби рузи мехнати аъзоёни худ аз районхои гарбию чанубй ба маблаги муайян тухм харида... фурушад.

Раис дар ин кор низ сабру андеша пеша карда, якчанд сол бар зарари манфиати колхоз кор бурд. Дами хар як зиддияту эътирози у бо тахдиди чазои партиявй баста мешуд. Сурати уро хачв карда, хатто ба мачаллаи республикавй баровардан...

Масъалан сеюм, супориш онд ба кишти мачбурии чуворимакка шуд, ки дигар косаи сабри раис ва колхозчиёнро лабрез намуд.

Маълум, ки дар шароити кухистон хар як вачаб замини аз санг тоза кардашуда ба таври максимум истифода бурда мешавад. Колхоз ба тамоми замини корами худ чаву гандум, бокило ва юнучка мекошт. Дар ин чо тобистону гармии он кутохмуддат буда, бе ин хам кисме аз зироатхо нопухта мемонданд. Ана акнун ба болои сухта намакоб, чуворимакка коштан лозим будааст. Ин чй кутохназарию мусохилакорист — раис хеч фахмида наметавонист.

— Шаваду нашавад фарк надорад. Бояд ба сй гектар чуворимакка кореду! — дуг зад агрономи управления хочагии кишлоки район. Вай бо хамин ният авали бахор хатто махсус ба колхоз омад, ки ба кишти чуворимакка шахсан назорат кунад.

Колхоз мачбур шуд аз хисоби замининг чаву гандум

ҷуворимакка корад. Ба он карта аз будаш зиёд пору андохтанд, аз будаш зиёд обьёрй карданд, вале қади ниҳолҳои ҷуворимакка аз ду-се вақаб боло нашуд ва тамоман дон набаст. Вақт, меҳнат ва қувваи колхозчиён баръабас рафт!

Ин буд, ки Сулаймонбеков дигар тоқат карда натавонисту ба роҳбарони управления ошкоро ва ҷасурона эътироз баён кард. Гуфт, ки вай дигар бар хилофи манфиати колхоз ва колхозчиён амал намекунад, моли ҷамъиятро барбод намедиҳад. Минбаъд супоришҳои ғайриреалиро ба ҷо нахоҳад овард.

Барои чунин, густохияш бюрои партком Сулаймонбековро шахси догматик, аз ҳаёт қафомонда, зидди навигариҳо номид ва ба ӯ выговор эълон кард.

Оре, ба раиси тақрибадор ва номии Помир он рӯз «ҳайфи ту» гуфтанд. Дар асл бошад хайфи он касе буд, ки нишондодҳои илми агротехника, тақрибаи судбахши оид ба хоҷагии қишлоқро помол мекунад, таълимоти кадом як сардори аз нозукиҳои кори хоҷагии қишлоқ бехабарро тӯтивор такрору паҳн месозад.

Машина чанги роҳро ба бод дода, ба назди идораи колхоз омада истод. Сулаймонбеков ғарқи хаёлот ва маҳзуну сархам аз машина фаромад. Ходимони правления медиданд, ки ба дӯши раисашон ҳоло як кӯҳи аламу андӯҳ бор шудааст.

Раис сир бой надода, ба идораи хоксоронаю назарногираш даромад, ба коғазҳои даркорй мӯҳру имзо гузошт, ба шоферон фармуд, ки борҳои зарурирро ҳамин рӯз ба чарогоҳ расонанд. Баъд аз ин вай ба ҳавлияш, ки аз идораи колхоз он қадар дур нест, рафта худро ба ҷогаҳ партофт.

Раис худро хаставу бемадор ҳис мекард. Аз гулӯяш хӯрок намегузашт. Вай то чанд поси шаб мӯи оташдида барин дар ҷогаҳ мепечид, хаёл мекард. Акнун дар назди ӯ ду роҳ меистод: ё ҳарчи пеш ояд, хуш ояд гуфта ба тақдир тан додан ва фармоиши болоро кӯр-кӯрона ба ҷо овардан, ё дасту остин барзада ба манфиати сохти колхозй, ки манфиати халқу давлат аст, муборизаро давом додан. Ниҳоят вай роҳи дуюмро, ки роҳи нишондодаи партия аст, интихоб кард. Вай боварй дошт, ки ӯ танҳо нест, халқ бо ӯст, Комитети Марказии Партияи Коммунистии ҷоноҷон ӯро тарафдорй хоҳад кард.

Дар моҳҳои октябрь, ноябрь ва марти соли нав пленумҳои Комитети Марказии КПСС барпо шуданду ка-

рорҳои он тамоми мушкилоти колхоз ва колхозчиёнро ҳал карданд.

Сулаймонбеков он қарорҳоро аз радио бо мамнунияти том мешунид. Диктор гӯё айни муддаои ӯро ифода карда мегуфт:

«Азнавсозиҳои беасоси органҳои роҳбарикунанда, ки дар кор вазъияти бемасъулиятона ва ҳарачу марач ба амал оварданд, ба истеҳсолоти колхозию совхозӣ низ зарари калон расонданд. Ғайриқаноатбахш кор бурдан бо кадрҳои колхозу совхозҳо, муносибати нодуруст ба мутахассисон, ба эътибор нагирифтани дониш ва таҷрибаи онҳо, нағз истифода бурда нашудани комьёбиҳои илм ва таҷрибаи пешқадам ба қафомонии хоҷагии қишлоқ сабаб шуданд... Пленуми КМ КПСС инчунин қайд мекунад, ки аз амалияи маъмуриятчигӣ, фармондиҳии пай дар пай, ба кори колхозу совхозҳо баҳудаю беҳуда аралашшавӣ қатъиян даст кашида, зуҳуроти намоишкорӣ ва ҳаёҳуйбардориро барҳам додан лозим аст».

Ин нишондоде буд, ки дар байни колхозчиёни «Помир» ҳақиқатан ҳам рӯҳбаландии бузурги сиёсию меҳнатӣ ба амал овард.

4. МУЛОҚОТИ МО

Мудири шӯъбаи пропагандаи комитети комсомолии вилоят, ходими рӯзномаи «Бадахшони Советӣ», сарбухгалтери колхоз ва ман дар меҳмонхонаи Сулаймонбеков давра менишастем. Мизбон аз дар даромадаю баромада хӯрок мекашонд ва дастурхон меорост.

Бо илтимоси мо раис ниҳоят омада дар қатор нишаст. Синни панҷохро баҳори умр мегӯянд. Сулаймонбеков бо вуҷуди аз панҷоҳ гузаштани синну солаш мисли ҷавонон бақуввату бардам, хушхолу зиндадил ва серҷӯшу хушчақчақ буд. Ба ҳаман ин хислатҳои ҳамчиб хоксорияш зам шуда, ӯро ҷони одам мекард. Вай баъзеҳо барин калонгарию кибр надошт, на чойкашон дошту на лаббайгӯй. Ҳама корро худаш мекард, ҳатто ба дасти меҳмонон худаш об мерехт.

Чаппотиҳои гарми нав аз танӯр канда шуда, равғани маскаи қӯтос, чои кабуди талх ва қанду қандалот кӯфтагиҳои рохро мебароварданд.

— Шумо, раис, бо ордени Ленин сарфароз шудаед! Муборак шавад,— гуфтем мо.

— Ташаккур,— кӯтоҳакак ва бо овози паст ҷавоб дод ӯ. Баъд чой рехта истода гуфт: — Имрӯз-пагоҳ кишт тамом мешавад. Имсол ба чилу ҳафт гектар юнучка коштем.

Ман баъди ин ҳам тахмин кардам, ки Сулаймонбеков дар боран худаш гап заданро дӯст намедорад ва лаҷоми суханро зуд ба дигар тараф мекашад.

— Абдуллоҷон ном як чӯраи ман ҳамин зимистон шуморо дар роҳи Булункӯл дидааст,— боз сар кардам ман.— Мегӯяд, ки худи раис дар сари рӯл нишаста аз байни барфу тӯфон роҳ мекушоданду аз қафояшон боркашонҳои пури хошок меомад.

— Ҳа, тӯфони сахт шуда роҳҳоро пӯшонда буд. Қаний ба дастурхон нигаретон. Ҳозир хӯроки гарм тайёр мешавад.

— Дар республика ҳамин зимистон бисьёр мол нобуд шудааст-дия,— гап кофтам боз.

— Чорводорӣ ниҳоят кори сермашаққат,— гуфт раис ва илова кард.— Лекин чорвои колхози мо аз зимистон саломат баромад. Намондем, ки аз сармо ё бехошокӣ ягонтааш талаф шавад. Рост, ки дар чарогоҳи Қумдеҳ аз подаи Давлатмамад қариб сӣ сар гӯсфанд ба зери тарма монд. Фалокат-дия. Чӯпон бехабар мондааст.

Раис оид ба чарогоҳҳои дурдаст, диловариҳои чӯпонон, хислатҳои аҷоиби кӯтос, ки онро дар ин ҷоҳо хушгов меномидаанд, аз фермаҳои шир, бинокориҳои колхоз, бепарвофалакии «селхозтехника» ва ғайраҳо сухан меронду дам ба дам қад ёзонда аз тиреза ба беруи хавотиромез нигоҳ мекард.

— Қисме аз ғалладон нав неш зада буду авзои ҳаво боз вайрон шуда истодааст,— гуфт ӯ.— Барф мезадагӣ барин.

— Барф дар ниман моҳи май? — ҳайрон шудем.

— Бале, барф борад ҳам айбу аҷаб нест. Тобистони мо асосан моҳҳои июну июль аст,— эзоҳ дод раис.

Пешакӣ бояд гӯям, ки ҳамон шаби чордаҳуми май ҳақиқатан барф зад, вале пагоҳ баробари расидани шӯълаҳои офтоб об шуда, ба кишти ғалла зараре наовард.

Ман дар рафти сӯҳбат аз шарофати қарори пленуми октябрии (1964) партия гап кушодаму раис гуфт:

— Ман ин қарорро дар ҳаёти мамлакатамон нуқтаи бузурги табаддулот ҳисоб мекунам. Ба колхозҳои ба-

ландкўҳ сабукиҳои калон дода шуд. Масалан, давлат акнун аз колхози мо ягон грамм ғалла талаб намекунад. Фақат барои эҳтиёҷоти худамон ва чорвоён дон мекорем. Тухми мурғу ҷуворимакка барин чизҳои дар шароити мо намерўидагӣ-ку умуман аз план бардошта шуд. Акнун гирем, масъалаи асосии маҳсулоти чорворо. Плани гўшту шир ба эб наздик шуд — ин як сабукӣ. Баланд шудани нархи хариди гўшт — ин ду сабукӣ.

— Танҳо ҳамин чорабинӣ ба колхоз бо пули нав як саду ду ҳазор сўм фонда мебиёрад,— луқма партофт сарбухгалтер. — Бист фоизи ин пул ба фонди тақсимнашаванда равад, бокӣ ҳаштод ҳазораш ба рўзи меҳнати колхозчиҳо тақсим карда мешавад.

— Мо ба қарибӣ плани шашсолаи истеҳсолӣ тартиб додем,—давом дод раис.—Акнун ҳаман ҷиҳатҳои кори колхоз, алалхусус пешомадҳои тараққиёти чорводорӣ онна барин равшан аст. Аз ҳама муҳиммаш маишату зиндагии ҷўпонҳо нағз мешавад, даромадашон меафзояд. Ғайр аз ин боз трактору машина мехарем, ҳаммом, касалхона, клуб месозем. Умуман кор авҷ гирифта, ҳама рўҳбаланд.

— Акан Тоҷиддин, акнун сарҳисоби кори шумо ҳам ёфт шудагист? — шўхикунон аз сарбухгалтер пурсидем.

— Мебахшед-дия. Сухани мо, бухгалтерҳо, доимо бо рақам аст,— гўён ў дафтари ҳисобу китобро кушод.— Боигарии колхоз дар баланс бо пули нав алҳол як миллиону 63 ҳазору 868 сўмро ташкил мекунад. Ҳозир мо 1482 ҳайвони калони шохдор, шонздаҳ ҳазору 567 сар бузу гўсфанд дорем. Даромади колхоз соли гузашта 250 ҳазор бошад, имсол ба сесаду бист ҳазор сўм мерасад, ки аксари он аз фурўҳтани гўшт, шир ва мўи ҳайвонот ба даст медарояд. Колхози «Помир» аз ёздаҳ участка, 255 хоҷагӣ иборат буда, 588 кувваи коргариро дар бар мегирад. Акнун меоем ба вазъияти механизация. Мо ҳоло чордаҳ автомашина, даҳ трактор, ду дизель, ду агрегати мўйтарошӣ, се машинаи ғаллатозакунӣ, қариб сӣ сепаратор дорем. Рости гап, ин ниҳоят кам аст.

— Пул бошаду «Сельхозтехника» таъмин накунад, чӣ илоҷ? — гуфт раис.

— Колхоз имсол чӣ қадар гўшт доданӣ?

— Як ҳазору ҳафтсад центнер, соли 1970-ум бошад ин рақамро ба 2153 мерасонем,— ҷавоб дод сарбухгалтер.

— Барои рақамҳои сершираю қаймоқинатон ташаккур,— гуфтем мо.—Ана акнун дар бораи боигарии колхоз тасаввуротамон пурра шуд. Хуллас, ки корҳоятон панҷ асту мо хурсанд.

— Меҳмон, ҳамаро монед, ки таассуроти шумо аз Помир чӣ хел аст?— пурсиданд аз ман.

— Лаб башанд,— ҷавоб додам ман ба забони шурӣ, ки маънояш «хеле хуб» аст.

— Бале, кишвари мо зинаи офтоб аст,— ба гап қатӣ шуд Сулаймонбеков.— Ана ман дар ҳамин ҷо таваллуд ёфта, дар ҳамин ҷо ба камол расидаам. Барои ман ҳар як чашмаву дараи гирду ҷониб азизу шинос аст. Мо, чорводорон, барои фаровонии ризқу рӯзии халқи худ ҷон мекоҳонем, Азоб кашем ҳам, маҳсули кори худро дида қувват мегирем. Ман баъзан ба чарогоҳҳои Кӯхтезак ё Булункӯл баромада гумон мекунам, ки ин зинаи охирини сайёраи мо, интиҳои замин аст. Гумон мекунам, ки бо осмону ситораҳо танҳо ба танҳо мондаам. Оре, толеи мо акнун мисли ана ҳамин қуллаҳои кӯҳсорамон баланд аст. Мактаббачаҳо дирӯз бо ҳамин мазмун сурудеро замзама мекарданд. Дар воқеъ, шумо, меҳмони азиз, бо мактаббачаҳои мо як вомехӯрдед, камтар сӯҳбат карда шеърҳо мехондед. Охир ба деҳаҳои мо ходимони санъату адабиёт қариб намеоянд. Чӣ гуфтед, ба ин маслиҳат?

Ба ин таклифи раис чӣ ҳам мегуфтам? Беандоза шод будам, ки дар Боми Ҷаҳон бо чорводорони номӣ шинос шудам ва акнун бо фарзандони онҳо, ки анъанаҳои одамгарию меҳнатдӯстии падарони худро давом медиҳанд, мулоқот мекунам...

Сӯҳбат ва шиносӣ бо Чоршанбе Сулаймонбеков ба ман таассуроти фаромӯшношуданӣ гузошт. Сулаймонбеков яке аз даҳҳо одамони номдори Бадахшони Советӣ аст, ки аз санг лаъл рӯёнда, ба халқи худ хизмат мекунанд. Ман ба ин диловарони тоҷик саломатии бардавом ва комьёбиҳои нави меҳнатӣ орзумандам.

Маи соли 1965

ЎРО КУМРӢ-АПА МЕГЎЯНД

Дар ин цех ҳама хомўшанд, гап намезананд. Дурусташ, ба гап задан имконият нест. Чорсад дўкони автомати кўшмоку бо шиддат матоъ мебофанд. Тараконуруки онҳо садоҳои дигарро пахш кардааст. Аз гулғулаи яклухту баланд пардаҳои гўш карахт шуда, тасаввуроте ба амал меояд, ки гўё ҳама дар сукунат аст, фақат чунбучўли бофандазанҳо ва таъмирчиҳо ба назар мерасад.

Зани миёнсоле, ки кафши нарми латтагӣ ба по пўшидааст, хилъати кории сабук дар бар дорад, кокулонашро бо рўмоли одмии гулдор гирдугун карда, ба сар печонидааст, аз чор дастгоҳи шоҳибофии атрофаш чашм наканда, бо чобукии тамом нахҳои борики абрешимро мебандад, найчаи мокуҳоро иваз мекунад, тахи матои сап-сафеди ба навардҳо печандаро аз назар мегузаронад. Вай дам ба дам ба қатори дигар гузашта, кори як дўкони бесоҳибро низ хабар мегирад. Аз он хотирҷамъ шуда, бозгашт ба чониби дастгоҳҳои худ мешитобад.

Ин занаки дар нахбандиву найчагузорӣ чаққон ва дастонаш ба кор часпонро дар фабрика ҳама Кумрӣ-апа мегўянд. Кумрӣ-апа мисли он нозукниҳолони мижгондарозе, ки аксаран нохунҳои худро рангубор дода мегарданд, «паризод» нест. Қумрӣ-апа зани ситорагарм аст. Меҳнати дурудароз, пурсамара ва шарафнок пайкари ўро обутоб додааст, дастонашро чандир ва чашму рўяшро пурнур кардааст. Биступанҷ соли умри азизи худро ба кори комбинат бахшидан, ҳар смена дар чор дастгоҳ ба чои шастуяк метр ҳаштодучор метр крепдешин бофтан, бо меҳнати ҳалол байни коллективи духазорнафара обрўю эътибор пайдо кардан танҳо ба гуфтан осон аст.

Имрӯз Кумрӣ-апа аз норма зиёд биступанҷ-сӣ метр крепдешин бофтанист. Таъмирчиҳо дастгоҳҳоро нағз ремонт кардаанд, тору пуди матоъ бенуқсон, ҳавсала хубу марра наздик... Яъне ҳама шароит ҳаст, ки Кумрӣ-апа ба кавлаш вафо кунад, дар мусобиқа ғолиб барояд. Фақат боз андак ғайрат кардан, хушьёру чобук будан лозим. Таҷрибаю малакаи кофӣ ҳосил шудааст. Азм қатъӣ бошад, одам аз ӯҳдаи ҳама кор мебарояд. Ягон нахи кандашуда, ягон иллати дӯкон аз чашми Кумрӣ-апа пинҳон намемонад, дасту панҷаҳояш худ аз худ ба ҳаракат меоянд, амалиёти мӯътадили дастгоҳҳоро таъмин мекунанд.

Сардори цех гузаштаравон бо дасташ ким-чӣ ишораҳо кард. Кумрӣ-апа бо табассум сар ҷунбонд. Онҳо байни худ чиҳо гуфтанд? Ба мо номаълум. Сардори цех аз ӯ балки кори дӯкони бесоҳибро пурсид? Кумрӣ-апа балки ҷавоб дод, ки хотирҷамъ бош, Ольга Ивановна, ман ба он нигоҳубин мекунам? Эҳтимол. Дар фабрика қоидаи нонавиште ҷорӣ шудааст, ки агар бофандае бо ягон сабаб ба кор набарояд ҳам, дӯконҳои ӯ бекор наменистанд. Ана, масалан, имрӯз бофандазане писарашро ба сафи армия гусел карданӣ рафт. Дастгоҳҳои ӯро ҷор бофанда байни худ тақсим карда гирифтанд. Кумрӣ-апа ҳамин тавр ҳоло ба панҷ дастгоҳ кор мекард. Охир, кӣ мехоҳад, ки плани смена вайрон шавад? Ба бекористии дӯконҳо ягон дақиқа роҳ надодан — яке аз шартҳои муҳими мусобиқаи социалистӣ мебошад.

Ана, Полина Сымакова наварди бо матоъ пуршударо аз дастгоҳ кушода мегирад. Вай чунон ба кор андармон аст, ки имрӯз салому ҳолпурсиро ҳам фаромӯш кард. Шаҳбоз зӯр мезанад, ки авҷ гирад, ба куллаҳои баланд барояд.

Кумрӣ-апа бо Полина ҳаммусобиқа аст. Ин ду бофандазани таҷрибанок ба шарофати мусобиқа дар меҳнату интизом, дар сарфаю сариштаи ашьёи хом ба дигарон намуна мешаванд, нормаро доимо барзиёд ичро мекунанд. Лекин алҳол ҳосилнокии дӯконҳои Кумрӣ-апа баланд аст. Ӯ ҷои якумро ишғол карда меояд

Дар цех, азбаски ҳама лаб аз сухан фурӯ бастаанд, бо касе сӯҳбат карда намешавад, ҳатто сурудеро замзама кунӣ, худат намешунавӣ, одам беихтиёр ба фикр меғӯтад. Чашму даст ва диққат ба кор банду мурғи ҳаёл ба ким-кучоҳо парвоз мекунад. Кумрӣ-апа ҳоло ба танакори мисли шуои офтоб дурахшон ва мокуҳои бе-

ором харакаткунанда менигараду бори чандум аст, ки беихтиёр ибтидои фаъолияти меҳнатии худ, солҳои ҷавониашро мадди назар меоварад.

Биступанҷ сол муқаддам, онҳо дар ҳавличаи кулӯхдеворе, дар гардишгоҳи тарафи аэропорти кӯчаи Айнӣ зиндагӣ мекарданд. Муқобили ҳавлии онҳо то худи қабристони болои кӯҳ замини киштукор буд. Падари солхӯрдаи Кумрӣ рӯзе дар масҷиди Шоҳмансур намози ҷумъаро хонда омаду ногаҳон касал шуд, худро ба ҷогаҳ партофт. «Фарзандонам,— гуфт ӯ, Кумрӣ ва додарони ӯро ба наздаш хонда.— Мурдан ҳаққу мерос ҳалол. Ӯмри ман ба охир расидааст. Барои ҳамин ман ба шумоён васият карданӣ. Аз луқмаи муфт ҳазар кунетон, бачагонам. Пули бедардимиён ба кас насиб намекунад. Дар кадом коре набошад, нони худро ҳалол карда хӯред. Аз меҳнат рӯ натобед. Одамро фақат меҳнат одами ҳақиқӣ мекунад. Оне ки бемеҳнат давр меронаду фукаш дар осмон, ба лаънати халоиқ гирифтор мешавад. Фаромӯш накунед, ки шумо авлоди насли заҳматкашед».

Инро гуфту пирамард ҷон дод, оиларо бесаробон ва фарзандонро ятим карда рафт. Модар пири дардманд, укоҳо хурдсол... Чӣ бояд кард? Кумрӣ ва бародари ӯ қарор доданд, ки кор кунанд. Кумрӣ ба комбинати абрешим даромаданӣ шуд. Зеро ин корхона аввалаш ин, ки аз ҳавлияшон дур набуд. Сониян, бисьёр ҳамсояҳо дар он ҷо пиллакашу бофанда шуда кор мекарданду зиндагиашон нағз мегузашт.

— Хонданат чала мемонад-ку, духтарам,— гуфт модар, бо остин оби чашмашро пок карда.

— Ҳеҷ қисса не,—ҷавоб дод Кумрӣ ба модараш.— Дар назди комбинат курсҳои кӯтоҳмуддат будааст. Ҳам кор мекунаму ҳам мехонам.

Ҳамин тавр, Кумрӣ соли 1950 ба комбинати абрешими ба номи Крупская дохил шуд. Ӯро дар цехи ба хелҳо ҷудокунии пилла ба кор монданд. Дар хотир дорад, ки аввалин моҳонаашро оварда, ба дасти модараш дода гуфта буд: «Пеш аз ҳама, онаҷон, ба укоҳоям асбобҳои хонишу китобҳои дарсӣ харида диҳед. Бигузор онҳо зеҳнашонро ба хондан монанд».

Кумрӣ ҳам кор мекарду ҳам мехонд. Комбинат ва одамони он ба ӯ маъқул шуда монданд. Вай медид, ки чӣ хел ба ин ҷо мошин-мошин пилла меоваранд, пилла чӣ хел пухта мешавад, нахи онро чӣ хел кушодаю ба

ғалтакҳо печонда мегиранд, чӣ хел цехи ресандагӣ калобаю абрешим тайёр мекунад, аз тору пуди ҳосилшуда дар фабрикаи бофандагӣ чӣ хел матоъҳо мебароранд.

Баъди ошной бо технологияи кори шоҳибофӣ Қумрӣ ариза дод, ки ӯро ба фабрикаи бофандагӣ гузаронанд. Акнун мехост бевосита худаш матоъ истеҳсол кунад, аз рори ин касби нозуки қадимаро омӯзад. Маъмурияти комбинат хоҳиши коргари ҷавонро ба ҷо овард. Он солҳо, мегӯяд Қумрӣ-апа, иқтидори дастгоҳҳо паст буд, матоъҳои камбари дурушт мебофтем. Вентиляторҳои оддӣ ҳавои цехро нағз тоза карда наметавонистанд. Дар тобистон нафаси кас мегашту ба обу арақ меғӯтидем. Бо вуҷуди ҳамаи ин, таҳ-таҳ шоҳивори абрешимин — маҳсули меҳнатамонро дида, азобамонро фаромӯш мекардем. Хурсанд мешудем, ки дар обод кардани тани мардум ҳисса мегузорем.

Ба дастгоҳҳои бофандагии Қумрӣ ва дугонаҳои ӯ он солҳо ёрдамчии уста Ҳомид Наврӯзов вобаста буд. Вай дӯконҳоро ба кор нағз тайёр карда, ба духтарон шӯхикунон мегуфт:

— Ана акнун камари ғайратро аз ҳафт ҷояш бандеду ба келину домодҳо бисьёртар шоҳию атлас бароред.

— Тӯи худи шуморо кай мехӯрем, уста? — мепурсиданд духтарон.

— Арӯс розӣ шавад, худи пагоҳ ба ЗАГС мерафтем-куя,— оҳ мекашид Ҳомид.

— Худи ҳамон арӯсшаванда кист? Магар вай розӣ нест? — гап мекофтанд духтарон.

— Инаш ҳоло махфӣ,— гӯён Ҳомид пушти сарашро мехориду мерафт.

Барои чӣ бошад, ки аз ин гуфтугӯҳо Қумрӣ шарм медошт, сурх мешуд. Муносибати ғайриоддии ёрдамчии уста, бо ҳар баҳона тез-тез ба наздаш омадани ӯ ин духтараки шарминро ба хиҷолат мемононд.

Як сол ҳам нагузашта, Қумрӣ касби навро аз худ карду ҳамчун бофандаи зарбдор дар цех ном бароварда. Маҳсулоти ӯ бо миқдору сифати худ аз матои бофтаи дигарон фарқ мекард. Сураташро сонӣ ба лавҳаи фахрӣ часпонданд, дар маҷлиси умумӣ корашро таъриф карданд, грамота ва мукофоти пулӣ доданд.

Аз ин рӯ, вақте ки ба съезди республикавии занҳо вакил интихоб кардан лозим омад, коллективи фабрика дар қатори чор нафар пешқадамони истеҳсолот номи

Кумриро ба забон гирифт. Баъд Қумрӣ дар ҳайати вакилони Тоҷикистон ба съезди умумиттифоқии занҳо ба Москва рафт.

Он солҳои пурҷӯшу хурӯши ҷавонӣ, саёҳати пойтахти Ватанамон магар фаромӯш мешаванд? Қумрӣ-апа ҳоло ба танакори мисли мавҷи нур ҷилодор ва ба крепдешини тахту ҳамвори ба наварди таҳҳӯрдаистода менигараду он айёми фирӯзро боз ва боз ба хотир меоварад.

Дар Москва вакилон ба Кремль даромаданд, дар Майдони Сурх сурат гирифта, мақбараи Ленинро зиёрат карданд. Баъди маҷлисҳои съезд онҳоро ба Выставкаи Комьёбиҳои Хоҷагии Халқ бурданд. Тамошои намоишгоҳ ба занҳо як олам таассурот бахшид. Он солҳо дар Выставка павильони алоҳидаи Тоҷикистон вуҷуд дошт. Дар қатори дигар экспонатҳо Қумрӣ дар он ҷо намунаи абрешиму шоҳивори комбинати худашонро дида, аз шодӣ гул-гул шукуфт.

Аз Москва Қумрӣ бо тӯҳфаҳои бисьёр ба Душанбе баргашт. Вай дар ҳамин муддати кӯтоҳ аллакай хонаю ҷояшон, хешовандон, комбинат ва дугонаҳои хамкасби худро пазмон шуда буд.

Қумрӣ дар қатори пешвозгирандагон ёрдамчии усторо дида, ба ҳиҷолат монд. Ҳомид Наврӯзов аз дигарон дуртар бо гулдастае менстоду чашм аз ӯ намеканд.

Қумрӣ баъди салому пурсупос, гулдастаро ба лабу рӯяш чафс карда гуфт:

— Одамро изо дода мекушед.

— Хайр, чӣ шудааст? — паст наомад Ҳомид.— Муҳаббат гуноҳ набудагист?

Бале, офтобро бо доман пӯшида намешавад, бӯи мушк пинҳон наметонад. Дере нагузашта аз муносибати ёрдамчии устою бофандадухтар ҳама бохабар шуданд. Ҳамкасбон акнун нағз медонистанд, ки ин ду коргари ҷавон якдигарро дӯст доштаанду ба қарибӣ тӯй мешавад.

Ҳомид Наврӯзов аз маҳаллаи рӯ ба рӯи комбинат, аз кӯчаи Титов ҳавличае харида акнун зӯр зада хонаи нав мепӯшид. Маъмурияти корхона ба ӯ мадад мерасонд, чӯбу тахта ва дигар масолеҳи бинокорӣ медод. Дар ҳавлии Қумрӣ низ аҳли хонавода серкор шуда монданд. Кӯрпаю кӯрпача мекашиданд, сандуқи нақшин мефармуданд, ба арӯси нав либос медӯхтанд. Ниятикори хайр ба модари пир қувват бахшида буду аз шодӣ ҷои нишастан намеёфт.

Орзуи модарон, охир, ҳамин-дия. Онҳо фарзанд таваллуд мекунанд, хоби шабҳоро ҳаром карда, сари гаҳвораи ӯ алла мегӯянд, вайро ахлоқу одоб меомӯзанд, мехононанд, кор ёд медиҳанд, то ки ба камол расаду ба қатори одам дарояд, сараш ҷуфт шаваду оилаи нав ташкил кунад.

Дар фабрика Қумрӣ акнун бо ёрдамчии усто вонамехӯрд, ҳамсӯҳбат намешуд. Ҳомид ҳам сар хам карда, худро канора мегирифт. Ҳамкасабаҳои рус аз ин хавотир шуда мепурсиданд, ки чаро арӯсу домодшаванда ногап? Мабодо ки ҷангӣ бошанд?! Бофандадухтарони точик бо завқ механдиданду ба онҳо мефаҳмонданд, ки аз ин чиҳат хотирашон ҷамъ бошад, ҳама корҳо тахт. Лекин аз рӯи таомул келину домодшаванда акнун шарм медоранд, аз якдигар мегурезанд, то шаби тӯй бо ҳам вонамехӯранд.

Як рӯз Қумрӣ кокулонашро майда бофта ва сарулибоси нав пӯшида барвақт ба кор омад. Вай мехост дӯконҳояшро пештар аз дигарон қабул кунад, зудтар ба кор андозад. Моҳ охир шуда истодааст, рӯзҳои ҳалкунанда бокӣ мондаанд. Ҷон якумро набояд аз даст дихад.

Дӯконҳо аз рӯи нияташ гулдуррос зада ба кор сар карданд. Қумрӣ найчан мокуҳоро зуд-зуд ивваз мекард, наҳҳои кандашударо мебаст. Ҳамин вақт чашмаш ба мехвари наварди афтода дид, ки аз он равғани сиёҳи ғализе зиҳида истодааст. Қариб ки равған ба таҳи шохивор расаду онро доғдор кунад.

Қумрӣ суръати гашти дӯконро суст намуда, латтаи сафедеро гирифту хам шуд, ки равғанро пок кунад. Ин дам нохост як-ду кокулаш чунон кашида шуданд, ки вай беихтиёр бо дасташ ба чархи гардон такья карда, аз дарди ҷонкоҳ дод гуфта фиристод, чашмонаш сиёҳӣ заданд. Хушбахтона, дӯкон оҳиста аз кор монд. Ҳамкасбон ва духтурони комбинат давида омаданд. Қумриро дар натиҷаи ин фалокат ду кокули майдабофтааш аз сар канда ва бугуме аз як ангушташ маҷақ шуда буд. Ӯро зуд ба пункти тиббӣ оварданд, захми сарашро бастанд, ангушташро ҷарроҳӣ карданд. Бо сӯзан дорои қуввати дил гузаронданд ва ба ҳавлиаш бурда монданд.

— Ба ту чашм расидагӣ, духтарам! — фиғон мекард модари зор ҳуш аз сараш парида.— Акнун зуд алас карда, оши худой доданамон даркор.

— Не, модарҷон,— гуфт Қумрӣ, ӯро тасалло дода.

Ин фалокат аз беэҳтиётии худам шуд. Кокулонамро зери сарбанд гирдугун накардам, дӯконро нахобонда равғанро пок карданӣ шудам. Хулоса, ба техникаи бехатарӣ риоя накардам.

— Ба ҳаминаш ҳам шукр кунед, хотун,— мегуфт ҳамсоязан ба модари Кумрӣ.— Як буғуми ангушташро буридааст, танга барин пӯсти сараш кӯчидааст. Ҳеҷ кисса не. Як маҳ нагузашта ту дидию ман надидам шуда меравад. Худо нишон надиҳаду мошин дам кашад буд, кушад буд, чӣ кор мекардед? Асло оби дида наредзед, ки ба худо ягон гуфтагетон будааст.

Гуфти ҳамсоязан рост баромад. Ба шарофати муолиҷаи хуби духтурон ва тани солиму ҷавони худи Кумрӣ се ҳафта нагузашта, захмҳои ӯ сиҳат ёфтанд. Ин фалокат дарси ибрат шуду дар фабрика омӯзиши техникаи бехатариро дуруст ба роҳ монданд.

Дар ин миён цехи бофандагиро реконструкция карданд, дастгоҳҳои нав шинонданд, навъҳои шоҳивору нормаҳо дигар шуданд. Сурати калони Кумрӣ боз ба лавҳаи фахрӣ баромад.

Сонӣ тӯй шуд, ба хотир меовард Кумрӣ-апа. Аз комбинат ҳам ба ҳавлияшон коргарон омаданд. Гулҳани калон афрӯхта, дар гирдаш дойра мезаданду меракси-данд. Бофандадухтарони шӯх арӯсро миёнагир карда, суруди нави ёр-ёр мехонданд:

Гулхон мо гулдаста шуд,
Ду дил ба ҳам пайваста шуд, ёр-ёр

Бахти арӯси мо тофтаст,
Номзадашро худаш ёфтаст, ёр-ёр.

Домод ӯро маъқул донад,
Кадри гулро булбул донад, ёр-ёр.

Кор аз рӯи ихлос шудаст,
Дар фабрика шинос шудаст, ёр-ёр.

Ҳамин тавр дар коллективи комбинат ҳамон шаб боз як оилаи нави коргарӣ ба вуҷуд омад.

Аз ғалаёни хотираҳо Кумрӣ-апа оҳи амиқе кашида монд. Бале, гӯё ки дирӯзакак буд ҳаман ин. Аммо дар асл зиёда аз бист сол шудааст. Умри одам чӣ кадар тез ва ноаён мегузаштааст. Ба кавли модараш, як чашм пӯшида мекушой, ки ба пешонаат чин афтодаасту ба мӯйҳоят сафедӣ. Вале Кумрӣ Наврӯзова аз умри дида ва роҳи тайкардан худ харгиз пушаймон нест. Дар ин

муддат меҳнати ӯ ҳалол ва ниятҳояш холис буданд. То аз дасташ омад, васияти падарро ба ҷо овард. Дар фабрика ҳамчун устои касби бофандагӣ ном бароварда, шогирди бисьёр тайёр кард, шоҳиди зиндаи дигаргуниҳои калони истеҳсолоти абрешимчигӣ шуд.

Аз ҳама муҳим ва шодиовараш барои Кумрӣ-апа он буд, ки вай дар ин муддат рӯи шаш фарзандро дид. Ҳаман онҳо сиҳату саломатанд. Духтари калонии ӯ Меҳринисо дар курси дуюми омӯзишгоҳи касбию техникӣ мехонад. Вай ният дорад, ки либосбуру либосдӯз шавад. Охир, ин мантиқан дуруст-дия. Модар матои шоҳӣ мебофад, духтараш аз он барои халқ либос медӯзад. Фарзанди дуюмаш Хайринисо имсол ба синфи даҳум гузашт. Вай номаи камол гирифтанист. Сеюмӣ — Зебунисо синфи ҳаштумро нағз тамом карду ҳоло дар тараддуди даромадан ба омӯзишгоҳи ҳунармандист. Боз се фарзанди Кумрӣ-апа дар мактаби миёнаи назди комбинат таҳсили илм мекунанд. Аз ҳама хурдияш ин тобистон ба синфи сеюм гузашт. Хушбахтии модар — ин осоиштагии замона, кушоиши кор ва саломатии фарзандон аст.

Ҳамин вақт ба назди Кумрӣ-апа раиси комитети маҳаллии цех омада, бо имою ишора фаҳмонд, ки ӯ баъди смена як сари қадам ба кабинети мудири истеҳсолот дарояд. Кумрӣ-апа ба маънии «хуб» сар ҷунбонд. Вале баъди рафтани раиси комитет дилаш ҳавотир шуд. Чӣ гап бошад? Мудири истеҳсолот ба ӯ чӣ кор доштааст?

Кумрӣ-апа баъди смена дӯконҳоро хобонд, ҳаҷми крепдешини бофташударо ба дафтар қайд кард, либосҳои кориашро кашида ба тӯрхалта андохту сӯи кабинети мудири истеҳсолот шитобид. Дарро кушода дид, ки он ҷо мудири истеҳсолот Евтодиев Фёдор Николаевич ва сардори цех Ломоносова Ольга Ивановна нишастаанд. Дуи онҳо коғазҳоро аз назар гузаронда, ким-чӣ хел рақамҳоро ҳисобу китоб мекарданд.

Кумрӣ-апа бо Федор Николаевич — бо ин марди хушгапи кушодачабин ба қарибӣ дар маҷлиси истеҳсолӣ шинос шуда буд. Аз рӯи шунидаш, Федор Николаевич пеш директори фабрикаи «Армуғон» шуда хизмат мекардааст. Баъд ба комбинати абрешимчигӣ омадааст.

Бо сардори цех Ольга Ивановна бошад, Кумрӣ-апа шиноси дерина аст, қариб ҳар рӯз мебинад, ҳамсӯҳбат мешавад. Ин зани хоксори меҳнатдӯст дар фабрика ба

сархорӣ вақт намеёбад. Доимо дар такудав аст. Охир, ба ин қадар цехи калону коллективи серодам ҷавобгару масъул будан кори ҳазл нест.

Мудири истеҳсолот баъди салому алек ба Кумрӣ-апа нишастанро таклиф карду сӯҳбати худро бо сардори цех давом дод.

— Комбинати абрешими Ленинобод моро боз штраф кардааст,— гуфт ӯ, варақеро аз папка ҷудо карда.— Сиюсе фоизи он аз барои доғудуғ будани матоъ. Рӯзи сифат гузаронидан лозим, Ольга Ивановна.

— Не, Федор Николаевич,— эътироз кард сардори цех.— Бовар кунед, ки ба баъзеҳо сухани хуш намефорад. Пушти ману табари кассоб гуфта мегарданд. Мачбурем, ки кори ду-се бракбофро дар суди рафиқона муҳокима кунем.

Барои Кумрӣ-апа ин гуфтугӯйҳо нав набуданд. Вай медонист, ки сифати маҳсулот дар фабрика умуман мувофиқи талаб нест. Прогул, исрофкорӣ, бедиққатӣ, алфози қабеҳ ва хатто маст шуда ба смена омадан барин ҳодисаҳои нанговар ҷой доранд. Шоҳивори бофтаи онҳо, ки моли нимтайёр ҳисоб мешавад, барои рангубору гулпартой ба комбинати абрешими Ленинобод меравад. Дар он ҷо сифати молҳои гирифтаашонро аз назар гузаронда, баъзан ҳамин тавр нуқсонҳоро ошкор мекунанд, ҷарима ҳам меандозанд.

— Қошкӣ ҳама Кумрӣ-апа барин озодакор мебуд,— гуфт Ольга Ивановна, оҳ кашида.

— Масъалаи сифати маҳсулотро ҷиддӣ муҳокима карданамон лозим,— хулоса бароварда мудири истеҳсолот. Баъд ба Кумрӣ-апа рӯ оварда гуфт:— Мо шуморо, рафиқ Наврӯзова, бо ду кор чеҳ задем. Якумаш рухсат диҳед, аз номи маъмурияти фабрика ва комбинатамон шуморо бо ғалабаи калони меҳнатиатон табрик кунем. Шумо ба ваъда вафо карда, плани панҷсолаи худро пеш аз мӯҳлат ба ҷо овардед.

— Аз рӯи ҳисоби мо,— гуфт, ба гап қатӣ шуда сардори цех,— агар маҳсулоти имрӯзаатонро ҳам зам кунем, шумо ба ҷои 68 хазору 420 метр 79 хазору 905 метр крепдешин бофтаед, ки ин аз план 11 хазору 485 метр зиёд аст.

— Раҳмат,— фақат ҳаминро гуфта тавонист Кумрӣ-апа. Аз ин хушхабар ба хаяҷон омада намедонист, чӣ гӯяд. Дилаш гуп-гуп мезаду роҳи гулӯяшро чизе банд мекард.

Федор Николаевич дастони Қумрӣ-апаро самимона фишурд. Ольга Ивановна бошад, ӯро ҳатто бӯса кард.

— Умедворем, ки то охири сол дар меҳнат боз намуна мешавед,— гуфт мудири истеҳсолот.

Ольга Ивановна дафтареро варақ зада, илова кард:

— Иҷрои плани панҷ моҳи имсолаашон ҳам ҷолиби диққат, Федор Николаевич. Қумрӣ-апа дар ин муддат ба ҷои 7968 метр 9347 метр крепдешин бофтаанд. Зиёда аз норма 1379 метр матоъ истеҳсол кардаанд.

— Офарин, рафиқ Наврӯзова! — бори дигар таҳсин хонд мудири истеҳсолот.— Маҳз шумоён барин зарбдорон обрӯи фабрикаи моро мебардоретон.

Баъд Федор Николаевич гуфт, ки ба Япония махсус аз бофандагон гурӯҳи туристӣ меравад. Вакилон дар он ҷо ҳам таҷрибаи бофандагони японро меомӯзанду ҳам саёҳат мекунанд. Маъмурияти комбинат ба ҳайати он делегация Қумрӣ-апаро тавсия кардаӣ будааст. Фардо ба ҷавоб ва розигии аниқи ӯ мунтазир мешудаанд.

Ольга Ивановна даст ба китфи Қумрӣ-апа нихода, бо табассум илова кард:

— Сабаби дуюми шуморо ҷеҳ заданамон ана ҳамин буд. Шумо бофандан ба ин хел саёҳат арзанда.

Қумрӣ-апа аз дарвозаи комбинат хаста, вале хурсанд баромад. Шаби моҳи май қариб нисф шуда буду аз ҷониби кӯҳ насими форам мевазид. Дар даҳани дарвоза автобусҳои қатор меистоданд, ки коргаронро ба манзилашон расонанд. Қумрӣ-апа ба нақлиёт эҳтиёҷе надошт. Аз ин ҷо то хавлияш 8—10-дақиқаина роҳ буд. Вай кӯчаи ҳамвору сербари Аҳмади Донишро, ки ҳамин сол аз нав сохта буданд, миёнбур карда гузашта, сӯи кӯчаи Титов рох гирифт. Аз муқобили ӯ гурӯҳ-гурӯҳ ҷавонон дойраю думбура навохта, рақсидаю суруд хонда меомаданд. Ин даъваташудагони хизмати ҳарбӣ буданд, ки ҳоло аз пункти ҷамъомад ба вокзали шаҳр мерафтанд.

— Роҳи сафед, фарзандонам! — гуфт Қумрӣ-апа, даст боло карда.

— Раҳмат! Саломат бошед, модар! — ҷавоб доданд гурӯҳе аз ҷавонон.

Ҷавонписарони тоҷик ҳамин тавр баҳору тирамоҳ ба тамоми гӯшаву канорҳои Иттифоқи бузурги Советӣ паҳн мешаванд. Ба падару модар, ҷӯраҳо ва маҳбубаҳояшон аз Украинаю Сахалин, аз Қалининграду Қавказ,

аз Қазоқистону Сибирь мактубҳо меоянд. Онҳо як-ду сол дарси ҳарбию сиёсӣ омӯхта, ба мудофиаи Ватани қаҳрамон тайёр мешаванд.

Ҳар сол моҳҳои май ва ноябрь маҳаллаи Кумрӣ-апа ид барин серодам мешавад. Даъватшавандаҳо аввал ба пункти қамъомад меоянд. Баъд ба шаҳрҳо тақсим шуда, бо самолёту поезд ба сафар мебароянд. Хизмати ҳарбӣ қавононро обутоб медиҳад, онҳоро қаҳрамонида, боинтизом ва пурбардошт мекунад. Дар комбинат бисьёр коргароне ҳастанд, ки аз сафҳои армия қавоб шуда омадаанд. Онҳо бо матонату қашмикордонӣ аз дигарон фарқ мекунанд. Дар цехе, ки Кумрӣ-апа кор мекунад, як ёрдамчии усто ҳаст. Қавонмарди хеле бадаступо ва серғайрат. Бригадаи ӯ планҳои истеҳсолӣ, сифат ва истифодаи таҷҳизотро доимо барзиёд иҷро карда, мукофотҳо мегирад.

Зиндагӣ нӯш ҳам дораду неш ҳам гуфтагӣ барин, зани қавони ҳамон ёрдамчии усто ароз карда, ба шаҳри худаш рафтааст. Гуфтааст, ки «то квартираи алоҳида нагирӣ, ба пешат барнамегардам». Осмон ба сари он қавонмард фурӯ рафтаасту оҳ кашида мегӯяд: «О, қои ман дар навбати хонаталабҳо сиюҳаштум бошад, чӣ кор кунам?!»

Масъалаи манзилгоҳ дар фабрика ҳанӯз серқанқол аст. Бофандагоне, ки ҳафт-ҳашт сол боз кор мекунанду қои истиқоматашон хобгоҳи умумӣ, ё хонаҳои иҷора, кам нестанд. Сабаби ин чист? Чаро корхона ҳар сол квартираи бисьёре мегираду боз намерасад? Сардорони баъзе оилаҳо хона ки гирифтанд, аз комбинат мераванд, ба дигар кор медароянд. Яъне ҳам коргар аз даст мераваду ҳам хона. Минбаъд қоидае қорӣ кардан лозим, ки агар аз кори комбинат равӣ, марҳамат, қор тарафат қибла. Аммо квартираро ҳам холӣ кун, чунки дигар коргар меояд.

Ҳолоиттифоқи касаба ва маъмурияти комбинат остонаи идораҳои болоро охурча карда, тамоми чорахоро дида истодаанд, ки коргаронро ҳарчи зудтар бо хонаю қо таъмин кунанд.

• • •

Кумрӣ-апаро оҳу воҳи шавҳараш барвақт аз хоб бедор кард. Вай давида хеста дид, ки Ҳомид аз таб месӯзаду пойҳояшро ғунча карда хобидааст.

— Чӣ шуд, дадош? — пурсид Қумрӣ-апа, ҳаросидаю даст ба пешонии шавҳар ниҳода.

— Якбора аҳволам бад шуд,— гуфт Ҳомид бо азоб паҳлу гашта.— Аз афташ, дарди поям боз авҷ гирифт.

— Меҳринисо, рафта духтурро ҷеғ зан,— муроҷиат кард Қумрӣ-апа ба духтари калониаш.

Солҳои охир шавҳари Қумрӣ-апа дар заводи пиво кор мекард. Моҳонаи нағз мегирифт, зиндагӣ ширу шакар буд. Вале сонӣ аз ким-кучо ба ӯ дарди раги по часпиду зуд-зуд бюллетень мегирифтагӣ шуд. Дору мехарид, укол мекунонд, дар касалхона мехобид.

«Ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ»,— аз дил гузаронд Қумрӣ-апа. Баъд саросема ба деғ алав монд, ки дами гарме пухта, ба шавҳари бемор хӯронад. Вай ният дошт, ки ин пагоҳ сафари дар пеш истодаи Японияро ба шавҳар гӯяд, маслиҳат кунанд. Инчунин пур шудани плани панҷсолаашро хабар диҳаду чорта ҳамсояҳоро ҷеғ зада зиёфатчае ороянд. Аммо дид, ки мавриди ин гапу корҳо нест.

Духтур омада Ҳомидро дид, укол кард, дорухои нав навишта дод. Фармуд, ки якчанд рӯз аз бистар нахезад ва ба кор набарояд. Духтари калонӣ «Ман имтиҳон дорам» гуфта, портфелашро бардошту саросема баромада рафт. Зебуннисо дина аз мактаб ҳуҷҷатҳояшро гирифтаасту имрӯз дар тараддуди дохил шудан ба омӯзишгоҳ буд. Дигар бачаҳо ба мактаб рафтанд, ки бахшида ба занги охирин ҷамъомади ботантана мешудааст. Дар хона аз бачагон фақат духтари дуюми Қумрӣ-апа Хайринисо монд. Вай синфи нӯҳумро тамом мекард. Ба онҳо имсол имтиҳон намешудааст. Баҳои чорьякҳои хонишро ҷамъбаст карда, ҳамту ба синфи даҳ мегузаронданд.

Қумрӣ-апа дар бораи сафари Япония умуман даҳон накушод. Дар дилаш қарор дода буд, ки намераваду халос. Шавҳар нотоб, бачаҳо имтиҳон медиҳанд, рӯзгор калон... Бо ин аҳволу хотири ноҷамъ инҳоро партофта, магар ба сафари хориҷа рафтан мумкин аст?!

— Модарҷон,— муроҷиат кард Хайринисо, рӯи ҳавлиро рӯфта истода.— Ман як ба Марғилон рафта, саёҳат карда биёям. Хешовандон доим гила мекунанд.

Қумрӣ-апа охи бадарде кашиду ба духтараш нигоҳ карда гуфт:

— Дида истодай, ки ман ба кор банд, дадоят нотоб, укоҳои майда дорӣ. Магар саёҳат ба дилат меғунҷад?

— Чӣ, тамоми таътил акнун ман зиқ шуда дар хона мешинам-мӣ? — қаҳр кард Ҳайринисо.

— Чаро дар хона мешиштай? Ана, дар рӯбарӯямон комбинат. Ба ҳамон ҷо ба кор даро. Одаму оламро мебинӣ, ҳунар ёд мегирӣ, пул кор мекунӣ.

— Толибаҳоро қабул мекунанд?

— Албатта қабул мекунанд. Дар тобистон бисьёр хонандагон ба кор медароянд. Ба қарибӣ аз Янгибозор сиюду духтар ба комбинат омаданд. Онҳо дар фабрикаи пиллакашӣ шогирд шуда кор мекунанд. Автобуси махсус духтаронро ҳар рӯз мебиёраду баъди смена боз ба маркази район бурда мемонад.

— Моҳона диҳанд, майлаш, медароям,— шавқманд шуд Ҳайринисо.— Баъд ба худам куртаи кримплен медӯзонам.

Бо ҳамин сӯҳбати модару духтар тафсида рафт. Ҳайринисои кунҷков аз модараш хоҳиш кард, ки дар бораи комбинат ва одамонаш ба вай муфассалтар нақл кунад. Кумрӣ-апа ба ӯ фаҳмонд, ки кори комбинат аз пиллахушккунӣ ва аз цехи ба навъҳо ҷудокунӣ оғоз меёбад. Баъд пилларо дар фабрикаи алоҳида мепазанду мекашанд, яъне нахашро кушода мегиранд. Дар фабрикаи пиллакашӣ пеш бисьёр корҳо дастӣ буд. Коргарон мевафурӯшони бозор барин қад-қади серияҳо қатор меистоданд. Аз бӯи пиллаю гармию буғ дамат мегашт. Ҳоло ба он ҷо дарой, мисли соҳили Қофарниҳон шаббодаю салқин аст. Вазорати мо аз Япония ба якуним миллион доллар дегу дӯконҳои нави автомат харидааст. Автоматҳо худ пилларо ба соғуҳо андохта, дар дегҳо пухта, ба назди пиллакашҳо оварда мерезанд. Дар пеши назарат ҳар рӯз садҳо килограмм пилла ба наҳҳои абрешим табдил меёбад. Наҳҳо ба цехи ресандагӣ рафта, калобаю найча мешаванд. Дар он ҷо тору пуди матои ояндаро тайёр мекунанд. Бофандаҳо бошанд, аз он атласу крепдешин мебароранд. Чанд сол пеш дар цехи дуюми бофандагӣ дусад дӯкони бемокуи чехословакӣ шинонданд, ки ҳоло зиёда аз нисфи шохиворн комбинатро ҳамон цех истеҳсол мекунад.

— Дастгоҳи бемоку? — ҳайрон шуд Ҳайринисо.

— Ҳа. Пневматикӣ,— шарҳ дод Кумрӣ-апа.— Нахи пуд бо қувваю фишори бод тела додаю танида мешавад. Суръати кори автомати «Р-125» чунон баланд, ки дар пеши назарат шохии тайёр ба наварди печида менс-

тад. Дар он ҷо ҳар бофанда бистучор дастгоҳро идора мекунад.

— Ҳар шабонарӯз чӣ қадар матоъ мебофанд?

— Қариб сӣ ҳазор метр. Ин андаряк ба дувоздаҳ ҳазор одам курта мешавад. Комбинати мо ҳар сол ба ҳисоби миёна даҳуним миллион метр шоҳию атлас мебарорад.

— Оҳо! — ангушти ҳайрат ба лаб бурда, боз пурсид Хайринисо: — Модарҷон, барои ин қадар шоҳивори бисьёр пилларо аз куҷо мегиранд?

— Пиллаи мо мегирифтагӣ,— фаҳмонд Кумрӣ-апа, фақат ба даҳьяки истеҳсоламон мерасад. Навад фоизи шоҳивори мо мебофтагӣ аз наҳҳои синтетикӣ, яъне аз абрешими сунъӣ аст.

— Шоҳии сунъӣ аз табиӣ фарқ мекунад?

— Дар комбинати мо шоҳии сунъӣ ҳаштод тин, аз они табиияш панҷ сӯм. Ана, акнун худат фарқашро ёбу гир,— гуфт Кумрӣ-апа, ҳандида.

Баъд Хайринисо донистан хост, ки чаро комбинат ба оилаи онҳо квартира намедиҳад.

— Аввалаш ин ки,— гуфт модараш,— мо дар ин бора ба маъмурияти корхона арз накардаем. Чунки оилаҳои аз мо дида мӯҳтоҷтар бисьёранд. Моро ба ҳар ҳол хавличае ҳаст. Барои таъмираш комбинат борҳо чӯбу тахтаю шифер додааст. Дигар ин, ки аз рӯи плани соҳтмони генералии шаҳр маҳаллаи мо барҳам мехӯрад. Ҳукумат ин хавличаҳоро вайрон карда, ба ҷояш биноҳои серошьёнаи маъмурию истиқоматӣ месозад.

— Мо ба куҷо мекӯчем? — ҳайрон шуд Хайринисо.

Кумрӣ-апа ӯро тасалло дода фаҳмонд, ки ин кӯчаю хавлиҳоро вайрон карданӣ шаванд, худи комиҷрояни шаҳр ба онҳо квартираҳои хуби чор ишкелаш бутун медиҳад.

— Хулоса,— фикрашро ҷамъбаст кард Кумрӣ-апа,— сар сиҳат бошад, токӣ ёфт мешавад. Аз ин ҷиҳат ғам нахӯр, духтарам.

Ин сӯҳбату шарҳу баёни Кумрӣ-апа барабас нарафтанд. Хайринисо бо якчанд дугонааш ба комбинат ба кор даромад. Духтарон карор доданд, ки таътилро бо мехнати фондабахш гузаронда, хунар омӯзанд. Баъди хатми мактаби миёна устоҳои касби пиллакашию бофандагӣ шаванд.

Акнун ҳушу ёди Кумрӣ-апа ба зудтар сиҳат шуда хестани шавҳараш банд буд.

* * *

Дар мо чӣ дар матбуот ва чӣ дар гуфтугӯҳои расмӣ одат шуда мондааст, ки агар зан кор накунаду хонашин бошад, ҳатман шавҳарашро айбдор мекунем. Ин на ҳама вақт ба ҳақиқат рост меояд. Қумрӣ-апа бисьёр занҳоро мешиносад, ки худашон корро партофта мераванд. Шавҳари баъзеи ин хел занҳо хатто «ба ягон кор даро, аз хонашинӣ чӣ мурод ҳосил?» гӯянд ҳам, онҳо бо сад радду тақал ҷавоб медиҳанд: «Шавҳар бошӣ, маро нигоҳубин кун-дия», ё худ «Ман бо дӯзандагию обчакорӣ ҳамон пулро дар хона ҳам шишта меёбам».

Ин гуна занон матлаби асосиро намефаҳманд, ки дар ягон корхона кор кардан, охир, фақат барои маошгирӣ нест. Ҳар як узви ҷамъият бояд ба пешрафти ҷамъият масъул бошад, барои равнақу иқтидори мамлакат ҳисса гузорад.

Чунончӣ, ҳоло бисьёр ҷавонон, хатто ҷуфтҳои наврӯзгор ҷои гармашонро хунук карда, ба бинокорихои Сибири дурдаст, ба КамАЗ ва БАМ мераванд. Магар рӯзи онҳо дар ин ҷо намегузарад? Мегузарад ва бисьёр нағз ҳам гузаштанаш мумкин. Вале инро дидаю дониста, дилҳои бекарор ба ҷабҳаҳои мушкил майл пайдо мекунанд, дар сохтмонҳои бузурги мамлакат шарик шудан мехоҳанд. Меҳнати буньёдкорона, меҳнати коллективона ба рухи инсон қувват ва ба зиндагиаш тароват мебахшад.

Ҳеҷ кас шакку шубҳа надорад, ки ба занҳои кор мекардагӣ нисбат ба мардҳо мушкилтар аст. Зеро зан ба ҳар ҳол сутуни онла ва чароғи хонадон аст. Фарзандро, масалан, мард на танҳо таваллуд, балки мисли зан тарбия ҳам карда наметавонад. Ин ҳикмат барои ҳама маълум аст.

Шаш фарзандро таваллуду тарбия кардан ва боз биступанҷ сол ин ҷониб дар комбинат ба меҳнат машғул шудан ба Қумрӣ-апа осон набуд. Вай ҳам метавонист аз баҳри кор барояд, бо бачаяконаш сохибхоназан шуда шинад. Ҳамин хел мешуд ҳам, ҳеҷ кас ӯро бекорчӣ гуфта, таъна зада наметавонист. Вале Қумрӣ-апа ин рохро пеш нагирифт. Вай нахост, ки аз коллективи корхонаи қадрдон, аз касбу кори ба ҷамъият судбахши худ даст кашад. Дар айёми ҳомилаю таваллуд отпуски конунӣ мегирифт, зарурате афтад, ҷавобаш медоданд. Аммо имконият ки шуд, боз ба сари дӯконҳои бофанда-

гиаш мешитобид. Вай маънои ҳаёти худ, обрӯю ифтихори зиндагиро дар меҳнат медид.

Кумрӣ-апа вақте ки ин гуна андешаҳо меронад, бештар аз ҷавонон гила мекунад. Занонеро ки рӯзгорашон калон ва бачаю каччаи бисьёр доранд, соҳиби хона шуда шинанд, афв кардан мумкин аст. Аммо ба духтарони наврас чӣ мегӯед? Баъзеи онҳо мактаби миёнаро тамом кунам-накунам, хонашин мешаванд. Дар айни камолоти ҷавонӣ, дар як даврае, ки қувваю ғайраташон мисли хуми май мечӯшад, бокими падару модар, ё дастнигари шавҳар шуда мешинанд.

Дар давоми меҳнати чорьякасраи худ дар комбинат Кумрӣ-апа аз ҳисоби ҷавондухтарон шогирди бисьёр тарбия кардааст. Монанди бофандаи гулдаст Оиша аксарияти онҳо устои касбу кори худ шуда, дар истеҳсолот диловариҳои меҳнатӣ нишон медиҳанд. Вале қисме аз онҳо ҳамин ки ба шавҳар баромаданд, ё рӯи кӯдаки аввалро диданд, корро тарк мекунанд. Ин ба устое, ки дил хун карда, ба онҳо хунар омӯхтааст, оё алам намекунад? Хушбахтона, ин гуна баҳоначӯён дар ҷамъияти мо хол-хол бокӣ мондаанд. Аксарияти кулли занон ва духтарони тоҷик имрӯз дар сафи пеши муборизони коммунизманд. Қорхонаҳои саноатҳои сабук ва хӯроквориҳ минбаъд аз ҳисоби занону духтарони маҳаллӣ боз ҳам пурра хоҳад шуд. Меҳнатдӯстии Хайринисо барин толибаҳои наврас ба ин шаҳодат медиҳад.

Кумрӣ-апа тӯрхалтаашро ба даст гирифту имрӯз ҳам барвақт ба кор равон шуд. Соат қариби чор шуда, офтоби саратон нурҳои сӯзони худро бедареғ ба замин мепошид. То гузаштан аз хиёбони Аҳмади Дониш сару рӯи одам аракшор мешуд. Дар қади кӯча мисли ҳарвақта автобусҳои комбинат қатор меистоданд, ки коргарони сменаи якумро ба манзилашон бурда монанд. Вақте ки Кумрӣ-апа ба роҳраве дохил гардид, дид ки посбон аз ҷои нишасташ тугмаи автоматро пахш мекунаду дарвозаи ғилдиракчадор худ аз худ ба ду тараф яла мешавад.

Аз дарвоза бо мошинаш директори комбинат Абдуқайюм Ғаниевич Набиев баромада рафт. Эҳтимол ӯро ба комитети шаҳрии партия чеғ зада бошанд, ё ба вазорат меравад, ки норасоиҳои пиллахушккунии базаҳои дар районҳо бударо арз кунад. Ташвиши бисьёре дорад ӯ! Чашми рӯз накафида ҳозир мешаваду баъзан то як поси шаб ӯро дар ҳудуди комбинат мебинед. Мегӯ-

янд, ки Абдуқайюм Ғаниевич ҳоло ҷавон бошад ҳам, истеҳсолотро панҷ панҷааш барин медонад. Вай дар институти бофандагии Тошканд дар вақташ ҳам механдаасту ҳам дар комбинати он ҷо кор мекардааст. Баъди хатми институт ва хизмати яксолаи ҳарбӣ дар комбинати абрешими Ленинобод шаш сол кор карда, аз ёрдамчии усто то ба директории фабрикаи муттаҳида сабзида расидааст. Баъд, сари ҳамин сол Вазорати саноати сабуки республика ӯро ба комбинати абрешими Душанбе даъват кардааст, ки кори дӯлоби ин корхонаи серташвиши пойтахтро дуруст ба роҳ монад.

Қумрӣ-апа шунида буд, ки Абдуқайюм Ғаниевич имсол дар маъракаи пиллағундорӣ шахсан худаш борҳо ба районҳои Қуйбышев, Қумсангир ва Қолхозобод рафта омадааст. Азбаски имконияти базаҳои пиллатайёркунии районҳо маҳдуд аст, даҳҳо тонна пиллаи навро кашонда, бевосита ба комбинат оварданд. Роҳбарони хоҷагиҳо планро қариб ду баробар иҷро кардем гуфта, маҷлисҳо мегузаронданду рапортҳо менавиштанд. Лекин Абдуқайюм Ғаниевич ва дигар мутахассисон бо сӯзу гудоз мефаҳмонданд, ки миқдор калон бошад ҳам, сифат ниҳоят паст аст. Масалан, аз нисф зиёди маҳсулоти супурдаи райони Қумсангирро пиллаҳои навъи сеюм ва ботилу брак ташкил медод.

Дар маҳалҳо технологияи кирмакпарварӣ ва пиллатайёркуниро дуруст намеомӯзанд, ба режими нигоҳубину парвариши кирмак — ба баргдиҳӣ, дастамонӣ, тозагӣ, ҳарорати мӯътадил ва ғайраҳо риоя намекунанд. Дар натиҷа кирмакҳо аз тиққагию ифлосӣ ва гуруснагӣ буққазарду касал шуда, дар биноҳои гарму дами камҳаво пеш аз вақт пилла метананд. Он пиллаҳо қаропачақу бебақо буда, дарозии нахашон ба панҷметр ҳам намерасад. Имсол браки пиллаи хушкондашуда нисбат ба солҳои гузашта даҳ фоиз зиёд буд. Охир, пиллаи хушсифат нахи мустаҳкам, абрешими тоза ва шоҳивори бадошт аст. Нисбат ба ин масъалаҳо директори комбинат магар бепарво буда метавонад? Ҳаргиз не!

Қумрӣ-апа аз роҳрав ба саҳни комбинат баромад. Бо вуҷуди сердолу дарахт буданаш дар ин ҷо низ аз гармӣ нафаси кас мегашт.

Дар гӯшае, назди фаввораи обнӯшӣ нахбанд Давидова раиси комитети маҳаллии цех Коваленкоро аз роҳаш дошта, илтимос мекард, ки ба бачаҳои ӯ Павлику

Наташа путёвка диҳанд. Кумрӣ-апа ба ёд овард, ки болотар аз посёлкаи Варзоб, дар домани кӯҳу лаби дарьё комбинат лагери хуби пионерӣ дорад. Ҳар сол садҳо фарзандони абрешимчиён дар он ҷо дам мегиранд. «Ман ҳам духтарчаамро ба сменаи сеюмаш фиристонам, хуб мешуд»,— аз дил гузаронд Кумрӣ-апа.

Гурӯҳе аз ҷавонон назди тахтаи фахрӣ истода, вохӯриҳои навбатии командаи футболи комбинати абрешим, инчунин миқдори холи ҳарифону худашонро гарму ҷӯшон муҳокима мекарданд.

— Салом, Кумрӣ-апа,— гуфт устои смена Юсуфҷон Охунов. Вай тез-тез қадам мемонду бо газетае сарашро аз офтоб панаҳ мекард.— Имрӯз расо ҳаво тафсид. Зудтар ба цехамон дароед, ки осуда нафас кашед.

Юсуфҷон Охунов низ тамомкунандаи институти бофандагии Тошканд аст. Вай якчанд сол аст, ки ёрдамчии уста ва акнун устои смена шуда кор мекунад. Ба қарибӣ илова ба ҳамаи ин ӯ курси семоҳаи такмили ихтисосро дар шаҳри Минск тамом карда омад. «Кадрҳои хуби ҷавон ба камол расида истодаанд»,— гуфт Кумрӣ-апа, худ ба худ хурсанд шуда.

Гапи устои смена рост буд. Кумрӣ-апа ба цех даромаду гумон кард, ки аз дами танӯри нонвой ба боғи лаби анҳор фаромад. Ҳавои ин ҷо то ҳамин дараҷа тоза ва салқин буд. Кубурҳои конденсатор, вентилятор ва милҳои обпошак хуб кор мекарданд.

Қоргарони сменаи якум дӯконҳоро ба сменщикҳои худ месупурданд. Сардори цех Ольга Ивановна бо як бригадир моҷаро мекард, ки чаро дина бегоҳ ба навбатдории дружина нӯшида омадааст.

— О худат маст бошӣ, ба тартиботи кӯча чӣ хел назорат мекунӣ? — мегуфт ӯ, ба ғазаб омада.

— Нохост шуда монд-дия, Ольга Ивановна, мебахшед,— узр мехост бригадир.— Мукофотро мешӯем гуфта, бачаҳо кашола карданд...

Дӯконҳои Кумрӣ-апа ба бригадаи ёрдамчии уста Александр Симаков тобеъ аст. Таъмирчиён дастгоҳҳоро дар ҳолати хуб нигоҳ медоранд. Худи Саша Сымаков марди меҳнатдӯсту хушмуомила буда, рӯзи дароз аз кор сар боло намекунад. Иллати ҳар як дастгоҳро вай сари вакт пай мебарад ва зуд бартараф мекунад. Кумрӣ-апа дастгоҳҳои бенуқсону ба кортайёри худро аз назар гузаронда, бо аломати миннатдорӣ ба уста сар ҷунбонд.

Дере нагузашта чорсад дӯкони автомати кӯшмоку

боз ба амал даромад. Ғулғулаи яклухту пуршиддати дастгоҳҳои бофандагӣ овози даҳҳо нафар бофандазанон ва таъмирчиёнро пахш кард. Дар байни онҳо зани зоҳиран хомӯшу назарногир, вале ботинан соҳиби азму иродаи қавӣ, пешқадами панҷсола Қумрӣ Наврӯзова низ ба кор андармон буд. Вай моҳҳои охир бо чор дастгоҳаш муттасил крепдешини аз норма зиёду сифаташ аъломебофт.

Мо ин ҷо дар бораи зиндагӣ, кор ва андешаҳои фақат як нафар бофандазани оддӣ нақл кардем. Дар комбинат ин хел одамони начиб кам нестанд. Соли гузашта комбинат 127 тонна абрешими тайёр ва даҳ миллиону ҳафтсад ҳазор метр матои шоҳӣ баровард.

Ҳоло коллектив барои сифати маҳсулот, сарфаю сариштаи ашьёи хом, ҳосилнокии меҳнат ва маданияти баланди истеҳсолот мубориза мебарад. Дар давоми даҳ соли оянда ҳудуди корхона то паҳлӯи кӯпруки роҳи оҳан васеъ мегардад. Фабрикаҳои нави рангубору гулпартой, биноҳои маркази ҳисоббарорӣ, маъмурӣ ва маданию маишӣ қомат рост мекунанд. Мушкилоти нақлиёт, хонаю ҷо ва манзилгоҳи коргарон низ ҳал мешавад.

Мо ба диловарони истеҳсолоти бофандагӣ дар панҷсолаи нав комьёбиҳои тоза ба тозаи меҳнатӣ орзумандем. Шумо ҳам, Қумрӣ-апа, саломат бошед, ба бахти фарзандонатон умри дароз бинед, пири бадавлат шавед.

Июли соли 197F

ЗИЁРАТ ҚАБУЛ

(Аз хотираи сафари Германияи Ғарбӣ)

1

Пеш аз он, ки одам ба ягон ҷо ба сафар барояд, табиист, ки дар хусуси шароитҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, маданият ва сиёсати он манзилу маконҳо, дараҷаи зиндагонии сокинонаш маълумот гирифтан ва тасаввурот пайдо кардан мехоҳад. Аз ҳамин нуқтаи назар ман низ **кариб** як мох ба омӯхтани таърихи гузашта ва вазъияти имрӯзаи Германияи Ғарбӣ машғул шудам. Қабл аз ин ҳам дар бораи ин мамлакат ва одамонаш тасаввуроте доштам. Акнун мехостам тасаввуроти худро бо ҳақиқати реалӣ муқоиса карда бинам.

Ман ба хотир овардам, ки ҳанӯз бача будему афсонаҳои басо шавқангези бародарон Гриммро мехондем. Бо «Мукча»-и Гауф, бо «Саргузашти барон Мюнҳавзен»-и Распэ шинос мешудем. Баъд асарҳои Томас Манн ва Анна Зегерс, Ремарк ва Цвейг, Вольф ва Ибсен ба дастамон фаромаданд. Эҷодиёти классикони адабиёти немис Лессинг, Гёте, Шиллер ва Генрих Гейне бошад, моро тамоман мафтун карданд. Адабиёти классикии Германия дар бобати табақаҳои гуногуни ҷамъият, таърихи пур аз фоҷиахо ва муборизаҳои шадиди синфии ин мамлакат маълумоти мукаммал медиҳад. Баъди ба сари ҳокимият омадани саркардаи фашизм Гитлер кариб дусаду панҷох нависандаи пешқадами немис ватани худро тарк кард. Кисме аз онхо ба Иттифоқи Советӣ паноҳ оварда, муборизаи худро ба мукобили ҷанги хонумонсӯзи ҷахон бо қалам давом доданд. Ба ман инаш ҳам маълум буд, ки кашшофи назарияи нисбӣ, олими генералии асри мо Альберт Эйнштейн маҳз дар солҳои ҳукмронии Гитлер аз Германия ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҳичрат карда буд. Баъди ғалабаи оламшумули Армияи Советӣ ва торумор гардидани фашизм дар ху-

дуди Германия ду давлати сохти сиёсиашон гуногун — дар ғарб хукумати федералй, дар шарқ республикаи демократй ба вуҷуд омаданд.

Республикаи Федеративии Германия яке аз давлатҳои пешкадами ҷаҳони имрӯзаи буржуазй буда, даъво дорад, ки маҳз сиёсати он гӯё ки ба халқи немис ҳаёти осудаҳолона ва хушбахтона ато карда метавонад. Дар паҳлуи он нахустин давлати коргару деҳқон — Республикаи Демократии Германия қомат бардошта, дар амал намоиш медиҳад, ки барои мардуми немис роҳи озодию саодати ҳақиқй кадом аст. Дар ин сарзамини қадимаи Европа гӯё ки як дил ба ду тақсим шудааст ҳар пораи он ба тарзи худ мустақил такопӯ дорад. Аз муқоисаи ин ду давлати сохти сиёсиашон гуногун хулоса баровардан мумкин хохад шуд, ки ояндаи халқи немис ба кадом система тааллуқ дорад.

Ман дар бисьёр мақолаҳо хонда будам, ки дар олами капитал маънои ҳаёт, иззати нафс, орзуву ҳавас ва эҳтироми шахс барин мафҳумҳои муқаддас кайҳо поймол шудаанд. Он ҷо ҳама чиз фурӯхта мешавад. Ҳама чизро харидан мумкин аст. Шарафу виҷдон — суханони обшуста, ахлоқу одоб — урфу одатҳои нодаркори қадима, кори савоб — сентиментализми аблаҳона. Барои пул, барои маишату боигарй ҳар як каси садди роҳшударо берахмона маҳв месозанд. Дар натиҷа одам худро танҳову бепушту панох хис мекунад, атрофиёнро душмани ва бадхоҳ мехисобад. Муносибати ғоратгарона нисбат ба хешу акрабо, нисбат ба ҷамъият қонун шуда мемонад, замона аз зӯру тамошо аз кӯр мешавад. Акидаҳои кибру ғурур, шӯхрату танпарварй, ба тақдири одамони гирду ҷониб бепарвой, тамасхур ва берахмй авҷ мегирад. Бӯҳронҳои пай дар пай иқтисодй аз мақоли «меҳнат калиди комьёбиҳо» ному нишон намегузорад. Барои расидан ба мақсад акнун воситаҳои дигар: хушомад, ришва, дурӯягй, виҷдонфурӯшй, макру фитна ба кор меоянд. Ба одамон на аз рӯи донишу маҳорат, балки аз он ҷиҳат баҳо медиҳанд, ки аз вай чй меруяд, ё ба туфайли ӯ бо кадом мансабдор карин шудан мумкин аст. Ин роҳи мансабу шӯҳрати сохта оқибат ба вайроншавии ахлоқи инсонй оварда мерасонад. «Олам сӯзаду кабоби қаландар пазад» — шиори харисони молу зар шуда мемонад...

Санъат ва адабиёти мамлакатҳои буржуазй хоҳ-нохоҳ хамин ҷиҳатҳои сохти ҷамъиятии худро инъикос ме-

кунанд. Образи одамони дар роҳи муроду ғоя муфлис дар маркази эҷодиёти онҳо меистад.

Чандин сол аст, ки бо қарори ЮНЕСКО фестивали театрҳои миллии ҷаҳон барпо мегардад. Чунин фестивальҳои байналхалқӣ то ин муддат дар Париж, Варшава, Қаракас ва Белград гузаронда шуда буданд. Имсол фестиваль аз 26 апрель то 13 май дар шаҳри Гамбург барпо шуд. Мо, гурӯҳе аз сайёҳони соҳаи маданият аз Иттифоқи Советӣ ба Республикаи Федеративии Германия азми сафар доштем, ки қисме аз спектакльҳои онро тамошо кунем. Ба ҳайати вакилон аз Тоҷикистон муаллиман институти санъат ба номи Турсунзода Дилбар Абдушукурова ва ман ҳамчун драматург дохил шудем.

Маълум, ки пеш аз рафтан ба ягон мамлакати бегона дили одам беқарор мешавад, ба хаяҷон меояд. Ба ман ҳар як шинос ҳангоми хайрухуш« сафаратон бехатар бод!» мегуфт. Ин гӯё гӯшонае буд ба он, ки ҷои мо мерафтагӣ ба ҳар ҳол зодгоҳи фашизм, лонаи гурезаҳои сиёсӣ, паноҳгоҳи хоинони халқу Ватан, макони неонацистҳои никорталаб, мамлакати душманони ғоявии коммунизм мебошаду эҳтиёт шудани мо дар он ҷо шарт аст. Вале мо тасалло меёфтем ва далер мешудем аз он ҷиҳат, ки Германияи Ғарбӣ ғайр аз ин зодгоҳи адиби машҳури ҷаҳон Гёте, бастакорони номӣ Бетховену Штраус, майдони муборизаҳои шадиди марксистӣ шӯълавар Эрнст Тельман аст. Дар рӯзҳои ҷашни Якуми Май соли 1979 ба ҳодими намоёни ҷамъиятии немис Курт Бахман дода шудани «Мукофоти ленинии байналхалқӣ барои мустаҳкам кардани сулҳ» ба он шаҳодат медод, ки дар Германияи Ғарбӣ қуввахои тараққипарвар ва ҳаводорони дӯстию осоиш низ кам нестанд. Синфи коргари он кишвар барои ҳуқуқҳои инсонии худ, бар зидди монополистон ва фашистони навбаромад муборизаи беамон мебарад. Вай ҳаргиз намехоҳад ва роҳ намедиҳад, ки гитлерзодагони никорталаб боз аз гӯр сар бардоранд, халқи ҳунарманду меҳнатдӯсти немис боз гунаҳкору бадном шавад.

2

Самолёти ИЛ-62 дар давоми се соат аз Москва ба Франкфурти соҳили Майн расида омад. Аэропорти ин шаҳри марказии Германияи Ғарбӣ дар ҳақиқат ободу маъмур, барои пассажирон бароҳат будааст. Садҳо метр

роҳчаҳои тасмадори гардон бору бӯғча ва одамонро беозор аз як гӯша ба гӯшаи дигари бинои қасрмонанд бурдаю оварда мемонанд.

Дар Москва ҳамон шабурӯз ҳаво ғайриоддӣ тафсон буд. Дар Франкфурт бошад, ҳаво ҳамагӣ 5—6 дараҷа гармӣ дошту аввали баҳору боронгариҳои Тоҷикистонро ба хотир меовард. Сайёҳони советиро намояндагони сафоратхонаи дар Бонн будаи худамон, инчунин ходими Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании Германияи Ғарбӣ — Иттиҳоди Шӯравӣ самимона пешвоз гирифтанд.

Мо дар толорҳои фароху ҳавояш тозаи аэропорт ягон соат дам гирифтему баъд ба аэробуси америкоии типи «Боинг» нишастем. Даруни аэробус васеъ ва равшан буд. Сесаду панҷоҳ пассажир дар ҳар қатор ҳаштнафарӣ менишастанд. Стюардессаҳои чобук бо аробачаҳо кока-кола, пиво, шарбатҳои мева оварданд. Мо таҳтӯл кардем. Дар рӯ ба рӯи ҳар як кресло варақаю журналҳои рангаю мусаввар меистоданд, ки бартариҳои нақлиёти ҳавоии немис «Луфтҳанза»-ро бо сад раҳаму матну сурат ташвику тарғиб мекарданд.

Аэробус беозор ба ҳаво бардошта шуд. Абрҳои тираи бороний заминро аз чашмонамон панаҳ карда буданд, Ҳамин вақт Дилбар Махсумовна, ки дар паҳлӯи ростам менишастанд, гуфтанд:

— Дар Душанбе шом шуду мо акнун хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрем.

— Фарқ магар чунин калон аст? — пурсид актрисаи молдовӣ Виорика.

— Бале, панҷ соат,— тасдиқ кардам ман.— Ин ҷо ҳоло соат дуи рӯзу дар Тоҷикистони мо ҳафти бегоҳ.

Мо баъди таҳтӯл сурати журналҳои мусавварро тамошо мекардем. Пассажирони немис ахбороти рӯзномаҳои нави «Ди Вельт», «Ҳеральд трибун», «Зуддойче Цайтунг», «Рейнише пост», «Франкфуртер альгемайне» ва ғайраҳоро аз назар мегузаронданд.

Ман ба ходими «Интурист» Марина Эразовна, ки забони немисиро хуб медонисту ба мо бояд тарҷумон шуда хизмат мекард, рӯ оварда гуфтам:

— Афсӯс, фурсат нашуду ин шаҳрро тамошо накардем.

— Дар бозгашт аз Гамбургу Мюнхен,— ҷавоб дод вай,— ба мо саёҳати Франкфурт пешбинӣ шудааст. Мо он ҷо ҳавлӣ-музеи Гётеро зиёрат хоҳем кард.

Саржессёри театри давлатии Қароқалпоқистон Қувватбой сӯи мо гарданашро ёзонда пурсид:

— Марина Эразовна, пиворо ба немисӣ чӣ мегӯянд?

— Бияр,— ҷавоб дод тарҷумон ва хандида илова кард:— Чӣ, нӯшидеду маъқул шуд?

— Ҳа,— гуфт Қувватбой,— пивои бавариаш зӯр будааст. Боз пурсам, медода бошад?

— Бемалол, хурсанд мешавад,— фаҳмонд Марина Эразовна.

Қариб як соат гузашта буд, ки абрҳо барҳам хӯрданду «Боинг» паст фаромад. Радио эълон кард, ки пассажирон Гамбургро тамошо кунанд. Бо ин мақсад аэробус хаму рост мешудасту дар болои шаҳр давр мезадааст. Ҳама чашм ба тирезаҳои сершумори ду паҳлӯ дӯхтанд. Гамбург шаҳри пур аз боғу дарахт, серкӯлу пурнаҳр будааст. Аз бандари серқаду бари он садҳо хел киштиҳои хурду калон менамуданд. Ду кӯли фарохи миёнаи шаҳр абрпораҳои осмон ва ҳатто тарҳи «Боинг»-ро инъикос менамуданд. Дар сатҳи оби нилгуи завраҳҳои бешумори бодбонашон ранга паҳн шуда буданд. Ин кӯлҳо ҷои асосии мусобиқаҳои спортӣ ва машқи завраҳҳои бодбонӣ будаанд. Дар ду паҳлӯи қариб ҳамаи кӯчаҳои шаҳр қатор-қатор автомашинаҳои сабукрав меистоданд. Кӯпруки бисьёр, маҳаллаҳои сериморат, каналҳо ва боғу бульварҳо аз боло аҷаб зебо ва дилрабо метофтанд.

Фульсбюттель — аэродроми Гамбург барои парвоз ва фуруд ду роҳ дошта, соле қариб сад ҳазор самолётро қабул ва гусел мекардааст. Ҳоло дар Кальтеннирхен ном маҳалли шимолии шаҳр аэропорти нави аз ин ҳам калонтар ва бошукӯҳтар сохта мешудааст.

Мо аз самолёт фаромада, бо автобус ҷониби меҳмонхонаи «Ҳолштенвалл» раҳсипор шудем. Ин меҳмонхонаи арзон рӯ ба рӯи музеи таърихӣ ва охири боғи калонтарини шаҳр Валлрингпарк ҷойгир шуда, аксар хуҷраҳои дукасаи он ваннаю душ ва обрез барин чизҳои барои зиндагӣ зарур надорад. Ягона телевизори ранган меҳмонхона дар толорчаи ошьёнаи якум гузошта шудааст, ки намоиши онро диданӣ шавед, баъзан ҷои нишаст намеёбед. Дар атрофи ҳотел кохи ёдгории Бисмарк, бандар, магазинҳои мебель, истгоҳи метрои Сан-Паули ва боғҳо ҷой гирифтаанд. Сад метр дуртар аз мо хиёбони ба тамоми Европа машҳури Реепербаҳн оғоз

меёфт, ки дар хусуси аҷоиботи гӯшношунида ин кӯчаю маҳалла алоҳида сӯҳбат хоҳем орост.

Гамбургро худи немисҳо шаҳр не, балки давлат мененамонд ва ин албатта бесабаб нест. Сездаҳ нафар аъзоёни сенат бургомистри якум ва дуюмро интихоб мекунанд. Дар доираи чил километри атрофи ратуша (марказ) қариб се миллион аҳолӣ зиндагонӣ мекунад, ки аз ин яксаду бистуяк ҳазораш хориҷиён мебошанд. Якҷоя бо ҷазираҳои Нейверк ва Шерхорн, ки дар резишгоҳи дарьёи Эльба воқеанд, ҳудуди ин шаҳри давлат 753 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Гамбург дар шимоли Республикаи Федеративии Германия маркази саноат, иқтисодиёт, маданият, савдо ва спорт ба ҳисоб меравад.

Бандари Гамбург, ки қариб навад километр мураббаъро ишғол кардааст, калонтарин дар Европа буда, як худи соли 1977 ҳабдаҳ ҳазору панҷсад киштии мамлакатҳои ҷаҳонро қабул кардааст. Туннели шашраҳаи мошинагарди зери дарьёи Эльба иншооти нодири замони мо буда, се ҳазору сад метр тӯл кашидааст. Канали сербари Эльб-Зейтен 115 километр дарозӣ дошта, роҳҳои обии ҷанубу шимоли мамлакатро бо ҳам мепайвандад. Ҳоло қаъри дарьёи Эльбаро аз Баҳри Шимолӣ сар карда то худи шаҳр боз то сездаҳ метр кофта чукур мекунанд, ки омадурафти киштиҳои уқьёнусгард ба бандаргоҳ бемалол шавад.

Тамошои бандари Гамбург дар ҳақиқат ҳайратангез аст. Мо дар ҳавзаҳои он бо теплоход зиёда аз як соат шино кардем. Бандарро выставкаи доимии киштиҳои ҷаҳон гӯем, хато намешавад. Дар он бистуяк заводи киштиремонткунӣ, садҳо анборҳои мева, верфҳои нафту бензин, ду ҳазор кӯпрук, 60 кӯли калон, қариб 500 километр роҳи оҳан, дар боло эстакада-кӯпруки мошинагарди баландияш 135 метру дарозиаш панҷ километр; киштиҳое, ки кӯҳ барин баланду шаҳрча барин сериморатанд, дарвозаҳои пӯлодину пуриқтидори сатҳи обро идоракунанда ҷой дода шудаанд. Мо он ҷо киштии советии «Берёзовка»-ро низ дидем, ки аз Одесса бор оварда буд.

Аз бандар ба ҷониби шаҳр нигаред, ҳайкали Бисмарк, манораи телевизион, гунбаду хоҷи баланди калисоҳои қадима, биноҳои осмонбӯси навбуньёд аз қабили Мессе, Дойчер Ринг ва ғайраҳо ҷудо шуда меистанд.

Дар соҳил қатор-қатор магазину ошхонаҳо сохтаанд.

Бахрнавардон, маллоҳон ва сайёҳони миллатҳои гуногун дучор меоянд. Ин ҷо бо ҳар баҳона бозору ярмаркаҳои молфурӯшӣ ташкил мекунанд. Дар болои дари баъзе дӯконҳо бо забони русӣ навишта мондаанд: «Марҳамат фармоед! Ин ҷо бо забони рӯсӣ гуфтугӯ мекунанд!» Савдогарони немису поляк махсус забони русиро омӯхтаанд, ки молҳояшон харчи бештар ба фурӯш равад. Бо қисме аз маллоҳони советӣ мо маҳз дар ҳамон магазинҳо шинос шудем. Дар мамлакати бегона дучор омадан ва сӯҳбат кардан бо ҳамватанони азиз ба ҳар яки мо қуввату рӯҳ мебахшид.

3

Ҳамон шабурӯз қариб ҳаман бист театри шаҳри Гамбургро спектаклҳои фестивали байналхалқӣ ишғол карда буданд. Намоиши театрҳои миллии Марсель, Штутгард, Лондон, Барселона, Нью-Йорк, Сан-Франциско, Пекин, Париж, Амстердам, Неаполь ва ғайраҳо пур аз тамошобин мегузашт. Дар фестиваль аз Иттифоқи Советӣ коллективи театри ба номи Горькии шаҳри Ленинград (роҳбари бадеияш Георгий Товстоногов) иштирок мекард. Спектаклҳои ин театри номдори Ватани мо «Дони ором» (аз рӯи асари М. Шолохов) ва «Таърихи асп» (аз рӯи асари Л. Толстой) дар байни мухлисони санъат ва меҳмонон муваффақияти калон пайдо карданд. Чунончи, театршиноси немис Ҳорст Цирман дар рӯзномаи «Ди Вельт» ба спектаклҳои русӣ тақризи мусбат навишта, маҳорати баланди актёрони советиро қайд намудааст. Вай аз «Дони ором»-и Шолохов сухан ронда, образи Григорий Мелеховро чун фоҷиаи фарде ба қалам медиҳад. Чӣ қаҳрамони асар ва чи актёр, мегўяд ӯ, байни сафедону сурхон ва байни Аксиньяи шӯхмизоҷу Натальяи покдоман монда, умри худро хазон мекунанд.

Ҳайати сайёҳони советӣ бегоҳӣ ба бинои театри Шаушпилхаус омад. Ин ҷо театри Ла Машери Рим спектакли Ведекинд «Ҷилваи баҳор»-ро намоиш медод. Аз рӯи фаҳмиши ман, мазмуни мухтасари ин асар чунин будааст:

Ду ҷавонмарди чӯра бо ҳам баҳс мекунанд, ки зан гирифтан хуб аст ё бад. Яке мегўяд, ки хуб аст, зеро ӯ ба нозанине дил бохтааст, ки бахташ тобаду шавҳари

ӯ шавад, худро саодатноктарин одами дунъё меҳисобад. Дигаре ин корро баръакс бармаҳал ва дарди сари зиёдатӣ меномад. Дар як замоне, ки,— мегӯяд ӯ,— бо бевахои харис ва духтарони кӯчагӣ кай хохӣ коми дил бароварда метавонӣ, хӯрчини алоро ба гардан андохтан камоли нодонӣ нест?».

Дар саҳнаи дигар ҷавони дилбохта бо маъшуқаи маъсуму маҳбубаш мулоқот мекунад. Сӯҳбати онҳо аз бобати табиат, зебоиҳои ҳаёт ва муҳаббату оила хеле самимона завқангез мегузарад. Вале якбора шахвати ҷавонмард туғъён мекунаду ба духтар дармеафтад. Духтараки бегуноҳ, ки асло ҷашмдори чунин сурат гирифтани воқеа набуд, майли ошиқашро қатъиян рад мекунад. Аввал ба ҳайрат меояд, баъд ба дахшат меафтад ва доду фиғон мебардорад. Вале ҷавонмард бештар ба шӯр омада, бо мушту лагад, бо зӯрӣ, ба мақсад мерасад. «Дӯст ки дорӣ, хоҳиши маро рад накун» — хулоса мебарорад ӯ.

Духтаракро осмон ба сар фурӯ меравад. Вай ҳеҷ гумон надошт, ки чунин ҷавони хушгапу хушсурат ботинан берахму ваҳшӣ будааст. Аз одаму олам дилаш хунук мешавад. Ба замми ин модари бевааш, ки худ бо марди бегонае ошкоро алоқа дошт, ин хабарро шунида, ба ҷои арзу шикоят шодмонӣ мекунад ва мегӯяд, ки зудтар бо он ҷавонмарди ҷасур ақди никоҳ кунад. Духтар бошад, на танҳо ақди никоҳ, балки акнун чашми дидани он ҷавонмард надошт.

Ҷӯраи ҷавонмард то ин муддат бо духтарони сабукпо сухан ронда мегардад. Духтарони бараҳна ӯро миёнагир карда, яке пианино менавозаду дигаре мерақсад. Вак-ваки якзайли сагон аз дамидани субҳ хабар медиҳад. Нидоҳои мадҳушонаи аҳли базм ва ҳаракатҳои бешармонаи онҳо касро ба ҳайрат меандозанд.

Ҷавонмард бошад, аз ин гуна маъракаҳо худро канор гирифта, маҳзуну маъюс шуда мемонад. Вай мекӯшад, ки бо маъшуқааш оштӣ шавад, ӯро ба занӣ гирад. Вале маъшуқа ба ӯ дигар рӯҳуш намедиҳад. Болокории ин духтарак ҳомила шудаасту бо мақсади бачапартой назди занҳои ҷарроҳ меояд. Ҳангоми ҷарроҳӣ доду фиғони ӯ ба фалак мепечад. Баъди чанде ҷавонмард меояду латтаи хунолудеро бо дандон газида, ҷастухез мекунад, фарьёд мекашад, намедонад сари худро ба кадом дару девор занад.

Дар саҳнаи охир мебинем, ки модари духтар бо мар-

ди бегона ишрати худро давом медиҳад. Зане дарди таваллудкуниро тасвир мекунаду фоҳишае девона шуда, дар болои миз луччи модарзод гаштааст. Ҷавонмард бошад, назди чӯраи занбозаш омада, ӯро ҳарисона бӯсу канор мекунад ва окибат ба сари зонуяш баромада мешинад...

Ман сюжети спектакли Ла Машер «Ҷилваи баҳор»-ро қасдан батафсил навиштам, то таъкид намоям, ки он намоиши типикии санъати имрӯзаи Ғарб аст. Одамони аз ташвишҳои иҷтимоию аз сиёсат дур, ҷаҳонбинишон тангу ба фиску фуҷур дода шуда, ноҳамвории рохи зиндагӣ, шарҳнопазир будани муносибатҳои одамон, ояндаи ноаёну тира — чунин аст матлаби он намоишҳо.

Иқрор бояд шуд, ки актёрон нақши худро аз рӯи сюжет бо эҳтирос, барҷаста, самимона ва эътимодбахш бозӣ мекунанд. Бозьёфтҳои аҷиби эҷодӣ ва услубҳои хоссаи режиссёрони таҳиягарро низ қайд кардан лозим аст. Онҳо барои ифодаи рӯҳи асар ва олами ботинии қаҳрамонҳо аз пантомима, аз савту садоҳои табиат, аз бозию лаппиши нури прожекторҳои ранга фаровон истифода мебаранд.

Вале воситаҳои тасвири онҳо аз доираи ақлу одоби мо тамоман берун аст. Дар саҳна нишон додани раксу ҳаракати духтарони луч, ки фақат дар по мӯзача доранд, таҷовузи зан, аборт, ғусл, эҳтироси занҳои дугонабозу мардони занхислат, кайфи тарьёку бепарвоӣ ба олам барои тамошобини ахлоқу маданияташ баланди мо қабулнопазир ва нафратангезанд.

Спектакльҳое, ки мо дидем, умуман ба қолиби як жанр намегунҷанд. Чунончи, спектакли «Саломей»-и ширкати Линдшау Кемпи Лондон, ё «Миллион марка»-и театри худфаъолияти Евгенио Барба аз Дания. Инҳо операанд ё балет, драма ё цирк, кино ё концерт— маълум нестанд.

Дар ин спектакльҳо унсурҳои кулли асархои саҳнавӣ ба назар мерасанд. Кор фармудани никобҳои ҳархела, рангубор додани чашму лабу рӯю пешона, баъзан нақшу нигори ғайриоддии тамоми пайкари урьёни актёр ба авчи баландаш расидааст. Мусиқии гӯшхарошӣ нагораву лаълиҳо, ҳаёҳуи ваҳшиёнаю ҷастухезҳо — воситаҳои маъмули ин спектакльҳоанд.

Дар спектакли «Саломей», ки дар мавзӯи антиқа офарида шудааст, дар марказ образи шоҳе меистад, ки

табиат ӯро аз эҳсосоти мардӣ маҳрум кардааст. Шоҳ бо ҳамин сабаб доим бесаранҷом ва дар ғазаб буда, аз ҷавонмардони дарбор рашк мебарад, касос мегирад, ба онҳо бераҳмона ҷазоҳо медиҳад, ҷавонзанонро низ ба шиканҷа меандозад.

Дар оғози намоиш хирмани кадом як гиёҳи хушкро ба дараҷае сӯхта дуд мекунанд, ки фағонаҳои он тамоми залро фаро мегирад. Аз дуд, дангар-дунгури тоҳои мис, аз никобҳои ранган актёрон, аз лаппиши беороми қандилҳо, аз печутоби аждари ҳақикие, ки дар саҳна меҳазад, гаранг шудаю ба дахшат афтода, ба моҳияти аслии асар дуруст сарфаҳм намеравед.

Спектакли «Миллион марка»-и театри Данияро бошад, концерти рақсҳои ғайриоддӣ номидан мумкин аст. Рақс бо склети бача, рақс бо пои дарози чӯбин, рақс бо никобе, ки лабонаш то пушти гӯш инҷ аст, рақси акробатӣ, карнаю сурнаи бисьёр майнаатонро афшонда ба дастонатон медиҳад. Ҳамаи ин нағмаву дутор дар саҳна не, балки дар миёни хайма калон ба амал мепайвандад. Тамошобинони қаторҳои пеш бевосита дар замин рӯи намад тиққа шуда мешинанд.

Спектакльҳое, ки бо услуби ба мо шинос намоиш дода шуданд, «Шоҳ Эдип»-и театри драмавии Афина ва «Марди якуму дуюм»-и театри Тҳалияи худи немисҳо буданд. Ман, ки «Шоҳ Эдип»-ро чанд сол пеш дар Тошканд дар иҷрои Шукур Бурҳонов дида будам, беихтиёр бо бозии артистони Юнон муқоиса кардам ва хулоса баровардам, ки спектакли артистони ӯзбек аз ҳама чиҳат боло меистад. Юнониҳо ин спектакльро баръакс суст, бе ҳиссиёти лозима, сатҳӣ ва андак дилгир бозӣ карданд. Фоҷиаи машҳури Софокл дар иҷрои онҳо тароват ва таъсири аслии худро ифода карда натавонистааст.

Мо рӯзе дар Ҷамъияти дӯстию робитаҳои мадании Германияи Ғарбӣ — СССР бо директори генералии фестиваль, бо режиссёри машҳури театри драмавии Гамбург Ивон Нагель мусоҳиб шудем. Вай гуфт, ки дар фестивали байналхалқӣ ин навбат чил театри миллии ҷаҳон қариб бо сад спектакль иштирок кард. Аксари коллективҳои ба гастроль омада театрҳои аз давлат ҷудо, хурд ва шахсӣ буда, бо ташаббус ва услуби махсуси худ вуҷуд доранд. Театри як актёр ҳам, ки солҳои охир дар Ғарб расм шудааст, баъзан аз гурӯҳҳои калон бештар муваффақият пайдо мекунад.

Театрҳои немис, суханашро давом дод ҷаноби Нагель, ба драматургияи классикии рус ва муосири советӣ мароқи калон зоҳир мекунанд. Дар саҳнаи театрҳои Германияи Ғарбӣ пьесаҳои Гоголь, Грибоедов, Островский, Толстой, Чехов ва Горький монда шудаанд. «Фочиаи оптимистии» Вс. Вишневский, «Любовь Яровая»-и К. Тренёв, «Шикаст»-и Б. Лавренев мақбули тамошобинон гардиданд. «Ваня-амак»-и Чехов ва «Идиот»-и Достоевский бошанд, дар репертуари театри Тҳалияи Гамбург мустаҳкам ҷой гирифтаанд.

Ивон Нагель дар хотима ҳасрат кард, ки дар Германияи Ғарбӣ зиддияти байни давлату эҷодкор меафзояд. Ба эҷодкор фантазия ва озодии комил лозим аст, вагарна киною телевизион театрро фурӯ мебарад. «Ҳамин фестивальро сиҳату саломат ҷамъбаст кунем,— гуфт вай,— ман аз баҳри кори театр тамоман мебароям. Як-ду сол дар хона нишаста китоб менависам ва баъд ба сифати журналист ба Нью-Йорк кӯчида меравам. Ҳашт сол дар драмтеатри Гамбург кор карда ба сарам мӯ намонд. Мағали молияи театру сиёсати ҳукуматдорон умрамро хазон кард».

Мо афсӯс хӯрдем, ки чунин як ходими пурдидаю кордони театр аз ноҷӯриҳои шароит ба дод омада, касбашро тағьир доданист, ҳатто ватанашро тарк карда, ба хориҷа гурехтанист... Тазодҳои «дуньёи озод» моро ба ҳайрат меандохтанд.

4

Дар Германияи Ғарбӣ мо бо бисьёр одамон, бо шахсони касбу корашон гуногун мусоҳиб шудем. Гитлерро ном баред, ҳамаи онҳо ба ӯ лаънат мехонданд. Яке барои он, ки ин пешвои фашистон ҷанги ҷаҳонро оташ дода, башариятро ба бузбозӣ андохт, халқи немисро бадному сархам кард. Дигар барои он, ки ҳисоби Гитлер нодуруст баромаду нақшаашро то охир расонда натавонист. Мусоҳибон дар хусуси Ватани мо асосан бо эҳтиром сухан меронданд. Мегуфтанд, ки СССР зӯртарин давлати ҷаҳон аст. «Барои чӣ,— мепурсиданд баъзеи онҳо,— аскарони шумо аз Республикаи Демократии Германия намебароянд?» Ба роҳбарони ҳайати мо лозим шуд ба он каҷфаҳмон таърих ва бо гуноҳи киҳо ба ду тақсим шудани Германияро хотир-

расон кунанд, фахмонанд, ки сарбозони советй дар Германияи Шаркй бо талаботи хукумати демократии немис нигох дошта шудаанд.

Дар бораи зиндагй ва маишат гап кушода шавад, аксари немисхо шикоят мекарданд, ки нарху наво торафт боло мебарояд, кариб чорьяки маош ба ичорапулй меравад. Мо пурсидаю муқоиса карда дидем, ки дар он мамлакати намунавии капиталистй на фақат ичорапулй, балки киною театр, журналу китоб, наклиёт, хўрокворй ва хатто оби минералй аз мамлакати мо дида қимат будааст.

Дар метрои мо кас.панч тин мепартояду хар кучое хохад, рафтан мегирад. Он чо масофаи байни хар истгох панч тин буда, то охири ягон рох бо метро равед, бемалол аз бахри як сўм баромадан лозим меояд. Нархи таом дар ресторан бехад баланд аст.

Дар яке аз майдонхои шахр дидем, ки духтару писар — ду студенти камбағали либосхояшон юфун бо гитара суруд мехонданду садақа металабиданд. Рохгузарон ва сайёхони мо ба назди онхо чил-панчохпеннигй партофтанд. Ман ба чавон як пачка сигарети булғорй дароз кардам, хурсанд шуда гирифт. Дуртар аз бинои вокзали Гамбург — **пирамарди ришаш фахўли ба остин латтаи сурх бастагй зарферо наздаш нихода гадой карда менишаст.**

Пўшида нест, ки дар Германияи Ғарбй саноат ва хочагии кишлоқ пеш рафтааст, хосилнокии мехнат баланд, шахрхо обод, савдо дар авч. Аммо бовар кунед, ки дар он чо баробарй байни табақахои чамъият нест. Яке миллионеру дигаре гадои бехонумон, яке барои сагаш хизматгор дораду дигаре кути лоямут ёфта наметавонад, ки рўз гузаронад. Хусусан ахволи мусофирони турку зангию араб, ки кор кофта омадаанд, табох аст. Он бечорахо ба ичрои пасттарин супориш тайёранд. Дар бар камзўлчахои зарди фақирона боркашону фаррош шуда мегарданд. Қисме аз онхо кор наёфта, сарсону хорузор шуда, оқибат дуздие мекунанду ба зиндон меафтанд. Ранчуроне бекасу ғариб касалхонаю табобати бепулро дар хоби шабашон хам намебинанд. Чо-чо сурати террористони бачадузду одамкушро овехта мондаанд ва илтимос кардаанд, ки касе онхоро дар кўчаю бозор дида шиносад, хатман ба полис хабар дихад. Охир хамин территористони зархарид буданд, ки бо

супориши хўҷаинҳои худ ҳатто лидери баъзе иттифоқҳои касабаро дуздида маҳв намуданд.

Дар Гамбург мо ба зиёрати хона-музеи коммунисти шўълавар, шаҳиди муборизаҳои зидди фашизм Эрнст Тельман омадем. Дар мнёнаи зал гулчамбаре аз номи Раиси Президиуми Совети Олии СССР Леонид Ильич Брежнев меистод.

— Хотираи Тельман — ин марди қавиродаро, — гуфт директори музей,— аз Куба то Қорея ҳама пос медоранд, аммо ин ҷо дар зодгоҳаш ҷавононе ёфт мешаванд, ки ҳатто номи ўро нашунидаанд. Бадтар аз ин, неонацистҳо ба ин хонаи барои ҳар як заҳматкаши немис муқаддас баъзан шабҳо ҳамла оварда, дару тирезаҳояшро мешикананд, ба деворҳояш бо мазуту ангишт хочи фашистй кашида мемонанд.

Тельман, чунон ки ба мо маълум, соли 1933 ба ҳабс гирифта шуда буд. Ўро дар давоми ёздаҳ сол фашистон ба азобу шиканҷа гирифтор карданд. Вале иродаи матини ўро шикаста натавонистанд. Тельман ба синфи заҳматкаши немис содиқ монд, аз идеал ва роҳи муборизаи худ даст накашид. Ўро соли 1944 фашистон бе суд ба қатл расонданд. Ҳамон шабурўз даҳҳо коммунистони немис, асирони ҳарбии рус ва ятимбачаҳои бегуноҳи яҳудию поляк ба таври махфй кушта шуданд.

Саркардагони ин куштори ваҳшиёна ҳоло озод гаштаанд. Қисме аз онҳо баъди ҷанг ҳамагй даҳ сол ба номаш ба ҳабс нишастанду боз ҷавоб дода шуданд. Сабаб ин буд, ки моҳи апрели соли 1979 дар Гамбург намоиши калони меҳнаткашон барпо гардид. Халқ аз Ҳукумати Федералй талаб кард, ки қотилони фашистй аз нав ба ҷавобгарй кашида шаванд. Аммо бургомистрҳо эътирози мардумро ба инобат намегиранд, худро ба карию кўрй меандозанд. Фашистонии собиқ ҳоло даврашонро ронда, дар озодй баҳузур гаштаанд.

Дар Германияи Ғарбй ягон кўчаю майдон ё мактабу муассиса ба номи Тельман монда нашудааст. Ба қарибй гурўҳе аз мактаббачаҳои шаҳр ба экскурсия омаданду муаллимонашон ба музей надаромада, дар паскўчаҳо истоданд. Баъзе коргарон ба дафтари хотирахои музей таассуроти хуб нависанд ҳам, дар поёнаш имзои худро намегузоранд, ки ба таъқиботи ҳукуматдорон гирифтор нашаванд. Дар ин мамлакат, хулласи калом, ҳанўз об овардагй хору кўза шикастагй азиз аст.

Осмон тира шуда борон меборид. Аз қониби бандар ва Бахри Шимолӣ шамоли хунук мевазид. Дар кӯчаҳо дуди бензини худро фаввора зананда, ҳазорҳо мошинҳои навъи Кадетт, Форд, Опель, Рекорд, Дербу, Симга, Бруно, Фиат, Гольф, Мерседес, Тойота, Кадиллак ҳаракат мекарданд. Ду пахлӯи аксари кӯчаҳо истгоҳи мошингузорӣ буду ронандаҳо аз-кассаҳои автомат чек мехариданд, мошини худро монда ғайб мезаданд. Аз мавҷи ҳаракати мошинҳо гоҳ-гоҳ Лада ё Волга ҳам намоён мешуду ба назарамон шиносу гарм метофт.

Пагоҳии 9 май аз сафоратхонаи советӣ занг зада, моро бо Рӯзи Ғалаба табрик карданд. Аммо мизбонҳо парвои ин рӯзи муборак надоштанд. Баръакс қошу қавоқашонро овезон карда, ба мо ало-ало чашм медӯхтанд. Ҳамон рӯз хуҷраҳои моро дар меҳмонхона рӯбучин накарданд, роҳи оби гармро бастанд.

Мо дар шаҳри Любек, ки ҳафтод километр шимолтар аз Гамбург воқеъ аст, хонаи нависандаи тараққипарвар ва ҳақиқатнигори немис Томас Маниро зиёрат кардем. Дар ин бинои сеошьёна вай аз рӯзи таваллуд то соли 1891 зиндагӣ ва кор кардааст. 10 декабри соли 1929 ба Томас Манн барои хизматҳои барҷастааш дар роҳи инкишофи адабиёти демократии немис дар Стокгольм Мукофоти Нобелӣ месупоранд. Томас Манн дар асархояш ин ҳавлию кӯча ва калисоҳои қадимаи шаҳри Любекро нағз тасвир кардааст. Ӯ ҳанӯз пеш аз ҷанг навишта буд, ки «аблаҳии асосии асри бист антикоммунизм аст».

Дар девори дарози хишти пухтагии қафои канал дидем, ки боркашонони Любек, гӯё фикри адиби маҳбуби худро қувват дода, бо ҳарфҳои калон-калон навишта мондаанд: «Мо ҳамдили туем, Чилии Корвалан!» Дар як тахтаи сари роҳ сурати роҳбарони партияи ҳукумронро қасдан сарнагун часпонда монда буданд. Ҳис карда мешуд, ки муборизаи коргарони немис барои ҳуқуқҳои сиёсӣ дар ҳар гӯшаи Германияи Ғарбӣ давом дорад.

5

Бегоҳ ба мо фильми ҳуҷҷатии «Ин аст Америка!»-ро намоиш доданд. Ба назарам, онро худи немисҳо ба навор гирифта буданд. Зеро тамоми сӯҳбат, мухокимаронӣ ва хулосабарорӣ аз нуқтаи назари онҳо тартиб дода шуда буд.

Он ҷо дар аксарияти кинотеатрҳо фильмро паёпай нишон медиҳанд. Тамошобин кай хоҳад, билет харида ба зал даромадан мегирад. Се-чор қатори кафо аз мизу креслоҳо иборат аст. Болои мизча хокистардон ва сачоқҳо ниҳодаанд, официанткаҳо остин бар зада хизмат мекунанд.

Тамошобини ин қаторҳо метавонад. чароғаки тирасӯзи рӯи мизи худро афрӯхта, самбӯса, пиво, пирожни ё кока-кола фармояд ва баҳузур сигор кашида шинад. Кино-кафеҳо низ бисьёранд, ки он ҷо ҳам таом мехӯреду ҳам фильми нав мебинед.

Фильми «Ин аст Америка!» ҳанӯз аз кадрҳои аввалаш ҳуши моро аз сар паронд. Равшану ранга чунон корҳоеро нишон доданд, ки аз дидану шуниданашон одам пушаймон мешавад.

Мо, сайёҳони советӣ, аз ҳичолат замин накафид, ки дароем. Дамамон ба дарун афтода буду ба чашми якдигар нигоҳ намекардем...

Соңӣ рекламаи мустаҳкамию чобукии мошинҳо, яъне мошинҷанги даҳшатноки ҳақиқиро пешкаш карданд. Автомашинаҳои гуногунмарка рӯ ба рӯ омада ба ҳам мезаданд, пачақ мешуданд, дармегирифтанд. Чанд рононда ба як халта гӯшт табдил ёфту онҳоро ба занбар андохта гирифта рафтанд.

Қонкурси духтарони парипайкаре, ки ба ягон ҷои худ ҳатто барги ток начаспондаанд, фабрикан калони олотсозӣ ва намудҳои маҳсулоти охирини он, кушокушии террористон ва таъқиботи полисҳо, хизмати дӯшизаҳо дар ҳаммоми пирамардони давлатманд, ошкор кардани фоҳишахонаи махфие, ки байни дараҳо ҷой гирифтаасту дар идоран молия қайд нашудааст, ишрати бешармонаи калоншавандаҳо ва монанди ин лавҳаҳои зиндагии барои мо тамоман бегона як-як аз мадди назар мегузаштанду мо бо даст гиребони худро дошта ҳайрон менишастем.

Як-ду зан тоқат карда натавониста аз ниманд фильм баромада рафт...

«Кулли явмин батар» бегоҳӣ ба саёҳати хиёбони номдори Реепербаҳн омадему ман ҳатто банди дасти худро сахт пучидам, ки хоб бошам, бедор шавам. Не, он чӣ ки мо дар ин хиёбону тангкӯчаҳои ду тарафи он дидем, ҳаргиз хобу хаёл набуданд, ҳақиқати ахлоқу одоби муфлисшудаи буржуазӣ буданд, ки ҳатто ҳайвони

бешуур шаҳвату фиску фуҷурро то ба ин дараҷа намерасонад.

Ин аст маданияти шӯҳратноки Ғарб! Ин аст помол шудани номусу вичдон, барбод рафтани шарму ҳаё, ҷазир гаштани одобу ахлоқ! Қас намедонад, насли наврасу ин гуна ҷамъият бо кадом рӯҳ ба камол мерасида бошад? Қас боз аз он ҷиҳат хавотир мешавад, ки ин дарди мағрибӣ ба Шарқи бостонии мо низ сироят накунад.

Бисьёр ҷавонони аз рекламаҳои буржуазӣ дилу майнаашон карахтшудаи Ғарб табиист, ки нисбат ба сиёсат, муборизаҳои синфӣ, вазъи байналхалқӣ бепарвоанд, ягон орзуву ҳаваси наҷиб намепарваранд, ояндаро ба худ тира ва зиндагиро бемаънӣ тасаввур мекунанд. Мардум! — бехтиёр хитоб кардан мехоҳад кас.— Аз ин гуна «озодии ирода», аз ин хел «ҳуқуқҳои комил» барҳазар бошед.

Муҳаббату оила, шарму ҳаё ва одоби инсониро муқаддас доред. Мабодо, ки ҷавонон ба ваъдаҳои тумтароқи капитализм фирефта шаванд, ҷамъият бесарусомон гардаду қиёмат қоим!

6

Самолёти «Боинг» дар як соат аз Гамбург ба Мюнхен расида омад. Ҳавои сарзамини Бавария нисбат ба шимоли мамлакат гармтар ва ором буд. Мо ба меҳмонхонаи «Метрополь» омадем ва аз ҳуҷраҳои дукаса ҷой гирифтем.

Саррежиссёри театри Поневежиси Литва пирамарди пурдидаю нуронӣ Юозас Мильтинис калидни ҳуҷраро ба даст гирифта гуфт:

— Ин ҷо ду шабонарӯз мегардем. Мюнхен ҳам шаҳри ба олам машҳур.

— Аз кадом ҷиҳат?— пурсидам ман.

Дар ин вақт Славаи ростовӣ ба гап қатӣ шуда, лукма партофт:

— Аз ҳар ҷиҳат. Масалан гӯем, Владимир Ильич Ленин дар ин шаҳр қариб дуним сол зиндагӣ ва кор кардааст.

— Ҳозир Мюнхен сарпаноҳи неофашистҳо,— фаҳмонд Николай Еременкои белорус.

— Қадаматро дониста мон гӯед,— хандид Дурдии ашкободӣ.

— Бисьёр гурезаю хоиюни Ватани мо ҳам дар ҳамин ҷо пуштибон пайдо кардаанд,— илова намуд Кувватбои қароқалпоқ.

Дар ҳақиқат, мо ба яке аз шаҳрҳои пурошӯбу пуриҳтилофи Европа қадам монда будем. Чанд сол боз радиостанцияи «Озодӣ» аз ин ҷо ба забонҳои миллии СССР низ хабару мақолаҳо мешунавонаду хушбахтона, ҳарзаҳои мазҳабфурӯшон ба бод меравад.

Мо, чанд нафар сайёҳ баъди хӯроки чошт ба сайри шаҳр баромадем. Кӯчаҳо пур аз мошин, магазинҳо кушода ва гулгаштҳо серодам буданд. Дар майдони Мариенплатц чор тараф манораҳои қадима сар ба фалак кашида буданду соатҳои онҳо бо ҳар савту садо зангӯла мезаданд.

Мюнхен дуюмин шаҳри калони Республикаи Федеративии Германия буда, дар он як миллиону ҳаштсад ҳазор аҳолӣ зиндагонӣ мекунад. Дар Мюнхен вокзали бузургтарини Европа, қариб панҷоҳ театри давлатию шахсӣ, дусаду сӣ ибодатхона, зиёда аз ҳазор фавворау ҳайкал, чил боғу гулгашт, чор ҳазор ресторану кафею меҳмонхона, ҳафт заводи пуриқтидори пивои баварӣ, институтҳои калони тиббию техникию рассомӣ, бо шаст ҳазор студенташ университет ва ғайраҳо мавҷуданд.

Дар музейҳои Мюнхен аксарияти корҳои аслии рассомони машҳур Рубенс, Альфонс, Василь Кандинский, Эрнст Барлах ва дигарон махфуз аст. Хона-музеи олими номдори тиб, Лауреати Мукофоти Нобелӣ В. Рентген низ дар ҳамин шаҳр аст. Стадиони болопӯш ва деҳаи олимпӣ, ки соли 1972 ба истифода дода шуда буд, иншоот ва санъати нодири меъмории асри бист ба шумор меравад. Дар ин ҷо дувоздаҳ ҳазор одам зиндагӣ карда ва бо намудҳои гуногуни спорт машғул шуда метавонад.

Рӯди сероби Изар аз кӯххо ибтидо меёбад, Мюнхенро шодоб мекунад ва оқибат ба Дунай рафта мерезад. Ба биступанҷ километри ду соҳили Изар бешаву боғҳо буньёд кардаанд. Дар ин бешаву боғҳои сояву салқин ва хушбӯй ҳаво асосан капиталистон қасрҳо андохтаанд. Мегӯянд, ки дар Германияи Ғарбӣ панҷсад ҳазор квартира холӣ истодааст. Вале аз онҳо ба мардуми заҳматкаш чӣ умед, ки барои иҷорапулӣ маоши мегирифтаашон намерасад.

Манораи дукӯшаи ибодатхонаи Марьями муқаддас, ки бо манораи телевизион баҳсмабаҳс ба осмон сар ка-

шидаанд, аз ҳар гӯшаи Мюнхен ба чашм менамояд. Роҳи метро мисли Гамбург ин ҷо низ болоиву поёнӣ буда, кариб ба ҳаман маҳаллаҳо рафтуо дорад. Дарвозаи Зафари Мюнхен аз ҷиҳати намуд ба дарвозаҳои зафари Рим, Париж ва Москва хеле монанд аст.

Мо деҳаи олимпӣ, ёдгориҳои таърихии шаҳр, бульварҳо, музейҳо, марказҳои савдо ва магазинҳои машҳури Сума ва Кавхофро рафта дидем. Ба тартибот, озодагӣ ва навпарастии немисҳо қоил нашудан мумкин набуд. Дарвозаҳои калони пӯлоду шишагии магазину вокзалҳо вобаста ба дуру наздикшавии одам худ кушодаву пӯшида мешуданд. Аҳолӣ аз кувваи электр ва автоматҳо дар зиндагӣ васеъ ва устодона фоида мебарад.

Рӯзи дигар то соатҳои қариби дувоздаҳ кӯчаву майдонҳои Мюнхен сел рӯфтагӣ барин орому хомӯш буданд. Ҳайрати моро дида, роҳбалад фаҳмонд, ки немисҳо рӯзи истироҳати якшанбе асосан дар ҳавлиҳои худ бо аҳли оила мешинанд ва фақат баъди чоштгоҳ ба сайри кӯча мебароянд.

Гашти рӯз дар сахни ҳавлии кинотеатре, ки буфет дошт, ман бо як ҷавонмарди араб шинос шудам. Вай пешхизмати кафе шуда кор мекардааст одами шарқ будани маро дида, наздам омад. Вақте фаҳмидам, ки вай забони форсиро медонистааст, беандоза хурсанд шудам.

— Дар Қохираи мо форсидонҳо бисьёр,— гуфт пешхизмат. назди ман як бокал пиво ниҳода.

— Исматон чист, ҷаноб? — пурсидам аз ӯ.

— Мансур ибни Ибод,— ҷавоб дод вай ва илова кард: — Ман ба Олмон ду сол қабл аз ин кор кофта омадам.

— Зиндагиатон дуруст?

— Ранг бину хол пурс.

— Охир ин ҷо фаровонӣ-ку.

— Барои маркадор. Ба ҳоли мо аҷнабиёни кашшоқ мурғони ҳаво мегирьянд. Хар барин кор мекунему якамон ду намешавад. Нисфи маошамон ба ичорапулию роҳкиро меравад.

— Пас, чаро ватанро тарк карда омадед? — пурсидам боз.

— Он ҷо ҳам ба заҳматкаш рӯзи рӯшной нест, — оҳ кашид Мансур. — Ба радиои немисҳо бовар карда. Олмони федеролро ҷаннат пиндоштаам. Вале омада, хорузору сарсон шудам. Соли нахуст чӣ корҳое, ки ма-

ни сарсахт накардам. Ҳатто бевазани давлатманде маро чанд вакт ба худ киро карда гирифт... Ба бонувони Аврупо мардони мусулмон маъқул.

— Ҳозир чй хел?— донистан хостам ман.

— Барои бозгашт пул ғун мекунам, ки сихату саломат ба Қохира баргардам. Олмони лўттибоз чои бандаи мўъмин набудааст. Барои мо, чунон ки порсоён фармудаанд:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон бехтар,
Хори Ватан аз сунбулу райҳон бехтар.

Ҳасрати Мансур ибни Ибод маро ба бахри андешаҳо фурў равонд. Пиво мехўрдаму худ ба худ муҳокима меронам. Чои шубҳа нест, ки немисҳо мардуми ба худ тинч, дарачаи зиндагишон бад нест. Вале онҳо хоричиёнро, ки омада, нонашонро нимта кардаи мехоҳанд, чашми дидан надоранд. Қонуне ҳам баровардаанд, ки минбаъд ҳар каси аз хорича меомадагй бо кор таъмин карда нашавад.

Ғайр аз ин пулу мол гуфта, одам магар замини хуни нофаш рехтаро тарк мекунад? Бе хешу акрабо, бе ёру дўст, бе забони модарй, бе арвохи гузаштагон, бе обу ҳавои кадрдоне, ки устухони касро шах кардаанд, зиндагй кардан магар мумкин аст? Онҳое, ки аз бахри ёру диёр баромада, ин чо «паноҳи сиёсй» мечўянд, халку ватани худро бадном мекунанд, нону намаки хўрдаашонро пос намедоранд, онҳое, ки ба бомн ҳамсояи давлатманд баромада, сўи хавлии падари худ ҳасу хок мепошанд, онҳое, ки барои нафс саг барин дум ликконда, кафши хўчаинҳои нави худро лесида мегарданд, аслан оё инсонанд?

Мо, сайёҳони советй шукри беадад мекардем, ки боз ба огўши Ватани бузург бармегардем, боз хизмати холисонаи халки сермиллату тавонои худро ба чо меорем, боз ба маъракаҳои кўю маҳалла катй шуда, бо забони модарии кадрдону азиз сўҳбат мекунем.

7

Ман дар сафари Республикаи Федеративии Германия табиист, ки хамчун нависанда ба донистани аҳволи эҷодкорон низ мароқ зоҳир кардам. Аз рўи наклашон дар он чо ба адибони чавон ҳеч гуна ғамхорие нест.

Мо сўҳбати нависандагони навқалам Хубер, Клинер ва Шрайберро бо ходими журнали «Кюрбискорн» хонда, ба ин боварӣ ҳосил кардем.

Нашриётҳои калон ва идораи журналҳои адабӣ ба дастнависи адибони ҷавон эътибор намедиҳанд. Бо адабиёти ҷиддии ҳтимоӣ дар он ҷо касе машғул намешавад. Китоб ҳамон вақт чоп шуданаш мумкин, ки ҳаёти Ғарбро чун биҳишт нишон диҳад, идеяҳои пешқадамро маҳкум намояд, ё хонандаро бо воқеаҳои разведкаю террор, мавҳумоту шаҳват ҷалб карда тавонад.

Адибони навқалами Мюнхен ҳар яке панҷсадмаркагӣ — ҳаққи аъзогӣ дода, худашон ба номи «Хаарриссе» маҷалла ташкил кардаанд. Он моҳе 700—1000 нусха чоп шуда мебарояд. Даромади аз фурӯши журнал ба даст меомадагӣ ҳатто хароҷоташро пӯшида наметавонад. Муаллифон худашон шабҳои адабӣ ташкил намуда, журналро ба хонандагон мефурӯшанд. Ягон адиби ҷавон бо ҳамин сабаб нависандаи касбӣ шуданӣ нест, ба ин кори тавваккалӣ ҷуръат намекунад, зеро намедонад ва боварӣ ҳам надорад, ки романи бо заҳмати дусесола эҷод кардааш дастраси халқ мешавад ё не.

Пагоҳии 15 май мо ба Франкфурти соҳили Майн расида омадем. Намояндаи Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании Германияи Ғарбӣ — СССР бо ҳамсараш сайёҳонро ба тамошои шаҳр гирифта бурд. Вай гуфт, ки ин шаҳри марказии немисҳо дар ҷаҳон аз се ҷиҳат машҳур аст: ин ҷо зодгоҳи Гёте бузург, пойтахти салтанати Ротшильдҳо ва макони ҳасибҳои хушхӯртарини ҷаҳон

Франкфуртро дарьёи соҳилҳояш рост ва обаш зулоли Майн миёнбур карда мегузарад. Даҳҳо кӯпруки васеъ соҳилҳоро ба ҳам мепайвандад. Гулгашту боғҳо, бассейну фаввораҳои бисьёр дорад. Немисҳо ин шаҳри зеборо «Дили Европа» номида, махсусан дӯст медоранд ва фавқулодда таърифу тавсиф мекунанд.

Фурсати мо азбаски чун ҳамешагӣ танг буд, даставвал ба зиёрати хона-музеи классики адабиёти ҷаҳон Гёте омадем. Ҳавлии Гёте аз панҷ ошьёна иборат буда, дар қафо боғчаи сабзу хурраме дошт. Хонаҳои сершумор, мебельҳои қадима, чиҳози нодир, асбобҳои мусиқӣ, китобхона, чои истикомати пешхизматҳо — ҳаман ин ба он далолат мекард, ки падару модари Гёте одамони баобрӯю давлатманди замони худ будаанд. Гёте ҳанӯз дар панҷсолагӣ театри лӯхтак доштааст. Бисьёр китоб мехондааст, мусиқӣ менавохтааст, ба Майну Одер саёҳат

мекардааст. Қисми аввали асари оламшумули худ «Фауст»-ро низ дар ҳамин ҳавлӣ эҷод карда будааст...

Мо аз Германияи Федеративӣ бо таассуроти пурихтилоф ба Ватан баргаштем. Вале эътиқоди комил ҳосил кардем, ки халқи ин мамлакат дигар ҳаргиз рӯи ҷангро дидан намехоҳад, сояи неофашистонро аз девор метарошад. Қоргарон ва деҳқononи Германияи Ғарбӣ мехоҳанд осуда зиндагӣ кунанд, наслҳои наврасро ба камол расонанд, доғи фарзандро набинанд, ҳукуқҳои комили сиёсию иҷтимоӣ дошта бошанд, бо ҳама мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо СССР дӯстона умр ба сар баранд.

Ягона орзуи мо, одамони советӣ, низ ҳамин аст, ки бигузор талафот ва қурбониҳои ҷанги гузашта дарси ибрат шаваду дар ҷаҳон сулҳ ҷовидон боқӣ монад, халқҳои сайёраи мо ҳамеша бо ҳам дӯст ва тифоқ бошанд.

Июни соли 1979, ш. Душанбе

МУНДАРИҶА

Повестҳо

Гирдоб 6
Модарҳонд 62
Фирори ассистент 111

Очеркҳо

Лаъл аз санг 182
Уро Кумрӣ-апа мегӯянд . . 200
Зиёрат қабул 219

АБДУМАЛИК БАХОРИ

ВОДОВОРОТ

Повести и очерки

(на таджикском языке)

Муҳаррир *М. Шералӣ*
Ороиши *Г. Красовский*
Муҳаррири ороиш *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Ш. Гафуров*

БИ № 548

Ба матбаа 04. 04. 80 супурда шуд. Ба чопаш 30. 10. 81. имзо шуд. КЛ 02268. Формати 84×108¹/₃₂. Қоғази типографии № 3. Гарнитураши адабӣ-бадеӣ. Чопаш баҷастааст. Ҷузъи чопии шартӣ 12,60. Ҷузъи рангии шартӣ 134,40 ҳазор. Ҷузъи нашриявӣ ҳисобӣ 12,98. Адади нашр 10.000. Супориши № 1050. Нархаш 1 сўм.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кўчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.
Душанбе, хиёбони Ленин, 37.